ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ФАКУЛТЕТИ ФАЛСАФА

МАҲМАДИЗОДА НОЗИМ ДАВЛАТМУРОД

ОМИЛҲОИ ИҶТИМОИИ ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ – СИЁСӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

МОНОГРАФИЯ

ДУШАНБЕ-2019

УДК – 141.81 (575.3)

ББК – 87(575.3)

М - 36

Маҳмадизода Н.Д. Омилҳои иҷтимоии экстремизми динӣ – сиёсӣ дар Тоҷикистон: Монография/. – Душанбе, 2019. - 287 с.

Муҳарири масъул: Наврузов С. Н.
Доктори илмҳои фалсафа, профессор
С.Аҳмадов Доктори илмҳои фалсафа, профессор
(Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)

Муққаризон:

Муминов А. Доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи ДМТ
Ҳайитов Ф.Қ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент
Мудири кафедраи фалсафа ва таърихи донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат
Худойдодов Ф.Б. номзади илмҳои фалсафа, дотсент мудири кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи ДМТ

Монографияи мазкур ба таҳқиқи заминаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва идеологии экстремизми динӣ – сиёсӣ бахшида шудааст.

Маълум аст, ки ҳаракатҳои экстремистӣ ва террористӣ солҳои охир дар Тоҷикистон фаъол гашта вазъияти иҷтимоӣ – сиёсӣ ва динии ҷомеаи моро осебпазир карда истодаанд. Зарур аст, ки давлат ва ҷомеа дар ҳамбастагӣ бо зуҳуроти экстремизми динӣ – сиёсӣ мубориза баранд. Монография барои мутахассисони соҳаи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва онҳое, ки ба ин масъала сару кор доранд пешбини шудааст.

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА……...

БОБИ.1.МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ – МЕТОДОЛОГИИ ТАҲЛИЛИ ЗУҲУРОТИ ЭКСТРЕМИЗМ

§1.1.ТАҲЛИЛИ МАФҲУМ ВА ДАРКИ МОҲИЯТИ ЭКСТРЕМИЗМ ҲАМЧУН ЗУҲУРОТИ ИҶТИМОӢ

§1.2.НАМУДҲО ВА ШАКЛҲОИ ЗУҲУРОТИ ЭКСТРЕМИЗМ ДАР ҲАЁТИ ИҶТИМОИИ ҶОМЕАИ МУОСИР

§1.3. МАНБАЪҲОИ ИҶТИМОӢ – ҒОЯВИИ ПАЙДОИШИ ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

§1.4.ЗОҲИРШАВИИ ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

БОБИ.2.ХУСУСИЯТИ ХОСИ ЗОҲИРШАВӢ ВА ПЕШГИРИИ ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

§2.1.САБАБИЯТ ВА АСОСҲОИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ ЗУҲУРОТИ ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

§2.2.ОМИЛҲОИ ИҶТИМОӢ - СИЁСИИ ЗУҲУРОТИ ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ ДАР ҶОМЕАИ ТОҶИК

§2.3.ВОҚЕИЯТИ ҲАЁТИ ДИНИИ ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИК ВА УСУЛҲОИ ПЕШГИРИИ ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ

§2.4.ТАЪЛИМОТИ ДИНӢ ДАР ХОРИҶА: МАСЪАЛА, ДУРНАМО ВА ТАМОЮЛҲО

ХУЛОСА……

РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА…….....

МУҚАДДИМА

Таҳқиқи назариявӣ – методологии экстремизм яке аз масъалаҳои муҳими илмҳои ҷомеашиносӣ, махсусан фалсафаи иҷтимоӣ мебошад. Таҳлилу баҳогӯзории дуруст ба экстремизми динӣ пешгирию мубориза бо ин душвории иҷтимоиро осон мегардонад. Экстремизм динӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ дар шароити таъғирёбиҳои соҳаҳои гуногуни ҳайёти ҷомеаи тоҷик инкишоф ёфта истода, мубориза бо онро душвор намудааст. Масъалаи экстремизми динӣ дер боз дар маркази диққати ҷомеаи илмии ҷаҳон қарор дорад. Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар баромадашон, ки ба таҳлили вазъияти дохили сиёсии ҷумҳурии бахшида шуда буд, қайд карданд, ки «Дар даҳсолаи охир дар ҷумҳури зуҳуроти экстремизми динӣ хеле ташвишовар шудааст. Равандҳои ҷаҳонишавӣ ҷунин зуҳуротҳои хатарнокро ба монанди терроризм, экстремизм, радикализм ва ҷинояткориҳои сатҳи трансмиллиро ба миён оварданд. Тоҷикистон дар мубориза бо ин зуҳуротҳо наметавонад, ки бетараф бошад»[1].

Экстремизми динӣ дар Тоҷикистон ҳамчун омили вайронкунанда баромад карда, ба шаҳрвандон ва якпорчагии давлат хатар эҷод менамояд. Таҷрибаи инкишофи Тоҷикистон дар 28 соли охир маводи муҳими эмперики барои таҳқиқи ин масъала мебошад. Зуҳуроти экстремизми динӣ ҷомеаро аз инкишофи босубот боз дошта, сади роҳи ислоҳотҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва сиёсӣ гашта, тараққиёти тамоми соҳаҳои ҳайётан муҳими ҷомеаро халалдор месозад. Муҳимияти таҳқиқи ин зуҳуроти иҷтимоӣ – сиёсӣ ва омилҳои ба вуҷудоварандаи он аз он бармеояд, ки инкишофи устувори ҷомеа амалан таъмин карда шавад. Зарурияти назариявии таҳқиқи экстремизми динӣ ба он вобастагӣ дорад, ки заминаҳои пайдоиш, инкишоф ва амалишавии экстремизми динӣ дар ҷомеа дақиқ карда шуда, нисбати пешгирии экстремизм чораҳои зарурии иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва сиёсӣ андешида шавад.

[1]Чумҳурият. 21.04.2001 № 56-С.4.

Экстремизми динӣ дар Тоҷикистон зуҳуроти гуногунпаҳлу мебошад. Экстремизмӣ динӣ табиат ва моҳияти гуногуни пайдоиш дошта, бо дигар истилоҳотҳо ба монанди радикализм, фундаментализм, терроризм алоқамандии зич дорад. Экстремизми динӣ зуҳуроти иҷтимоӣ – сиёсӣ буда, амаликунандагони асосии он ҳаракатҳои экстремистӣ ва террористӣ ба монанди ваҳҳобия, салафия, ҳизб-ут-таҳрир ва давлати исломӣ мебошанд. Яъне экстремизми самти дини доштаро дар Тоҷикистон махсусан ҳамин ҳаракатҳои экстремистӣ амали ва муарифӣ менамоянд. Дар маҷмӯъ бояд қайд кард, ки муҳиммияти таҳқиқи ин масъала дар он аст, ки бояд хосиятҳои моҳиятии экстремизми динӣ ва истилоҳҳои бо он наздику айният дошта, илман санҷида ва баҳогӯзори карда шуда, заминаҳо ва унсурҳои фалсафӣ ва ғоявии он маълум карда шаванд. Таъсирасонии экстремизми динӣ ба сохтори иҷтимоии ҷомеа, имконияти зоҳиршавии ин зуҳурот ба қишрҳои гуногуни воқеъияти иҷтимоӣ – фарҳангии ҷомеаи тоҷик муайян карда шавад.

Зуҳуроти таҳлилшаванда бисёр мураккаб буда, аз тарафи ҳаракатҳои экстремистӣ ва террористӣ амали шуда, бар зиддӣ бехатарии иҷтимоӣ ва динии ҷомеаи тоҷик нигаронида шудааст. Фаъолияти самаранок нисбати пешгирии экстремизми талаб менамояд, ки табиати ин зуҳуроти иҷтимоӣ таҳқиқу маълум карда шавад. Ба ҳар ҳол таҳқиқи назариявӣ ва амалии ин мавзӯ дар ҷомеаи мо муҳим мебошад. Бо бовари том қайд кардан зарур аст, ки ҷомеаи тоҷик баҳри бартараф ва пешгири кардани экстремизми динӣ аз муҳаққиқон ва олимони соҳа тавсияҳо ва пешниҳодҳои пурмазмунро интизор аст. Фармоиши иҷтимоии мазкур муҳиммияти омӯзиши назариявии ин масъаларо ба миён овардааст, чунки олимону муҳаққиқон дар масъалаи коркарди ягонаи таърифи экстремизми динӣ ба душвориҳои муайяни методологӣ рӯ ба рӯ гаштаанд. Масъалаи экстремизми динӣ дар ҳақиқат дар ҷомеаи мо фаъол гаштааст ва зарур аст, ки он таҳлили истилоҳи ва методологӣ карда шавад. Ба сифати мавзӯи таҳқиқи монографияи мазкур табдил ёфтани ин масъала беҳуда нест, чунки ин зуҳуроти иҷтимоӣ – сиёсӣ

ба таҳлили ҳамаҷонибаи фалсафӣ, иҷтимоӣ, илмӣ – назариявӣ, фарҳангӣ, равонӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ ниёз дорад.

МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ – МЕТОДОЛОГИИ ТАҲЛИЛИ ЗУҲУРОТИ ЭКСТРЕМИЗМ

§1.1.ТАҲЛИЛИ МАФҲУМ ВА ДАРКИ МОҲИЯТИ ЭКСТРЕМИЗМ ҲАМЧУН ЗУҲУРОТИ ИҶТИМОӢ

> Дар зарфи солҳои охир зиёда аз 100 мамлакати дунё ҳадафи амалҳои харобкоронаи террористон қарор гирифта, бар асари ҳамлаҳои террористӣ садҳо ҳазор нафар аҳолии осоишта ба ҳалокат расидаанд ва миллионҳо нафар макону манзили зисташонро тарк кардаанд.
>
> **Эмомалӣ Раҳмон**

Илмҳои муосири ҷомеашиносӣ, аз ҷумла фалсафаи иҷтимоӣ, мафҳуми экстремизмро ҳамчун мафҳуми умумиилмӣ баррасӣ намуда, дарки илмӣ, кушодани мазмуну мундариҷаи онро мавриди таҳқиқ қарор медиҳанд. Ин падидаи иҷтимоӣ бисёрҷанба буда, дар шаклҳои мухталиф зуҳур меёбад, ки ҳолати мазкур ошкор намудани моҳияти онро душвор мегардонад.

Мантиқи тадқиқоти илмӣ тақозо менамояд, ки қабл аз ҳама ба моҳияти проблема равшанӣ афканда, ҷанбаъҳои методологии мафҳуми экстремизм ошкор карда шаванд. Ин сараввал ба аниқу муайян кардани чунин мафҳумҳо, ба мисли радикализм, фундаментализм, терроризм, ки мафҳуми бунёдӣ ва асоси методологии тадқиқоти мо маҳсуб меёбад, мансуб аст.

Таърифи аниқу муайян додани экстремизм на фақат барои таҳияи меъёрҳои ба ҳам монанди ҳуқуқӣ, балки ҳамчунин бо мақсади вусъати корҳои маърифатӣ ва тарғиботи дар миёни аҳолӣ зарур аст. Зеро дар айни замон бахусус дар кишварамон на ҳамаи шаҳрвандон дар хусуси ин зуҳуроти нангини ҷомеа тасаввуроти равшан доранд. Дар адабиёти фалсафӣ ва сиёсӣ таърифи умуми эътирофшудаи экстремизм вуҷуд надорад. Чунон ки дар тадқиқотҳои илмӣ зикр гардидааст, дар зери ниқоби экстремизм аксаран зуҳуроти мухталиф: аз шаклҳои гуногуни муборизаҳои синфӣ ва озодихоҳона, ки истифодаи зӯроварии сиёсиро роҳандозӣ мекунанд, то

ҷиноятқориҳои аз ҷониби гурӯҳҳои ҷиноятпеша содиршаванда бо ҳам омезиш меёбанд.

Экстремизм мутассил ҳамчун тарҳи махсуси сиёсие маънидод мешавад, ки созиши байниҳамдигарии ҷонибҳои муқобилро инкор карда, талаботи нисбатан оштинопазири субъект ва гурӯҳҳои алоҳидаро инъикос менамояд; ҳамчун ҷараёни мавҷудаи гуногунҷанбаи сиёсӣ мавқеи худро дар самтҳои аз ҳама чап ё аз ҳама рости арсаи сиёсат ишғол мекунад; ва ҳамчун усули муборизаи сиёсӣ ҳамкориҳоро бо шарикон ё рақибони сиёсӣ инкор менамояд; ҳамчун эътирози манфии иҷтимоӣ, ки дар сатҳҳои мухталифи ҷомеа ба монанди, – ҳизбҳо, гурӯҳҳои ҷудогонаи иҷтимоӣ, этникии миллӣ ва касбӣ рушд меёбад.

Экстремизм (аз калимаҳои франсавии extremisme, лотинии extremus – ниҳоӣ (охирин) гирифта шуда, дар умум - пойбанд будан (мутеъ гаштан) ба нуқтаи назари ниҳоӣ ва усулҳои радикалии расидан ба ҳадафҳои худро ифода мекунад. Ин мафҳум дар назарияҳои сиёсӣ дар миёнаҳои асри Х1Х мавриди истифода қарор гирифт[2]. Экстремизм таҷассумгари воситаҳои таъсири мутақобилаест, ки дар он амалҳои яке аз ҷонибҳо аз ҳад берун, яъне аз талаботи қонун, анъанаҳо, ахлоқ, дин ва дигар меъёрҳо боло меистад. Аз нуқтаи назари моҷарошиносӣ экстремизм - ин воситаи манфии робитаи тарафайн, воситаи мубориза барои халалдор намудани сулҳу осоиш, барангезандаи низоъҳо дар арсаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Экстремизм наметавонад ба ҷуз ихтилофот чизи дигаре бошад. Дар экстремизм мубориза то ҳадде бартари дорад, ки ҷой барои сулҳ боқи намемонад. Ин моҷаро, ҳангоме ки воситаҳои мусаллаҳонаи мубориза мавриди истифода қарор мегиранд, ба худ маънои дигарро касб мекунад. Ҳамин тавр, маънои экстремизм моҷароест, ки дар онҳо воситаҳои мухталифи тарсу бим, то ҳадди ҳолатҳои харобкорӣ ва қатлу куштор истифода бурда мешаванд.

[2]Ничипоренко О.М. Истоки и специфика российского политического экстремизма//Актуальные проблемы России.-1997.-№4.-С.165-172.

Экстремизм - ғоя ва тачрибаи якчанд ҷараён, гурӯҳҳо ва ходимони ҷомеаӣ - сиёсӣ, ташкилотҳои динӣ ва мазҳабҳо маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, экстремизм – ин бо ҳама гуна воситаҳо ва дар ҳама гуна шароит зуҳур ёфтани фаъолияти гурӯҳҳои иҷтимоист, ки ҳадафҳои соҳиб шудан ба манфиатҳояшонро тавассути истифодаи усулҳои қатъӣ, нуқтаи назари оштинопазирӣ, тарғиби моҷароҳо, баҳои нодурусти равандҳои иҷтимоӣ, ки ба ақидаи аз ҷониби омма ё аксари мутлақи аъзои ҳамин ҷомеа эътирофшуда муқобил пеш мегузоранд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки омӯзиши экстремизм мавзӯи мутлақо фалсафаи иҷтимоӣ ба шумор намеравад, аз ин рӯ, ҳар яке аз самтҳои илмии онро ҳар гуна маънидод мекунанд. Дар Луғати Калони энсиклопедӣ экстремизм ҳамчун пайравӣ дар сиёсат ба ғояҳои нуқтаҳои назар ва амалҳои ниҳоӣ маънидод мегардад[3]. Ҳамин тафсир дар энсиклопедияи сиёсӣ низ оварда шудааст[4].

Истилоҳи «экстремизм»-ро ҳамчун мафҳуми илмӣ яке аз аввалинҳо шуда дар ибтидои асри XX ҳуқуқшиносӣ фаронсавӣ М. Лерой мавриди истифода қарор дод. Ӯ муайян намуд, ки фарқияти асосии чунин равандҳои сиёсӣ аз пайравони худ талаб кардани эътиқоди мутлақо ба ғояҳои тарғибкунандаи сиёсӣ ба шумор меравад. Барои мисол неруҳои сиёсии экстремистиеро, ки он вақт дар саҳнаи сиёсӣ амал мекарданд, М. Лерой «экстремизми сурх»-и болшевикон ва «экстремизми сафед»-и монархистон» номид[5].

Мафҳумҳои «чап» ва «рост» ба фраксияҳо ва гурӯҳҳои сохтори давлатӣ – сиёсии давраи Инқилоби Бузурги Фаронса – солҳои 1789- 1794 ба майдон омаданд мансуб мебошанд. Дар тадқиқотҳои илмии таърихнигорони шӯравӣ барои маънидоди амалҳои неруҳои чап, хусусан дар шакли муборизаи мусаллаҳона, чунин истилоҳот, ба мисли «экстремизми чап», «радикализми

[3]Экстремизм//Большой энциклопедический словарь. 2-е изд. М.-1999-С.1221.
[4]Экстремизм//Политическая энциклопедия. В. 2 т. Изд-во «Мысль» 2000-С.637-638.
[5]Грачев С.И. Международный терроризм в 1970-1990-х гг.: исторический и социально-политический аспекты: Дис…канд. ист. наук.- Н. Новгород, 1996.

чап», «ҷараёни чапгаро» ва ҳатто «экстремизми фавқулчап» ва «экстремизми чапгаро» истифода шудаанд.

Экстремиз дар саросари ҷаҳон паҳн гашта, бо тағйир додани симои зоҳирияш, аз асосҳои аввалияи таърихии худ – даврони инқилоби Фаронса, ки он вақт террор аз нуқтаи назари ҷонибдорони режими ҳокимияти барканоршуда ҳамчун аслиҳаи ҳокимияти нав барои пахши таҳдиду зӯроварӣ маънидод мешуд, канда шудааст. Аз сарҳади Фаронса берун шуда, терроризми муосир таъиноти худро ғолибан ба воситаи мубориза алайҳи режимҳои ҳукмрон мубадал намуд.

Дар адабиёти илмӣ зиёда аз 100 таърифи экстремизм арзи вуҷуд дорад, вале ягонтои онҳо ҳадди охирини тавзеҳот нест. Беш аз ҳама экстремизм дар инкори меъёрҳои мавҷудаи сиёсӣ, арзишҳо, қоидаҳои ба талаботи ташкили системаҳои сиёсӣ асосёфта, кӯшиши халадор намудани эътидоли сиёсӣ ва сарнагун кардани ҳокимияти амалкунанда тақассум ёфтааст.

Дар луғати Ожегов С. И. ва Шведов Н. Ю. экстремизм чунин тавсиф карда шудааст: «…экстремизм ҷонибдорӣ ба нуқтаи назар ва меъёрҳои ниҳоӣ (одатан дар сиёсат), яъне эътиқодмандӣ, тарафдор будан ва пайравӣ кардан ба ким- кӣ ва ким-чӣ мебошад»[6]. Воҳиди луғавии “*extreme*”маънои калимаҳои ихтилофот, фавқулоддагӣ ва зиддиятҳои ниҳониро ифода мекунад. Аз ҳамин нуқтаи назар ибораю ифодаҳои нави минбаъдаи луғавӣ пайдо шудаанд. Сарбории маънавии вожаи «экстремизм» дар асри ХХ пурра ташаккул меёбад. Дар забони муосири немисӣ дар зери мафҳуми экстремизм мавқеи комилан қатъӣ, радикалӣ фаҳмида мешавад[7]. Мутаносибан экстремист шахси рӯҳан (радикалӣ) буда, вобаста ба эътиқоди ва мавқеъи сиёсиаш дар бораи экстремисти чап ё рост будани ӯ хулоса баровардан мумкин аст. Мафҳумҳои «чап» ва «рост» маҳз ҳамчун мансубият ба ин ё он равияи сиёсӣ ё динии амалкунанда маънидод карда мешавад. Дар забони англисӣ мафҳуми экстремизм ҳамчунин тарғиби чорабиниҳои ниҳоии

[6]Ожегов С. И. и Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка М:.1999-С.908.
[7]Fremdworterbuch. Leipzik; Verlag Enzyklopedie, 1959.s.184.

сиёсиро ифода мекунад. Дар луғатномаи бузурги забони немисӣ «Duden» экстремизм ҳамчун мавқеъ ё самти ниҳоии муборизаи шиддатноки сиёсӣ тавсиф меёбад.

Мувофиқи таърифи АПША (Ассамблеяи парлумонии Шӯрои Аврупо) дар соли 2003, «экстремизм чунин шакли фаъолияти сиёсист, ки ошкоро ё пинҳонӣ принсипҳои демократии парлумониро инкор намуда, ба ғояҳо ва тачрибаҳои оштинопазирӣ, бегонашавӣ, чудоиандозӣ, воҳимаангезӣ, зиддисомӣ ва миллатгароии ашаддӣ асос ёфтааст.[8] Конвенсияи Шанхай оид ба мубориза бо терроризм, сепаратизм (чудоихоҳӣ) ва экстремизм аз 15 июни соли 2001 (п. 3, қ. 1, м. 1) мафҳуми «экстремизм»-ро чунин шарҳ додааст: «Экстремизм аз он намудҳои фаъолият аст, ки ба зӯран ғасб кардани ҳокимият ё зӯран идора кардани ҳукумат, ҳамчунин ба зӯран тағйир додани сохти конститутсионии давлат равона карда шудааст ва барои зӯран дахолат намудан ба бехатарии чомеаӣ, аз чумла бо мақсадҳои дар боло номбурда ташкили ғайриқонунии мусаллаҳона ё иштирок дар онҳо, тибқи қонунгузориҳои миллии Тарафайн ҳамчун ташкилоти чиноятқор дунболагирӣ карда мешавад. Ба Конвенсияи мазкур Қазоқистон, Чумҳурии Халқии Хитой, Қирғизистон, Федератсияи Руссия, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон имзо гузоштаанд.

Бо дарназардошти тафсири ҳуқуқии Конвенсияи Шанхай, «экстремизм амалиётест, ки ошкоро ё бо истифодаи воситаҳои ахбори омма ба барангехтани хусумату душманӣ ё кинаву адоват, ҳамчунин паст задани қадру манзалати инсон, ё гурӯҳи шахсиятҳо аз рӯи аломатҳои чинс, нажод, миллат, забон, ирқ, муносибат бо дин, инчунин мансубият ба ин ё он гурӯҳи иҷтимоӣ равона карда шудааст»[9].

Дар «Қонуни Чумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат бо экстремизм» чунин таъриф оварда шудааст: «экстремизм – ин зуҳуроти аз чониби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ифода кардани шакли ниҳоии амалиёт

[8]Политология: словарь-справочник/М.А.Василик, М.С.Вершинин и др.М.2001.
[9]Шанхайская организация борьбе с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом. www.Adlia.tj (санаи муроҷиат ба сайт 28.01.2019)

маҳсуб меёбад, ки ба таҳрибкорӣ, тағйири сохти конститутсионӣ дар кишвар, ғасби ҳокимият ва аз худ кардани ваколатҳо, барангехтани низову адовати нажодӣ, миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ даъват менамояд[10]. Қонуни номбурда аз 20 модда иборат буда, тавзеҳоти муосирро оид ба муқовимат ва пешгирии экстремизм дар бар мегирад. Дар ин Қонун ба зуҳуроти экстремизм баҳои воқеӣ ва таърифи возеҳ дода шудааст.

Ба таърифи воқеии экстремизм аз нуқтаи назари фалсафӣ дар тадқиқоти илмии олими рус В. И. Красиков дучор омадан мумкин аст, ки дар он аз ҷумла зикр карда мешавад: «Экстремизм ин як навъ сабки рафтор ва тафаккури хоси даркшавандаест, ки маҳз тафаккур, шакли махсуси зуҳуроташ намуна ва муайянкунандаи хусусиятҳои худи он мебошанд. Экстремизм ин ифодагари густохонаии сабки олии ҳаёти бархе аз гурӯҳи одамонест, ки «фарҳанг»-и хоси худ, «ҷаҳони хоси худ»-ро ташкил кардаанд, ки аҳамият ва арзишҳои онҳо ба дарки тезу тунди ихтилофот бо нуқтаи назари эътирофи умум, арзишҳои ахлоқии атрофиён дучор меояд[11]. В. И. Красиков собит месозад, ки аломатҳои асосии экстремизм, ки онро ҳамчун зуҳурот аз ҳама гуна зуҳуроти дигари радикалӣ фарқ мекунонад, ин муқовимати тезу тунд, истодагарии ошкоро ва муқобилияти оштинопазирии он ба шумор меравад. Чунин таъриф додани экстремизм, агарчанде ҳадди охирин набошад ҳам, баъзан дар худ таҳлили фалсафии зуҳуроти экстремизмро дар таърихи рушди ҷомеаи инсонӣ гунҷоиш медиҳад.

В.Н. Томалинсев экстремизмро ҳамчун дараҷаи ниҳоии беэътиноӣ садди роҳ шудан ба меъёрҳо ва талаботи аз ҷониби умум эътирофгардида муайян мекунад: «Ин фаъолияти ба худ хоси риоя накардани андозаҳо дар муносибатҳои беэҳтиромона ба ақли солим мебошад. Экстремизм зуҳуроти манфур ва манфии таҳрибкоронаи фаъоли шахсият нисбат ба меъёрҳо, қоидаҳо ва қонунҳои аз ҷониби умум эътирофгардида маҳсуб меёбад»[12]. Дар ин таърифи экстремизм таваҷҷуҳи асосӣ ба вайронкунии меъёрҳо, мақсадҳои

[10]Закон РТ о борьбе с экстремизмом. г.Душанбе, 8 декабря 2003 года № 69
[11]Красиков В.И. Экстремизм: паттерны и формы. М.: Водолей, 2009-С.54.
[12]Томалинцев В.Н. Человек XXI веке: поиск на грани творчества и экстремизма. Спб., 2002-С.6.

солим ва муносибати беҳурматона ба меъёрҳои ахлоқии дар ҷомеа мавҷуда равона карда шудааст.

Экстремизм, чуноне ки таҷрибаи таърихии инсоният гувоҳӣ медиҳад, метавонад дар ҳама гуна ҷомеа новобаста аз ғояҳое, ки дар ин ҷомеа ҳукмфармост, зуҳур ёбад. Агар дар чунин ҷомеаҳо душвориҳои ҷиддии иҷтимоӣ- сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ ба миён оянд, он гоҳ тамоюли экстремистӣ ҳамаро фарогир хоҳад буд. Экстремизм ҳамчун таҷовузи гуногунҷанбаи инсон тавсиф меёбад, ки бар зидди гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ ва дар маҷмӯъ, алайҳи кулли ҷомеа нигаронида шудааст.

Муҳаққиқи рус А. А. Харовинников зикр мекунад: «Дар шакли мушаххас «экстремизм»-ро амалиёте арзёбӣ кардан дуруст аст, ки бо мақсадҳои таъсир расонидан ба кайфияти ниҳоӣ, ҳолатҳои ҳадди охирини шуури инсон равона карда шудааст. Ин ҳолат дар доираи фаъол шудани харобкориҳои рӯҳу равони инсон ифода ёфта, дар ниҳояти кор, ба сар задани низову ихтилофот оварда мерасонад»[13]. Экстремизм фаъолияти санҷидашудаест, ки барои расидан ба ҳадафҳои худ ба истифодаи воситаҳои ниҳоии аз меъёрҳо ва қоидаҳои муқаррарии фарқкунанда нигаронида шудаааст. Тавсифоти асосии мафҳуми экстремизм дар он ифода меёбад, ки аз ҷониби шахсони алоҳида, гурӯҳҳои дорои ғояҳои муайяни ифротӣ ҳадди охирини муносибатҳо нисбат ба одамон, арбобони давлатӣ, ҷомеаӣ, иқтисодӣ, иншооти муҳими хоҷагии халқ барои ноил гаштан ба мақсадҳои худ пай дар пай кор фармуда мешаванд.

Дар омӯзиши экстремизм, бахусус экстремизм дар байни ҷавонон, муҳаққиқи рус С. А. Эфиров саҳми арзанда дорад. Дар миёни тавсифоти афзалият дошта, нисбат ба тафаккури субъектҳои экстремизм ӯ таассуби оштинопазирро ҷудо мекунад. Ба ақидаи ӯ ин таассубгарон гӯё ки барои соҳиб шудан ба ҳақиқати олӣ, ҳақиқати раднопазир, эътиқод ба тақдири илоҳӣ, ба иҷрои вазифаҳои олӣ ва ягона оид ба наҷоти инсоният ва

[13]Харовинников А.А. Экстремизм как социальное явление (Философский анализ). Дис…канд.филос.наук. Саратов, 2007-С.17.

хушбахтии инсоният мубориза мебаранд. Аммо муаллифи номбурда чунин мешуморад, ки саъю кӯшиши худро бештар барои таърифи умуми эътирофшудаи экстремизм равона накарда, балки фақат ин таърифҳоро бо баъзе нишонаҳои муҳиме, ки барои ин таснифот пурра басандаанд, маҳдуд кардан мумкин аст. Ба чунин аломатҳо (ки барои экстремизм ва терроризм истифода бурда мешаванд) инҳо мансубанд:

- рағбатнокии сиёсии амалҳои зӯроварӣ;

- тамоюли зӯроварӣ барои ноором сохтани вазъият дар ҷомеа ва ба вуҷуд овардани тару ҳарос дар миёни гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ;

- мавҷуд набудани робитаҳои ҳатмии амалиёти террористӣ бо оқибатҳои задухӯрдҳои мусаллаҳона;

- мавҷуд будани идеологияи муайяни экстремистӣ, ки амалиёти террористиро ҳақ мешуморад[14].

Вале, азбаски шаклҳои муосири экстремизм одатан дар таърифҳои муқаррарӣ ғунҷоиш намеёбад, муҳаққиқон қабл аз ҳама ба таърифҳои мураккаби (омехтаи) онҳо, ба мисли экстремизми динӣ - сиёсӣ, экстремизми этникӣ- сиёсӣ, экстремизми этникӣ- мазҳабӣ ва ғ. кӯшишҳо ба харҷ медиҳанд.

Муҳаққиқи ватанӣ М. Олимов собит месозад, ки «Экстремизм – ин аксуламали одамонеанд, ки дар мубориза алайҳи пешомадҳои номусоиди ҳаёташон қарори оҷилӣ ва қатъӣ мебароранд»[15].

Гуфтан мумкин аст, ки экстремизм қабл аз ҳама, яке аз усулҳои зӯроварии сиёсист, ки на метавонад «инқилобӣ» бошад, на «пешрафта». Аксаран экстремизм зуҳуроти иҷтимоӣ, хоси ҷомеаи муосир дар намудҳои фаъолиятҳои муташаккил, ҷиноятқориҳои дар сатҳи баланд ё хурди гурӯҳҳои иҷтимоӣ ё ҳатто дар сатҳи кулли давлатҳо ба шумор меравад.

[14]Эфиров С.А. Покушение на будущее. Логика и футурология “левого” экстремизма. М. 1984-С.41.
[15]Олимов М. Вводное слово модератора//Религиозный экстремизм в Центральной Азии. Душанбе, 2002-С.91-92.

Муҳаққиқони соҳа дар хусуси мавҷудияти чунин зуҳуроти хавфнок дар ҷаҳони муосир, ҳамчун экстремизми динӣ ё экстремизми заминаи динӣ дошта, баҳсу мунозираҳо менамоянд. Тибқи ҳамин даъвоҳо олимони соҳа ба ду шохаи мутақобила ҷудо шудаанд. Ба андешаи мо, таърифи нисбатан дурусти хориҷаи мазкурро аз нуқтаи назари диншиносӣ муҳаққиқи рус А. П. Забияко медиҳад. «Экстремизм шакли идеологияи динӣ ва фаъолияти динист, ки ба ҷудоиандозиҳои оштинопазир, авҷи баланди шиддатнокӣ дар байни гурӯҳҳои динӣ ва дар муҳити иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Мақсади экстремизми динӣ тағдиди сохтори динии амалкунанда ба шумор меравад. Оқибатҳои экстремизми динӣ дар ҳаёти динӣ ҷудоиандозӣ дар байни худи онҳо маҳсуб меёбад, ки ё ба фурӯ нишондани ҷараёни иртиҷоипарастӣ, ё аз ҳам пош хӯрдану аз нав ташкил шудани ҳаракатҳои динӣ, мазҳабу тариқатҳои он оварда мерасонад[16].

Моҳияти экстремизми динӣ инкори сохти анъанавии арзишҳои ахлоқӣ – этикӣ ва бунёдию раднашавандаии ҷомеа арзёбӣ мешавад. Ҷузъи дигари хориҷаи мазкур дар тарғиботи иртиҷоии ҷанбаъҳои ҷаҳонбиниест, ки ба арзишҳои анъанавии умумиинсонӣ муқобил меистад. Ин зуҳурот, аз ҷумла, дар майлу рағбат ва саъйу кӯшиши эътиқодмандони гурӯҳҳои муайяни манфиатхоҳ оид ба паҳн кардани таассурот ва меъёрҳои динии худ дар ҷомеа инъикос меёбад.

Назар ба ақидаи аксар муҳаққиқон, дар ҷаҳон аз ҳама хафнок экстремизми динӣ мебошад. Тайи даҳсолаи охир экстремизми динӣ- исломӣ дар тамоми ҷаҳон реша давондааст. Дар нимаи дуюми солҳои 90 – уми асри XX ва дар ибтидои қарни нав пайравони ҷараёни навбаромади ваҳҳобия шуҳрат пайдо карданд, ки онҳо ҷонибдори ҷангҳои динӣ ва усулҳои террористӣ мебошанд. Рӯҳонии машҳури Туркия Ҳарун Яҳё дар китоби худ таҳти унвони «Яке аз манбаъҳои терроризм: таассуби ҷаҳони сеюм» тасдиқ мекунад, гуноҳи асосии экстремистон ва террористон дар он ифода меёбад,

[16]Забияко А.П. Экстремизм религиозный.//Религиоведение/Энц. Словарь.- М.: Академический Проект, 2006-С.1220-1221.

ки одамони бепушту паноҳ азият кашида, диндорӣ торафт ба ғояҳо ва стратегияи сиёсии берун аз доираи ислом табдил меёбад»[17].

Экстремизми динии исломӣ – ин ғояи эъмори бо ном давлати исломӣ буда, бо ҳамин сифати худ дар байни қуввaҳои таҳрибкор дар ҷомеа, давлат ва берун аз ҳудуди он мавқеъ ишғол кардааст. Экстремизм шакли радикалии аз ҷониби шахсиятҳо ё гурӯҳҳои ҷудогона инкор карда шудани меъёр ва қоидаҳои амалкунандаи ҷомеа ба шумор меравад. Сабабҳои пайдошавии ин зуҳурот гумроҳии бархе аз одамон, дониши кофӣ надоштани онҳо, ҳолати буҳронии ҷомеа, суст будани фаъолияти институтҳои назорати ҷомеаӣ, сатҳи пасти самаранокии идоракунии ҳуқуқӣ маҳсуб меёбанд[18]. Экстремизм шакли ниҳоии зуҳуроти нангин аст, ки дар он таҷовуз ва зӯроварӣ, ҳамчун усулҳои ифодаи ниҳоӣ нисбат ба дигар одамон бо ҳам омезиш ёфтаанд.

Нуқтаи назари муҳаққиқи рус Р. А. Лопаткин оид ба экстремизми динӣ ба ақидаи аксар олимони дигар мувофиқат мекунад. Ба ақидаи ӯ «экстремизм – ин ғоя ва амалиёти бархе аз равияҳо, гурӯҳҳо, арбобони ташкилотҳои иртиҷоӣ ва динист[19]. Экстремизм - ҷонибдорӣ ба тафсири ниҳоии таълимоти динӣ ва усулҳои амалиёт оид ба амалӣ намудани мақсадҳои дар пеш гузошташуда, паҳн кардани нуқтаи назар ва таъсири худ ба дигарон маънидод мешавад.

Экстремизми динӣ ҳамчун таълимоти сиёсӣ ва таҷрибаи сиёсии ба он асосёфта аст, ки дар шаклҳои мухталифи фаъолияти ташкилотҳои исломӣ, дар маҷмӯи ҳаракатҳои экстремистии исломӣ татбиқ мегардад. Ин ҳаракати исломӣ яке аз зуҳуроти тамоюли навсозиҳои реисломикунонии ҷомеа ва сиёсикунонии худи ислом ба шумор меравад, ки тайи даҳсолаи охир дар бисёр минтақаҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Ба ақидаи олими соҳа Р. Абдулатифов, экстремизми динӣ – ин истифодаи ғаразноки ғояҳои миллист, ки қабл аз ҳама алайҳи эътиқод равона карда

[17]Яхья Харун. Приглашение к истине. www.harunyahya.ru
[18]Тишков В. А. Этнология и политика. М.: Наука, 2001-С.115.
[19]Лопаткин Р.А. Религиозный экстремизм//Политическая энциклопедия. В. 2 т. М: «Мысль» 2000-С.638.

шудааст[20]. Дин дар ин маврид барои асосноккунии ғоявии зуҳуроти экстремистӣ истифода бурда шуда, ҳамчун воситаи муттаҳидӣ ва ташаккули экстремистон хизмат мерасонад. Усули нисбатан паҳнгашта, ки дар таҷрибаи экстремистони динӣ дучор меояд, куштори мусаллаҳона, пахш кардан ва тарсонидани мухолифин бо истифодаи силоҳҳои оташфишон, то ҳадди ҷисман нобуд кардани одамон маҳсуб меёбад.

Ба ақидаи муҳаққиқи рус И. Л. Морозов, экстремизми динӣ «ин ғояи сиёсист, ки ба ин ё он дигаргуниҳои радикалии ҷомеа дар асоси суннатҳои Қуръон даъват мекунад ва истифодаи стратегияи қудратиро барои тадбиқи ҳадафҳои дар пеш гузошташуда ҳақ мешуморад»[21].

Аз нуқтаи назари мо хусусиятҳои фарқкунандаи экстремизм он аст, ки ҳама гуна амалҳои зиддиҳуқуқиро нисбат ба шахсони дорои ақидаҳои мухолиф тавассути навиштаҷоти муқаддас ҳақ мешуморад. Имкониятҳо барои чунин тафсирот дар ислом, ҳамчун дар дигар динҳо, бағоят зиёданд. Мавҳум будани навиштаҷоти муқаддас, муқобилгузории (дар сатҳи таълимоти динӣ) диндорон бо бемазҳабон, мавҷудияти далелҳои шаръии марбут ба амалиёти ҷангхоҳона, ҳамчунин таҷрибаи таърихии на он қадар мӯътадил будани фаъолияти дини ислом имкон медиҳанд, ки таълимоти муқаддас бар хилофи моҳият ва таъиноти худи дини ислом шарҳу эзоҳ дода шаванд.

Моҷарошиносӣ дар замони муосир чунин механизмҳои муҳим - авҷ гирифтани экстремизмро ҳамчун шакли қолибии тафаккур пешниҳод мекунанд. Дарки қолибӣ ҷанбаъҳои зеринро дар худ таҷассум мекунад: эмотсионалӣ (тобиши баланди кайфият, эҳсоси хусумат, нобоварӣ, тарсу бим, шубҳаангезӣ), ҷанбаи карахтӣ (таъсири сабуки иттилоот, дарки сатҳии баҳогузорӣ ба далелҳо, таъсири хоси эҳсосот ва маҳдудияти он).

[20] Исламский мир: проблемы становления. www.abdulatipov.ru.
[21]Морозов И.Л. Политический экстремизм: особенности эволюции при переходе от индустриального общества к информационному: Волгоград: «Перемена»,2007-С.288.

Дар шакли нисбатан ғайриодӣ дарку эҳсоси қолибӣ (стреотипҳо) дар сатҳи шуури оммавӣ зоҳир мешаванд, ки онҳоро аз рӯи дараҷаи муайян воситаҳои ахбори омма бо истифодаи суханпардозиҳои воҳимаангез ташкил ва дастгирӣ менамоянд ва чунин суханпардозиҳо ҳақиқати ошӯбгарона, таҳрибкорона, тезу тунди «бозиҳои сиёсӣ» мебошанд.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо метавон чунин таърифи экстремизми диниро пешниҳод намуд. Экстремизми динӣ – ин маҷмӯи ҷиноятқориҳои зӯроварии динӣ- сиёсист, ки аз ҷониби ташкилотҳои динӣ ва мазҳабҳои рукут (тоталитарӣ), ҳамчунин шахсони алоҳида дар ҳудуди муайян, дар доираи муайяни вақт ба амал оварда шуда, ба ноил гаштан ба мақсадҳои сиёсӣ ё таъмини фаъолияти сиёсӣ нигаронида шудааст.

Экстремизми муосирро аз ҷиҳати назариявӣ дар тарҳи умумӣ ҳамчун намуди мураккаби зӯроварии муташаккил, фардӣ ва баъзан аблаҳона, муайянкунандаи истифодаи усулҳои муборизаи психологии тарсонидан маънидод кардан мумкин аст, ки одатан дар даврaҳои буҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ, ва гоҳо дар шароити мӯътадил будани вазъи иқтисодию сиёсии ҷомеа мавриди истифода қарор мегиранд. Чунин муносибатҳо ё равишҳо барои муайян кардани экстремизм дар фалсафаи иҷтимоӣ бисёр вомехӯрад. Даҳҳо таърифи экстремизмро мисол овардан мумкин аст, аммо онҳо фаҳмиши ягонаро оид ба моҳияти проблемаи таҳқиқшаванда дар ҷанбаи фалсафӣ таъмин намекунанд.

Чуноне ки маълум аст, дар шароити кунунӣ қариб дусад таърифи экстремизм ва зуҳуроти ниҳоии он-терроризм мавҷуд аст ва ягонтои онҳо қобили эътирофи умум нагаштааст. Ин аз бисёррӯягӣ, мураккабӣ ва мухталиф будани зуҳуроти мазкур шаҳодат медиҳад. Аз нуқтаи назари методологӣ сухан дар хусуси бехатарии сохтори иҷтимоӣ ва қобилияти соҳаҳои идоракунӣ ба худинкишофёбӣ, бо мақсади эътидоли ҷомеаи ҷаҳонӣ меравад. Чунин мақсад даст кашидан аз урфу одатҳои фавқулоддаи миллатҳо ва давлат, тамоюли муносибатҳо бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, ба муколамаҳо бо

дигарон ҳамчун ба «бегонаҳо» ва муроҷиат ба фалсафаи ғайризӯровариро дар гуфтушунидҳо зарур мешуморад.

Ба ақидаи муҳаққиқи тоҷик Г. Зокиров экстремизм алайҳи сохтор ва Институтҳои ташаккулёфтаи дунявӣ бо ҳадафҳои халалдор намудани мӯътадилӣ ва заиф гардонидани он, ба хотири расидан ба мақсадҳои худ, чун қоида, бо усулҳои зӯрӣ сарнагун кардани сохти мавҷуда баромад мекунад[22]. Барои экстремизм истифодаи зӯри ё таҳдид нисбат ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, дар маҷмӯъ ба ҷомеа, ташкилотҳои байналмиллалӣ ва миллӣ, шахсони алоҳида, аҳолии кишвар ё минтақа бо мақсадҳои маҷбур кардани сохторҳои давлатӣ ва сиёсӣ ба иҷрои амалҳои барои қуввахои экстремистӣ манфиатнок, хос аст.

Дар адабиёт оид ба экстремизм, иттилооти воситаҳои ахбори омма аксар вақт дар баробари вожаи «экстремизм», чунин мафҳумҳо, ба монанди таассуб, радикализм, фундаментализм ва терроризм истифода мешаванд. Аз ин рӯ, дар одамон таассуроти иштибоҳӣ дар бораи шабоҳати ҳамаи ин истилоҳот пайдо мешаванд, ки дарки моҳияти экстремизмро душвор мегардонад. Дар асл бошад, ин ҳама зуҳуроти мухталиф мебошанд. Экстремизмро ҳамчун майлу рағбати шахсони алоҳида нуқтаи назари оштинопазирӣ, аз ҳама бештар дар соҳаи сиёсат, мешуморанд. Чунин мепиндоранд, ки аз экстремизм то терроризм як қадам аст ва террористон, чун қоида, шахсоне маҳсуб меёбанд, ки ба усулҳои экстремистӣ моиланд.

Экстремизм ҳамеша бо таассуб (аз лот. *φανατισμός*, фр. *fanatisme*) ҳаммарз аст. Барои мутаассиб фақат худи ӯ ва эътиқоди ӯ вуҷуд дораду бас. Ақидаи дигарон, аз сатҳи ҷаҳонбинии ӯ фарқкунанда, қобили қабули мутассибон нест. Аломати нахустини экстремизм- таассуби кӯр-кӯрона дар ақидаи худ, эътироф накардани нуқтаи назари дигарон: суботкории инсон дар фаҳмиши худ, ки ба вай барои дарки манфиатҳои атрофиён, мақсад ва имкониятҳои муосир имкон намедиҳад. Таассуби динӣ саргарми

[22]Зокиров Г. Терроризм: мохият ва хусусиятхои зухурот//Вестник национального университета. Душанбе «Сино» 2004-С.19-26.

хаёлбофиҳои худ оид ба боло шуморидани дини худ, мазҳаби худ нисбат ба дину мазҳаби дигарон аст. Мутаассибони дини шефтаи дигаргун сохтани олам аз диди хаёлоти худ мебошанд. Бе дарки амиқи тааассуби динӣ сабабҳои рушди босуръати таъсирнокии он дар арсаи ҷаҳонӣ, банақшагирии стратегияи муқовимат ба зуҳуроти он, таҳияи чорабиниҳо оид ба пешгирии экстремизм ва равияҳои ифротгаро ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, дарки иҷтимоӣ-фалсафии проблемаи таасубгароӣ дорои аҳамияти на танҳо назариявӣ, балки амалӣ низ мебошад.

Мутаассибон одамони маҳдуд, ҷоҳил мебошанд. Шахси тангназар наметавонад фарқияти байни шаклу мазмун, роҳу тадбир ва мақсадҳоро дарк намояд. Аз нуқтаи назари таассуб дин вазифадор аст, муқаддасоти қадимаро ҳифз намояд; ба ҳайси анъанаҳои динӣ чунин урфу одатҳо, ҳамчун «арҷ гузоштан ба марҳилаҳои аввали амри дин, истифодаи килк дар навишт, ғусл дар оби ҳавз, ба кор бурдани чароғи керосинӣ, ҳаёт дар ҳолати ҷаҳолат ва бесаводӣ» бояд нигоҳ дошта шаванд. Ҷаҳолат аз он ваҷҳ, ки онро бо обу ранги ислом пардапӯш мекунанд ва ба амри Парвардигор нисбат медиҳанд, ҳамчунон боқӣ мемонад. Аз ҷоҳилӣ, дар ниҳояти кор, ба экстремизм гузаштан мумкин аст.

Ба ақидаи Р. Габбасов «Шахси мубталои таассуб олами атрофи худро наметавонад бубинад, вай оҷиз аст, ношунавост, вай қобил нест, ки дигаргуниҳои ҷаҳонро бубинаду шунавад. Ҳамаи онҳоеро, ки ба ақидаҳои мутаасиб розӣ нестанд, вай онҳоро палид, нокас ва душмани ашадии худ меҳисобад. Таассуб мубталои ҷунунӣ, таҳрифи ҷаҳонбинст, ки ба худбинию худписандии оштинопазирӣ асос ёфтааст[23]. Мутаассиб наметавонад механизми таҳлилу хулосабарориҳоро ба кор дарорад, ҳамчунин вай аз виҷдони дарки умумиинсонӣ маҳрум аст, аниқтараш, виҷдони ӯ ба таҳрифи меъёрҳои баҳодиҳӣ асос меёбад.

Таассуб - баҳодиҳӣ ба ҳолатҳо аз рӯи диди худ ба ҷаҳон, бе дарназардошти воқеияти атроф, зуҳуроти якравӣ дар баъзе масъалаҳо, ҳатто

[23]Габбасов Р. Таассуб или фанатизм. http://e-islam.kz/ru/contents/view/1921 (дата обращение к сайту 11.04.14)

дар мавридҳои ба ақл, мантиқ ё навиштаҳои динӣ муқобил будани онҳо, бераѓбатӣ ба эътирофи ҳақиқат аз сабаби худдонамӣ арзёбӣ мешавад. Метавон гуфт, ки «фанатизм» бо асабоният ва тундмиҷозӣ алоқаманд аст, зеро чунин рафтор бешак, натиҷаи хароб шудани асаб ба шумор меравад.

Инсони мубталои ин зуҳурот на аз рӯи ақлу шуур, балки аз рӯи дарку эҳсосот, дар ҳолати табиати ҳайвонӣ амал мекунад. Эътиқод ва арзишҳо дар тафаккури мутаассиб дар қолиби ягона- ноустувор бо ҳам омезиш меёбанд, ки бар асари он харҷи хеле зиёду арзишманди энергетикӣ (нерӯи ақливу ҷисмонӣ) ва ирода ба амал меояд. Дар натиҷа чунин силсилабандии як қатор мафҳумҳо: эътиқоди таассубӣ – арзишҳо – мафкураи арзиши олӣ- ташкили тафаккур – маҳдудияти арзишҳои афзалиятнокӣ ва талабот- рафтор, ташаккул меёбад. Ҳамин тариқ, дар маркази сохти тафаккури таассубӣ арзиши олӣ- мафкура, рамз, тимсоли лафз ҷойгир мешаванд, ки дар худ маънои тамаркуз додашудаи барои шахсият муҳимро таҷассум карда, барои мутаассиб ҳамчун ҳалли амиқи мухолифатҳои эътирофнагардида дар назар менамояд. Аз нуқтаи назари дарки олами атроф ин силсилабандии мафҳумҳо ба мутаассиб «роҳнамо»-е барои раҳоӣ аз мушкилоти ҳалли масоил, эътирофи гуногуншаклиҳо ва ҷаҳони ғайриодӣ хоҳад буд. Эътиқоди таассубӣ - ин инъикоси нобоварии таассубии воқеият маҳсуб меёбад. Тавассути эътиқоди тааасссубӣ далелҳои бебаҳс инкор гардида, афзалият ба фиреби эҳсосот дода мешавад. Кандашавии эътиқоди таассубӣ аз воқеият, ба ибораи дигар, «нобоварӣ ба воқеият» дар муносибати арзиши олӣ ба мафкураи худ нисбат ба ҷаҳон ифода меёбад. Ин қолибҳои дурушти мафкуравии пешакӣ дар қолиб рехташуда дастрас намудани иттилоотро аз дигарон ва муҳити атроф маҳдуд мекунанд. Мутаассиб ақидаи худро дар дараҷаи ниҳоӣ ҳақиқат мешуморад ва ақидаи мазкур комилан метавонад аз ҳисоби ҳаёти дигарон дар амал татбиқ гардад. Дар ин маврид шахсияти мутаассиб- тундгароро он далеле комилан ба изтироб намеорад, ки аксар аъзои ҷомеа чунин мавқеъро дар зиндагӣ ҷонибдорӣ намекунанд.

Мафҳуми радикализм (аз лот. *radicalis-коренной, решагӣ)* дар Англия, дар охирҳои асри XVШ дар давраи инқилоби саноатӣ ба вуҷуд омад[24]. Дар асри X1X радикализм аллакай ҳамчун ҳаракати васеи сиёсӣ, фалсафӣ, фарҳангӣ, динӣ, маърифатӣ босуръат дар Аврупо паҳн гардид. Назарияи «ҳуқуқи табиӣ», рушду тараққиёт ва ақлу идрокро асоснок карда, чунин мутафаккирон, ба монанди Ҷ. Локк, Ж. Ж. Руссо ва диг. зарурати тағйироти радикалии «ғайритабиӣ» шароит иҷтимоӣ ва урфу одатҳоро бо низоми нави ақлонӣ собит намуданд. Асосгузори анархизм У. Годвин мавҷудияти институтҳои мураккаби ҷомеаӣ ва маҳдудияти онро, ки инсон дар ҳолати табиӣ худ аз худ таҷассумгари ақлу идрок ва озодист, бебунёд шуморид.

Барои радикализми Давраи Маорифпарварӣ давраи хоси панду андарзгӯиҳои ғайривоқеӣ, хаёлпарастиҳои зиддитаърихӣ, ба воқеияти «ғайрисолим»-и таърихӣ муқобил гузоштани дарки солим, ба шакли «табиӣ» қабул кардани қарору қоидаҳои одӣ бағоят хос буд. Барои дар амал татбиқ намудани мафкураи Маорифпарварӣ аллакай дар давраи гузариш аз ғояҳои радикалӣ ба экстремизми инқилобӣ, дар ҷараёни Инқилоби Бузурги Фаронса, радикализми сиёсии Фаронса дар шахсияти Якобинҳо кӯшиши боҷуръатона намуд.

Маорифпарварӣ дар шакли нисбатан пурраш тарҳҳои асосии радикализми буржуазиро ошкор намуд. Дар ин давра радикализм ба мафҳумҳои зерин умед баст: тарҳсозии сарфакорӣ, содагардонӣ, тафсири ҳамаи ҷанбаъҳои таърихӣ ва маишӣ, ҳаёти ҳаррӯза дар партави талаботи муҷарради аввалия, мафкуравии ибтидоӣ, баҳои ахлоқӣ ё маҳаки фоиданокӣ, манфиатхоҳӣ ва ғ. Мунаққидон аллакай ҳамон замон чунин мешумориданд, ки ратсионализми радикализм на он қадар илмӣ, ба ҳамон андоза спекулятивӣ, вайронкунанда ва нигилистӣ маҳсуб меёбад. Аммо барои радикализми муосири мафкуравӣ низ карахтӣ (догматизм) ва хаёлпарастӣ (утопизм)-и бемулоҳизавии муайян, беҳиссӣ ба ҳолатҳои муайян, рағбатнокӣ ба ҳалли «одӣ»-и масъалаҳо ва ҳусни тавақҷуҳ ба воситаҳои ниҳоӣ хос аст.

[24]Радикализм//Политическая энциклопедия. В. 2 т. М: Изд-во «Мысль» 2000-С.311.

Ин тарҳҳои радикализм дар солҳои 60-70-ум бори дигар «чапгароёни нав»-ро ба намоиш гузошт, ки онҳо пайравони Г. Маркуз буда, барояшон ягон робита дар байни «воқеияти боақлона» ва «дунёи дигар»-и оянда ва имрӯза мавҷуд набуд. Аз ин рӯ, қадами аввалин дар татбиқи лоиҳаи оянда, ба ҳар ҳол, «Инкори Бузург»-и нигилистӣ ва таҷрибаи азхуд кардаи ҷаҳони буржуазии ҳамон давра маҳсуб меёфт.

Дар шароити муосир вобаста ба инкишоф ёфтани равандҳои ҷаҳонишавӣ радикализм дар шаклҳои гуногун низ рушд ёфта истодааст. Махсусан, ин раванд дар ҷаҳони ислом инкишоф ёфта истодааст, ки олимон ва муҳаққиқонро безобита кардааст. Дар алоқамандии ҳамин масъала муҳаққиқи тоҷик Муминов А. иброз менамояд, ки тайи даҳсолаи охир радикализм ба заминаи ҳаракатҳои фундаменталистӣ ва сиёсии исломӣ табдил ёфтааст[25]. Экстремизм яке аз шакли хоси радикализм ба шумор меравад.

Аз нуқтаи назари мо барои ошкор намудани моҳияти экстремизм, ҳамчун гуногуншаклии радикализм таърифи зерин манфиатбахш аст: радикализм – шакли таҷрибаи иҷтимоӣ ё фаъолиятест, ки ба идеологияи оштинопазир, бағоят таҷовузкор ва амалҳои фавқулодда, қатъии ба тағйироти куллии системаи амалкунандаи мавҷудаи иҷтимоӣ - сиёсӣ равонагардида асос ёфтааст.

Муҳаққиқи рус В. Н. Пластун собит месозад, ки «Радикализм аз бисёр ҷиҳат дар усулҳо ва воситаҳои ифодаи нуқтаи назар ба экстремизм монанд аст[26]. Баъдан ӯ ақидае пеш мегузорад, ки мафҳуми радикализм аз мафҳуми экстремизм фарқ мекунад. Аммо муҳаққиқи дигари рус И. Л. Марозов ба ҳадафмандиии мураккаб гардонидани сохти истилоҳот тавассути ба ҷойи радикализм эътироф кардани мақоми бузургиҳо нисбат ба экстремизм шубҳа

[25]Муминов А. Религиозный экстремизм как угроза современному обществу. Дис…канд. филос. наук. М., 2007-С.78.
[26]Пластун В.Н. Эволюция идеология и тактики экстремистских движений в странах Востока. Новосибирск, 2002-С.28.

мекунад[27]. Ба андешаи мо ба ҳам ташбеҳ додани мафҳумҳои радикализм ва экстремизм аз нуқтаи назари илмӣ нодуруст менамояд. Дар робита ба ин, нуқтаи назари В. Н. Пластун, ки дар байни мафҳумҳои радикализм ва экстремизм тафриқа мегузорад, ба андешаи мо наздик аст.

Ду шакли асосии радикализмро вобаста аз хусусиятҳои тағйироти иҷтимоӣ, ки моҳияти барномаҳо ё идеологияи радикализмро ташкил медиҳанд, бояд аз ҳам фарқ кард. Шакли аввали радикализм – радикализми асоснок, инқилобист, ки ба азнавсозии сифатӣ, инқилобӣ, тараққихоҳонаи системаи амалкунандаи иҷтимоӣ равона карда шудааст. Радикализми дувум – радикализми таҳрибкор маҳсуб меёбад, ки ба ҳифз, зӯран нигоҳ доштани ақидаҳои кӯҳнаву нодаркор, амалҳои таҷовузкорона бар зидди қувваҳо ва зуҳуроти иҷтимоие, ки воқеан оғози азнавсозиҳои инқилобиро ифода мекунанд ва ё алайҳи ҳамаи системаҳои иҷтимоии амалкунанда, ё дар маҷмӯъ алайҳи ҳолатҳои иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Дар робита, иқтибос овардани суханони мӯътаз, вале пурмаънои муҳаққиқи рус И. Л. Морозов ба мақсад мувофиқ аст: «Радикализм яке аз хусусиятҳои ақидаҳои ғоявии экстремистӣ мебошад, ки ногузир аломатҳои идеологияи экстремистиро фаро мегирад»[28]. Бешубҳа, экстремизмро мебояд ба радикализми таҳрибкор мансуб донист.

Радикализм – ин равияи сиёсист, ки ҷонибдорони он барои дигаргуниҳои фаврӣ ва қатъӣ дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа баромад мекунанд. Онҳо карахтӣ, таназзулро таҳаммул намекунанд ва дар ин замина ба сифати ҳаракатдиҳандаи ислоҳот ва азнавсозиҳо баромад менамоянд. Радикалҳо аксуламали консерваторон мебошанд, ки инҳо ба амалҳои эҳтиёткорона, муносибати сарфакорона ба анъанаҳои фарҳанги сиёсӣ майлу рағбат доранд. Мувозинати нуқтаҳои назари радикализм ва консерватизм дар ҷомеа гарави пешрафти рӯзафзуни ҷомеа ба шумор меравад.

[27]Морозов И.Л. Политический экстремизм: особенности эволюции при переходе от индустриального общества к информационному: Волгоград,2007.
[28]Морозов И.Л. Политический экстремизм: особенности эволюции при переходе от индустриального общества к информационному: Волгоград, 2007-С.99.

Радикализм дар навбати аввал ба муносибати манфӣ ба воқеияти мавҷудаи иҷтимоӣ- сиёсӣ, дувум ба эътирофи яке аз воситаҳои эҳтимолии раҳоӣ аз ҳолатҳои воқеӣ ҳамчун имконияти ягона асос ёфтааст. Ҳамзамон радикализмро ба ин ё он мавқеи муайяни сиёсӣ алоқаманд кардан мушкил аст. «Радикализм метавонад дар шаклҳои мухталифи нигилизм, экстремизм, терроризм, инқилобчигӣ зуҳур ёбад. Аммо, ифодаи дигаре - «маркази радикалӣ», яъне мавқеи сиёсие арзи вуҷуд мекунад, ки оштинопазириро намеписандад ва бо қатъият сиёсати баробарии сиёсиро ба миён мегузорад. Чуноне ки таърих нишон медиҳад, аксар вақт худи давлат ҳолатҳои тавлидкунандаи субъектҳои сиёсии радикалиро ба вуҷуд меорад.

Радикализм ҳамеша ҷараёни мухолиф аст. Зиёдтар аз ин, аз радикализм аз мухолифини мӯътадил –«системавӣ», риоякунандагони қонун, «конструктивӣ» дида, бештар такягоҳи мухолифини нисбатан қатъӣ, радикалӣ мебошад. Чун қоида, радикализм дар ҷомеа нақши вайронкунанда мебозад. «Ҳамчун воситаи фаъолияти ба ифрот теладиҳанда, радикализм, тибқи қоида, ба тақобули (конфронтатсияи) қувваҳои сиёсӣ барои фитнаангезӣ, ихтилофот, номувозинатии системаи идоракунӣ мусоидат мекунад. Аммо дар шароити муайяни иҷтимоӣ- сиёсӣ радикализм метавонад ба он мусоидат намояд, ки ҳукумат ба самти сиёсии худ аз нуқтаи назари танқидӣ нигариста, садди роҳи ғуншавии зуҳуроти манфӣ дар дохили кишвар гардад. Оид ба робитаҳои мутақобилаи радикализм ва фундаментализм нуқтаҳои назари мухталиф, баъзан муқобили ҳамдигар мавҷуд аст. Радикализм ба тағйироти қатъии ҳолатҳои мавҷудаи иҷтимоӣ- сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа нигаронида шудааст, фундаментализм бошад, баръакс, барои пас гардонидани ҳолатҳои кӯҳна, ки як вақтҳо асос ва заминагузори ҷомеа маҳсуб меёфтанд, равона гардидааст. Масалан, бозгашт ба ҷомеаи исломӣ ё дар шакли ҳукмронии насли аввали хилофати ислом сохтани ҷомеа майлу рағбати асосии равияи динӣ - экстремистиии салафияро ташкил медиҳад.

Фундаментализм ба маънои васеи ин калима идеологияест, ки бозгашт ба заминаҳои анъанавии сохти ҷомеаро талқин карда, ба муқобили тағйироти аслии он баромад мекунад. Моҳияти ғояҳои фундаментализм баргаштан ба низоми кӯҳнаи иҷтимоӣ ё дар ҳолати карахтӣ нигоҳ доштани тартиботи мавҷудаи иҷтимоӣ, садди роҳи ҳама гуна тағйирот буданро ифода мекунад. Маҳз ҳамин гуногуншаклии радикализми ифротгароро, ки ба ғояҳои фундаментализм асос ёфтааст, чуноне ки ба назари мо менамояд, истилоҳи «экстремизм» низ муайян мекунад.

Фундаментализм ва экстремизм бо ҳам алоқаманданд. Дувумӣ идома ва рушди аввалист. Дар шакли ниҳоии худ фундаментализм ба экстремизм мубадал мегардад. Бад-ин маъно, экстремизм – ин айнан ҳаводорӣ ба нуқтаи назар ва ченаки ниҳоист оид ба сайъу талоши дигаргун сохтани ҷаҳон мутобиқ ба нуқтаи назари фундаменталистон мебошад. Дар хусуси фундаментализм сухан ронда, тайи солҳои охир ба ин истилоҳ дарҳол вожаи «ислом»-ро зам мекунанд, аммо онро дар мадди назар бояд гирифт, ки фундаментализм метавонад дар ҳама гуна ғояҳо ба аслиҳаи таассуб ва тоқатнопазирӣ табдилёфта зуҳур ёбад.

Фундаментализми исломӣ – ин на танҳо яке аз равияҳои ғоявии муосири барои барқароркунии нақши дини Ислом дар ҷомеа нигаронидашуда, ва бар замми ин на фақат даъват барои бозгашт ба сохти ҷомеаи даврони ҳукмронии халифаҳои рошидин мебошад. Фундаментализми исломиро ҳамчунин Эҳёи Ислом меноманд. Дар ин маврид зикр кардан муҳим аст, ки фундаментализми исломӣ, чун қоида, қабл аз ҳама ба ихтилофот ва зидидятҳои дохили худи ислом нигаронида шудааст ва исломро аз дарун хароб мекунад. Чунин аст хусусиятҳои ҳама гуна шакли фунтаментализми динӣ.

Муҳаққиқи рус И. Л. Морозов чунин меҳисобад, ки «Фундаментализми исломӣ – стратегия ва идеологияи сиёсист, ки ба навсозии низоми дунявии сиёсии амалкунанда нигаронида шуда, мақсад дорад - фазои иҷтимоӣ-фарҳангии давлат ба самти қатъиян мутобиқ ба меъёрҳо ва анъанаҳои исломи

пешин, мувофиқати тамоми фаъолияти ҳаётии давлатдорӣ, ҷомеа ва шахсиятҳо дар асоси талаботи Қуръон ва шариат ба роҳ монда шавад[29]. Фундаментализми исломӣ қисми таркибии исломи сиёсист, зеро комёбиҳои мақсадҳои дар пеш гузоштаашро тавассути мубориза барои ҳокимияти сиёсӣ пешбинӣ мекунад. Фундаментализми исломӣ метавонад, ки муътадил бошад ва ҳам маънои экстремистиро ифода намояд. Мафҳуми фундаментализм, бад-ин маъно дар зеҳну фарҳанги иҷтимоӣ - сиёсии Ислом арзи вуҷуд надорад. Нахустин маънидоди фундаментализм дар Амрико, дар байни пайравони мазҳаби евангилистҳо пайдо шудааст. Маъруфияти васеъро фундаментализми динии протестантон дар иёлоти ҷанубии Амрико, дар байни пресвитерианҳо, баптистон ва методистон дар солҳои 1910-1912 соҳиб гардид. Тарғибгарони ин ҳаракат ҳама гуна кӯшишҳои танқид ва тафсирот оид ба таҷдиди Каломи муқаддасро рад (маҳкум) мекарданд.

Ба ақидаи мо, фундаментализми исломӣ, аз рӯи бисёр таъбироти он, ҳамчун ифодагари фарҳанги араб, на исломӣ маънидод мегардад. Дар шароити кунунии ҷомеа, қабл аз ҳама аъзои гурӯҳи бо ном салафиён кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки падидаҳои фарҳангии аз рӯйи пайдоишашон тоза арабӣ ҳамчун падидаҳои умумисломӣ қабул карда шаванд. Ва ин кӯшишҳо, қабл аз ҳама, ба фарҳанги милли ва халқҳои мусулмоне, ки аслу насабашон араб нест, зиён хоҳад овард.

Гурӯҳи муҳаққиқоне ҳастанд, ки бар зидди истифодаи истилоҳи фундаментализм баромад карда, дар асоси таҳлили назариявӣ пешниҳод менамоянд, ки ба ҷойи «фундаментализм» истилоҳи «салафизм ас-салаф –ас-салиҳун» (зоҳидони ҷадид») кор фармуда шавад[30].

Фундаментализми динӣ пурихтилоф аст, зеро ба сифати афзалиятнокӣ на арзишҳои миллӣ, на давлатӣ, на демократӣ, балки арзишҳои диниро пеш мегузорад. Ҳаракатҳои фундаменталӣ дар протестантизм (бахусус дар ИМА),

[29]Морозов И.Л. Политический экстремизм: особенности эволюции при переходе от индустриального общества к информационному: Волгоград, 2007-С.288.

[30]Игантенко А.А. Эндогенный радикализм в исламе // Центральная Азия и Кавказ. 2000.№2 (8)-С.166.

католитизм, насронӣ, ислом арзи вуҷуд мекунанд. Фундаментализм ҳамеша ҳаракате маҳсуб меёбад, ки дар ҳудуди гурӯҳҳои динӣ қарор дорад. Мавриди зикр аст, ки фундаментализм ва экстремизм бо ҳам алоқаманданд, аммо на якхела. Фундаментализм гуфта, саъю кӯшиши расидан ба сарчашмаҳо, ба арзишҳои заминавии дин, ба ақидаи бархе аз арбобони дин, ба ҷавҳари он, одатан тавассути гузаштани табақаҳои мухталиф, таҳрифкориҳо, ғалат маънидод карданҳост. На ҳама вақт фундаменталистон ва радикалҳо экстремистони динӣ ва террористон хоҳанд шуд.

Ба ҷумлаи проблемаҳои хосе, ки дар ҷанбаи баррасишаванда зуҳур меёбанд, зарурати муайянкунии ҳадди (демаркатсияи) байни экстремизми динӣ ва терроризм мансуб аст.

Ҳамчун дар доираи мафҳуми «экстремизм» мафҳуми «терроризм» (аз лот. *terror – страх, тарсу бим)* аз ҷониби муҳаққиқон мухталиф ҳам амалиёт ва ҳам идеология шарҳу эзоҳ дода мешавад. Дар адабиёти илмӣ, ВАО ин ду мафҳум баъзан ҳамчун синонимҳои ҳамдигар баррасӣ мегарданд, агарчанде онҳо моҳиятан аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар баробари ин, экстремизм аз рӯи мазмуни худ назар ба мафҳуми «терроризм» хеле васеъ аст, зеро маҳз тавассути террор ташкилотҳои экстремистӣ ба мақсадҳои сиёсии дар наздашон гузошташуда ноил мегарданд. Ба ақидаи муҳаққиқи тоҷик Г. Зокиров «Терроризм зуҳуроти ниҳоии экстремизми сиёсист»[31]. Экстремизм мавҷудияти ин ё он ғояи аз ҷиҳати назариявӣ асоснокшударо оид ба истифодаи зӯроварӣ дар назар дорад, агарчанде далеловарӣ аксар вақт аз бисёр ҷиҳат ба тасаввуроти эмотсионалӣ, на ба тасаввуроти ратсионалӣ дар бораи олами атроф асос ёфтааст. Терроризм дар бисёр ҳолатҳо ҳамчун системаи амалиёте баромад мекунад, ки чун қоида, ба идеологияи экстремистӣ асос ёфтааст. На ҳар як экстремизмро терроризм гуфтан мумкин аст, балки фақат онеро, ки ба зӯроварии тобиши сиёсидоштаро алайҳи аҳолии осоишта роҳ мекушояд ва амалан истифода мебарад. Ҳамин тариқ,

[31]Зокиров Г. Терроризм: мохият ва хусусиятхои зухурот // Вестник национального университета. Душанбе, 2004-С.19-26.

терроризми динӣ гуногуншаклии экстремизми динӣ дар зуҳуроти зӯроварии ниҳоии он ба шумор меравад. Ин заминаи нозуки зуҳуроти иҷтимоӣ дар гурӯҳҳои сарбаста, махфӣ ё мумкин аст ҳатто дар доираи шахсони алоҳида тавлид ёбад.

Дар байни экстремизм ва терроризм алоқамандӣ мавҷуд аст, аммо набояд ин ду мафҳумро ба ҳам монанд кард. Агарчанде онҳо як решаи умумии иҷтимоӣ- сиёсӣ доранд, дар шаклҳои мухталифи фаъолият ва ифоданокӣ зуҳур меёбанд. Терроризмро, бо истиснои баъзе ҷузъиёти он, ҳамчун қисми таркибии экстремизм, зуҳуроти нисбатан равшан ва амалии он дар ҳаёти иҷтимоӣ- сиёсии ҷомеа тасаввур кардан мумкин аст. Баррасии таносуби экстремизм ва терроризм нишон медиҳад, ки терроризм ҳамчун гуногуншаклии хоси экстремизм баромад карда, моҳияти он ҷудошавӣ аз тамаддун ва фарҳанги ҷаҳонӣ мебошад. Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки мафҳумҳои «терроризм» ва «экстремизм» дар робитаи зич бо ҳамдигар амал мекунанд, аммо метавонанд ба ҳайси объектҳои мустақили тадқиқот баромад кунанд, ки ин мафҳум на ҳамеша нисбат ба ҳамдигар муайяншавандаанд.

Ба ақидаи мо, дар хусуси терроризм ҳамчун шакли махсуси экстремизм гуфтан дуруст аст, на ин, ки зуҳуроти мустақил. Вале агар экстремизм ба заиф гардонидан ва ба кор даровардани равандҳои харобкории системаи сиёсӣ тавассути ба одамон ошкор намудани нуқсонҳои ҷомеа ё ҷалби мардум ба ташкили эътирозҳои ошӯбгарона равона карда шуда бошад, пас, терроризм бошад ба мақсадҳои харобкориҳои бевоситаи ин ситема бо роҳи несту нобуд кардан, вайронкорӣ, ноором сохтани ҷомеа, алайҳи одамон ва иншооти моддӣ нигаронида шудааст.

Дар солҳои 90-уми асри гузашта чунин мафҳумҳо, ба монанди терроризми иқтисодӣ, наркотерроризм, кибертерроризм, порнотерроризм, терроризми телефонӣ в ғ. пайдо шуданд. Чунин маънидодкуниҳои васеи терроризм ба норавшан гаштани истилоҳи мазкур, ҷудо шудан аз маънои ҳақиқии ин калима оварда мерасонад, ки ҳолати мазкур муқовимат бо ин зуҳуроти хавфноки ҷомеаро душвор мегардонад. Ҳол он, ки ҳадафи асосии

терроризм тағйир додани низоми мавҷудаи сиёсӣ ба шумор меравад. Ҳамин тариқ, барои дарки амиқи моҳияти терроризм ҳам аз васеъ гаштани доираи таърихӣ ва ҳам аз мазмуну муҳтавои онҳо баробар канораҷӯӣ бояд кард. Ҳар ду ҳолат ҳам ба таҳрифи манзараи ҳақиқии ин зуҳурот оварда мерасонад ва имкон намедиҳад, ки алайҳи ситезаҷӯиҳои барои тамоми инсоният хавфнок муборизаи беамон бурда шавад.

Экстремизм ин, қабл аз ҳама зуҳуроти иҷтимоист. То ин, ки мазмуну моҳияти чунин зуҳуроти иҷтимоӣ, ба мисли экстремизм, кушода шавад, решаҳои иҷтимоии онро дарёфтан зарур аст. Экстремизм ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ дар шароити буҳрони иҷтимоӣ- иқтисодӣ дар ҷомеа пайдо шуда, бекорӣ, бенавоӣ омилҳои фаъолгардонандаи он ба шумор мераванд. Ба ибораи дигар, экстремизм на фақат аз он вачҳ яке аз проблемаҳои хоси иҷтимоӣ ва ҷомеаӣ маҳсуб меёбад, ки як навъ ифротро дар худ таҷассум кардааст, балки ҳамчунин аз он сабаб аст, ки чунин ифрот хатари хеле бузург барои шахс, ҷомеа ва давлат аз пай хоҳад гузошт.

Ба ақидаи файласуфи англис Ф. Бэкон «вақте ки маводи тафсон дар рӯ ба рӯй аст, метавон аз ҳар сӯй шарораҳоро интизор шуд, ки онҳо аланга бармехезонанд. Сабабҳои онҳое низ, ки балво мехезонанд, духура аст: гушнагии шадид ва норозигии бузург»[32]. Афзалиятнокии усули зӯроварии мубориза барои расидан ба муваффақиятҳо тарҳи хоси экстремизмро ташкил медиҳад.

Ба ҳар шахс талаботи худинкишофдиҳӣ хос аст. Ва ҳама гуна рушд аз ибтидо дар худ ду воситаи эҳтимолии баамалбарориро нигоҳ медорад: ба амалбарории экстремалӣ, яъне фаъолияти эҷодӣ, ки ба умқи мавзӯъ равона гардидааст ва баамалбарории экстремистӣ, ки тамоюлоти зеринро пешбинӣ мекунад: истифодаи ниҳоӣ оид ба тезонидани раванди фаъолият, ба дараҷаи мутлақ расонидани ҷанбаи зоҳирии амалиёт, ки ҳама гуна харҷу хароҷотро мавриди эътино қарор намедиҳад.

[32]Ф Бэкон. Сочинения в двух томах т 2. М., Мысль 1978-С.382.

Ҳолати экстремалӣ ё максимализм асосан дар муҳити ҷавонон ба мушоҳида мерасад. Дар адабиёти илмӣ ҳамеша чунин хусусияти ҷавонон ба мисли хусусияти экстремалиро ба ҳайси сарчашмаи экстремизми ҷавонон номбар мекунанд. Ин яке аз тавсифотест, ки ба ҷуз аз рӯи меъёри камолот, чун қоида, ҷавононро аз дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ ҷудо мекунонад. Чунин мешуморанд, ки ҷавонон воқеияти иҷтимоиро бисёр зуд ва бе гузашт карданҳо қабул мекунанд, ки ҳолати мазкур рафтори шахси ҷавонро ба «шарту талабот»-и ахлоқию ҳуқуқии ҷомеа нисбатан кам алоқаманд мекунад. Аммо аз ҳолати экстремалӣ то экстремизм инсон бояд роҳи муайянро тай намояд. Дар адабиёти илмӣ се марҳилаи гузариши ҳолати экстремалӣ ба экстремизм ҷудо карда мешавад. Марҳилаи аввал – ташаккулёбии муҳити экстремалӣ, яъне он шароити иҷтимоӣ, ки барои гузариши ҳолати экстремалӣ ба экстремизм замина мегузорад. Муҳокимаронӣҳо оид ба чунин шароит кайҳо забонзада шудааст: шароити рӯҳӣ- ахлоқӣ дар ҷомеа, фосилаи намоёни фарқияти иҷтимоӣ дар байни сарватмандон ва бенавоён, ба роҳ мондани азнавсозиҳо дар соҳаи маориф ва таълиму тарбия ва ғ.

Дар марҳилаи дувум, ки он марҳилаи ташкилӣ қабул шудааст, на фақат, ҳамин тавр, заминаҳои экстремистӣ, балки, аллакай, ҳолати узвият ба ташкилоту ҳаракатҳои экстремистиро пешбинӣ мекунад.

Марҳилаи сеюм, бо номи марҳилаи фаъолиятнокӣ, аллакай давраи такмили амалҳои муайяни экстремистиро тавсиф менамояд. Дар ҳамаи ин се марҳила нақши ташаккулдиҳандаи ин зуҳуротро Интернет мебозад, ки он метавонад тавассути ҷалби одамон ба якҷошавӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти худ, ин зуҳуроти манфии иҷтимоиро тезонад ё баракс, коҳиш диҳад. Айни замон дар байни омма маълумоти пурраву равшан оид ба таснифоти зуҳуроти экстремистӣ мавҷуд нест. Ҳамин тариқ, аз нуқтаи назари умумӣ экстремистон – ин ҷонибдорони идеология ва тадбирҳои ниҳоӣ одатан дар соҳаи фаъолияти сиёсӣ мебошанд. Ҷомеа ҳамчун системаи яклухт мебошад ва ҳамаи ҷузъиёти он бо ҳам алоқаманданд. Экстремизм аз худи система - дохили ҷомеа месабзад, вақте ки система чунин шароити сабзишро барояш

фароҳам меорад. Экстремизм омили вайронкунанда барои система маҳсуб меёбад, барои системае, ки ӯро тавлид мекунад, барои вайрон кардани ҳамин системаи иҷтимоӣ роҳ мекушояд. Экстремизм барои фаъолияти созанда кӯшиш ба харҷ намедиҳад, системаи сифатан нав ташкил намедиҳад; экстремизм барои вайронкориҳо ва несту нобуд сохтанҳо ҷаҳду талош меварзад. Вай барои сохтани системаи сифатан нав саъю кӯшиш намекунад, идеологияи худ - бозгашт ба системаи иҷтимоии сифатии мавҷударо ба намоиш мегузорад. Экстремизм кӯшиш мекунад, ки системаи иҷтимоии амалкунандаро хароб карда, бад-ин восита саргумию бетартибиҳоро дар ҷомеа ба вуҷуд оварад. Мавҷудияти ин ё он қонунҳои иҷтимоии ҷомеаро инкор карда, экстремизм барои аз нав ташкил кардани ғояҳои пешина кӯшиш менамояд. Бахусус ин идеологияи онҳо ба экстремизми динии муосир дахл дорад, ки он ақидаи бозгашт ба «исломи пок» ро ба миён гузошта, мақсадҳои идеологӣ ва сиёсии ба вайронкунӣ ва аз байн бурдани ҷомеаро пайгирӣ мекунад. Тағйир додани яке аз ҷузъиёти сохтори маънавии ҷомеа дар шакли экстремизм ба тағйироти худи система оварда мерасонад; ин раванд яклаҳзаина маҳсуб намеёбад; дигаргуниҳои системаи иҷтимоӣ мунтазам ғун мешаванд ва ниҳоят, ба вайрон шудани худи система мерасонад. Системаи иҷтимоӣ дар шаклу сифати аввалааш аз кор мемонад. Барои экстремизм тарҳи хос нигаҳдории саргумии иҷтимоӣ, бенизомӣ дар ҷомеа ба шумор меравад. Маҳз дар чунин шароити иҷтимоӣ- сиёсӣ экстремизм арзи вуҷуд мекунад ва рушд меёбад.

Экстремизм дар муҳите пайдо мешавад, ки дар он ҷо ҳиссиёту ҳаяҷон, ҷунунӣ, дарки эҳсоси баланд ҳукмфармост ё барзиёдастист ё баръакс, ҳиссиёт ҳаяҷон коҳиш ёфтааст ё умуман вуҷуд надорад. Аммо дар ин маврид набояд фаромӯш кард, на ҳамаи амалҳои ниҳоиро экстремизм гуфтан мумкин аст: экстремизм системаи нуқтаи назар ва амалҳоест, ки ба меъёрҳои муайян, арзишҳо ва сохту самтҳо оид ба вайронкориҳо ва барҳам задани ин ё он яклухтӣ ва айният асос ёфтааст, зимнан бад-ин тариқ, ки шакли нави мавҷудияти он ҳамчун идомаи сохти куҳна пазируфта намешавад.

Экстремизм ҳамеша зуҳуроти зӯроварӣ ва таҷовуз ба шумор меравад, ки шаклҳои ниҳоии шуури инсоният арзёбӣ мешавад.

Шубҳаовар аст, ки экстремизм дар хунгармии модарзодӣ, табиӣ-биологӣ ва азалии инсон дар муборизаи ӯ барои зинда мондан асос ёфта бошад. Баъзан ба намоишҳои оммавие, ки экстремистон ташкил карда, боиси бетартибиҳо мегарданд, нигариста, ба хулосае омадан мумкин аст, ки ин ҳама хунгармиҳо, дарвоқеъ, қаҳру ғазаби ҳайвониро ба хотир меоранд. Аммо бешубҳа, дар чунин мавридҳо қонуни тӯда амал мекунад, қонуне, ки дар равонишиносии иҷтимоӣ хеле хуб мавриди омӯзиш қарор гирифтааст; аз рӯи мазмуну муҳтаво аз паси ҳама гуна зуҳуроти экстремистӣ сабабҳои муайяни иҷтимоӣ ниҳонанд; пеш аз ҳама сабабҳои марбут ба интихоби стратегияи рушди иҷтимоӣ ва дар робита бо он мубориза барои ҳокимият- яъне, бо ҳар роҳу воситае, ки набошад, ҳокимиятро бояд ба даст овард.

Дар хулоса метавон гуфт, экстремизм – ин зуҳуроти иҷтимоист, ки дар ҷомеа аз даврaҳои қадим инҷониб арзи вуҷуд мекунад. Экстремизм бо зӯроварӣ алоқаманд аст; бо воситаҳои зӯрӣ бор кардани идеологияи худ ба дигарон, зӯран афкандани хулқу рафтори як гурӯҳи иҷтимоӣ ба дигар гурӯҳи иҷтимоӣ. Ба экстремизм баҳои ягонаи ё таърифи муайян додан мумкин нест, зеро ин зуҳурот мухталиф аст, дорои шаклҳо ва намудҳои мухталифи пайдошавӣ дорад. Аз ин рӯ, дар шуури омма ҳамчун зуҳуроти яклухти оммавӣ пазируфта нашудааст, ба тафсилоту таснифоти дақиқ эҳтиёҷ дорад, зеро ҳамаи шаклҳои пайдошавии он хусусияти ягонаи таҳрибкориро дорост.

Ҳамин тариқ, амалҳои экстремистӣ самараи ҳолатҳои ниҳоии экстремалӣ, қабл аз ҳама азҳадгузарониҳо ё норасоиҳо ба шумор мераванд. Барои ба амал омадани зӯроварӣ норозигиҳо, маҳз талаботи иҷтимоӣ, нигоҳ доштани эътибору нуфуз, мақом, худсобиткунӣ, эҷодиёт нақши муҳим мебозанд. Агар талаботи қонеънашудаи моддӣ ба мубориза баҳри ҳаёт бархезонад, пас, талаботи қонеънашудаи иҷтимоӣ ба фавқулмубориза баҳри фавқулҳаёт бурда мерасонад. Пас, «ҳиссиёти манфӣ, ки дар заминаи талаботи

қонеъншудаи иҷтимоӣ ба вуҷуд омадааст, чун қоида, ҷунунӣ ва ваҳшоният аст».

Ҳама гуна экстремизм, ҳамчун зуҳуроти хоси иҷтимоӣ бевосита ба шуури оммавӣ нигаронида шуда, ба ҳайси он тартиботи иҷтимоии хоси экстремистӣ арзи вуҷуд мекунад, ки ба қоидаҳои аз ҷониби умум эътирофгардида муқобил гузошта шудааст. Аммо чунин тартиботи ба таври муназзам ба расмият даровардаи экстремизм аллакай барвақт ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеаро ба оқибатҳои комилан фавқулодда манфӣ маҳкум менамояд, ки ҳолати мазкур дахолати фаврии тамоми ҷомеа ва давлатро тақозо менамояд.

Андозаи экстремизмро фақат дар сатҳи яке аз ҷузъиёти фаъолияти экстремистӣ муайян кардан мумкин нест. Боз як ҷузъиёт – идеологияи экстремистиро бояд ба ҳисоб гирифт. Экстремизмро аз ҷиҳати назариявӣ боодабона фақат чунин амалиёт маънидод кардан мумкин аст, ки на фақат сифатан аз амалҳои мӯътали зиддиинсонии дараҷаи ниҳоӣ фарқ мекунад, балки он амалҳоест, ки дар замина ва ба хотири ғояҳои муайяни экстремистӣ содир мешаванд. Экстремизми ҳақиқӣ фаолият, ғояҳои ба рағбатоваранда маҳсуб меёбад.

§1.2. НАМУДҲО ВА ШАКЛҲОИ ЗУҲУРОТИ ЭКСТРЕМИЗМ ДАР ҲАЁТИ ИҶТИМОИИ ҶОМЕАИ МУОСИР

Он замон Тоҷикистон ба ҳамаи он ҳодисаҳои фоҷиаборе, ки имрӯзҳо дар Ироқу Сурия, Яману Афғонистон мушоҳида мешаванд, рӯ ба рӯ шуда буд. Ҳадафу нақшаҳои пасипардагиву ғаразноки саркардаҳои аслии он амалҳои харобиовар ва хоҷагону сарпарастони онҳо, ки аз ғояҳои ифротгароӣ ва террористӣ сарчашма мегирифтанд, бо роҳи зӯрӣ ва қатлу куштор ба сари мардум таҳмил кардани фарҳанги бегонаву тафаккури асримиёнагӣ ва дар Тоҷикистон таъсис додани давлати исломӣ буд.

Эмомалӣ Раҳмон

Экстремизм таърихи куҳан дорад. Дар таърихи ҷомеаи инсонӣ намудҳо ва шаклҳои мухталифи зуҳуроти он вомехӯранд; ин зуҳурот ба шароитҳои ба худ хоси иҷтимоӣ - сиёсии ҷомеа, сабабиятҳои махсуси иҷтимоӣ асос ёфтаанд, ки боиси пайдоиши ин ё он шакли экстремизм мегарданд. Экстремизм маҳсули рушди ҷомеа, оқибатҳои манфии равандаҳои иҷтимоӣ

ба шумор меравад. Экстремизм худ раванди иҷтимоист, ки ихтилофоти воқеии иҷтимоӣ - сиёсии дар ҷомеа бавуҷудомадаро инъикос менамояд.

Нахустин ҳаракатҳои динӣ-сиёсӣ дар Ислом пас аз фавти Паёмбар Муҳаммад, вақте ки мубориза барои мероси сиёсӣ ва динии ҳукумат оғоз ёфт, пайдо шуд. Назар ба ақидаи муҳаққиқи рус И. П. Петрушевский, ҳаракатҳои радикалӣ ва динии экстремистӣ дар асри Миёнаи ислом ҳангоми ҳукмронии Аббосиён арзи вуҷуд намуданд[33]. Муҳаққиқони дигар чунин мешуморанд, ки ин ҳаракатҳо баъди вафоти халифа Умар ба вуҷуд омаданд[34]. Аммо ба мо нуқтаи назари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон наздиктар аст; Раҳбари давлат собит менамояд, ки нахустин равияҳои динӣ- сиёсӣ ва экстремистӣ дар ислом дар давраи ҳукмронии сулолаи Уммавиён пайдо шудаанд[35]. Равияи аз ҳама машҳури ин давра хавориҷиён, хуррамиён ва қарматиён ба шумор мерафтанд. Омӯзиши вазъи асосии ақоиди қарматиён ба аксар муҳаққиқон имкон дод, ки ин равияро ҳамчун равияи «инқилобгар» ва ҳатто «сотсиалистӣ» маънидод намоянд, ки ҳадафи он барҳам додани истисмори одам аз тарафи одам маҳсуб меёфт[36].

Абдул Карим Хадидҷа як қатор лаҳзаҳои барои замони худ мусбии таълимоти қарматиҳоро, ки дар заминаи ҷабру зулми доимоафзояндаи халифаҳои аббосӣ ҷолиб менамоянд, зикр намудаст. Бисёр муаллифони давраи асримиёнагӣ изҳор доштаанд, ки қарматиён барои расидан ба ҳадафҳои худ дар муқобили ҳамаи он хунрезиҳо ва ғоратгариҳои оммавӣ, ба корвонҳои тоҷирон ва ҳоҷиён ҳамлаҳо меовардаанд. Меъёрҳои динӣ ва ақидаҳои ахлоқу одоби қарматиҳо ба талаботи асосии ислом ошкоро муқобил меистоданд. Мисоли равшани ин дар он ҳодисаи машҳури таърихӣ- ҳамлаи густохонае инъикос ёфтааст, ки нисбат ба одамони бепуштупаноҳ содир намудаанд.

[33]Петрущевский И.П. Ислам в Иране в VII –XV вв Ленинград. 1966-С.277.
[34]Элиаде М. Словарь религий, обрядов и верований. М., Университетская книга 1997-С.175.
[35]Эмомали Рахмон. Имоми Аъзам: рузгор, осор ва афкор.-Душанбе: ЭР-граф, 2009-С.22.
[36]Абдель Карим Хадиджа. Религиозное и идеологические течение в исламе в средние века. Дис…д-ра ист. наук. СПб, 2004-С.15.

Хавориҷиён (аз арабӣ خوارج /хаворич/ (хориҷшудагон, тарккардагон) дар таърихи Ислом аввалин гурӯҳи динӣ - экстремистии аз қисмати асосии мусулмонон (сунниҳо) ҷудошуда ба шумор меравад. Ин гурӯҳ баъди ҷанги Сиффин дар соли 657, дар давраи мубориза барои ҳокимият байни халифа Алӣ ибни Толиб ва Муовия ташкил ёфт[37]. Нахустин сафи хавориҷиёнро 12 ҳазор сарбозон аз артиши Алӣ ташкил доданд, ки онҳо пас аз бастани аҳдномаи сулҳу оштӣ бо Муовия ошӯб бардоштанд. Онҳо вориди шаҳри Басра гашта, дар ин ҷо қароргоҳи ҳарбии худро созмон доданд ва пайи ҳам ба шаҳрҳои ҷонибдорони халифа ҳамлаҳо меоварданд[38]. Дар баробари ин, хавориҷиён ба нахустин бидъат дар Ислом замина гузоштанд. Ақоиди хавориҷиён тайи солҳои минбаъда аз ҷониби бисёр гурӯҳҳои динӣ-экстремистӣ дастгирӣ ёфт ва ин ақидаҳо то ҳанӯз фаъолона мавриди татбиқ қарор мегиранд.

Дар шароити кунунӣ дар байни исломшиносон ва муҳаққиқони исломи сиёсӣ дар ҷаҳон оид ба мавҷудияти экстремизм, терроризм ё фундаментализми исломӣ мунозирҳои илмӣ сурат мегиранд. Метавон гуфт, рисолаҳои илмӣ ва монографияҳое ба қалам дода шудаанд, ки ба проблемаҳои радикализм ва экстремизми исломӣ баҳои муносиб ва воқеӣ додаанд. Истилоҳоти радикализм ва экстремизми исломӣ, ба ақидаи аксар олимон, бофта, сунъӣ ва бидуни ҳақиқат арзёбӣ мешавад[39]. Назар ба ақидаи мо чунин масъалагузорӣ қобили қабул нест. муҳаққиқоне ба майдон омадаанд, ки экстремизми исломиро ғаразнок ва аз рӯйи хусумат мавриди тадқиқ қарор медиҳанд. Бархе аз онҳо чунин мешуморанд, ки экстремизм маҳз хоси ислом буда, истифодаи мафҳуми «экстремизми исломӣ» дуруст аст[40].

---

[37]Эмомали Рахмон. Имоми Аъзам: рузгор, осор ва афкор.-Душанбе, 2009-С.22.
[38]Абу аль-Фатх Мухаммад ибн Абд аль-Карим аш-Шахристани, в книге «аль-Милаль уа ан-нихаль». http://ru.wikipedia.org
[39]Игнатенко А.А. Ислам и Политика. сб. статей. Институт религии и политики. М.:2004-С.30-31.
[40]Резникова А.В. Структурные и динамические характеристики современного религиозного экстремизма (роль исламского фактора в северокавказком регионе). Дис…канд соц наук. Ростов-н/Д. 2005.

Ба ақидаи А. Игнатенко, экстремизми динӣ, ва ҳатто экстремизми исломӣ вуҷуд надорад ва ӯ пешниҳод мекунад, ки ин гурӯҳҳо фирқаҳои динӣ ё исломӣ ном бурда шаванд. Ихтилофоти (ифтироқи) мазҳабӣ ва ин ҳолатҳоро аз сар гузаронидани мусулмонҳо, то худи рӯзи охират, яке аз муҳимтарин ҷанбаъҳои таълимоти мазҳаби сунниҳоро ташкил медиҳад. То имрӯз раванди ихтилофоти мазҳабӣ, ки маънии «ифтироқ»-ро ифода мекунад, идома дорад[41]. Чунин ҳадисҳои Паёмбари ислом Муҳаммадро ёдовар шудан ба маврид аст, ки мегӯяд: «Сар бизанед, ҳар он касеро, ки ба дини худ хиёнат мекунад». Ба ақидаи А. Игнатенко, дар асоси ҳамин ва дигар иқтибосҳо Исломро дини экстремистӣ номидан мумкин нест, ки гуё пайравони худро ба зӯроварӣ тарғиб мекунад[42]. А. Игнатенко чунин мешуморад, ки экстремизми исломӣ вуҷуд надорад, балки танҳо гурӯҳҳои иҷтимоие арзи вуҷуд мекунанд, ки манфиатҳои маҳдуди сиёсиашонро таҳти шиори экстремизми исломӣ амалӣ мегардонанд. Баъзе ҳаракатҳое мавҷуданд, ки дарвоқеъ, аз рӯйи моҳияти худ ғайримусулмониву ғайридинӣ буда, аммо дар зери ниқоби ислом, таҳти ливои ислом баромад мекунанд.

Ҳамин ақидаро муҳаққиқи рус Р. Г. Абдулатифов ҷонибдорӣ менамояд. Вай аз ҷумла собит месозад, ки экстремизми исломӣ дар Ислом арзи вуҷуд надорад: «Экстремизм дар ислом, ҳамчун дар дини насронӣ ва дар дигар дину ғояҳо, ин шакли ниҳоии, дурӯғбофӣ, таасубгароӣ, шакли зуҳурот ва тасдиқи меъёрҳои динӣ-ҳуқуқӣ, кӯшиши таҷовузкорона, зӯран собит сохтани афзалиятнокии ғояҳои худ маҳсуб меёбад. Чунин зуҳурот дур шудан аз дин ва гузариш ба сиёсат аст»[43]. Ба ақидаи мо, дарвоқеъ, имрӯз дар ҷаҳон, бахусус дар Тоҷикистон, гурӯҳҳое пайдо шудаанд, ки дар зери ниқоби ислом таълимоти онро ба мақсадҳои ғаразноки сиёсӣ истифода мебаранд. Таҳлилҳои гузаронидаи муҳаққиқони дар боло номбурда нишон медиҳанд, ки ислом - ин дини башардӯст мебошад. Мафҳуми «экстремизми исломӣ»,

[41]Игнатенко А.А. Религия и глобализация на просторах Евразии. М.,2005-С.184-187.
[42]Игнатенко А.А. Религия и глобализация на просторах Евразии. М.,2005-С.184-187.
[43]Абдулатипов Р.Г. Судьбы ислама в истории России: история и перспективы. М.: Мысль, 2002-С.281., Диалог цивилизации: базовые концепты, идей, технологии: Бейрут-Нижний Новгород, 2006-С.34.

моҳиятан, вуҷуд надорад, балки мазҳабҳо, ташкилотҳои динӣ-сиёсие арзи вуҷуд доранд, ки исломро ҳамчун аслиҳаи ғоявӣ бар зидди ҷомеа ва давлатҳои дунявӣ истифода мебаранд.

«Экстремизми исломӣ» истилоҳи хеле субъективист. Гуфтан мумкин аст, ки ҳатто таърифи умумиэътирофшудаи экстремизм вуҷуд надорад иброз менамояд муҳаққиқи «хориқа»- и мазкур – олими рус А. Коровиков[44]. Дар маҷмӯъ, муаллифи номбурда дар монографияи худ далели мавҷудияти экстремизми исломиро эътироф менамояд ва мафҳумҳои эктремизм, фундаментализм, терроризми исломӣ ва асосҳои ғоявии онҳоро мавриди тадқиқот қарор медиҳад.

Тавсифоти воқеии экстремизми исломӣ, ба ақидаи мо, дар монографияи И. П. Добаев оварда шудааст. Муаллиф зикр мекунад, ки «ҳангоми баррасии мундариҷаи мафҳумҳои «радикализми исломӣ», «экстремизми исломӣ» ва «терроризми исломӣ» онро ба назар гирифтан зарур аст, ки мафҳумҳои мазкур аллакай ҳамчун мафҳумҳои истифодашаванда дар илмҳои иҷтимоӣ – гуманитарии Ғарб ва ватанӣ қабул шудаанд. Дар ин ҷо ба мо тавзеҳоти ҷиддиро барои ҳамаи дигар муҳокимаҳо ба миён гузоштан лозим аст: объекти тадқиқот, балки бештар аз он, мавзӯи тадқиқоти мо на худи дини яккапарастии ҷаҳонии Ислом, балки фақат равияҳои экстремистӣ ва радикалии он маҳсуб меёбанд[45]. Муҳаққиқи қазоқ Е. Тукумов собит месозад, ки «дар байни фарқияти исми «ислом» ва сифати «исломӣ» бояд нишонаҳои амиқ гузошт. Ислом набояд бо экстремизм ва терроризм як дониста шавад»[46]. Дар ин масъала нуқтаи назари мо қисман бо нуқтаи назари муҳаққиқони дар боло номбурда мувофиқат мекунад.

Мо чунин мешуморем, ки экстремизми исломӣ вуҷуд надорад, зеро ислом – ҷисми яклухтест, ки андаруни он равияҳо ва ташкилотҳои мухталифи сиёсӣ, мӯътадил ва экстремистӣ ҷойгир шудаанд, ки ҳар яке

[44]Коровиков А.В. Исламский экстремизм в арабских странах. М.: Наука, 1990-С.7.
[45]Добаев И.П. Исламский радикализм: социально-философский анализ. Ростов-н/Д, 2002-С.10.
[46]Тукумов Е.В. Религиозно-политический экстремизм как угроза региональной и национальной безопасности стран Центральной Азии. Дис…канд.полит. наук. Алматы 2004.

дорои ҳадафҳои худ мебошанд. Аммо аз ҷониби дигар, мо бовар дорем, ҳастанд гурӯҳҳои мухталифи динӣ-экстремистӣ, ки ниқоби исломро ба рӯй кашида, ин дини мубинро ба мақсадҳои сиёсӣ ва ғоявӣ истифода мебаранд. Мутаносибан мо онро эътироф менамоем, ки экстремизми динӣ, ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ вуҷуд дорад ва ҳамаи динҳо – насронӣ, яҳудӣ ва ислом аз ин намуди зуҳуроти иҷтимоӣ эмин нестанд. Ин гурӯҳҳоро ба он ғояҳои исломие мансуб донистан мумкин аст, ки ба исломи радикалӣ асос ёфтаанд.

Исломшинос М. Гюидер дар мақолаи худ «Таърихи навтарини баҳори араб» собит месозад, ки «ислом - на дин, балки системаи ғояҳо ва эътиқоди динист, ки барои ҳадафҳо ва худмуайянкунии сиёсӣ мавриди истифода қарор мегирад». М. Гюидер се намуди пайравони исломро ҷудо мекунад: якум, исломи халқӣ, ки ба идоракунии соҳаҳои хусусӣ нигаронида шудааст; дуюм, исломи сиёсӣ, ки барои навсозиҳои ҷомеа кӯшиш менамояд; ва ниҳоят, исломи ҷиҳодӣ, ки фаъолияти он ба муносибатҳои байналмилалӣ асос ёфтааст. Исломи ҷиҳодӣ таваҷҷуҳи асосиро ба муносибатҳои иқтисодӣ ва сиёсии байни мусулмонон ва кишварҳои мусулмон равона мекунад. Ҳадафи он – барқарор намудани чунин сохти давлатии давраи асримиёнагист, ҳамчун хилофат, ки усулҳои панисломизм ва яккаҳукмрониро мавриди истифода қарор медиҳад[47].

Дар адабиёти иҷтимоӣ- сиёсӣ бисёр шаклҳо ва намудҳои экстремизм зикр шудаанд. Экстремизм аксар вақт фақат бо шаклҳои сиёсӣ, ё динии он муайян мегардад, аммо дигар шаклҳои зиёди тафаккур ва рафторҳои ғайриодии экстремистӣ арзи вуҷуд мекунанд, ки аксари онҳо, чун қоида, хеле кам бо ҳамин маъниҳо эътироф карда мешаванд. Ба ин зуҳуроти ҳамарӯзаи навъи шаҳватпарастӣ (сексизм), фарҳанги мутлақи ҷавонон (субъкултур), ҷаҳони ҷиноӣ, пешоҳангони бадеӣ ё ғояҳои радикалии фалсафӣ мисол шуда метавонанд[48].

[47]Guidere M. Histoire immediate du «printems arabe». – Debat. P., 2012. – № 168. – P. 129–145. Источник http://nvo.ng.ru/realty/2014-01-24/10_jihad.html (дата обращение к сайту 5.06.2014).
[48]Красиков В.И. Экстремизм: паттерны и формы.-М.: Водолей, 2009-С.6.

Дар байни олимоне, ки ба омӯзиши проблемаҳои экстремизми динӣ машғуланд, таснифоти навъи махсуси экстремизми динӣ паҳн гаштааст. Ин проблема бахусус аз ҷониби гурӯҳи олимони Руссия дар монографияи зери таҳрири Н. З. Сафаралиев хеле хуб таҳия гардидааст. Дар ин монография таснифоти чунин намудҳо ва шаклҳои экстремизм оварда шудааст:

1. **Байнимазҳабӣ.** Бар зидди намояндагони дигар мазҳабҳои динӣ нигаронида шудааст. (Масалан, мубориза дар байни гурӯҳҳои динии экстремистии ислом, ҳинду ва сикхҳо дар Ҳиндустон).

2. **Дохилимазҳабӣ.** Ба муқобили он ҷонибдорони яккахудоӣ, ки дар доираи як мазҳаб ба дигар равияҳо ё мазҳабҳо мансубанд. (Масалан, гурӯҳҳои экстремистии суннӣ, ки бар зидди аҳолии шиа амал мекунанд ё ташкилоти экстремистии яҳудӣ, ки дар Фаластин фаъолият менамояд). Ба намуди охирини экстремизм ҳамчунин муборизаи табақаҳои поёнии диниро алайҳи пешвоёни расмии динӣ ва умуман, ашрофони расмии динӣ мансуб донистан мумкин аст.

3.**Зиддимодернизатсионӣ.** Ба муқобили қабули системаи арзишҳои байналмилалии дунявӣ, динӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба ғояҳо ва меъёрҳои анъанавии динӣ мухолифанд, нигаронида шудааст. Ин намуди экстремизм бахусус барои кишварҳои исломӣ (Эрон, Афғонистон, Судон) хос аст.

4. **Экстремизми динӣ-сиёсии зиддисистемавӣ** (ба маънои маҳдуди он). Алайҳи ғояҳои сохти дунявие нигаронида шудааст, ки ташкилотҳои диниро ба ҳайси мақоми қонунии қувваҳои сиёсӣ эътироф намекунанд. (Алҷазоир, қисман Ӯзбекистон, Туркия).

5. **Экстремизми динӣ-сиёсии байналмилалӣ**. Бар зидди давлатҳо ва ҳукуматҳои беруна, ҳамчунин алайҳи ташкилотҳои байналмилалӣ нигаронида шудааст. (Ал-Қоида ва дигар ташкилотҳои ба ҳамин монанди сиёсатмадори динӣ).

Аломати нисбатан муҳими муайянкунанда барои таснифоти шаклҳои мухталифи экстремизм, дар маҷмӯъ, субъекти фаъолияти экстремистӣ ба шумор меравад. Намудҳои асосии экстремизми байнидавлатӣ метавонанд дар

чунин фаъолиятҳо зоҳир шаванд: 1). шахсиятҳои алоҳида; 2). гурӯҳҳои нисбатан калон ё хурди иҷтимоӣ; 3). дар амалҳои бузург ва аз ҳад бузурги оммавии одамон. Мутаносибан, аз рӯйи тавсифоти миқдории субъектҳои фаъолият мо экстремизми *индивидуалӣ, гурӯҳӣ ва оммавиро* фарқ мекунем. Экстремизми гурӯҳӣ ва экстремизми оммавӣ, ғайр аз ин, метавонанд ҳам хусусияти беихтиёрона, номуташаккил (масалан, амали тӯдаи кӯчагӣ) ва ҳам хусусияти қисман ё пурра муташаккилӣ дошта бошанд. Тайи солҳои охир чунин рисолаҳои илмӣ нашр шуданд, ки дар онҳо на фақат, экстремизми динӣ, балки экстремизми динӣ-сиёсӣ низ мавриди тадқиқот қарор гирифт[49]. Хусусияти зуҳуроти экстремизми динӣ дар Тоҷикистон омезиши он бо сиёсат, яъне, экстремизми динӣ-сиёсӣ ба шумор меравад. Дар ҷаҳони имрӯзаи ҷаҳонишавӣ шакли аз ҳама хавфноки экстремизм - экстремизми динист.

Экстремизми динӣ – қатъиян эътироф накардани таълимоти динҳои дигар, муносибат ва рафтори оштинопазир ба эътиқодмандони дигар дину мазҳабҳо, тарғиботи мустаҳкамӣ, «ҳаққонияти»-и як таълимоти динӣ; майлу кӯшиш ба решакан кардан ва аз байн бурдани намояндагони динҳои ғайр, то ҳадди қатлу куштори онҳо (аз рӯи асосноккуниҳо ва худсафедкуниҳои шаръӣ).

Истилоҳи экстремизми диниро олимони соҳа ҳангоми тавсифи амалҳои мутақобила аз ҷониби гурӯҳҳои алоҳидаи диндорон мавриди истифода қарор медиҳанд. Дар зери мафҳуми экстремизми динӣ зуҳуроти иҷтимое маънидод мешавад, ки дар шаклҳои зерини робитаҳои байниҳамдигарӣ мавҷуданд:

- шуури динӣ (ҷомеаӣ ва фардӣ), ки ба он чунин нишонаҳо хос мебошанд: аломатҳои рукут ва муболиғаи арзишҳои муайян оид ба маҷмӯи идеологияи динӣ бар зиёни ҳамаи идеологияҳои дигари динӣ ва дунявӣ;

- идеологияи динӣ (доктринаи динӣ), ки хусусиятҳои зеринро ифода мекунад: худсарона ҳақ шуморидани шарҳи ягонаи проблемаҳои ҷаҳон ва

[49]Нуруллаев А.А., Нураллаев А.А. Религиозно-политический экстремизм//вестник Российского университета дружбы народов.–сер.: Политология.-2003.-№4-С.83-92.

пешниҳоди воситаҳои ягонаи ҳалли онҳо, ҳатман ба «хуб» ва «бад» ҷудо кардани ҳамаи зуҳуроти иҷтимоӣ, мутлақо афзалиятнок донистани яке аз ҷанбаъҳои зиндагӣ, бар зиёни ҳамаи боқимондагон;

- фаъолият оид ба татбиқи ақоиди (доктринаи) динӣ, ки ҳақиқати ягона эълон карда шудааст. Шаклҳои ташкилӣ оид ба мавҷудияти ақидаҳои динӣ, аз ҷумла, ташкилоти динӣ-экстремистӣ (фирқаҳои тоталитарӣ)[50].

Тамоюлоти афзоиши экстремизми динӣ аз бисёр ҷиҳат, чуноне ки дар боло зикр кардем, ба мухолифатҳои байниҳамдигарӣ, ба мисли байни мазҳабҳо, динҳо, афзоиши дахолати дигар давлатҳо ба онҳо асос ёфтааст. Бисёр муҳаққиқони бо масъалаи мазкур машғул буда, дар он ақидаанд, ки паҳнкунандагони асосии экстремизми динӣ намояндагони динҳо ғайриортодоксалӣ ва фирқаҳо мебошанд[51]. Мисоли равшани экстремизми динӣ, терроризми динии дар кишварҳои Фаластин, Сурия, Ироқ, Тоҷикистон ва Қафқози Шимолии Федератсияи Руссия амалкунанда буда метавонанд.

Муҳаққиқи рус Т. Н. Заброда дар рисолаи диссертатсионии худ экстремизми фирқавиро ҷудо мекунад. Экстремизми фирқавӣ яке аз шаклҳои аз ҳама хавфноки экстремизми динӣ маҳсуб меёбад. Бо сабаби он, ки дараҷаи оштинопазирии ҷонибдорони чунин намуди экстремизм метавонад то ҳадди ниҳоӣ рафта расад, назорат оид ба фаъолияти он душвор аст[52]. Намунаи равшани чунин шакли экстремизм, масалан, ваҳҳобияи араб ё салафия ба шумор мераванд, ки дар аксар кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон паҳн гаштаанд.

Экстремизми динӣ дар намуди ошкоро арзи вуҷуд надорад; зуҳуроти экстремизми диниро метавон аз рӯи ин тавсифот маълум намуд:

- Аввалан, бозгашт ба сарчашмаҳои исломи шаффоф, рӯ овардан ба шаклҳои нахустину софи исломро пешбинӣ мекунад, ки онҳо намунаи

[50]Герасименко Е.В. Экстремизм: понятие, социально-экономические, политические и исторические причины явления, тенденции его развития: Лекция-Домодедово: ВИПК МВД России, 2008-С.11.
[51]Герасименко Е.В. Экстремизм: понятие, социально-экономические, политические и исторические причины явления, тенденции его развития: Лекция-Домодедово: ВИПК МВД России, 2008-С.12.
[52] Заброда Т.Н. Ислам в контексте религиозно-политического экстремизма: философско – религиоведческий анализ. Дис…канд. филос. наук. Ростов-н/Д., 2007-С.27.

комили сохтори иҷтимоии муайянро ташкил дода буданд. Маҳз ҷанговарӣ, фидокории зоҳидона, амалиёти пинҳонии ин шакли экстремизм ҳушу ёди ҷавононро ба худ мекашад;

- Дуюм, ба пайдоиши экстремизми динӣ баъзе нишонаҳои зоҳирии замони муосир боис мешаванд, масалан, ҷудоии шахсият аз давлат, ки онро ҳамчун буҳрони амиқи рӯҳӣ - ғоявӣ арзёбӣ кардан мумкин аст. Яъне, чунин давлат (ҳукумат) нуфузи пештараи худро нигоҳ дошта натавониста, умеду боварии шаҳрвандон аз даст додааст.

Чунин сабабҳо, дар маҷмӯъ, барои ташкили гурӯҳҳои экстремистие заминаҳои мусоид фароҳам меоварад, ки онҳо сарварони идеологӣ ва сиёсии худро пешниҳод менамоянд, ки одатан дониши кофии динӣ надоранд, аммо дар асоси талаботҳои исломӣ оид ба ҳаққоният ва зарурати амалҳои экстремистӣ изҳори ақида менамоянд. Аз ин рӯ, ин сарварон барои маҷбур кардани ҷонибдоронашон ба қабули ақидаҳои худ дучори мушкилот намешаванд, зеро тарафдорони онҳо ин ақидаҳоро қисми ҷудонашавандаи дини ҳақиқӣ баррасӣ менамоянд. Ҳамин тавр, экстремизми динӣ дар доираи шуури ҷомеаӣ, психологияи ҷомеаӣ, ахлоқ, идеологияи ҷомеаӣ, ҳамчунин дар муносибатҳои байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ паҳн мегардад.

Бархе аз олимон ҳамзамон экстремизми динӣ- сиёсиро ҳамчун сохти махсуси экстремизми динӣ номбар мекунанд. Сиёсатшиносон А. А. Нуруллоев, Ал. А. Нуруллоева собит месозанд, ки дар баробари экстремизми динӣ, экологӣ, маънавӣ, бахусус экстремизми динӣ - сиёсиро зикр кардан зарур аст: «Фаъолияти пинҳонии динӣ- экстремистӣ, ки ба мақсадҳои зерин нигаронида шудааст: «зӯран тағйир додани сохти давлатдорӣ ё зӯран ғасб кардани ҳокимият, халадор намудани мустақилият ва яклухтии давлат, ташкили амалиёти ғайриқонунии мусаллаҳона, барангехтани душманӣ ва кину адовати динӣ ё миллӣ»[53]. Ошкор намудани ҳадафҳои сиёсӣ барои шинохтани экстремизми динӣ-сиёсӣ аз экстремизми динӣ имкон медиҳад,

[53]Нуруллаев А.А., Нураллаев АЛ.А. Религиозно-политический экстремизм//вестник Российского университета дружбы народов.–сер.: Политология.-2003.-№4-С.83-92.

яъне, фаъолияти экстремизми динӣ, аслан, дар соҳаи дин зуҳур ёфта, дар пеши худ мақсадҳои сиёсии дар боло зикршударо намегузорад. Аммо ин фикр баҳснок аст, чунки ба ақидаи мо мақсади ниҳоии пайравони экстремизми динӣ ҳам ғасби ҳокимият мебошад. Фарқият дар он аст, ки идеологони экстремизми динӣ мақсади соҳиб шудан ба ҳокимиятро тавасути дин ё мазҳаб амалӣ менамоянд.

Барои таснифи экстремизми динӣ ва омӯзиши ҳамаҷонибаи ин хориқа муҳаққиқи рус В.А. Бурковская саҳми муайян гузошт. Аз ҷумла, аз ҷониби вай экстремизми ҷиноятии динӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифт. В.А. Бурковская дар рисолаи диссертатсионии худ оид ба экстремизми ҷиноятии динӣ нуқтаи назари муаллифияшро пешниҳод намуд. Ба ақидаи вай, дар зери мафҳуми экстремизми ҷиноятии динӣ маъниҳои зерин ифода ёфтаанд: маҷмӯи яклухти (системаи) ҳамчун ҷиноят эътирофшуда; амалҳои ба ҷомеа хавфнок, амалҳое, ки ба ташаккул ва бо ҳама гуна воситаҳо паҳн кардани идеологияи динӣ (маҷмӯи ғояҳои динӣ) равона гардидаанд; бар зиёни ҳамаи дигар динҳо ё ғояҳои дунявӣ худсарона ҳақ шуморидани ақидаҳои худ, ҳамчунин татбиқ намудани ин ғояҳо тариқи ҷиноятқорӣ- зӯроварӣ ва ҷазо[54].

Экстремизми динӣ ҳамчун нияти расидан ба ҳадди ниҳои, инкори тартиботи иҷтимоӣ ва сиёсӣ, афзал шумурдани шууру ҷаҳонбинии худ, хоси ҳамаи динҳост. Дар таълимоти динҳои Насронӣ ва Буддоия баъзе канораҷӯиҳо аз ҳаёти сиёсӣ дида мешавад; таълимоти дини ислом ва конфутсия бошад, зиёдтар тамоюли сиёсӣ доранд. Дар ин ҷода кӯшиши ғайрисиёсӣ намудани дини Ислом имконнопазир аст, чуноне ки дар ҷаҳони муосир ба мушоҳида мерасад. Маҳз дар ҳамин ифода меёбад - нақши муҳими дини мазкур дар равандҳои сиёсӣ, бо иштироки ташкилотҳои динӣ - сиёсии исломӣ ва инчунин ҳаракатҳои экстремистӣ - динӣ.

Метавон гуфт, ки дар шакли холис экстремизми динӣ, мазҳабӣ ё сиёсӣ вуҷуд надорад. «Экстремизми динӣ», ҳамчун хориқаи иҷтимоӣ- сиёсӣ

[54]Бурковская В.А. Криминальный религиозный экстремизм: уголовно-правовые и криминологические основы противодействия: Дис…д-ра. юрид. наук. М., 2006.

наметавонад танҳо динӣ бошад, агарчанде заминаҳои пайдоишии тамоюлоти қатъӣ дар таълимоти динӣ арзи вуҷуд дорад. Бешубҳа, ба таркиби он унсурҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ шомил мешаванд. «Дар ин маврид дин метавонад ва бояд фундаменталӣ бошад, яъне дин бояд дар раднопазирии решаи асли худ истодагарӣ намояд. Аммо дин набояд экстремистӣ (яъне, берун аз ҳадди худ) бошад. Бад-ин ҳол мерасонанд динро омилҳои бегона-ғайридинӣ. Дин мустақиман ё ғайримустақим бо сиёсат алоқаманд аст, ва ҳар қадаре, ки дин ба проблемаҳои иҷтимоӣ ғуттавар гардад, ба ҳамон дараҷа метавонад пойбанди сиёсат шавад.

Экстремизми сиёсӣ – ин нуқтаи назари ниҳоӣ нисбат ба системаи сиёсӣ, ташкили шаклҳои идоракунии давлатӣ, тарғиби воситаҳои зӯроварӣ ё ташаннуҷ оид ба барқароркунии шаклҳои қафомондаи ҳокимият, то ҳадди террори сиёсӣ: оштинопазирӣ, ҳисси бадбинӣ ба ҳизбҳои сиёсӣ ва мавқеи рақибон мебошад. Мафҳуми «экстремизми сиёсӣ» ба қатори чунин хориқаҳои мураккаби ҷомеаӣ шомил мешавад, ки ҳангоми муайян кардани онҳо ногузир ихтилофи ақидаҳо ба миён меояд.

Экстремизми сиёсӣ дар асрҳои Х1Х ва ХХ проблемаи ҷиддӣ маҳсуб меёфт. Ақидаҳое вуҷуд доранд, ки мувофиқи он экстремизми сиёсӣ зуҳуроти мутлақо табии ҷомеаи Ғарб дар марҳилаҳои охирини дараҷаи рушди индустриалӣ, бахусус дар арафаи гузариш ба ҷаҳони иттилоотӣ, ба шумор меравад. Тамоюли иҷтимоӣ – фалсафии экстремизми сиёсӣ, назар ба ақидаи муҳақиқи рус И. Л. Морозов, «аз тамоюлоти бадеӣ-фалсафӣ ва саҳнавӣ бо он фарқ мекунад, ки муаллифон кӯшиш менамоянд, нуқтаи назари худро ҳамчун категорияи дорои дастгоҳи истилоҳи ва методологӣ, бо системаи асоснок кардашуда ва исботи ҳаққонияти ақидаҳои худ пешниҳод намоянд»[55]. Бахусус зикр кардан зарур аст, ки доираи чунин намуди экстремизм ҳамчунин хеле шартист.

[55]Морозов И.Л. Политический экстремизм: особенности эволюции при переходе от индустриального общества к информационному: Волгоград, 2007-С.113.

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон аз муқовимати сиёсии байни ташкилотҳои сиёсӣ ва динӣ оғоз ёфт, ки тамоюли ҳар яке ба ҳимояи манфиати минтақаҳои кишвар равона карда шуда буд ва мо бо эътимод ба он ба ҳамчун экстремизми сиёсӣ баҳо медиҳем. Вазъи имрӯзаи сиёсии Тоҷикистон боиси чунин ташвишу изтироб шуда наметавонад.

Муҳаққиқи рус З. Дибиров дар хусуси мафҳуми васеъ ва маҳдуди экстремизми сиёсӣ изҳори ақида менамояд. Ба маънои маҳдуд экстремизми сиёсӣ – ин зуҳуроти манфист, ки дар чаҳорчӯбаи мубориза барои ҳокимият зоҳир мешавад. Дар маънои васеъ ба экстремизми сиёсӣ ҳама гуна зуҳуроти манфии иҷтимоиро метавон мансуб донист, ки дар ҷомеаи муосир ба бехатарии шахсият, ҷомеа ва давлат таҳдид менамояд[56]. Ба ақидаи Р. Абдулатифов, экстремизми сиёсӣ аз рӯи баъзе зуҳуроти худ истилоҳот, ғояҳои этникӣ ва диниро истифода мебарад[57]. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта ғояҳои миллатгароёна оид ба гурезагони арман мавриди истифода қарор гирифт, ки дар ниҳояти кор, ба сар задани муқовиматҳо то ҳадди низоъи доманадори байни мухолифини демокративу исломӣ ва ҷонибдорони ҳокимияти коммунистӣ боис гардид. Мавҷи ин раванд ба ҷанги шаҳрвандӣ табдил ёфт, ки дар он Ислом ҳамчун омили сиёсӣ нақши ҳалкунанда бозид.

Ҳамчунин экстремизми чапгаро ва ростро номбар мекунанд. Экстремизми чапгаро ғояҳои инқилобгарон, анархизмро ҳамчун иқтибос пазируфта, пайравони худро пешоҳангони собитқадам ва муҳофизони оммаи заҳматкаш, ҳамаи бенавоёну камбизоатон арзёбӣ мекунанд. Ҳадафи танқиди онҳо нобаробарии иҷтимоӣ, таҳқири шахсият, истисмори одам аз тарафи одам, расмиятпарастӣ дар ҷомеа маҳсуб меёбад, ки барои рафъи онҳо, экстремистони чапгаро омодаанд, ҳама гуна воситаҳо, то ҳадди намоишҳои

[56]Проблемы безопасности и противодействия терроризму. М.: Мцнмо 2010-С.55.
[57]Абдулатипов Р.Г. Судьбы ислама в истории России: история и перспективы.-М.: Мысль, 2002-С.280.

мусаллаҳонаро истифода баранд. Экстремистони чапгаро – инҳо анархистон, тротскичиён, маоистон ва ғ. мебошанд.

Экстремистони ростгаро ҷомеаи муосирро барои «бетартибӣ», «ҳукмронии сармоя», «коҳиш ёфтани ахлоқи инсонӣ», худбинию худпарастӣ», ва ғ. зери танқид мегиранд[58]. Экстремистони ростгароӣ ашаддӣ мутассил барои мубориза бо ташкилотҳои прогрессивии ҷомеаӣ ва арбобони сиёсӣ истифода бурда мешаванд. Метавон тахмин кард, ки аз рӯи ҳамин мавқеи худ, экстремизми онҳо бо радикализм, терроризм, нигилизм, инқилобчиён, доҳипарастон наздик аст.

Экстремизми миллатгароёна – ин ғояҳо ва амалҳои радикалӣ, ғайритаҳамули нисбат ба намояндагони халқиятҳо, миллатҳо, гурӯҳҳои этникист; кӯшишҳои аз ҷиҳати сиёсӣ ё ҷисман аз байн бурдани одамони «саркаш», таҷовузкорӣ дар шаклҳои ниҳоӣ, яъне терроризм нисбат ба шахсиятҳои гурӯҳҳои аз ҷиҳати этникӣ бегона. Бисёр муҳақиқон изҳор медоранд, ки дар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ миллатгароӣ якбора авҷ гирифт. Экстремизми миллатгароёна, дар мавқеи ҳимояи манифатҳои «миллати худ», ҳуқуқҳо, фарҳанг, забони ӯ ва ғ. баромад карда, ҳамин ҳуқуқҳои гурӯҳҳои дигари этникиро инкор мекунад.

Дар робита ба ин, ба маврид аст, рӯ ба таърих оварда, ба хотир оварем, ки чӣ гуна бо мушкилот ва ихтилофот дар афкори исломӣ мафҳуми «миллат» ғунҷоиш ёфт. Ба ақидаи А. Журавский, мафҳуми «миллат» пайдоиши хоса аврупоӣ дорад. Қуръон ва таълимоти Ислом ба миллатҳо ҷудо кардани одамонро намепазиранд, онҳоро мафҳуми ягона-Инсон – офаридаи Парвардигор бо ҳам муттаҳид менамояд. Мусулмонони тамоми ҷаҳонро, ба ҳар ҳол, аз рӯйи мафкура, ҷамоаи ягона (ал-умма ал-ислом) ба ҳам меорад[59]. Дар ҷаҳони араб бисёр ислоҳотхоҳон – сарварони ғоявии миллатгароӣ барои ифодаи ин мафҳум вожаи умми ҷамоаро ҳамчун иттиҳоди иҷтимоӣ-сиёсӣ, ягонагии эътиқод истифода мебаранд.

[58]Политическая активность: современные тенденции и новые формы: Челябинск, 2009-С.99.
[59]Диа-логос религия и общество. М.,1997-С.268.

Бесабаб нест, ки Э. Хобсбаум собит месозад, ки «Миллатгароӣ умуман шакли табиии пайдоиши таърихи халқҳо ва фарҳанги онҳо маҳсуб меёбад. Ба таври кундаланг пеш гузоштани масъалаи «мо-онҳо», «мо- ҳамаи дигарон» ҳамин тавр, барои инъикоси заминаҳо ва рушди худ заруранд. «Ба худ номе гирифта, гурӯҳи одамон ошкоро худро аз гурӯҳи дигарон, ҷудо мешуморад[60]. Миллатгароӣ дар дасти баъзеҳо нақши мусбӣ ва барои бархе дигарон нақши манфӣ мебозад.

Назар ба ақидаи В. И. Красиков, миллатгароии радикалӣ ҳамчун миллатгароии хунӣ, аксар мавридҳо, бахусус дар ҳолати пайдоиш, ташаккули худ тобиши барангезандагӣ дорад. Паҳнкунандагони миллатгароии радикалӣ намояндагони қавмҳое ба шумор мераванд, ки онҳо, аввалан, дучори имтиҳони ҷиддии таърихӣ гаштаанд, дувум, қобилияти худро дар муттафиқӣ барои посухи муносиб ба имтиҳони мазкур собит намуданд[61].

Экстремизми миллатгароёна дар зуҳуроти зерин ифода меёбад: барангехтани душманӣ ва хусумати байни миллатҳо ва халқиятҳо, низоъҳои динӣ, муноқишаҳо ва задухӯрдҳои мусаллаҳона, амалҳои қатли ом нисбат ба одамони бо ном ғайритаҳҷоӣ, намояндагони дигар гурӯҳҳои этникӣ, ишғоли мавқеъ барои ҳимояи «миллати худ», ҳуқуқу манфиатҳо, фарҳанг ва забони ӯ. Дар ин маврид аз ҷониби онҳо ҳамин ҳуқуқҳои миллатҳо ва гурӯҳҳои дигари этникӣ инкор карда мешавад. Экстремизми миллатгароёна табиатан бо сепаратизм (фр. *Separatisme* – ҷудогона*),* яъне, бо кӯшишҳои ҷудоихоҳӣ, мустақилият, нажодпарастӣ робитаи зич дорад. Ин шакли зуҳурот ба шикасти давлати сермиллат, ҳукмронии мутлақи миллати таҳҷоӣ нигронида шуда, кӯшиши ба даст овардани афзалияти миллати ягонаи ҷумҳурии миллӣ нисбат ба шаҳрвандони миллати бегона дар соҳаҳои сиёсӣ ва иҷтимоиро таҷассум менамояд. Экстремизми миллатгароёна ба тезу тунд шудани муносибатҳои миллӣ бурда мерасонад ва манбаи душманӣ ва ихтилофоти байни халқҳо ба шумор меравад. Айни чунин ақидаҳоро муҳаққиқони рус А.

[60]Зиммель Г. Социальная дифференциация. Социологические и психологические исследования//избранное. Т. 2. Созерцание жизни. М.: Юрист, 1996-С.328-330.
[61]Красиков В.И. Экстремизм: паттерны и формы.-М.: Водолей, 2009-С.98.

М. Потапов ва Д. С. Глухарёв дастгирӣ мекунанд: «Экстремизми миллатгароёна мутассил бо сепаратизм робита дорад, ҳадафи он – аз ҳам барҳам додани давлати бисёрмиллат ва аз он берун кардани миллатҳои дигар мебошад»[62].

Дар солҳои истиқлолияти давлатӣ дар як қатор ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нооромӣ дар заминаҳои миллӣ дар байни як қатор ақалиятҳои миллии муқими Тоҷикистон афзуд. Дар шароити кунунӣ ташаккули сохтори нави этникӣ-иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ба мушоҳида мерасад. Ҳамзамон бунёди давлати миллӣ ба афзоиши раванди этникӣ-миллӣ мусоидат менамояд. Ин ҳама равандҳои мураккаб ба муносибатҳои байни ақалиятҳои миллӣ дар Тоҷикистон таъсири ногувор мегузорад.

Назар ба ақидаи таҳлилгарон масъалаи миллатгароӣ ва бунёди давлати миллӣ барои Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ раванди объективист. Муҳаққиқи рус И.Д. Звягелский чунин мешуморад, ки «Пас аз ба даст овардани истиқлолият кишварҳои Осиёи Марказӣ бо зарурати таъминоти муттаҳидии миллӣ рӯ ба рӯ омаданд, ки ба ин мақсад дар доираи баробарии дастҷамъӣ ноил гаштан мумкин аст. Бар души давлат нақши ҳалкунанда дар мутаҳидкунии миллӣ, тавассути дастгириву эҳтироми умумияти фарҳангӣ дар ҳудуди марзи худ, вогузор аст[63].

Мо чунин мешуморем, ки баланд бардоштани мавқеи миллӣ бояд ба некуаҳволии халқи тоҷик хизмат расонида, нақши муттаҳидсозиро дар ҷомеаи тоҷик иҷро намояд ва ба рушди иқтисодиёт, тафаккури миллӣ ва фарҳанги миллӣ мусоидат намояд. Аммо, ба ҳеҷ ваҷҳ, рушди миллӣ набояд боиси экстремизми миллатгароёна гардад. Дар байни миллатгароӣ ва экстремизми миллӣ фарқияти зиёде ҳаст.

Бо вуҷуди ин, дар таснифоти пешниҳоднамудаи мо мафҳуми бо ном *экстремизми этникӣ (этнополитикӣ)* намегунҷад. Сабаб дар он аст, ки аз як ҷониб, *экстремизми этникиро* на ба фардӣ, на ба гурӯҳӣ ва на ба

[62]Политическая активность: современные тенденции и новые формы: Челябинск, 2009-С.99.
[63] Звягельская И.Д. Становление государства Центральной Азии: Политические процессы. М.: Аспект Пресс, 2009-С.45.

экстремизми оммавӣ бурда расонидан мумкин нест. Аз ҷониби дигар, халқро набояд ба ким-кадом як шакли афзалиятноки зуҳурот ишора кард, зеро халқ (этнос) пешбарандаи баробари ҳамаи манфиатҳои асосӣ- иқтисодӣ, сиёсӣ, динӣ ба шумор меравад ва аз ин рӯ метавонад дар заминаи яке аз ин манфиатҳо ё ҳамаи ин манфиатҳо, дар маҷмӯъ, ба ихтилофот дучор гардад. Ғайр аз ин, халқҳо дар як вақт як қисми давлат ва худи давлат низ буда метавонанд ва аз рӯйи чунин сифатҳо, халқ метавонад ҳамзамон субъекти ихтилофоти дохилидавлатӣ ва байнидавлатҳо бошад.

Аз ин рӯ, экстремизми этникӣ бояд бо сохту намуди махсуси он, ки ки яке аз зуҳуроти хеле муҳим ва мураккаби экстремизми дохилидавлатӣ ба шумор меравад, муайян карда шавад. Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ заминаҳои экстремизми этникӣ ё, чуноне ки онро ихтилофоти этникӣ арзёбӣ мекунанд, мавҷуданд. Дар Тоҷикистон, масалан, ихтилофоти марзӣ ва обӣ ҷой доранд, ки онҳо ба зиддиятҳои этникӣ табдил меёбанд. Чунончи, задухӯрдҳои байни тоҷикони ноҳияи Исфараи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қирғизони ноҳияи Боткенти Ҷумҳурии Қирғизистон исботи ин гуфтаҳоянд.

Чуноне ки маълум аст, давлатдорӣ дар Осиёи Марказӣ, аз даврai мустамликадории Руссия подшоҳи сар карда, то замони ба тобеияти ҳукумати шӯравӣ шомил гаштани аморати Бухоро, хонигарии Хева ба талаботи таълимоти ислом - ягонагии халқиятҳо асос меёфт. Бо майлу рағбати он, ки ҷомеаи маҳаллиро аз қобилияти асосии худидоракунӣ маҳрум созад, империяи Руссия ва меросбари он ИҶШС системаи анъанавии ҳукумронии сохтори полиэтникиро, ки дар заминаи гурӯҳҳои ҷудогонаи этникӣ бунёд ёфта буд, тағйир дод. Ҳамин тариқ, қавмҳои бо ҳамдигар робитаи зич надошта ҳар кадоме якбора худро дар сохти ягонаи давлатӣ дарёфтанд: қазоқон дар Қазоқистон, ӯзбекон дар Ӯзбекистон, туркманҳо дар Туркманистон, қирғизҳо дар Қирғизистон, тоҷикон дар Тоҷикистон.

Неруҳои сепаратистиро шахсиятҳои шинохтаи мунтазам ба вуҷудояндаи давлатҳои полиэтникӣ ва сохти давлатдорӣ дар доираи федератсия, ки роҳҳои ноил шудан ба мустақилияти ҳокимияти сиёсӣ ва захираҳои

иқтисодиро ҷустуҷӯ менамоянд, намояндагӣ мекунанд. Ба фаъол гардидани ин қуввахо майлу рағбат барои ғун кардани сарватҳои моддӣ боис мегарданд. Бояд таваҷҷуҳи асосиро на ба сифатҳои манфиии хусусиятҳои миллӣ, ки ба ҷалб кардан ба фаъолиятҳои террористӣ сабаб мегарданд, балки ба он сифатҳое равона бояд кард, ки ҷиҳати пешгирӣ ба ин зуҳурот монеъ мешаванд. Чунин сифатҳо мавҷуданд, онҳоро тавассути усулҳои муосири иҷтимоӣ - психологӣ фаъолона «коркард намудан», маҳз аз онҳо мавқеи устувори зиддиэкстремистӣ ва зиддитеррористии ҷавононро пайдо кардан зарур аст. Муҳоҷире, ки дар худ зулму таҳқири миллатгароёни атрофро аз сар гузаронидааст, шояд, майл дорад, далелҳоеро оид ба афзалиятнокии ислом шунавад ва шояд имкониятҳои молиявӣ ва гурӯҳҳои ҳамулфатонашро дар симои гурӯҳҳои террористӣ пайдо карда бошад, ҳамин тариқ, ба миллатгароии муҳити ӯро иҳотакунанда эътино намояд. Ҳамин тавр, эҳсоси миллии пастзадашуда гурӯҳҳои муайяни этникии муҳоҷирон, ки ба таври имконпазир онҳоро ба экстремизм ва терроризм тела медиҳанд, қабл аз ҳама, аз муносибатҳое пайдо мешаванд, ки аз ҷониби халқиятҳои дар сатҳи миллӣ ҳукмрон нисбат ба ҳамин гурӯҳҳои этникӣ сурат мегирад.

Экстремизм байни ҷавонон - дар байни гуногуншаклиҳои дигари экстремизм таваҷҷуҳи муайян, аз нуқтаи назари фалсафӣ, ба экстремизм миёни ҷавонон равона карда мешавад; паҳнкунандаи ин зуҳурот табақаҳои мухталифи аҳолӣ, гурӯҳҳо ва ташкилотҳои ҷавонон ба шумор мераванд, ки онҳо аз рӯи синну сол ва камтаҷрибагии иҷтимоӣ майл доранд барои расидан ба ҳадафҳои худ маҳз тавасути шаклҳои зӯровари.

Нуқтаи назар ва намунаҳои рафтори ҷавонон ба густариши принсипи зӯроварӣ, таҷовуз нисбат ба атрофиён, то ҳадди зулму таадӣ ва куштор, асос ёфтааст. Экстремизми ҷавонон оштинопазириро ба ақидаҳои ғайр ҳамчунин майлу рағбатро ба ташкили ҷамоати тоталитарӣ, ки ба итоаткорӣ асос ёфтааст, пешбинӣ менамояд. Экстремизми миёни ҷавонон, чун қоида, худро дар чаҳорчӯбаи шаклҳои асосии экстремизме ошкор менамоянд, ки мо онҳоро дар боло номбар намудаем. Паҳнкунандагони ин зуҳурот гурӯҳҳои

ҷавонони «калонсол» -и ташкилотҳои экстремистии тамоюлоти синфӣ - сиёсӣ, этникӣ ё динӣ дошта маҳсуб меёбанд. Маҳз ҷавонон, чун қоида, неруи асосӣ, иҷрокунандагони бевоситаи нақшаҳои экстремистӣ ва амалиёти чунин ташкилотҳо ба шумор мераванд, вале ягон кору амали хосу муҳим ва моҳияти ҷавонидошта, ба ин ташкилоту ҳаракатҳо ворид намесозанд.

Экстремизми экологӣ – нуқтаи назари радикалӣ нисбат ба ташкилоту корхонаҳоест, ки сабабгори бад шудани ҳолатҳои экологӣ мешаванд. Экстремизми экологӣ дар намоишҳо ва дигар чорабиниҳои барои муҳофизати муҳити атроф, алайҳи гунаҳкорони ҷиноятқориҳои экологӣ, зоҳир меёбад. Намояндагони экстремизми экологӣ воситаҳои ниҳоӣ, ҳатто террористиро бо мақсадҳое истифода мебаранд, то ки таваҷҷуҳи аҳли ҷомеаро ба проблемаҳои аз ҳама муҳим ва дардманди экологӣ ҷалб намоянд. Чорабиниҳои қатъӣ, масалан, дар ҳамла овардан ба шахсоне ифода меёбад, ки либосҳояшон аз пусти ҳайвонот тайёр карда шудаанд.

Ба ақидаи И. М. Подзигун, «дар охирҳои асри XX инсоният на фақат ва ҳар қадаре ки метавонад, бо таназзули табиат, ҳамон қадар бо заволи худи инсон ва проблемаҳои доманадори экологӣ, энергетикӣ ва ғ. сари кор мегирад, ки ин ҳолатҳо оқибатҳои «садамаи антропологӣ» арзёбӣ мешаванд[64].

Буҳрони экологӣ дар асри XXI проблемаи аз ҳама ҷиддӣ ба шумор меравад, ки боиси ташвиши ҷиддии ҷомеаи ҷаҳонӣ гаштааст. Буҳрони экологӣ дар ин ё намуд дар таълимоти ҳамаи динҳои ҷаҳон, аз ҷумла, дар дини Насронӣ, Яҳудӣ ва Ислом, инъикос меёбад. Дар Қуръон маъниҳои бикр омадаанд, ки инсон бояд чӣ сон дар муҳити атроф зиндагӣ намояд. Ахлоқи экологӣ дар Ислом аз ҷониби муҳаққиқони ҷаҳони ислом замони «сиёсикунонӣ»-и дини Ислом оғоз мегардад ва аз ин рӯ мувофиқати ин ду маъниро набояд мувофқати одию муқаррарӣ шуморид. Рӯй гардонидан аз таълимоти Ғарб ва мурочиат намудан ба «эпистологияи ислом» барои

[64]Подзигун И.М. Глобализация и глобальные проблемы: философско-методологический анализ. Дис…д-ра. филос. наук. М., 2003-С.182.

барқарор намудани муносибатҳои инсон ба табиат дар як маҷрои умумии «эҳёи исломӣ» ворид мешаванд, аммо дар баробари ин, рисолаҳои тадқиқотӣ дар мавзӯи «ислом ва муҳити атроф» ва мантиқи рушди ғояҳо таҳия карда шудаанд, ки ба проблемаҳои муҳити зист бахшида шудаанд.

Экстремизми экологӣ аз ҷониби пайравони ҳамаи динҳои ҷаҳонӣ маҳкум карда мешавад, ки маънии мазкур, дар ақидаҳои ин ҷаҳонбиниҳои башардӯстона инъикос ёфтааст. Чунин корҳо барои онҳо хеле барканда аз ҳаёт ва барои иҷрои талабот, аҳкоми равшану возеҳ, бедор кардани рағбати одамон ҷиҳати дар асоси одоби экологӣ амал намудан камаҳамият менамуд. Барои он, ки ғояҳои одоби экологӣ таъсирбахш бошанд, бояд аз доираи ин масъала берун баромада, ба масъалаҳои нисбатан васеи низоми ҷаҳонбинӣ рӯ овардан зарур аст. Ва таваҷҷуҳи муҳофизони табиат ба дин равона карда шуд. Баҳсу мунозирот оид ба нақши дин дар муносибатҳои байниҳамдигарии инсон ва табиат, ки қариб чаҳоряк аср муқаддам баъди нашри мақолаи Л. Кайт «Решаҳои таърихии буҳрони экологии мо» сараввал ба дини насронӣ дахл кард. Баъдан динҳои, яҳудӣ, буддоӣ ва таълимоти исломиро фаро гирифт. Онҳо дар ҳамон давра эътироф намуданд, ки буҳрони экологӣ на фақат дар фазои Ғарби индустриалӣ, балки ҳамчунин бар болои кишварҳои ру ба тараққии Осиё ва Африқо соя афкандааст[65].

То давраи нисбатан дур чунин эътиқоде паҳн гашта буд, ки шиддати экологӣ ё экстремизм, ҳамчун зодаи «технологияи бесоҳиб»-и кишварҳои индустриалӣ, кишварҳои ҷаҳони сеюмро, ки ба инқилоби илмӣ-техникии муосир дучор наомаданд, бетаъсир гузоштааст. Аммо биологӣ эронӣ И. Фарвар дар мақолаи «Оё буҳрони экологӣ дар ҷаҳони сеюм вуҷуд дорад?», тасдиқ мекунад, ки «вуҷуд дорад ва балки хеле ҷиддӣ»[66].

Экстремизми иқтисодӣ – ба самтҳои зерин нигаронида шудааст: аз байн бурдани гуногуншаклиии моликият ва барқарор намудани яке аз шаклҳои моликият, усулҳои ягонаи хоҷагидорӣ, барҳам додани рақобатнокӣ

[65]Современный ислам проблемы исламоведение. Вып. 2. сб. обзоров. М., 1999-С.7-8.
[66]Современный ислам проблемы исламоведение. Вып. 2. сб. обзоров. М., 1999-С.1-105.

дар фаъолияти соҳибкорӣ, тавассути амалҳои зӯроварии гурӯҳҳои ҷиноятқор, фишороварӣ, тарсонидан, ҳамлаҳои авбошона ба рақибон ҳал кардани он ихтилофоти иқтисодӣ, ки дар он ҷо мубориза барои арзишҳои моддӣ ва тақсимоташон дар ҷомеа ё умуман дар ҷаҳон меравад.

Субъектҳои фаъоли экстремизми иқтисодӣ- сиёсӣ дар шароити кунунӣ ҳамчунин зиёда аз 80 ҳазор корпоратсияҳои трансмиллӣ ва бонкҳои байналмилалӣ ба шумор мераванд, ки онҳо кӯшиш менамоянд, рушди аксар кишварҳоро ба манфиатҳо ва талаботи худ мувофиқ кунонанд. Бонкҳои байналмилалӣ барои корпоратсияҳои трансмиллӣ дастрас менамоянд: захираҳои молии ашёи хом, қувваи арзони корӣ дар шароити нигаҳдории рушди нокифояи қонунгузориҳо оид муҳофизати муҳити атроф, андозситониҳои паст барои фоида ва содироти озоди маблағҳо.

Ба ин кишварҳо барномаҳои мухталифи иҷтимоӣ- иқтисодӣ пешниҳод карда мешаванд, ки дар онҳо зарурати коҳиш додани нақши давлати миллӣ дар танзими равандҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ асоснок карда мешавад. Корпоратсияҳои трансмиллӣ бо сиёсат ва шаклҳои таъсиррасонӣ ва бонкҳои худ самтҳои зиддибашариро дар рушди тамаддуни қонунӣ дастгирӣ менамоянд.

Сабабҳо ва шароитҳои пайдоиши ин шакли экстремизми байналмилалӣ, аз нуқтаи назари мо, ба тариқи зерин маънидод мешаванд. Комёбиҳои бадастоварда (ғалаба дар «ҷанги сард» дар кишварҳои миллиарди тиллоӣ») дар шуури ҳам назариётчиён ва ҳам соҳибтаҷрибаҳо чунин хаёлоти хомро мустаҳкам кард: имкониятҳои беҳудуди васеъ гардонидани бозор тавассути амалиётҳои ҳанноти; ҳамчунин афзалиятнокии ҳамаҷонибаи молиявии иқтисодиёти бозор бар истеҳсолоти моддӣ.Барои субъектҳои нави сиёсату иқтисодиёти ҷаҳонӣ, марзҳои мавҷудаи давлатӣ ва бозмондаҳои истиқлолият фақат садди аламовар ва «реликт» (ёдгориҳои қадима) маҳсуб меёбанд.

Дар соҳаи фарҳанг – ин экстремизмест, ки ба маҳдудиятпарастӣ, ба назар нагирифтани таҷрибаҳо ва комёбиҳои дигар фарҳангҳо нигаронида шуда, дар тарғиботи зӯроварӣ, зулму таадӣ, нобуд сохтани дастовардҳои

миллӣ, ёдгориҳои таърихӣ ва дигар амалҳои ниҳоӣ инъикос меёбад, ки онҳо ба раванди тарбия, маориф, сатҳи фарҳанги шаҳрвандон таъсири манфӣ мерасонанд.

Нишонаи дигари муҳим барои таснифоти илмии экстремизм аломати ба мазмуни ихтилофот ишоракунанда ба шумор меравад. Дар робита ба ин, ҳамаи намудҳои экстремизмро метавонем ба шаклҳои асосии он ҷудо намоем; дар байни онҳо қабл аз ҳама ҷудо намудани шакли муайянкунандаи ихтилофоти *маънавӣ, ҷаҳонбинӣ* зарур аст (дар байни онҳо шаклҳои ахлоқӣ ва ғоявӣ асосӣ маҳсуб меёбанд); баъдан, шакли муайянкунандаи намудҳои боқимондаи ихтилофот: иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ- психологӣ муҳим арзёбӣ мешавад; ва ниҳоят, аз рӯи шакли ихтилофоти иҷтимоӣ- сиёсӣ, ки асоси фаъолияти экстремистиро ташкил медиҳад, мо метавонем экстремизми идеологӣ (ғоявӣ-ҷаҳонбинӣ), иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро ҷудо намоем. Мутаносибан, аз рӯйи дараҷаҳои муташаккилии фаъолияти экстремистӣ мо чунин намудҳои экстремизмро муайян менамоем: 1). идоранашаванда (стихиявӣ); 2). мақсаднок (қисман идорашаванда); 3). пурра идорашаванда (муташаккил).

Ҳамин тавр, назар ба ақидаи муҳаққиқон, шаклҳои софи (одии) экстремизм хеле кам вомехӯранд (экстремизми соф иқтисодӣ, экстремизми соф сиёсӣ ва ғ.), аммо, ба ҳар ҳол, онҳо ҳанӯз пойбанди шаклҳои боқимонда мебошанд, ва чун қоида, яке аз онҳо одатан хусусияти муайянкунанда, боқимондаҳо хусусиятҳои иловагӣ ва вобастагиро доро мебошанд[67].

Метавон хулоса бароварда, ки муайянкунии намудҳо ва шаклҳои мухталифи экстремизм ба мафҳуми ихтилофоти иҷтимоӣ- сиёсӣ асос ёфтааст. Маҳз ҳамин мафҳум ба мо имкон медиҳад, ки намудҳо ва шаклҳои мухталифи экстремизмро пурра ва амиқ фарқ карда, тасвир намоем. Дарвоқеъ, экстремизм, тибқи нуқтаҳои назари такмилёбанда, ин муайянкунии тарҳи муносибатҳои сиёсист, ки ба ҳалли (рафъи) ким-кадом

[67]Современный политический экстремизм: понятие, истоки, идеология, проблемы, организации, практика и противодействия: Махачкала. Логос 2009-С.80-81.

ихтилофоти иҷтимоӣ- сиёсӣ равона карда шудааст. Бидуни ихтилофот дар хусуси амалҳои экстремистӣ сухан гуфтан маънӣ надорад, ва ё худи чунин амалиёт мазмуни иҷтимоӣ- сиёсиашро гум мекунад ва ба дараҷаи рӯҳу равоншиносии (психопатологияи) муқаррарӣ шомил мешавад.

Ҳангоми ҷудо кардани шаклҳои мухталифи экстремизм, чун қоида, меъёри ягонаи ҳамчун асос барои муайянгардонии он истифода намебаранд. Аммо, чуноне ки аз номгӯи гуногуншаклии экстремизм дида мешавад, таваҷҷӯҳ ба ҷудо кардани ин гуногуншаклӣ аз рӯи шаклҳои шуури ҷомеаӣ равона мегардад. Ягонаги ҳаёти маънавии ҷомеа дар ҳаёти воқеӣ ба он оварда мерасонад, ки шаклҳои мухталифи экстремизм дар намуди соф вуҷуд надорад, балки ин шаклҳо якдигарро пурра мегардонанд, ба ҳамдигар таъсири мутақобила мерасонанд.

Ба гуногуншаклии экстремизм тарҳҳои умумӣ хосанд: зӯроварӣ ё таҳдиди он, одатан мусаллаҳшавӣ; якандозагӣ, яктарафагӣ дар эҳсоси проблемаҳои ҷомеаӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли онҳо; фанатизм, истодагарӣ дар майлу рағбат оид ба гузаронидани талабот, нуқтаи назари худ ба ҳарифон; бе фикрона, бегуфтугӯ иҷро намудани ҳамаи фармонҳо, дастурамалҳо; такя додан ба эҳсосот, савқи табиӣ (инстинкт), на ба ақлу шуур; беқобилиятӣ дар дурӯягӣ, созишҳо, ё рад кардани онҳо.

Худро дар ҳолати ихтилофот бо субъектҳои дигар, ки онҳо ин ё он манфиатҳоро поймол мекунанд, дарк намуда, ҳама гуна субъекти иҷтимоӣ-сиёсӣ маҷбур мешавад, ки тарҳи муайяни рафтори худро нисбат ба ҳарифони (шариконӣ) таҳия намояд. Аз ҷиҳати назариявӣ чунин тарҳҳои дурусти умумӣ дар субъект ҳамагӣ дуто шуда метавонад:

- роҳи аввал- мубориза барои бехдошти ҳолати худ;

- роҳи дувум – бо ҳолати худ созиш кардан, роҳи даст кашидан аз мубориза.

Мутаносибан, ғояҳои равшанкунандаи ин ё он роҳҳо низ, фақат дуто буда метавонад: ғояе, ки ҳолати мавҷударо ҳақ мешуморад ва ғояе, ки онро барои тағйирдиҳӣ ва азнавсозии тартиботи ҷорӣ маҳкум мекунад.

1.3. МАНБАЪҲОИ ИҶТИМОӢ – ҒОЯВИИ ПАЙДОИШИ ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар ин робита, ман борҳо таъкид намудаам ва ҳоло бори дигар иброз менамоям, ки террористу ифротгаро ватану миллат ва дину мазҳаб надорад. Террорист - террорист аст ва ӯ ҳеҷ гоҳ “худӣ” ё “бегона” ва ё “таҳаммулгарову” “тундгаро” буда наметавонад. Хусусияти глобалии хатари терроризм ва ифротгароӣ ҷиддан тақозо менамояд, ки нисбат ба ин ду мафҳум мавқеъ ва меъёрҳои ягонаву умумӣ таҳия ва қабул карда шаванд.

Эмомалӣ Раҳмон

Аз нуқтаи назари мо экстремизми динӣ дорои сабабҳои ғоявӣ- фалсафӣ мебошад. Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, бо баробарҳуқуқии иҷтимоӣ ва иқтисодиёти нақшавӣ, давраи барҳам хӯрдани сохтори иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаро расид. Дар заминаи хароб гаштани сохторҳои асосии иҷтимоӣ - фарҳангӣ проблемаи махсуси азнавтақсимкунии неруи мавҷуда дар сохторҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд омад, ки он ба маҷрои манфии ҳаёти иҷтимоӣ равона карда шуда буд. Дар чунин шароит табақаҳои таҳрибкори аҳолӣ ба майдон баромада, ба харобкориҳо даст заданд. Аз ҷумла, дар натиҷаи зуҳуроти экстремистие, ки дар заминаи динӣ ва сиёсӣ пайдо шуда буданд, иншооти хоҷагии халқ ба таври даҳшатангез вайрону валангор гардида, ҳамчунин хунрезиҳо ба амал омаданд. Мавриди зикр аст, ки зуҳуроти буҳронии ҳаёти иҷтимоии ҷомеа марҳилаҳои худро доро мебошанд.

Марҳилаи аввали буҳрони иҷтимоӣ давраеро фаро мегирад, ки беназоратӣ дар сохти идоракунии ҳукумат оғоз ёфта, мутассил ба муҳити иҷтимоӣ мегузарад. Дар ин маврид сохти иҷтимоӣ эътидоли ботинии худро аз даст медиҳад. Муқовимат барои ҳокимият дар байни гурӯҳҳои сиёсӣ, ки амалҳояшон тобишҳои ҷиноӣ доранд, авҷ мегирад.

Марҳилаи дувум - ҳолати садамаи иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Садама – ин авҷи буҳрони иҷтимоист: вақте ки парокандашавӣ ва аз ҳам пош хӯрдани

сохтори иҷтимоӣ хеле бошитоб ба амал меоянд ва раванди мазкур ҳолатҳои селу боронгариҳоро ба хотир меорад.

Чунончи, пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар Тоҷикистон парокандашавии ҷомеа оғоз ёфт, ки ниҳоят ба сар задани ихтилофоти иҷтимоӣ дар байни минтақаҳо гардид. Ихтилофот сараввал тобиши минтақавӣ доштанд, баъдан, дар рафти қувват гирифтани бухрон, хусусиятҳои сиёсӣ ва динӣ ба худ гирифтанд. Сатҳи пасти ҳаёти ҷомеа, хусусигардонии ноҳақона, ришваситонӣ дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ, поймолкунии ҳуқуқҳои динӣ ва этиқоду боварии инсон заминаҳои иҷтимоии экстремизми диниро дар ҷомеаи мо ташаккул доданд.

Асоси ихтилофҳоро сабабҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ, ҳамчунин майлу рағбати одамон ба азнавтақсимкунии ҳокимият ташкил медоданд. Исботи бартарият ва ҳукмфармои ба ҳамаи ҷомеаҳои мураккаб хос аст. Дар ҳамин замина гурӯҳҳои зиёд ташкил меёбанд, ки байни ҳам барои ишғоли ҳокимият мубориза мебаранд. Аз ин рӯ, экстремизми динӣ дар ҷомеаи анъанавӣ бар асари проблемаҳои иқтисодӣ ва моҳиятан коҳиш ёфтани сатҳи зиндагии мардум зоҳир мешавад. Мавриди зикр аст, ки омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ ҳалқаи ягонаи зуҳуроти экстремизми диниро ташкил медиҳанд.

Р. Дарендорф собит месозад, ки ба пайдоиши ихтилофот на омилҳои иқтисодӣ, балки майлу рағбати одамон барои тақсими ҳокимият асос мегузоранд. Фармонфармоӣ ва ҳукмронӣ ба ҳамаи ҷомеаҳои мураккаб хос аст. Дар натиҷа, теъдоди зиёди гурӯҳҳо пайдо мешаванд, ки байни ҳам барои ҳокимият мубориза мебаранд. Ихтилофот доимӣ ва ногузир хоҳад буд. Ҳамзамон фаҳмиши материалистии таърих барои илми иҷтимоӣ дастурамалҳоеро дар худ маҳфуз доштааст: ба ҷомеа ва гурӯҳҳо он маълумотҳоеро шарҳу эзоҳ додан номумкин аст, ки онҳоро худ барои худ кашф намудаанд, яъне, аз пайи навъҳои мухталифи идеологияҳо кӯшиш ба харҷ додан зарур аст, ки моҳияти амиқи воқеияти иҷтимоӣ ошкор карда шавад. Иттилои ин воқеиятро аз зерсохтори соф иқтисодӣ ҷустан хато мебуд. Аммо ин зерсохторро ба сохтори иҷтимоӣ шомил намудан, таҳлили

робитаҳои мутақобилаи он бо дигар зерсохторҳои иҷтимоӣ, бешубҳа, самаранок хоҳад буд[68]. Аз ин рӯ, хато мебуд, агар экстремизми динӣ фақат аз нуқтаи назари проблемаҳои иқтисодӣ ба ҷомеаи анъанавӣ мансуб дониста шавад. Бархе аз муҳаққиқон ин нуқтаи назарро ҷонибдорӣ менамоянд.

Зуҳуроти экстремистӣ, ба ақидаи мо, дар чунин ҷомеаҳое арзи вуҷуд мекунад, ки дар онҳо бахшҳои иҷтимоӣ дар ҳолати буҳронӣ қарор дорад. Гурӯҳҳои экстремистии таҳаммулнопазир ҳамеша аз ҳолатҳои буҳронӣ истифода мебаранд, то ки дар системаи иҷтимоӣ мақоми нисбатан баландро соҳиб шаванд. Ин аз он сабаб аст, ки паҳнкунандагони ғояҳои динӣ-экстремистӣ ҳамеша гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ ба шумор мераванд. Аз рӯи мушоҳидаҳои мо, ин раванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли баркароршавию эҳёи динии ҳамаи ҷанбаъҳои фаъолияти ҳаётии ҷомеа қувват мегирад. Паҳнкунандагон ва иштирокчиёни фаъоли раванди эҳёи Ислом дар ҷомеа мо гурӯҳҳои иҷтимоии уламои расмии Ислом ба шумор мераванд, ки онҳо дорои манфиатҳои худ дар ҷомеа мебошанд.

Аз ин рӯ, ба ақидаи мо, нуқтаи назари сотсиологи машҳури немис Л. Гумплович ҷолиб аст, ки ӯ гурӯҳҳои иҷтимоиро дар рӯҳияи реализми иҷтимоии экстремистӣ маънидод карда, онҳоро аз рӯи хусусиятҳои фардӣ ва ғайрифардии муносибатҳои байнигурӯҳҳо зикр мекунад. Назар ба ақидаи муҳаққиқ, қонуни асосии иҷтимоӣ – ин «кӯшиши ҳар як гурӯҳи иҷтимоӣ барои ба худ ҷалб намудани дигар гурӯҳи иҷтимоист, ки дар муқобили ӯ истода, ба мутеъ гардонидани ӯ, ба ҳукмфармоӣ кӯшиш менамояд»[69]. Чунин хулосабарорӣ, ба ақидаи мо, ифодакунандаи воқеияти имрузаи ҷаҳони муосир аст ва қобили дастгирист.

Дар Тоҷикистон ҳаракатҳои эътирозӣ иҷтимоӣ барои пешниҳоди барномаҳои иҷтимоӣ- сиёсии худ ғояҳои динӣ- сиёсӣ ва исломиро ба кор мебаранд ва бад-ин васила, экстремизмро ҳамчун воситаи ягонаи расидан ба ҳадафҳои худ, мавриди истифода қарор медиҳанд. Омили ниҳоии ҳамаи

[68]Р. Дарендорф Современный социальный конфликт. http://smolsoc.ru/index.php/home/ (санаи муроҷиат 4.02.2019)
[69] Цит по. Бачинин В.А. Социология. Академический курс. СПб.:2004-С.159.

равандҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла ихтилофот, майлу рағбати инсон ба қонеъ гардонидани талаботи моддист. Ба ақидаи мо, ҳамеша ва дар ҳама ҷо далелҳои иқтисодӣ, ки ҳамаи пешрафти давлатӣ ва иҷтимоӣ ба онҳо асос ёфтааст, сабаби ҳама гуна ҳаракатҳои иҷтимоӣ ба шумор мераванд.

Баҳои махсусро ба ихтилофоти иҷтимоӣ дар доираи илми сотсиология, ба ақидаи мо, сотсиологи машҳури Фаронсавӣ Э. Дюркгейм додааст. Чунончӣ Ӯ барои муайян кардани ҳолатҳои буҳронӣ дар ҷомеа истилоҳи «аномия»-ро истифода мебарад. Дар шароити аномияи иҷтимоӣ, вақте ки буҳрон ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодиёт, сиёсат, доираи танзими ахлоқӣ -ҳуқуқиро фаро мегирад ва мувозинати муқаррарӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ халадор мешавад, одамон нисбатан асабонӣ мешаванд, матонати маъмулиашонро нисбат ба самтгирии арзишҳо аз даст медиҳанд. Зиёд шудани тафриқаи байни сарватмандон ва бенавоён, набудани имкониятҳо барои ҳалли мушкилоти ҷиддии рӯзғор ба афзоиши сафи одамони аз ҷомеа норизо мусоидат менамоянд. Муаллиф ин ҳолатро зуҳуроти хоси вазъи буҳронии ҷомеаи муосири мутамаддин мешуморад. АНОМИЯ (аз франс. Anomie мавҷуд набудани қонун, ташкилотҳо). Ҳолати тафаккури фардӣ ва иҷтимоӣ, ки таназзули системаи арзишҳоро ифода намуда, ба буҳрони тамоми ҷомеа, институтҳои иҷтимоии он, ихтилофоти байни мақсадҳои дар пеш гузошташуда ва имконнопазирии татбиқи онҳо асос ёфтааст.

Муҳаққиқи амрикоӣ Р. Мертон дар таҳияи назарияи равандҳои номуташаккилӣ дар системаҳои иҷтимоӣ саҳми босазо гузоштааст. Вай кӯшиш ба харҷ додааст, ки дараҷаи аномияро мутобиқ ба равандҳои дар тафаккури субъектҳо ба амаломада, нисбат ба он мавриди истифода қарор диҳад, ки ҳолати иҷтимоии ин субъектҳо аз меъёрҳои ахлоқ ва ҳуқуқҳо дур афканда шудаанд. Мертон аномияро, аз як ҷониб, ихтилофоти ботинӣ дар байни системаҳои воситаҳои қонунӣ оид ба дастовардҳои ҳадафҳои қонунии аз ҷониби ҷомеа эътирофшуда номида, аз дигар ҷониб, онро рағбатнокӣ ба

дарёфти воситаҳои ғайриқонунӣ оид ба қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоӣ-фарҳангӣ арзёбӣ намудааст[70].

Зиёд шудани тафриқаи байни сарватмандону бенавоён, набудани имкониятҳо оид ба ҳалли муваффақонаи проблемаҳои заруртарин, ба афзоиши шумораи одамоне мусоидат менамояд, ки фаъолияташон ба амалҳои ғаразҷӯёна асос ёфтааст. Ин ҳолатро хоси зуҳур ёфтани буҳронии ҷомеаи мутамаддини муосир арзёбӣ кардан мумкин аст. Ҷомеаи тоҷикро бо дилпурӣ метавон ба ҷомеаи анъанавӣ мансуб донист. Ба ақидаи муҳаққиқон, хусусияти хоси ҷомеаи анъанавӣ афзалияти анъана, дастурҳои коллективӣ, иқтисодиёти расмӣ ва риояи анъанаҳои расмӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, ҷомеаи анъанавӣ ҳамеша ҳам аз таҳдидҳои дохилӣ ва ҳам аз таҳдидҳои беруна оид ба зуҳуроти экстремизми динӣ дар ҳарос аст.

Аломатҳои дар ҷомеа ҳукмфармои комёбиҳо, муҳоботи муаррифии аҳамиятнокии онҳо шахсиятҳоро водор месозанд, ки ба хотири ба даст овардани ин муваффақиятҳо ба амалҳои бадахлоқӣ, зиддиқонунӣ, ҷинояткориҳо даст бизананд. Онҳо воситаҳои мамнӯъи қаллобӣ, ришваситонӣ, рафторҳои экстремистиро ҳамчун воситаҳои комилан дуруст арзёбӣ мекунанд.

Тарҳи дигари муҳими ифодаи фалсафии экстремизми динӣ дар ҷомеаи пасошӯравӣ нобаробарии иҷтимоӣ – иқтисодӣ дар ҷомеа ва аксуламал ба ин равандҳо ба шумор мерафт. Ҳанӯз Афлотун дар таълимоти фалсафии худ адолатро ҳамчун неъмати олӣ муайян кардааст, ки онро ҳамагон бояд риоя намоянд. Арасту адолатро ҳамчун тақсимоти баробар ва нобаробари неъматҳои моддӣ маънидод намудааст. «Як ҷузъи ҳолатҳои адолат муносибати баробар ба неъматҳои моддист. Мутаносибан, як ҷузъи ҳолатҳои ноадолатӣ муносибати нобаробар ба неъматҳои моддӣ ба шумор меравад»[71]. Ба ин маъно нобаробарии иҷтимоӣ ҷое сар мезанад, ки онҷо адолат риоя намешавад.

[70] Р.Мертон. Социальная теория и социальная структура / Роберт Мертон. — М.: 2006. — 873 с.
[71] http://anthropology.rchgi.spb.ru

Нобаробарии иҷтимоӣ-иқтисодӣ натиҷаи тақсимоти ҷомеаии меҳнат аст. Нобаробарии аҳволи синфҳои иҷтимоӣ, табақаҳо, гурӯҳҳо дар сохтори муносибатҳои иҷтимоӣ ва дар сохтори иҷтимоии ҷомеа, ба нобаробарии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, тафриқаҳо ва мавҷуд набудани имкониятҳои воқеӣ оид ба қонеъ гардонидани талаботи худ асос ёфтааст. Ин ҳолат боиси рашку ҳасад, ихтилофоти иҷтимоӣ, эътирозҳо, бадбинӣ ва дигар амалҳои номатлуб мегардад, ки дар шаклҳои гуногуни норизогиҳо, то ҳадди зӯроварию таҷовуз зуҳур меёбанд.

Ҳаёти инсон, худ ҳамеша дучори ихтилофоти табиӣ, иҷтимоӣ ва маънавист, яъне, муқаррароти ҳаёти инсонӣ худ нобаробар, ноадолатона маънидод мешавад. Аксар одамон ба чунин ҳолатҳо одат мекунанд, ба тақдир тан медиҳанд, бо умеди беҳтар шудани ҳолатҳо сабрро пешаи худ ихтиёр менамоянд. Бархе дигарон бошанд, дигаргуниҳо, ҳақиқат, адлу инсофро талаб мекунанд, бо қаҳру ғазаб аз ким-киҳо қассос гирифтан мехоҳанд. Р. Дерендорф мегӯяд: «Нобаробарии иҷтимоиро, ки дар ҷомеаи мо аз боло то пойин реша давондааст, нафаронеро бар зидди нафарони дигар ба мубориза мехезонад ва ихтилофоти шадидро байни онҳо ба миён меорад[72]. Ҳасад, қаноатманд набудан аз ҷомеа, майлу хоҳиши ҳарчи беҳтар зистан –ҳамаи ин фақат дар қиёс пайдо мешаванд.

Ба нобаробарии иҷтимоӣ, ҳамчун омили экстремизм, ҳанӯз К. Маркс таваҷҷӯҳи худро равона карда буд: «Ҳар қадар хона хурд бошад ҳам, то вақте ки хонаҳои атрофи он низ хурд ҳастанд, ин хона талаботи бо иморати истиқоматӣ доштаи ҳамаи хоҳишмандонро қонеъ мегардонад. Аммо агар дар паҳлуи он қасре бисозанд, он гоҳ ин хонаи хурд мисли як кулбаи назарногир ба чашм мерасад»[73]. Табиист, ки дар ин ҳолат, соҳиби хонаи хурдакак дар ҷомеаи иморатҳои калон экстремист хоҳад шуд, ва силоҳи ӯ бошад, динҳо - насронӣ, ислом ва ғ. хоҳад шуд.

[72]Денисов В.В. Проблема социального насилия в современной буржуазной философии//вопр. Философии.1973.№11.С.156.
[73]Маркс. К., Энгельс Ф. сочинения. 2-е изд. Т.6 С.446.

Дар давраи гузариш дар марҳилаи имрӯзаи таърихи ҷомеаи тоҷик, ки ба буҳрони сахти иқтисодӣ дучор омада буд, ба таври воқеӣ шароити муқовимати иҷтимоӣ ба вуҷуд омада, ҳолати махсуси шуури оммавӣ ташаккул меёбад. Барои ҳолати мазкур баҳои нобаробари ҳақиқати воқеӣ хос буда, дар он рӯҳияи нобоварӣ, дилшикастагӣ, тарсу бими иҷтимоӣ, қаҳру ғазаб ва асабоният васеъ паҳн мегардад. Дар чунин шароит даъватҳои экстремистӣ барои иҷрои амалҳои эътирози иҷтимоӣ ба осонӣ пазируфта мешаванд.

Экстремизми динӣ ҳамчунин ҷанбаъҳои таҳрибкории фаҳму идроки инсониро фаро мегирад. Ҳадафи ҳама гуна экстремизм - кӯшишҳо оид ба амалӣ намудани лоиҳаҳои хаёлпарастист, ки ба заминаҳои муайяни иҷтимоӣ-иқтисодӣ асос ёфтааст. Мазмуни асосии назарияи экстремизм – ин мубориза барои тантанаи адолатнокӣ, масалан, ҳалли мувозинати ҷомеаҳои «Шимоли сарватманд» ва «Ҷануби бенаво», ба шумор меравад. Чуноне ки А. Камю зикр мекунад, «Аз ҳамон вақте ки озодандешӣ мавҷудияти Худоро зери суол мегузорад, дар навбати аввал проблемаи адолатнокиро пешниҳод менамояд»[74]. Ҳоло ки Парвардигор дар ҷону дар ақли аксарияти одамон аст, ҳеҷ кас ҳақ надорад, бигӯяд, чаро дар рӯи Замин ноадолатӣ ҳукмфармост, зеро ин фазои дастнорас фақат дар ҳукми Худи Ӯ, Худои яккаву ягона аст.

Ба ақидаи муҳаққиқи немис оид ба проблемаҳои экстремизм Т. Вэйг, «Экстремизм шарҳу эзоҳи худро қабл аз ҳама дар таҳрибкории иҷтимоӣ ва сиёсӣ дармеёбад, ки он, албатта, барои равандҳои гурӯҳӣ ва рушди мартабаҳои экстремистии фардӣ ва террористии фардӣ асос мегузорад.

Муҳаққиқи тоҷик М. Олимов собит месозад: «манбаи асосии экстремизм ин проблемаҳои ҳалношудаи иҷтимоӣ- иқтисодист. Заминаи тезу тунд шудани ихтилофоти иҷтимоиро фарқияти куллии дар даромадҳои молиявии гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, коҳиш ёфтани сифату сатҳи муҳофизати иҷтимоӣ ташкил медиҳанд, ки ин ҳолатҳо ба афзоиши шиддати иҷтимоӣ ва авҷ гирифтани зиддиятҳои иҷтимоӣ мусоидат намуда, дар рафти он, одатан,

[74] Камю А. Бунтующий человек. М.: Терра, 1999.-С.204.

экстремистон пайдо мешаванд»[75]. Назар ба ақидаи ин муаллиф, «экстремизм – ин аксуламали фавқулоддаи одамонест, ки алайҳи тағйироти номусоиди ҳаётиашон тадбирҳои оҷилӣ ва ниҳоии муборизаро қабул мекунанд». Аммо чуноне мушоҳида менамоем, душвории иҷтимоиро на ҳама вақт бо усулҳои одӣ ва оҷилӣ муолиҷа кардан мумкин аст. Дар ин маврид масъала ба миён меояд, ки ҷомеа ва давлат неруи худро барои пешгирии экстремизми динӣ равона намоянд.

Зикр кардан муҳим аст, ки муносибати муҳақиқон дар шарҳу эзоҳи зуҳуроти эктремизми динӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд ва нисбати зуҳуротҳои экстремистӣ ақидаҳои дигар низ вуҷуд доранд. Масалан, муҳаққиқи рус В. В. Наумкин қисман бар зидди омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодии экстремизми динӣ баромад мекунад. Ӯ собит месозад, ки «бенавоӣ, қафомондагӣ, бекорӣ ва дигар зуҳуроти ба ҳамин монанд ба пайдоиши эктремизми динӣ оварда мерасонанд. Шарҳи иқтисодӣ, дар навбати худ, ба оморӣ ва мутассилӣ ҷудо мешаванд». Тавассути муносибати оморӣ фаҳмонидан мушкил аст, ки чаро экстремизм фақат дар он кишварҳое рӯ ба афзоиш ниҳодааст, ки ҳолати иқтисодиашон баробар хуб нест[76].

Фаҳмидан мушкил аст, ки чаро ҳама гуна экстремизм, аз ҷумла, радикализми исломӣ, дар он ҷомеае пайдо мешавад, ки ин ҷомеа аз рӯйи муносибатҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ назар ба дигар ҷомеаҳо дар вазъияти нисбатан беҳтар қарор дорад. Бештар аз ин, таҳлил оморӣ собит месозад, ки ягон хел сатҳи ҳаётӣ ба ҳеҷ вақҳ мустақиман ба афзоиши экстремизми дини нахоҳад бурд.

Муҳаққиқи америкоӣ С. Хантингтон изҳор медорад, ки ба масъалаи камбизоатӣ ва ақибмонии иҷтимоӣ - иқтисодӣ хусусиятҳои динӣ додан воситаест, барои ҷалби одамони мансуб ба дину мазҳабҳои мухталиф, бо мақсадҳои ташкили низоъҳо. Чунин баҳогузорӣ на аз нуқтаи назари илмӣ,

[75] Олимова С. Социальный контекст: отчуждение//Религиозный экстремизм в Центральной Азии. Душанбе, 2002-С.93-107.
[76] Наумкин В.В. Исламский радикализм в зеркале новых концепций и подходов. М.: Ком Книга, 2005-С.17-18.

балки аз нуқтаи назари сиёсӣ дуруст хоҳад буд. С. Хантингтон тамаддуни муосирро аз нуқтаи назари сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор дода, онро ба тамаддуни молию пулӣ ва тамаддуни ба хусусиятҳои динӣ ва фарҳангӣ асосёфта ҷудо намуда, бад-ин восита тарҳи сиёсии як қатор кишварҳои ҷаҳонро, ки ба таназзули иҷтимоӣ дучор меоянд, нишон дод. Давлатҳои консепсияи мазкурро дар амал татбиққунанда ба низоъҳои воқеии халқҳое дучор омаданд, ки таҳаммулнопазирии диниро аз сар мегузаронанд. Ҳамин тариқ, муаллиф ба проблемаҳои иҷтимоӣ тамоюли динӣ- фарҳангӣ дода, миллатгароиро бо ғояҳои динӣ – фарҳангӣ пардапӯш намуд, ки он дар мавриди мавҷуд набудани муқобилият аз ҷониби халқҳое, ки оқибати ваҳшати миллатгароии немисро аз сар гузаронидаанд, ба фашизми воқеӣ табдил хоҳад ёфт. Коргардонҳои имрӯзаи сиёсӣ низ бо дастони сабуки С. Хантингтон, ҷаҳолатро дар кишварҳои худ ва дар тамоми ҷаҳон ҷорӣ карда бартарияти фарҳангии як қатор кишвару миллатҳоро бар дигар миллатҳо нишон диҳад. Яъне Хантингтон пайдоиши экстремизмро на ба иқтисод ва на ба сиёсат алоқаманд накарда, қайд менамояд, ки пайдоиши экстремизм ба бархурди тамаддунҳо ва фарҳангҳо алоқаманди дорад.

Ба ақидаи мо назари В. В. Наумкин нисбатан воқеист. Ӯ моҳиятан омилҳои иқтисодии пайдоиши экстремизми диниро инкор намекунад, балки ба шарҳу эзоҳи омилҳои экстремизми динӣ дар муносибатҳои иқтисодӣ ислоҳот ва саҳҳеҳият ворид месозад. Дар маҷмӯъ, мунoқишаро дар ин мавзӯъ як сӯ гузошта, чунин мешуморем, ки маҳз шароити иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва коҳиш ёфтани сатҳи зиндагӣ дар Тоҷикистон ихтилофоти иҷтимоиро тавлид мекунад ва метезонад. Ба ақидаи мо, экстремизми динӣ ҳамчун намуди ихтилофоти иҷтимоӣ- сиёсӣ аз сабаби бад шудани шаротиҳои иқтисодӣ, маишии ҳаётан муҳими аҳолӣ дар минтақаҳои мухталифи Тоҷикистон зуҳур меёбад.

Ба ақидаи мо дар зуҳуроти экстремизми динӣ омилҳои дохилии иҷтимоӣ ва равандҳои тамаддунӣ нақши бузург мебозанд. Баъзе аз муҳаққиқон дар эътирозҳои экстремистони ҷавон зуҳуроти норозигии табиӣ бар зидди

ҷомеаи истеъмолиро баррасӣ намуда, онҳоро шакли асосии муборизаи синфӣ дар замони муосир маънидод мекунанд. Баъзеи дигарон авҷи экстремизми диниро дар ҷомеаи муосир бо сохти нави иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва сиёсӣ марбут медонанд, ки зӯровариро ба вуҷуд меоранд. Ин сохти иқтисодӣ ва сиёсӣ аз люмпен ва маргиналҳо таркиб ёфтааст. (лю́мпен-пролетариа́т (аз нем. Lumpen — «ҷулҳундӣ») ва маргиналҳо (м*аргиналҳо* - (аз лот. *Margo* — канор) шахсони нимфарҳангӣ, шахсоне, ки дар миёни гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ камол ёфтааст).

К. Маркс аввалин шуда, чунин ҷузъиёти сохти ҷомеаиро, ҳамчун люмпенҳо ва маргиналҳо мавриди таҳлил қарор дод. Буржуазия, пролетариат, деҳқонон – ин синфҳо дар асри Х1Х ба шакл дароварда шуданд. Аммо шахсони ғайрисинфӣ мавқеи фосилавӣ, номуайяниро ишғол намуданд. На ба он сабаб, ки онҳо ба шакли моликият робита надоштанд, балки аз он ваҷҳ, ки дар онҳо худшиносии муайян мавҷуд набуд.

Табақа люмпении иҷтимоӣ – ин табақаи ноустувор, ба ин ё он тараф калаванда мебошад. Барои ба ҳаракат даровардани ин табақаи аҳолӣ идеология равшан, даъватҳои тезу тунди сиёсӣ, пешоҳангони харизматӣ (аз юнонӣ. Χαρισμα — бахшоиш) зарур буд. Дар охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ дар ҷомеашиносии Ғарб рисолаҳои илмие пайдо шуданд, ки онҳо на синф, на ғояҳои инқилобӣ, балки оммаи мардум, тӯдаи одамонро мавриди таҳқиқ қарор медоданд. Табақаи мазкур аз табақаҳои на он қадар калони иҷтимоӣ сар карда, ба фишанги пуриқтидори манипулятсия ҳаракатдиҳанда табдил ёфт.

Дар байни душвориҳои доманадори молиявӣ- иқтисодии инсоният дар асри ХХ1 яке аз мураккабтарин ва душвортарини онҳо проблемаи қашшоқӣ ва бенавоӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Барои Тоҷикистон аз нуқтаи назари иҷтимоӣ - фалсафӣ проблемаи қашшоқию бенавоӣ хеле муҳим арзёбӣ мешавад, зеро маҳз ин табақаҳои аҳолӣ иштирокчиёни асосии ихтилофоти иҷтимоӣ- сиёсӣ маҳсуб меёбанд. Ба ақидаи муҳаққиқи рус П. Л. Седов «ҳангоми изҳороти оммавӣ оташи қаҳру

ғазаби одамон хеле зуд паст мешавад. Дарки арзиши нопурраи иҷтимоӣ ба паҳн гаштани рӯҳияи зиёнкорӣ боис мегардад ва дар натиҷа, ба заволи шахсият оварда мерасонад. Аз нав ба вуҷуд омадани люмпенҳо ва тимсоли зиёновари ҳаётии он на фақат ба гум кардани малакаи корӣ, балки ҳамчунин маҷмӯан, ба несту нобуд шудани ҳаваси заҳмат кашидан оварда мерасонад»[77].

Марҳилаи муҳим оид ба тадқиқоти маргиналҳо ва люмпенҳо дар сохтори ҷомеа ва нақши онҳо дар ин сохтори иҷтимоӣ ба давраи фалсафаи постмодернизм, ҳамчун ҷараёни иҷтимоӣ- фалсафӣ мансуб аст. Постмодернистон, ба ақидаи онҳо, ҳамаи равияҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фалсафиро, ки то давраи онҳо вуҷуд доштанд, мавриди тафтиш – аз навдидабароӣ қарор доданд. Онҳо калимаи маргинализмро ба доираи васеи расму русуми фарҳангӣ ворид намуда, люмпенро бошад, – инсони мобайни маънидод карданд. Дар пасманзари маргинал онҳо якчанд сирро ошкор намуданд. Маргиналҳое, ки дар хати марз қарор доранд, ба афзалиятнокӣ моликанд. Шумораи шахсони фарҳангии маргиналӣ зиёд аст, дарвоқеъ онҳо хеле бисёранд, воқеъан ва ҳаққонӣ ба худ таваҷҷуҳи муайянро ҷалб менамоянд. Ҳам маргинал ва ҳам люмпен манбаъи умумии мавҷуд набудани мавқеи муайянро дар фарҳанг доранд. Дар бораи маргиналҳо ҳамчунин метавон гуфт, ки дар онҳо худогоҳӣ, мавқеи муайян дар сохтори иҷтимоии ҷомеа мавҷуд нест. Аз ин рӯ, онҳо ба осонӣ дар зери таъсири ғоявии гурӯҳҳои динӣ – экстремистӣ ва гурӯҳҳои сиёсӣ мемонанд.

Назариётчиёни постмодерн аз ин ҳолатҳо огоҳ буда, дарк менамоянд ва ҳамин мавҷуд набудани худогоҳиро ба таври мусбӣ асоснок мекунанд. Люмпен-маргиналҳои замони муосир намояндагони синфи миёна, истеъмолкунандагони босавод мебошанд. Люмпенизатсиякунонии фарҳангии чунин одамон на дар намуди зоҳирӣ ва намуди қашшоқонаи мавҷудияти онҳо зоҳир намешавад. Люмпенизатсиякунонии фарҳангӣ дар люмпенизатсия ва маргинализатсияи тафаккур, набудани боварӣ ба мафҳуми

[77]Седов П.Л. Экономический экстремизм и развивающиеся страны. М.;Мысль.,1989-С.42-43.

мантиқӣ муайянкунии ҳолатҳо ифода меёбад. Ин раванд – раванди табиӣ, қонунист. Ин раванд баробар бо анъанаҳои ҷомеаи муосир, бо ҳамаи бурду бохти он: ҷаҳонишавӣ, тараққиёт, компютерикунонӣ, шаффофияти ҳама ҷо ва ҳамагон ва ғ. қадам мегузорад.

Суоле ба миён меояд: Дар байни экстремизми динӣ ва маргинализм чӣ гуна робита мавҷуд аст? Ба назари мо, робитаи бевосита. Проблемаи маргинал, мавҷудияти он дар гурӯҳҳои динӣ- экстремистӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле кам мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Аз рӯи мушоҳидаҳои мо устухонбандии асосии гурӯҳҳои динӣ- экстремистӣ, аз ҷумла ҷаҳонбинии салафиён ба шумор меравад. Дар баробари ин, ба васеъ гаштани сафи экстремистони динӣ ҳамчунин раванди камбизоатӣ ва бенавоие, ки бар асари ҳодисаҳои ҷанги шаҳрвандӣ рух додаанд, мусоидат намуданд. Файласуфҳо ва ҷомеашиносон муайян намуданд, ки дар ҳамаи зуҳуроти инқилобӣ, ҷангҳо, дасисаҳо, ки дар таърихи инсоният ба вуқӯъ пайвастаанд, қашшоқон, люмпенҳо ва маргиналҳо иштирок намудаанд. Метавон тахмин намуд, ки ҳайати иҷтимоии ташкилотҳои динӣ- экстремистӣ дар Тоҷикистон аз люмпенҳо ва маргиналҳо таркиб ёфтааст.

Назар ба ақидаи Н. А. Шнайдер, зуҳурот ва паҳншавии экстремизм бо ду тамоюл робитаи зич дорад:

- люмпензатсиякунонии аҳолӣ, қашшоқшавӣ, маргинализатсиякунонии он, аз даст додани мероси фарҳангӣ;

- авҷ гирифтани нобаробарии иҷтимоӣ.

Экстремизми динӣ, моҳиятан, эътироз бар зидди ин ду тамоюл маҳсуб меёбад; ҳақиқат худ ба таври комил эътирофношуда аст, зеро эътирозҳои экстремистӣ на бар зидди ҳукумат, балки бар зидди қурбониҳои эҳтимолӣ равона карда шудааст, ки аз рӯйи аломатҳои ирқу нажод, ранги пӯст ва ғ. интихоб карда шудаанд[78]. Мо ҷонибдори ҳамин ақида ҳастем, зеро ин нуқтаи назар ба омилҳои экстремизм ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ далолат мекунад.

[78]Противодействие этническому и религиозному экстремизму, правовому нигилизму: сб. материалов науч.-практ. конф. Омск: ОмГУ, 2006-С.148.

Дар робита ба ин, нуқтаи назари муҳаққиқи тоҷик А. Муминов ҷолиб аст: ӯ собит месозад, ки «дар байни онҳо дар хулқу рафтор фарқият мавҷуд аст. Маргиналҳо ғояҳоеро пайгирӣ менамоянд, ки дар ҷомеа мунтазам боло меравад. Чунин аст табиати инсонӣ: ҳар қадар ҳолати онҳо пурихтилоф ва номустақил бошад, ҳамон қадар онҳо метавонанд манфиатҳои худро ба шакл дароранд, зиёдтар аз ин, онҳо ба ғояҳои «муаллақ дар ҳаво» таъсирпазиранд. Чунин ғояҳо метавонанд ғояҳои инқилобгарон, пешрафт ва озодии иҷтимоӣ бошанд[79]. Э. Фромм чунин мешуморад, ки «Соҳиб будан ба шаклҳои бепарвоии худамалишавӣ дар фаъолияти ҳаётии инсон метавонанд ҳолатҳои вазнини равонӣ оварда расонад: чунин шахсон дар намудҳои мухталифи зоҳидиву обидӣ, бо ваъзгӯиҳои мухталифи канорачӯӣ, беташаббусӣ баромад карда, барои кушодани шаклҳои экстремизм ва рӯҳияҳои иҷтимоии конформизм, инфантилизм, туфайлихӯрӣ, паразитизми ошкоро асос мегузоранд.

Дар консепсияи «Фирор аз озодӣ» Э. Фромм механизми чунин «фирор»-ро батафсил мавриди таҳлил қарор медиҳад. Экстремизм дар чаҳорчӯбаи тасвироти чунин муаллифон оид ба аксуламалҳои инсон барои халалдор намудани муносибатҳои маъмулии байниҳамдигарии иҷтимоӣ ва фишороварӣ ба сохти мавҷудаи иҷтимоӣ пурра гунҷоиш меёбад. Яке аз чунин аксуламалҳоро Э Фромм ҳамчун «харобкунанда» ифода намуд, вақте ки шахс кӯшиш мекунад, он ҷаҳонеро несту нобуд созад,ки дар он худро яккаву танҳо ва ҳақир меҳисобад.

Инсоният ҳанӯз ба он марҳилаи рушд нарасидааст, ки ҳар як намояндаи ӯ битавонад, ба ягон озмоишу имтиҳон ва фиребу васвасаи дигарон аҳамият надода, имкониятҳои эҷодии худро дар амал татбиқ намояд. Инсон дар асри ХХ худро мутлақо аз ҷаҳони иҳотакардааш ҷудо дарёфта, яъне худро комилан озод эҳсос карда, ҳамзамон бояд бори гарони масъулияти шахсии бар душ доштаашро дарк намояд. Принсипи ташаббусҳои шахсӣ ба он

[79]Муминов А.И. Религиозный экстремизм как угроза современному обществу: социально-философский анализ: Дис…канд. филос. наук: М., 2007-С.25.

мусоидат намуд, ки ҳамаи робитаҳои мутақобилаи қаблан дар байни шахсони ҷудогона вуҷуддошта аз байн бурда шавад. Дар шароити муборизаи қатъии ҳар як нафар бо ҳар як ҳарб, ки дар он муваффақият, некуаҳволӣ, оромии тану ҷон ба қимор монда шудаанд, шояд дар ин «бозӣ» бой диҳад. Имкониятҳои потенсиалии заволро дарки изтироб ва бемуҳофизатӣ қувват медиҳанд. Ин ҳолат шахсиятро сусту бемадор намуда, азму суботи ӯро шикаст медиҳад. Дар ин маврид вай дарки боварӣ ва яклухтиро аз худ намуда, гӯё ба як қисми бутуни бузург ва азамат табдил меёбад, аммо пай намебарад, ки ин хислати ӯ сунъист. Гап дар сари он аст, ки тафаккури экстремистӣ ба дарки воқеияти мавҷуда на фақат қодир нест, балки барои фаҳмиши он кӯшиш ҳам ба харҷ намедиҳад, зеро ин фаҳмиш гӯё боварии ӯро ба «ғояи бузург» суст мекунад, гӯё пойдории қоидаву талаботи ин ғояи бузургро зери шубҳа мегузорад. Акусуламали ҷудонамудаи Э. Фромм «конформизми автоматикунонидашуда»-ро низ ба проблемаи баррасишаванда метавон шомил кард. Ин аксуламал раванди ба дастгоҳи барномавӣ табдил додани инсонро ифода мекунад, ки аз рӯи меъёрҳо ва қолибҳои аз ҷониби умум қабулгардида, тибқи меъёрҳои муқарраршуда амал менамояд, аммо бо нигоҳ доштани хаёлпардозиҳое, ки бояд ӯ қарорҳоро мустақилона қабул намояд. Дар натиҷа, қобилияти тафаккур ва амалҳои хатарнок фурӯ нишонида мешавад, танҳоӣ ва бемадорӣ бошанд, бо қиммати ба робот табдил ёфтани инсон ва дар байни омма «ҳазм» шудани ӯ бартараф мегарданд. Одатан, шахсе, ки мутлақо аз дин огоҳ нест, майл ба экстремизм надорад, ва баръакс, нафаре, ки қисман аз дин воқиф асту агарчанде дониши кофӣ надорад, худро олим метарошад. Дониши чунин донотарошон беоқибат буда, садои занҷири гусастаро ба хотир меорад, ки аз сатҳи болоӣ то ба сатҳи поёнии он рафта намерасад. Барои чунин шахсон робитаи байни фард ва омма вуҷуд надорад, онҳо шубҳаоварро бо мӯътамад, тахмину гумонро бо воқеият наметавонанд қиёс кунанд; онҳо дониши кофӣ надоранд, то ки

гирехи ихтилофотро бикушоянд ё далелу бурҳонро аз бофтаю дурӯғ фарқ намоянд[80].

Дар пайдоиши экстремизми динӣ нақши муайянро проблемаи бегонашавӣ мебозад. Ин проблема дар ҷомеаи муосир хеле муҳим аст. Тоҷикистон буҳронеро аз сар мегузаронад, ки он дар бегонашавии қисмати асосии аҳолӣ аз ҷомеа ва давлат, аз фарҳанги анъанавӣ, исломи анъанавӣ ва ғ. ифода меёбад.

Экстремизм аксуламали гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ нисбат ба ҳолатҳои бегонашавӣ онҳо аз шаклҳои анъанавӣ, пурмазмуни рӯзғори иҷтимоӣ ба шумор меравад, ки дар даврахои бозсозиҳо, инқилобҳо ва буҳронҳо пайдо шудаанд. Бесабаб нест, ки Г. Гегел давраи гузаришро ҳамчун давраи корнамоиҳои аз ҳама баланди қаҳрамонона ва ҷиноятқориҳои аз ҳама ваҳшиёна тавсиф намудааст[81]. Воқеият боз дар он ифода меёбад, ки аксуламали гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ барои рафъи воқеии ҳолатҳои мавҷудаи бегонашавӣ онҳо номувофиқ ва камсамар ба ҳисоб меравад.

Проблемаи бегонашавӣ дар фалсафа аллакай тӯли як қатор асрҳо мавриди таваҷҷӯҳ қарор мегирад. Аслан, ғояи бегонашавӣ дар консепсияи «шартномаи ҷамъиятӣ» асоснок карда шудааст, ки аз гузашт карда шудани як қисми асосии ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба давлат, бармеояд. Г. Гегел ва К. Маркс дар асарҳои фалсафии худ истилоҳи бегонашавиро ба маънои «худро канор гирифтан» истифода бурдаанд, ки ин ҳолат имкон медиҳад, шахс худро муаррифӣ карда, дар корҳои амалӣ бошуурона рафтор намояд, аммо яке аз шаклҳои хеле вазнини таназзули иҷтимоист.

Муҳаққиқи рус А. А. Харованников менависад, ки «дар бораи дарки ногуворӣ сухан гуфтан табиист, вақте ки шахс бо мақсади ором нигоҳ доштани руҳу равонаш, ҳолати воқеии худро комилан тағйир медиҳад. Инсон худро танҳо ва дар ҷаҳони барояш бадкину нофаҳмо нотавон эҳсос мекунад, бар асари чунин ҳолат, кӯшиш менамояд, ки онро тавассути шаклҳои

[80]Фромм Э. Бегство от свободы – Минск, 2000-С.59.
[81]Бачинин В.А. Социология. Академический курс, СПб.:2004-С.637.

мухталифи бегонашавӣ аз воқеият, ва баъзан ба ҳадди ниҳоии он баратараф намояд. Дар муносибатҳои байниҳамдигарии инсон ва ҷомеа масъалаи бегонашавии инсон пайдо мешавад, ки моҳияти он дар омезиши инсон бо сифатҳои муҷарради иҷтимоӣ, аз даст додани назорат оид ба натиҷаҳои фаъолияти худ ва дар ниҳояти кор, аз даст додани мутобиқати вай ба ҳаёт, гум кардани шахсияти «Ман» ифода меёбад. Инсон метавонад бо оила, хешу табор, фарҳанг, маълумотнокӣ, моликият ва ғ. бегона гардад[82].

Мо чунин мешуморем, ки раванди бегонашавӣ аз ҷомеа ва давлат дар Тоҷикистон хусусияти ниҳонӣ дорад. Бегонашавӣ ҳамеша, дар заминаи динӣ, ба экстремизм оварда мерасонад, бахусус ин раванд ба ҷомеаи муосир хос аст, ки дар он ҳамаи унсурҳо дар ҳолати дигаргуншавиҳо қарор доранд. Дар чунин шароит «бегонашави»-и қисмати зиёди шаҳрвандон аз институтҳои давлатӣ ва дигар марказҳои расмии ҷомеа зоҳир гашта, ба таври ғайрирасмӣ ташкил ёфтани худфаъолиятии гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ ба қайд гирифта мешаванд. Дар ин мавридҳо гурӯҳҳои мазкур роҳҳои мустақилонаи ҳалли проблемаҳои худро ҷустуҷӯ ва пайдо менамоянд, воситаҳои муҳофизати ҳуқуқҳо ва озодиҳои шаҳрвандонро дар он шаклҳое татбиқ кардан мехоҳанд, ки ба назар дастрас ва натиҷабахш менамоянд. Бахусус ҷавонон аз давлатдорӣ дуранд, аз давлат чизе талаб намекунанд, ва намехоҳанд, ки дар зери таъсири давлат қарор дошта бошанд. Дар натиҷа, давлат фишангҳои идоракуниро ба гурӯҳҳои бузурги аҳолӣ ва ҷамоатҳои иҷтимоӣ аз даст медиҳад.

Мақулаи бегонашавӣ фароҳам омадани шароити иҷтимоиро оид ба ташаккули экстремизм, аз ҷумла, экстремизми динӣ дар Тоҷикистон муайян менамояд. Омилҳои асосии пайдоиши ташкилотҳои ғайрианъанавии динӣ ва экстремизм дар кишвари мо, бегонашавии инсон, бахусус ҷавонон аз ҷомеа, аз анъанаҳои фарҳангии худ ва арзишҳои маънавӣ маҳсуб меёбад. Муҳаққиқи тоҷик С. Олимова дар ин хусус собит месозад, ки «бегонашавии иҷтимоӣ дар

[82]Харовинников А.А. Экстремизм как социальное явление (Философский анализ). Дис…канд. филос. наук. Саратов, 2007-С.20.

муҳити ҷавонон ногузир ҳолати экстремистиро тавлид мекунад, ки он дар шароити кунунӣ ба экстремизми динӣ табдил меёбад. Чунончи, шумораи асосии пайравони «Ҳизб-ут-таҳрир» ҷавонони 15-20- сола мебошанд[83]. Барои пешгирии бегонашавии ҷавонони имрӯзаи Тоҷикистон, қабл аз ҳама имкониятҳо, заминаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ғановати маънавии ҷомеаи муосирро истифода бурдан зарур аст.

Пешгирии бегонашавӣ дар ҷаҳони муосир ҳамчун аз ҷониби шахсон аз бар кардани шаклу шароитҳои мухталифи фаъолият, самара ва натиҷаҳои он тасаввур карда мешавад, ки дар ҷомеаи имрӯзаи иттилоотӣ-техникӣ фавқулодда мураккаб гаштааст. Бо ин мақсад марҳилаҳои асосии таъсири мутақобилаи инсон ва ҷомеаро ба худ бояд тасаввур намуд. Таърихан, сараввал системаи вобастагии шахсии одамон пайдо шудааст. Системаи мазкур ба давраи гузариш аз марҳилаи шикор ва бодиянишинӣ ба зироаткорӣ марбут аст, ки он дар ҳалқаи умумии ҳадафҳо гирд овардани майлу рағбати ҳазорон одамонро талаб мекард. Ҳамин тавр, заминаҳо барои ташаккули давлат ва ҳукмронии он аз болои ҷомеа ба вуҷуд омаданд. Системаи робитаҳои иҷтимоӣ ташкил ёфт, ки он вобастагии шахсии инсонро аз инсон ва урфу одатҳо, ҳамчун шаклҳои асосии таҷдиди иҷтимоӣ тавсиф менамояд. Бинобар ин, бегонашавӣ аз рӯи пайдоиши ибтидоияш хусусияти тамаддуниро дорост, зеро тақсимоти ҷомеаии меҳнат, агарчанде зоҳиран ба назар эътимодбахш нанамояд ҳам, аслан ба сарҷамъии сартосарии ҷомеа, барқарорсозии робитаҳои умумии шахсиятҳо нигаронида шудааст. Дараҷаи ҳассосии бегонашавӣ ҳамчун муносибати ҷамъиятӣ, на танҳо аз муайянкунандагони омилҳои объективии он, балки ҳамчунин аз он зерманзари иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва психологӣ вобаста аст, ки ба амалӣ гаштани бегонашавӣ мусоидат менамоянд.

Аз нуқтаи назари мо, бегонашавӣ аз доираи истеҳсолот бармеояд ва муносибату меъёрҳои иҷтимоиро ба шакл медарорад. Дарки доманадори

[83]Олимова С. Социальный контекст: отчуждение//Религиозный экстремизм в Центральной Азии. Душанбе, 2002-С.93-107.

бегонашавӣ, оҷизӣ инсонро ба рафторҳои фавқулодда тела медиҳад: ё инсон хунукназарии худро нисбат ба меъёрҳои амалкунанда кушоду равшан намоиш медиҳад, ё эътирози ӯ дар ҳолати зоҳирнашавандагӣ мемонад ва ҳар лаҳза метавонад аз худ дарак диҳад. Вақте ки инсон наметавонад худро дар ҳаёт комилҳуқуқ шуморад, ҳама гуна рафтори ноҷойи худро сафед хоҳад намуд.

Бегонашавӣ – ҳолати иҷтимоӣ- психологист, ки тавсифоти муҳими замони муосир ба шумор меравад. Гусастани робитаҳои фарҳангӣ на танҳо дар байни миллатҳо, балки ҳамчунин дар муҳити иҷтимоии қавмҳои гуногун ба мушоҳида мерасад. Дар ин маврид ба хотир овардан зарур аст, ки робитаҳои фарҳангӣ аз рӯйи моҳияти худ аз робитаҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ боло меистад, зиёдтар аз ин, фарҳанг аз бисёр ҷиҳат асоси иқтисодиёт ва сиёсатро ташкил медиҳад. Ин фарзия гарчанде баҳснок аст, аммо қобили кабул аст, чунки фарҳанг ҳастии миллатро муаян менамояд.

Ба ақидаи бархе аз муҳақиқон, экстремизм ҳамчун маҳсули давлатдории коммунистӣ ва системаи махсуси арзишҳо, ки дар ҷомеаи шӯравӣ ҳукмрон буд, баррасӣ мегардад. Тибқи ин нуқтаи назар, экстремизм таркиби ҷавҳардори даврони шӯравӣ маҳсуб меёбад. Аммо мо ба ин нуқтаи назар рози шуда наметавонем. Бале дуруст аст Шуравӣ давлати тоталитари буд, аммо дар сиёсати дохили аз усулҳои экстремистӣ истифода наменамуд. Таҳлили сиёсати хориҷии давлати шӯравӣ масъалаи дигар аст ва истифодаи усулҳои экстремистию террористӣ дар сиёсатии хориҷии ин давлати бузург бояд ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ шавад. Экстремизми муосир, назар ба ақидаи муҳаққиқи рус А. С. Грачев, ифодагари яке аз зуҳуроти буҳрони амиқ мебошад, ки ҷаҳони капиталистӣ аз сар гузаронидааст, нишонаи заволи амиқ ва бебозгашти иҷтимоӣ ва ахлоқии он ба шумор меравад. Айни замон чунин андешаронӣ, ба ҳар ҳол, ба назар содда менамояд[84]. Дар шароити кунунӣ экстремизм ба проблемаи рақами як дар тамоми ҷаҳон табдил ёфтааст. Ғалат

[84]Грачев А.С. Политический экстремизм. М: Мысль, 1986-С.10.

мебуд, агар бигӯем, ки экстремизм фақат дар иниститутҳои сиёсӣ ва муносибатҳои ҷомеаии кишварҳои Ғарб зоҳир мешавад. Мавҷудияти экстремизм дар Ғарб истисно нест, аммо ин зуҳурот дар кишварҳои Ғарб, гӯё, фақат ҳамчун «фарҳанги маргиналӣ», ки гӯё дар як гӯшаи системаи арзишҳои эътирофи умум афканда шудааст, хеле маҳдуд, яъне, ҳамчун зуҳуроти назоратшаванда баррасӣ мегардад».

Экстремизм хоси ҷонибҳои ба ҳам зид ва бо ҳам даргир мебошад, зеро таърихи инкишофи афкори фалсафӣ, ақидаҳои сиёсӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар байни роҳбарони ҳукумат ва мухолифин, ҳизбҳо мувофиқати доимӣ ва комил оид ба масъалаҳои тақсимоти ҳокимияти сиёсӣ ва неъматҳои моддӣ набуд ва нахоҳад буд.

Муҳаққиқи рус В. И. Красиков зуҳуроти таърихии экстремизмро аз рӯйи се қисмати асосӣ муайян намудааст:

Аввалан, ин ихтилофоти ҷинсии инсон аст, зимнан, ба мисли ихтилофоти ҷинсии ҳамаи намудҳои ҳайвонот. Аммо фақат инсоният нобаробарии табиии мардон ва занонро дарк менамояд. Нобаробарии табиӣ фақат гуногуншаклиии онҳоро ифода мекунад, аммо на костагии онҳоро, неруи онҳо дар бахшҳои мухталифи мавҷудият зоҳир мегардад. Шаҳватронӣ: ҳам таассуби мардона ва ҳам феминизми радикалӣ – мафкура ва таҷрибаҳои экстремистӣ ба шумор мераванд, ки шиддатнокӣ ва таърихи ин зиддиятҳои табиии антропологиро ба намоиш мегузоранд.

Дувум, зуҳуроти таърихии экстремизм дар фарқияти этникӣ-фарҳангии инсоният ифода меёбад. Ривоятҳо дар бораи сохтмони манораи Вавилон собит менамоянд, ки одамон аз қадим дар хусуси ин ихтилофоти этникӣ-фарҳангӣ ва оқибатҳои фалокатовари он андеша меронданд.

Сеюм, ин тафриқаи мутассили авлодӣ, шакли нисбатан муҳим ва ҷиддӣ - ихтилофоти «падарон ва фарзандон», аниқтараш, ихтилоф дар байни насли ҷавон (15-25- сола) ва насли миёна (35-40-сола) ба шумор меравад[85].

[85]Красиков В.И. Экстремизм: паттерны и формы.-М.: Водолей, 2009.-С.182-214.

Муҳити ғизобахши экстермизм чунин шароитҳо буда метавонанд: вақте ки дар ҷараёни рушди соҳибихтиёрии ҷамъиятӣ ва шахсӣ озодии зоҳирӣ аз озодии ботинӣ пеш мегузарад. Ба ҳамин нукта ҳанӯз дар замони худ Х. Ортег-и- Гассет ишора карда буд. Афзоиши фаъолнокии манфӣ ва таҳрибкориро дар асри XX ин файласуфи машҳур – элитарист бо он маънидод намуд, ки «анбӯҳи одамони орӣ аз захираҳои кофии фарҳангӣ ва ахлоқӣ ба пешсаҳнаи таърих баромаданд. Мактабҳо тавонистанд, ба авом фақат шаклҳои зоҳирӣ, техникаи ҳаёти муосирро таълим диҳанд, ба онҳо ифтихор намудан аз дастгоҳу таҷҳизоти муосир, ифтихор аз иқтидори техникаи муосирро омӯзониданд, аммо барояшон дар хусуси рӯҳу ҷон чизе нагуфтанд»[86]. Бешубҳа, ақидаи мазкур дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ проблемаи хеле муҳим ба шумор меравад.

Муҳаққиқи америкоӣ Р.И. Кларк, омилҳои васеъ паҳн гаштани равияҳои экстремистӣ ва террористиро ба баланд шудани камфаъолиятии механизмҳои мураккаби хоҷагидории муосир марбут медонанд, ки имкониятҳои бесобиқаро барои рушди тафаккури ҷамъиятӣ пешниҳод менамоянд.

Дар ин хусус ақидаи муҳаққиқи рус Д. Кирилченко дигар аст. Ӯ собит месозад, ки «проблемаҳои ҳақиқии инсоният на дар экстремизм ё нобаробарии иҷтимоӣ, балки дар он маъно ифода меёбад, ки онро «арзишҳои умумиинсонӣ» меноманд. Ҳамчун дар арзишҳои ғайритабиӣ барои инсон, гӯё дар он хусус хулоса бароварда мешавад, ки мусоидати навсозиҳо метавонад заминаи аз байн бурдани экстремизм гардад.

Дар фаъол гардонидани экстремизми динӣ нақши муайянро ҳамчунин раванди секуляризатсияи ҳаёти иҷтимоӣ дар Тоҷикистон мебозад. Ин раванд аз давраи мавҷудияти собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ оғоз ёфта буд, вақте ки идеология давлатӣ чунин маҳсуб меёфт, ки динро аз ҳаёти иҷтимоӣ решакан намояд. Аммо дар Ҷумҳурии Сотсиалистии Тоҷикистон бо сабаби сатҳи баланди диндории шаҳрвандон, мавҷи ғайридиникунонии дучори муқобилиятҳо шуд ва дар натиҷа аксуламалро дар шакли фундаментализми

[86]Ортега-и-Гассет Х. Восстание масс Тоталитаризм: что это такое?-М., 1993-С.112.

исломии пинҳони амалкунандаро дар ҷомеа ва дар саҳнаи сиёсат ба вуҷуд овард.

Дар тафовут аз «ҷаҳони насронӣ», ки дар он анъанаи тақсимоти ҳокимият ба ҳокимияти дунявӣ ва динӣ дастболо шуд ва ғайридиникунонӣ хусусияти фарҳанги сиёсии халқҳоро муайян намуд, «ҷаҳони ислом» ба тафриқаи байни ҳокимияти илоҳӣ ва ғайридинӣ роҳ намедиҳад. Ва агарчанде, дарвоқеъ, дар аксар кишварҳои расман доман густурдаи ислом ҷудо кардани дин аз сиёсат ба вуқӯъ пайваста буд, ва Тоҷикистон ҳам расман ба ин рӯйхат шомил мешавад, ин далелро уламои исломӣ, олимон, шахсони маъруфи дини, ки нуфузи онҳо дар ин ҷомеа хеле калон аст, напазируфтанд ва инкор намуданд.

Раванди секуляризатсияи (аз лот. *Saecullaris –дунявӣ, ҳаётӣ)* фарҳанг ва тамаддуни Ғарб озодии афкори ҷомеа ва шахсиятро аз таъсири дин ва ибодатгоҳҳо дар назар дорад.

Вақте ки тафаккури иҷтимоӣ дар ҳамаи ҳолатҳои интихоби масъул умед бастан на бар тасаввуроти динӣ, балки дар навбати аввал ба оқилона будани хислатҳои дурандешиву мулоҳизакориро афзал мешуморад, дар ин маврид раванди секуляризатсияи фарҳанг ба ҳадди мантиқии худ мерасад. Ба ақидаи муҳаққиқи ислом А. Фатҳӣ «сиёсати навсозии авторитарӣ, ки ҳукумати шӯравӣ татбиқ менамуд, ва таҷрибаи мустамликадории Руссияи подшоҳӣ ва Шӯравӣ ду омили асосие ба шумор мераванд, ки секуляризатсияи ҷомеаи исломии Осиёи Марказиро аз пайи худ бурд. Ин секуляризатсия маънии «раҳоӣ аз дин»-и ҷомеаии исломӣ ва гузариш ба замони сохти шӯравиро ифода мекард, ки дар мафҳуми сохтмони коммунизм маънидод мешуд[87]. Бар хилофи ақидаи назариётчиёни онвақтаи рушди рӯзафзун, ки пешрафти модернизатсияро бо ченаки секуляризатсия андозагирӣ мекарданд, ислом аз фарҳанги мардум, ҳаёти иҷтимоӣ ё сохти сиёсӣ ба ҳеҷ куҷо ғайб назада буд, балки дар ҳар шакл зоҳир мешуд.

[87] Расы и народы: современные этнические и расовые проблемы: М.: Наука, 2006-С.34.

Ба хулосае омадан мумкин аст, ки пешгирӣ ва муқовимат ба зуҳуротҳои экстремистӣ, дар ҳамкориҳои мутақобилаи байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ, дар ҳама давру замон ва то имрӯз муҳимтарин вазифаи давлат буд ва хоҳад монд. Аз нуқтаи назари мо, дар номгӯйи масъалаҳои марбут ба экстремизм инҳо муҳимтарин бояд ҳисоб шаванд: на ошкор намудани ғояҳои экстремистӣ, балки тавсифи хусусиятҳои экстремистон ва ҳатто на омӯзиши тартибу қоидаҳои худи экстремизм, балки омилҳои пайдоиши ҷонибдорони радикаликӯнонии ҷомеа ва дар ниҳоят кор, посух дарёфтан ба суолест, ки чаро одамон ба гурӯҳҳои экстремистӣ шомил мешаванд? Кӯшишҳо оид ба кушодани асосҳои фунтаменталии экстремизм барои ошкор намудани робитаҳои байниҳамдигарии онҳо мусоидат менамоянд. Экстремизм, дар намуди умумии он, мумкин аст, ҳамчун таҷрибаи халал ворид намудан ба асосҳои тартиботи мавҷуда муайян карда шавад. (терроризм бевосита амалҳои зӯровариро пешбинӣ менамояд).

Шарҳи он мазмун, ки ҳам дар муҳити илмӣ ва ҳам дар байни сиёсатмадорону публисистон хеле васеъ паҳн гаштааст, яъне, он маънӣ, ки сабабҳои бевоситаи амалҳои зӯроварӣ ғояҳои экстремистӣ ба шумор рафта, ба ноустувории рӯҳии одамон боис мешаванд, ба назар каме содда ва такрор менамояд. Бар замми ин, чунин нуқтаи назар барои кушодани гиреҳҳои аслии зуҳурот имкон намедиҳад. Таҳлили масоили мазкур дар доираи назариёти моҷарошиносӣ таваҷҷӯҳро ба асосҳои моҷаро ва моҳияти ҷомеаи муосир (ҳамчун ба низоми ҷаҳонӣ) равона карда, заминаҳо ва омилҳои нисбатан ҷиддиии пайдоиши амалҳои зӯроварии экстремистиро ошкор менамояд, ки он дар навбати худ, барои назар афкандан ба дурнамои пешгирӣ ва аз байн бурдани таҳдидҳое имкон фароҳам меоварад, ки аз амалҳои экстремистии каме дигархелтар бармеояд. Аз ин рӯ, мо хостем, таваҷҷӯҳро ба умқи робитаҳои мавҷудаи байни тартибот, адолат ва экстремизм равона намоем. Қабл аз ҳама, ба дарки тартиботи иҷтимоӣ назар меафканем. Аз нуқтаи назари мо, ҳама гуна тартиботи амалкунанда самара ва натиҷаи моҷарои байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ мебошад. Тартиботи ба ҳамин тарз ташкилёфта

механизмҳои зеринро пешбинӣ менамояд: ҳукмфармоӣ, зердастон, доираи муайяни амалиёти ҳар яке аз гурӯҳҳои сохтори иҷтимоӣ, ҳамчунин механизми назорат оид ба мавқеъҳои ишғол кардашуда. «Тартибот моҳияти воситаҳои тараққиёт, мартаботи шахсиятҳои иҷтимоӣ ва барқарор намудани шаклҳои самараноки назорат ба ҷомеаро бо мақсадҳои роҳ надодан ба моҷароро ифода мекунад. Моҷаро, тартиботи муайянро таъсис дода, бад-ин восита, ба мақоми шахс ва гурӯҳҳо таҳким мебахшад, ҳамчунин шаклҳо ва воситаҳои фаъолияти байниҳамдигарии онҳоро муайян менамояд. Анҷоми моҷаро ҳамчунин мувофиқаи гурӯҳҳои иҷтиморо оид ба натиҷаҳои он пешбинӣ менамояд. Моҳиятан, чунин мувофиқат барои тартиботи ҷорӣ, ҳамзамон ба адолати иҷтимоӣ, ҳамчун ба баҳои хулосавии муносибатҳои иҷтимоӣ замина мегузорад. Баррасии адолат аз нуқтаи назари тартибот имкон медиҳад, ки аҳамияти онтологии он барои минбаъда муайян карда шавад. Моҳиятан, адолат маънои тартибот, асосҳо ва талаботи фаъолияти онро ифода мекунад. Мафҳуми адолат хеле гуногунмаъност. Дар ин ҷо имконияти кушодани мазмуни муайяни адолат ва намунаҳое, ки адолат ба онҳо асос ёфта бошад, мавҷуд нест. Зарурати муайянкуниҳоро ба назар гирифта, зикр менамоем: дар зери мафҳуми адолат чунин сохтори ҷомеаиеро фаҳмидан мумкин аст, ки асоси онҳоро моҷароӣ махсус, яъне муайянкунандаи оқибати моҷаро, воситаҳои тақсимоти фоидаҳо ва харочоти байни гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, ҳама гуна ҷомеа дорои сохти низоми қатъӣ (маҷбурӣ) буда, сиёсат, ҳуқуқ, давлат ва қонун ҳолатҳои мавҷударо ҳифз менамоянд, натиҷаҳои моҷаро ва мувофиқатҳо бошанд, тартиботро ба ҳукми қонун медароранд. Ҳамин тариқ, адолат (ҳақиқатхоҳӣ), моҳиятан, вобаста аст аз созишҳое, ки натиҷаҳои моҷароро аз оғози он инъикос менамоянд.

Адолат, дар маҷмӯъ, мувозинати ҳосилшудаи фоида ва зиёнро ифода менамояд, ки он аз бисёр ҷиҳат, бояд на фақат ба нафъи «ғолибон», балки ҳамчунин ба манфиати шахсони ҷудогона, гурӯҳҳо ва дар маҷмӯъ - коллектив ҳал карда шавад. «Ченаки адолатнокӣ дар манфиати шахсони

«ғолиб» ва ҳамзамон, дар манфиати коллектив ифода меёбад: фоида барои ҳар нафар дар алоҳидагӣ ва барои ҳама дар якҷоягӣ». Азбаски чунин ҷомеа ва чунин тартиботе вуҷуд надоранд, ки мутлақо адолатнок бошанд, ба даст овардани манфиатҳо фақат аз ҳисоби зулму ситам ва истисмор, яъне шаклҳои поймол кардани ҳуқуқ имкон дорад; бинобар ин, тамоюли норизогиҳо нисбат ба тартиботи ҷойдошта рӯ ба афзоиш дорад. Мо ба он муътақидем, ки маҳз мавҷудияти моҷароӣ заминавии ба тартибот асосёфта, дар ҳолатҳои муайян ва дар лаҳзаҳои муайян, ғояи адолатнокиро фаъол мегардонад. Ғояи адолат фақат дар мавриди мавҷудияти нафарони муқобил бо манфиатҳои гуногунсамт маъно пайдо карда метавонад. Масъалаи адолатнокӣ фақат дар он маврид ва дар он ҷое дар мадди аввал дониста мешавад, ки дар натиҷаи ташкили ин ё он чорабиниҳои иҷтимоӣ ҷонибҳои муқобил талаботи истисноии ҳамдигариро ба ҳамдигар пешниҳод менамоянд ва бар души ҳамдигар меафкананд. Чунин ҳолат аз афзалиятнокии манфиатҳои ғайрирасмӣ ва ҳамин тавр, аз вайронкунии он мувозинати байни фардӣ ва умумие шаҳодат медиҳад, ки дар натиҷаи анҷоми моҷаро барқарор гардида, ба тартибот асос мегузорад. Ҳамин тариқ, фаъолгардонии ғояи адолат зарурати мавҷуд будани баробарвазнӣ дар ҷомеа ва ташаккули тартиботи навро инъикос менамояд. Адолатнокии низоми мавҷуда дар қонунӣ будани ҳукумат ва эҳтироми ҳуқуқ, ҳамчун дар конвенсияи ифодакунандаи тартиботи эътирофи умум, ифода меёбад. Вайрон кардани «шартнома»-и тартибот, дар намуди инкор кардани ҳуқуқ ё сӯйистифода аз қонунҳое, ки хилофи адолат ва хилофи тақсимоти одилона қабул карда шудаанд, ба ҳолатҳои зерин оварда мерасонад: ақидаҳои ҷудогона дар бораи адолат пайдо мешаванд; ҳар яке адолат, ҳуқуқҳоро ба таври худ фаҳмида, дар ниҳояти кор, мехоҳанд ҳар яке дар алоҳидагӣ ба татбиқи онҳо шурӯъ намоянд. Ба миён омадани шарҳу эзоҳи мухталиф дарки нави ҳуқуқҳои адолатнокро ба миён меоварад. Ҳамин тариқ, шиддат ёфтани моҷарои байни меъёрҳои куҳна, ки мутаносибан, ба фаҳмиши адолатнокӣ асос ёфтааст, ва меъёрҳои нави тавлидшуда, ногузир будани зиддиятҳо ва аз худ дарак додани зӯровариро ба

миён меоваранд. Мунтазам вайрон кардин асосҳои тартибот адолатро халалдор месозад. Ҳамин тавр, афзоиши ноадолатӣ (вайрон кардани мувозинати фоида ва зиён), тақсимоти нобаробари фоида ва хароҷот барои гурӯҳҳои мухталиф боиси норизогиҳо ва зиддиятҳо хоҳанд шуд. Азбаски тартиби амалкунанда ба талаботи адолат ҷавобгӯ нест ва ба ҷалби ҳамаи ҷонибҳо мусоидат наменамояд, он гоҳ гурӯҳҳои ихтилофангез омодаанд, бо мақсадҳои зерин ба зиддият бархезанд: ё бо мақсади тағйир додан ва ислоҳи тартиботи мавҷуда; ё барои ташкили тартиботи нав, тартиботи иҷтимоӣ-сиёсии ба худ хос, таҳмони сиёсат ва фарҳанги махсуси худ.

Эътирофи тартибот, ҳам ноадолатона ва мутаносибан, ғайриқонунӣ, ногузир ба дарки манфии давлате оварда мерасонад, ки ин тартиботро ҷонибдорӣ менамояд ва ҳамчунин муносибати шаккокона нисбат ба ҳуқуқро ба миён меорад. Чунин ҳолат, ба ақидаи мо, агарчанде механизми зуҳуроти экстремизмро маънидод накунад ҳам, ба ҳар ҳол, заминаҳои онро барои мо ифшо менамояд.

1.4. ЗОҲИРШАВИИ ЭКСТРЕМИЗМ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

Яке аз омилҳои густариш ёфтани ифротгароӣ ва терроризм ин аз ҷониби ташкилотҳои террористӣ васеъ истифода гардидани технологияҳои муосири иттилоотӣ, бахусус, шабакаи интернет бо мақсади пешбурди ташвиқоти экстремистӣ, ба сафҳои худ ҷалб намудани аъзои нав, омода ва роҳбарӣ намудан ба амалҳои харобкоронаи онҳо маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз, тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла мубодилаи иттилоот дар бораи тарзу усулҳои муассири пайгирӣ намудани чунин сомонаҳо, аз шабакаи интернет хориҷ намудани онҳо ва расонидани кумаки байниҳамдигарӣ дар ин самт шарти муҳимми

комёбӣ дар мубориза бо кибертерроризм мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ба ақидаи мо, омили дигари зуҳуроти экстремизми динӣ раванди имрӯзаи ҷаҳонишавист, ки тамоми ҷаҳони исломро фаро гирифтааст. Дар муқобили ин, дар байни назарияҳои муосири марбут ба олами ислом бисёр тадқиқотҳои фалсафӣ ва иҷтимоӣ - сиёсӣ пайдо шуданд, ки дар онҳо вазифаи тадқиқоти имконпазириҳои миллӣ дар масъалаҳои таносуби ҷаҳонишавӣ ва фарҳанги хоси миллӣ ба миён гузошта мешаванд. Дар маҷмӯъ, метавон дар бораи ду ҷараёни бузург сухан ронд.

Яке аз онҳо исломист, ки ба зарурати умед бастан ба ҷустуҷӯи монандиҳои дини ислом ва фарҳанги мусулмонӣ асос ёфтааст. Чунин мешуморанд, ки барои таҳким бахшидан ба ҷаҳонӣ ислом дар муносибатҳои иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва фарҳангӣ, дини ислом ва фарҳанги мусулмонӣ воситаҳои беҳтарини рафъи оқибатҳои манфии ҷаҳонишавӣ ба шумор мераванд. Муаллифони ҷараёни дигар муносибати танқидиро дар мадди назар мегузоранд; онҳо дар ҳаракатҳои муқовимат на фақат аксуламал ба сиёсати мустамликадорӣ, балки ҳамчунин роҳи мушобеҳи рушди таърихи инсониятро мебинанд, ки ба рафъи монеаҳои байнифарҳангӣ нигаронида шудаанд.

Муҳақиқи тоҷик И. Асадуллоев собит месозад, ки «тайи садсолаи охир фишороварии бузург ба қисмати зиёди аҳолии ҷаҳон аз ҷониби давлатҳои Шимол расонида мешавад, ки ин давлатҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ ҳукмрон буда, дар соҳаҳои илмӣ-техникӣ афзалиятҳои ҳарбиро дар даст доранд; ин фишороваріҳо ба намунаҳои ҳаёти суннатии он халқҳое халали ҷиддӣ ворид месозад, ки неруи муқобилият ба тағйироти мавҷударо надоранд. Дар натиҷаи ин, дар табақаҳои радикалӣ неруҳое ба майдон меоянд, ки бо ғояҳои умумияти динӣ мусаллаҳ шуда, зӯровариро мавриди истифода қарор медиҳанд[88]. Пӯшида нест, ки дар ҷомеаи муосири исломӣ дар манзари ҷаҳонишавӣ ва постмодернизм ду раванди мухталиф, вале ба ҳам

[88]Асадуллаев И.К. Новые категории философии и философия политики. Душанбе, 2006-С.125.

таъсиррасонанда амал мекунанд. Якум, зуҳуроти системаи ҷаҳонии сиёсии ислом, дуюм, аксуламали фарҳангӣ бар зидди вестернизатсия (афзал шуморидани арзишҳои Ғарб) ва консюмеризм (афзал шуморидани молу маводи истеҳсоли Ғарб), ки аз ҷаҳонишавӣ ва омилҳои мушоияткунандаи он бармеоянд.

Ҷаҳонишавӣ ҳамчун раванди объективӣ, бешубҳа, ба ҳамаи соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷомеаи тоҷик таъсир мерасонад,- изҳор медорад муҳаққиқи тоҷик Р. Ҳайдаров. Муаллиф дар тадқиқоти худ дар мисолҳои воқеӣ таъсироти мусбӣ ва манфии раванди ҷаҳонишавиро дар Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст[89]. Раванди босуръати ҷаҳонишавӣ ва эҳёи ислом дар Тоҷикистон ва бозгашт ба асосҳои анъанавӣ дар манзари фишороварии ошкоро аз ҷониби ҷомеаи Ғарб, арзишҳои фарҳангӣ ва мутараққии он боиси ба вуҷуд омадани аксуламалҳо, на фақат дар Тоҷикистон, балки дар тамоми ҷаҳони мутамаддин гардида, дар чунин мафҳумҳо ифода меёбанд:

- бозгашт ба асосҳои бунёдии дин, «исломи соф» ва дар сатҳи донишҳои умумибашарӣ дарёфти посух ба даъватҳои замони муосир;

- роҳҳои ислоҳоти ҷомеаи исломӣ, дарёфти донишҳо ва посухҳои нав ба даъватҳои муосир, ки ба асосҳои ислом мухолиф нестанд.

Ин ду тамоюл бо асосҳои худ ба ҳамдигар муқобил набуда, аз як талаботи муҳим – устувории таълимоти Қуръон ва асосҳои дин бармеояд. Фақат воситаҳои расидан ба мақсадҳои асосӣ- ҳифз намудан ва таҳким бахшидан ба вазъи ҷомеаи исломӣ, ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар тамоми ҷаҳон, фарқ мекунанд.

Экстремистони динӣ, ба қавли худи онҳо, посух ба ҷаҳонишавӣ ва ғасби фарҳангии арзишҳои ғарбии либералиро доранд. Муаллифони ин ақида омилҳои берунии зуҳуроти экстремизми диниро зикр менамоянд: ҷаҳонишавӣ, ки ба қавли онҳо, ҳамчун кӯшишҳои ИМА дар хусуси ба

[89]Ҳайдаров Р. Влияние процесса глобализации на трансформацию таджикского общества. Автореф…д-ра филос. наук/Р. Хайдаров.-Душанбе: 2007.-44 с.

халқҳои ҷаҳон бо зӯрӣ бор кардани тарҳи ҳукмронии мутлақи худ маънидод мешавад; ИМА ба ҳайси фишоровар баромад мекунад, на бо мақсади сабук гардонидани зиддиятҳои байниқавми ва фарҳангӣ – тамаддуни, ки ба хотираи таърихии халқҳо асос ёфтааст; ҷаҳонишавӣ наметавонад ҷараёни иттилоотиро оид ба афзал шуморидани арзишҳои Ғарб (вестернизатсия) боздорад.

Ошкор карда шуд, ки раванди ҷаҳонишавӣ бо раванди баръакс-маҳдудгардонӣ роҳандозӣ мешавад. Яке аз зуҳуроти ин раванди ба худ хоси талофикунанда, ба ақидаи мо, экстремизм ба шумор меравад. Ба ақидаи муҳаққиқи рус О. А. Русанова «дар шароити ҷаҳонишавӣ аксар давлатҳо, аҳолии ин кишварҳо ва шахсиятҳои роҳбарикунандаашон бо зуҳуроти бисёрҷанбаи ақидаҳои ифротии гурӯҳҳои рӯҳияи экстремистидошта ва пешвоёни онҳо дучор меоянд[90]. Ин ҳолат на фақат ба муносибатҳои байнимазҳабӣ, байнихалқиятҳо, ихтилофоти байналмиллӣ, балки ба дигар паҳлуҳои воқеияти иҷтимоӣ мансуб аст.

Чуноне ки мебинем, ташкилоту равияҳо ва муносибати онҳо ба проблемаҳои ҷаҳонишавӣ ва мустақилияти фарҳангӣ хеле гуногун ва аз ҳам фарқкунанда мебошанд. Ҷараёнҳои мӯътадили афкори исломӣ ҷанбаъҳои мухталифи масъалаҳои мавҷудаеро мавриди тадқиқ қарор медиҳанд, ки дар заминаи мавқеъ ва усулҳои мухталифи ғоявӣ ташкил ёфтаанд. Аммо ба аксари онҳо умумиятдиҳии фалсафӣ - методологии марбут ба омӯзишӣ проблемаҳои ҷаҳонишавӣ ва мустақилият намерасад. Аммо гурӯҳҳои радикалӣ- экстремистӣ дар ҷаҳони ислом такяи асосиро ба зӯроварӣ ва таассуб мениҳанд. Чун қоида, онҳо барои дастгирии мустақилияти миллӣ даъват менамоянд, ки яке аз ҳадафҳои асосии он ислом ба шумор меравад. Дар маҷмӯъ, рисолаҳои сиёсӣ – фалсафӣ, илмиро дар мавзӯъҳои сиёсӣ – фалсафӣ, як қисми расмии тадқиқотҳои танқидӣ-фалсафӣ ва стратегӣ ҳисобидан мумкин аст, зиёда аз ин, дар бештари онҳо нақшаҳои амрикоии бо зӯрӣ тағйир додани симои ҷаҳони ислом инъикос меёбад.

[90]Русанова О.А. Экстремизм - социологические интерпретации: http://lib.socio.msu.ru

Ҷаҳонишавӣ раванди объективист, ки аз марҳилаи нави рушди иқтисодии ҷаҳон бармеояд. Ин раванд ба таъсири бузурги қувваҳои субъективӣ: давлатҳои алоҳида, ширкатҳои трансмиллӣ, институтҳои байналмилалӣ дучор омадааст. Дарки ҷаҳонишавӣ, ҳамчун раванди манфиатнок, қабл аз ҳама барои ИМА ва як қатор кишварҳои мутараққӣ васеъ доман паҳн кардааст. Аз ин рӯ, ҷаҳонишавӣ мутассил ҳамчун иқтисодиёти ҷаҳонии амрикоӣ ё вестернизатсия баррасӣ менамоянд. Бо ҳамин сабаб раванди мазкур аксуламали онро, амсоли зиддиглобализм дар намуди амалиёти экстремистӣ дар тамоми ҷаҳон тавлид мекунад.

Ҷаҳони имрӯза раванди ислоҳотро ҳам дар соҳаи иқтисодиёт ва ҳам дар соҳаи иҷтимоӣ- сиёсӣ аз сар мегузаронад. Моро зарур аст, ки бо ин зуҳуроти қонунӣ муросо намоем. Ҳамаи дигаргунсозиҳо, ки ҷаҳони имрӯза бо он дучор омадааст, дар доираи равандҳои ҷаҳонишавӣ ба амал меоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як қисми ҷомеаи ҷаҳонӣ таносухи (метаморфози) равандҳои ҷаҳонишавиро ба таври худ қабул мекунад.

Муҳаққиқон дар он хусус ҳамфикранд, ки мафҳуми «ҷаҳонишавӣ» ва «глобализм» аз ҳамдигар бо он фарқ мекунанд, ки ҷаҳонишавӣ маҷрои қонунии таърих буда, глобализм зуҳуроти ба бузургдавлатҳо, қабл аз ҳама, ки ба инкишофи он ИМА манфиатдор мебошад.

«Глобализмро, - менависад А. Ш. Ниёзӣ,- набояд бо глобализатсия- бо раванди бетарафӣ, объективӣ, на баду на хуб омехта кард. Глобализатсия – гардиши бисёррӯяи таърих аст, ки суръати аз ҳад баланди робитаҳо ва вобастагиҳои байниҳамдигарии инсониятро дар даҳсолаи охир таҷассум менамояд; ин робитаву вобастагиҳо фазои сифатан ва ҳаҷман нави иттилоотӣ - техникӣ ва фарҳангист, ки дар он татбиқи роҳҳои мухталифи рушд, ҳам прогрессивӣ ва ҳам роҳҳои сарбаста, фароҳам омадааст. Он чӣ, ки ман глобализм ном мебарам, - ин самти харобкорист. Ин самти рафтори

геоиқтисодӣ ва геосиёсист, ки бо ғояҳои неолиберализми бозори муқтадир ва шуста бурдани вазифаҳои иҷтимоии давлат хеле зич алоқаманд аст[91].

Ба ақидаи мо лаҳзаи муҳим барои дарки моҳияти экстремизми муосири динӣ ва терроризм фаҳмиши хусусиятҳои он аст, ки ба раванди глобализатсия таъсир мерасонанд. Мафҳуми глобализатсия вобастагии зичи беамсоли кишварҳоро дар соҳаҳои мухталиф: иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳанг, экология, технологияи иттилоотӣ, савдо ва ғ. ифода мекунад. Ин вобастагиро суръати баланди иттилоотонӣ дар масофаҳои дуртарин, интиқоли молу мавод дар ҳама гуна гӯшаву канори олам мушоият мекунанд.

Ин ва дигар афзалиятҳо, ки глобализатсия бо худ овардааст, чунин фиреби назарро ба миён овард, ки минбаъд дар ҷаҳон ҳама муназзам, одилона хоҳад буд, ҳама серу пур ва хушбахтона кору зиндагӣ мекунанд. Аммо воқеият дафъатан нисбат ба оне, ки чашмдор буданд, сахту душвор баромад. Чуноне ки дар таърих борҳо такрор ёфтааст, қисми зиёди сармоядорон чун ҳарвақта нерумандии худро собит сохтанд. Давлатҳои калонтарин ва рушдёфта боз ҳам бештар бойтар, давлатҳои камбағал - камбағалтар шуданд. Тафриқаи иҷтимоӣ дар байни Шимоли тараққиёфта ва Ҷанубии сустинкишофёфта меафзояд. Миллионҳо одамон дар натиҷаи буҳрони иқтисодӣ ва молиявӣ бекор мемонанд. Бунёди демократия аз сабаби ҳукмфармоиҳои бемаҳдуди корпоратсияҳои трансмиллӣ, ки шароитҳои сахту нобаробари ҳамкориҳоро бо кишварҳои пешрафта ба зӯрӣ бор мекунанд, дучори хатар мегардад.

Глобализатсия шумораи зиёди бохтагонро ва шумораи ками бурдкардагон тавлид намуд. Бар асари ин номӯътадилии сиёсӣ қувват мегирад. Аксар одамон бовариро ба фардои зиндагӣ аз даст медиҳанд, хавфу хатарро ба ҳаёт, ба фарҳанги худ эҳсос мекунанд. Ҳолати мазкур, ба ақидаи таҳлилгарон, вазъиятеро ба хотир меорад, ки дар арафаи Ҷанги якуми ҷаҳон ба амал омада буд, ки дар он солҳо тафриқа дар байни сарватмандон ва

[91] Ниязи А.Ш. Афганистану навязывают пережитки глобализма // http; // afganistan.ru /doc / 15268. html. (дата обращение к сайту 22.01.2011)

бенавоён ба изтироби ҷиддии сиёсӣ дар мисоли ду ҷанги ҷаҳон ва инқилобҳои зиёд оварда расонид, ки оқибатҳои ин ҷангҳоро инсоният то ҳанӯз дар худ эҳсос мекунанд.

Дар робита, масъала оид ба таъсирнокии глобализатсия ба экстремизм ва терроризм ба миён меояд. Албатта, чунин таъсир ба таври ғайримустақим тавассути омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ низ расонида мешавад. Глобализатсия ба фарҳанги миллӣ ҷузъиёти барояш бегонаро ворид месозад, ки ба зудӣ асосҳои онро хароб мегардонад. Харобкориҳо дар арзишҳо, меъёрҳо, урфу одат, суннатҳо низ, ки тимсоли анъанавии ҳаёти халқҳо мебошанд, рух медиҳанд. Чунин вазъият ташвишу изтироб, тарсу бимро дар назди таҳдидҳои дар рӯ ба рӯистода ба амал оварда, дарки эътирозҳоро алайҳи ба зӯрӣ бор кардани фарҳанги бегона, майли муқобилиятро ба ин амалҳо бедор менамояд. Дар посух ба амалҳои бо зӯрӣ бор кардани фарҳанги Ғарб зӯровариҳои ҷисмонию таҷовузкорона бар зидди намояндагони кишварҳои Шарқ истифода бурда мешаванд, ки онҳо, аз ҷумла шаҳрвандони қаторӣ, паҳнкунандагони фарҳанги зиёновар арзёбӣ мешаванд.

Хусусияти дигари глобализатсия ва равандҳои глобализатсионӣ аз он иборат аст, ки технологияҳои нави иттилотӣ якбора вақти интиқоли иттилоотро кутоҳ гардонида, ба гурӯҳҳои экстремистӣ имкон фароҳам меорад, ки дар мавридҳои мавқеъ ишғол карданашон дар масофаҳои хеле аз ҳам дур, ба зудӣ мубодилаи афкор намоянд. Ин намудҳои техника арзиши мубодилаи алоқавиро моҳиятан коҳиш медиҳад ва имкон медиҳад, ки ҳаҷми калони иттилоот расо дар давоми сония расонида шавад. Ҳамин тавр, маълум мегардад, ки технологияи муосири алоқавӣ, махсусан шабакаи Иетернет чӣ қадар барои паҳни экстремизм манфиатнок аст. Гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ Интернетро ҳамчун воситаи тарғиб кардани ғояҳояшон истифода менамоянд. Инчунин мавриди зикр аст, суръати паҳншавии глобализатсия тавасути шабакаи Интернет боз ҳам тезонида шудааст.

Пайдоиши Интернет суръати паҳн шудани равандҳои глобализатсиониро боз ҳам тезонид. Истифодаи чунин технологияи, ҳамчун

Интернет, имкониятҳои гузаронидани амалиётҳои экстремистӣ ва террористиро дар масоҳатҳои бузург якбора баланд бардошт. Глобализатсия омодагӣ ва гузаронидани амалиёти террористиро дар нуқтаҳои хеле мухталифи ҷаҳон моҳиятан осон кард; аз як ҷониб, бошитоб ҷойивазкунии террористонро аз як кишвар ба кишвари дигар таъмин менамояд, аз дигар ҷониб, барои бо таълимоти фаврӣ фаро гирифтани террористон, интиқол додани дастурамалҳо дар масофаҳо мусоидат менамояд. Ин ҳолатҳо экстремизмро ба зуҳуроти глобалӣ табдил додааст.

Хусусияти глобалииро ба экстремизми муосир воситаҳои ахбори омма, бахусус ВАО-и электронӣ медиҳанд, ки онҳо оҷилан, мутассил дар реҷаи вақти муайян, иттилоотро дар бораи амалиёти террористӣ мерасонанд ва дар натиҷа, хонандагони (шаҳрвандони) дар масофаҳои ҳазорон километр дур аз ҷойи воқеаро шоҳиди бевоситаи амалҳои террористӣ менамоянд. ВАО масоҳати иттилоотиро фавран васеъ гардонида, бад-ин восита таъсиррасонии психологиро ба одамон тақвият мебахшанд, як навъ тарғибу ташвиқи амалиёти рухдода, ташкилоти террористии ин амалиётро (зимнан бепул) таъмин менамояд.

Яъне, гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористон ба ҳамаи мақсадҳои ба нақшагирифтаашон дар як дам ноил мешаванд – амалиёт мегузаронанд, воҳимаю ҳангомаҳо ба по хезонида, мардумро метарсонанд, ба ҳукумат фишор меоранд, диққати худиҳо ва ҷомеаи байналмилалиро ба худ мекашанд.

Экстремизми муосир дар муносибатҳои доманадор ҳадди худро намешиносад, ки ин ба вай имкон медиҳад, дар ҳамаи нуқтаҳои мухталифи ҷаҳон харобкориҳо ва қурбониҳои бешуморро аз пай гузошта, фаъолият намояд. Бо дарназардошти эҳтимолияти ба дасти гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористон афтодани силоҳҳои қатли ом, аз ҷумла, кимиёвӣ ва бактериологӣ, терроризми замони муосир барои инсоният таҳдиди глобалӣ пеш мегузорад.

Мавриди зикр аст, ки Интернет маҳдудияти объективӣ, аз ҷумла имконияти таъсиррасонӣ ба ақлро дорост. Сараввал, иттилооте, ки тавассути Интернет ё ҳама гуна дигар воситаҳои ахбори омма расонида мешавад, ҳар қадаре ки объекти тасвиршаванда аз иттилоъдиҳанда дур бошад ҳам, ҳамон қадар эътимодбахш аст. Шартан гӯем, агар сухан дар он хусус равад, ки мо наметавонем объектро мустақилона мушоҳида намоем ё иттилоотро аз одамоне, ки бовар дорем, пурсида гирем, мо метавонем, фақат ба таҷриба ва гувоҳии дили худ такя намоем ва амалан дар назди ҳама гуна тарғибот бе ҳимоя хоҳем монд. Вале, агар мо тавонем, проблемаи баррасишавандаро бо чашмони худ бубинем, одамони атрофро бовар кунонидан ба он, ки ин сафед нест, сиёҳ аст, амалан номумкин хоҳад буд. Боз як лаҳзаи муҳим он аст, ки экстремизм дар шабакаҳо на барои он кор мекунад, то ки ҳарифи бевоситаи худро бовар кунонад, вай аниқтараш рӯ ба хонандаи бегона гардонидааст. Дар ин маврид хонандаи ғайр ҳаргиз бетараф нахоҳад буд, вақте ки кор ба ягон ҳодисаи иҷтимоӣ дахл намояд. Ин масъала дар илм маънои майлу рағбат ба тасдиқи нуқтаи назари худ (confirmation bias) – ро ифода мекунад; яъне, майлу рағбати шахс ба он, ки бояд ҷустуҷӯ кард, шарҳу эзоҳ дод ё он иттилоотеро афзал бояд шумурд, ки бо нуқтаи назар, эътиқод ва ё фарзу тахмини шахс мувофиқ аст. Зуҳуроти баррасишаванда гуногуншаклии таҳрифот ба шумор меравад. Чунин таҳрифот он гоҳ ба мушоҳида мерасад, вақте ки одамон иттилоотро ҷамъ меоранд ё ба таври оқилӣ ба хотир меоранд ё ғаразнок шарҳ медиҳанд.

Хулосаи муҳиме, ки мо бояд ба ҷо оварем, он аст, ки онлайн экстремизмро набояд дар ҷудоӣ аз олами моддӣ қабул намоем. Барои пок кардани контенти Интернет аз экстремизм ё роҳ надодан ба пайдошавии он низ, албатта, кӯшиш ба харҷ додан лозим аст. Аммо кор бо шабакаи экстремизм набояд мақсади пок кардани воқеияти иҷтимоиро дар бар гирад, балки он бояд ба ошкор намудани проблемаҳои воқеии иҷтимоӣ, ки даъват ба чунин воситаи амалҳои ихтилофотро ба вуҷуд меорад, равона карда шавад.

Глобализмро хеле одӣ Буши хурдӣ мухтасар маънидод карда буд. Вай мақоми президентиро тарк гуфта, дар суханронии хайрбодияш иброз намуд, ки - бояд бозор муқаддам аз давлат бошад. Чунин тасаввурот ҷавҳари неолиберализро ифода мекунад. Бо гузашти айём ин ақида ба идеология ва амалияи фундаментализми бозорӣ табдил ёфт. Ин ақидаро кӯркӯрона қабул карданд, гӯё ки бозор бояд ҳамагонро идора намояд, ҳамин басанда аст, ки танзими он ба сатҳи камтарин расонида шавад. Ва он гоҳ вусъати озоди он бенавоӣ ва зулму ситамро барҳам мезанад, диктатураро аз ҳам пош медиҳад ва фарҳангро муттаҳид месозад. Аммо ин раванд зиёни ислоҳнопазирро ба фарҳанги миллӣ ва баробарии халқҳои ҷаҳон ворид месозад. Ва табиист, ки фарҳангҳои ҷудогона, бахусус тамаддуни исломӣ, ба раванди глобализм аз ҳад беш оштинопазирона муносибат менамоянд. Экстремизми динӣ, фунтаментализм ва терроризм посухи аксуламал ба рушди глобализм ё америкоикунонии тамаддуни ислом дар тамоми ҷаҳон ба шумор мераванд.

Идеологҳои муосири исломӣ, ки ба экстремизми динӣ пайравӣ мекунанд, низоми ҷаҳони имрӯзаро, ки назар ба ақидаи онҳо дар асоси тарҳсозии ғарбии раванди глобализатсия пайдо шудааст, эътироф наменамоянд. Давлати миллӣ, дунявӣ ва секулярӣ қаҳру ғазаби онҳоро ба амал оварда, онҳо ғояҳои худро тавассути экстремизми динӣ ҳифз менамоянд. Ҳамчунин якқатор гурӯҳҳои динӣ-экстремистӣ дар зери ғояҳои экстремизми динӣ ва фундаментализм амал карда, бозгашт ба ғояҳои халифат, ки дар оғози пайдоиши ислом вуҷуд дошт талаб менамоянд. Аз ҳамин хулоса баровардан мумкин аст, таъсири сиёсии экстремизми динӣ ва фунтаментализм, ки онҳо ба таври қатъӣ тарҳи ғарбии рушди сиёсӣ ва фарҳанги оммавиро инкор менамоянд, меафзояд.

Бо вуҷуди ин, аз як ҷониб, тафриқаи этникӣ дар байни фарҳангҳои маҳаллӣ шиддат меёбад, аз дигар ҷониб, ихтилофоти тамаддунӣ дар байни кишварҳои исломӣ ва Ғарб рӯ ба афзоиш мениҳад. Мисолҳои давлатҳои Сомали, Ироқ, Эрон, Миср, Судон ва Афғонистон гуфтаҳои моро баръало собит месозанд.

Муҳаққиқи рус Д. Малишева зикр мекунад, ки «Ба ҳайси глобализатсияи неолибералӣ, тайи солҳои охир, фундаментализми ислом баромад мекунад. Фундаментализми динии замони муосир – неруи мунтазам рушдёбандаест, ки дар маънои возеҳи он, глобализатсияи алтернативӣ ба шумор рафта, аксар равандҳои сиёсӣ, самти ҳаракатҳои мухолифинро дар бисёр давлатҳои ҷаҳон муайян мекунад[92].

Аз ин рӯ, раванди глобализм аксуламалро дар намуди экстремизми зиддиҷаҳонишавӣ дар тамоми ҷаҳон ба вуҷуд меорад. Бар зидди глобализм ҳамаи фарҳангҳои миллӣ ва худкифояи ҷаҳон ҳамчун насронӣ, буддоӣ, хитойӣ ва ислом баромад мекунанд.

Муҳаққиқи рус Г. Мирский зикр мекунад, ки «агар дар ҷаҳони ғарб зиддиглобализм ҳамчунин тобишҳои башардӯстӣ, ҳуқуқии экологӣ дошта бошад, пас, дар Осиё ва Африқо асосан маънии ошӯбҳо алайҳи фишороварии Ғарб, бар зидди яккаҳукмронии амрикоӣ, таҳқиру вобастагии халқҳои Ҷануб-Шарқро ифода мекунад[93]. Ҳамаи муҳаққиқон дар он фикри ягонаанд, ки раванди глобализатсия ба яке аз кишварҳо манфиатҳои назаррас ва барои дигар кишварҳо бадбахтӣ меоварад. Имрӯз «миллиарди тиллоӣ» ба ҷаҳони боқимонда ба ҳамчун рустои бузурге менигарад, ки он ҳамчун таъминкунандаи захираҳои табий, захираҳои зеҳнӣ ва қувваи арзони корӣ муносибат мекунад.

Маълум аст, ки глобализм тавассути корпоратсияҳои трансмиллӣ рушд меёбад, ки онҳо манфиати давлатҳои бузурги индустриалии Ғарб, асосан ИМА-ро таҷассум менамоянд. Муҳаққиқи рус И. М. Подзигун собит месозад, ки «ба кишварҳои мутараққӣ технологияи фарсударо дастрас намуда ва дар ин кишварҳо корхонаҳои аз ҷиҳати экологӣ ифлосро ҷойгир кунонида, корпоратсияҳои трансмиллӣ рахнаҳои байни «миллиарди тиллоӣ» ва қисматҳои боқимондаи ҷаҳонро васеъ мегардонад ва бад-ин восита ба

[92]Малышева Д. Исламско-фундаменталистский проект в реалиях современного мира // Мировая экономика и международные отношения.-1999.-№7.-С.109.
[93]Мирский Г. Дракон встает на дыбы // Мировая экономика и международные отношения.-2002.-№3.-С.43.

тавлиди « миллиарди гушначашм», на ба маънои маҷозӣ, балки ба маънои аслии ин мафҳум мусоидат менамоянд[94]. Чунин сиёсати ширкатҳои трансмиллӣ асосҳои зеҳнӣ ва иқтисодии кишварҳои мутараққиро халалдор мекунад. Ин ҳама барои мухолифини глобализатсия маълум аст ва экстремизми зиддиглобалӣ ин ҳамаро ба таври худ ҳазм мекунад.

Чуноне ки борҳо дар таърих такрор шудааст, қисми зиёди фоидаи раванди глобализатсия ба кишварҳои тараққикардаи дунё мерасад. Давлатҳои калонтарин ва мутараққӣ боз ҳам бештар сарватманд гаштаанд ва давлатҳои бенаво боз ҳам бенавотар. Рахнаҳои иҷтимоӣ дар байни Шимоли рушдёбанда ва Ҷануби сустпешрафта меафзояд. Миллионҳо одамон бар асари буҳронҳои иқтисодӣ ва молиявӣ бекор мемонанд. Бунёди демократия аз сабабҳои ҳукмфармоии бемаҳдуди корпоратсияҳои трансмиллӣ, ки талаботи қатъӣ ва нобаробари ҳамкориҳоро бо кишварҳои пешрафта зӯран бор мекунанд, ба хатари ҷиддӣ дучор омадааст.

Глобализатсия, аз рӯи аксар таърифҳо, парвардаи Ғарб ба шумор меравад, аммо ин маънидодкунӣ на ҳамаи муҳақиқонро қонеъ мегардонад. Дар кишварҳои Ғарб пайравони асосии эктремизми зиддиглобалӣ зиддиглобалистон ба шумор мераванд. Зиддиглобализм ҳамчун инкори ҳуқуқҳои Амрико пайдо шуд, ки ӯ мехоҳад, қоидаву талаботи худро оид ба рушди минбаъдаи сайёра ба ҷаҳониён илқо намояд. Аз ин рӯ, дар доираи ҳаракатҳои умумии зиддиглобалӣ ҳамкориҳои мутақобилаи чунин созмонҳои мухталифи ҷаҳон ба миён омад: «Муқовимати глобалӣ» (Global resistance), «Эътирози глобалии халқҳо алайҳи савдои озод ва ВТО?» (People’s Global Actions), «Дӯстони сайёра» (Friends Of the Earth) ва ғ. Бо чунин созмонҳо ҳамчунин бисёр дигар ҳаракатҳои «норизо» аз дигаргуниҳои тамаддуни муосир, ба мисли муборизони барои ҳуқуқи инсон, анархистон, марксистон, феминистон ҳамкориҳоро ба роҳ мондаанд[95].

---

[94]Подзигун И.М. Глобализация и глобальные проблемы: философско-методологический анализ. Дис. … док. филос. наук. М., 2003.-С.349.

[95]Петров Ю.П. Основание экстремизма // Актуальные проблемы противодействии национальному и политическому экстремизма: материалы Всерос науч. –прак. конф. В 2-х т. – Издательство «Лотос», 2008.-Т. 1. 419 с.

Ҷомеаи тоҷик иштирокчии комили равандҳои глобализатсионӣ ба шумор меравад, фарҳанги ӯ ва худшиносии миллии ӯ дучори таъқиботи фарҳанги оммавии ғарбӣ гаштааст. Дар чунин шароит афзоиши худогоҳии халқи тоҷик дар асоси таълимоти дини мубини ислом ва фарҳанги умумимусулмонӣ ба мушоҳида мерасад. Худшиносии миллии тоҷикон аз бисёр ҷиҳат аз рӯи нишонаҳои динӣ, этникӣ ташаккул меёбад. Эҳтимолияти ғасби муваффақиятноки арзишҳои глобалӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ва ҳатто барангехтани аксуламалҳо дар шакли мухолифини динӣ дар байни уламоҳои динӣ ва ҷавонони ба онҳо пайравикунанда ва ҳатто як қисми зиёиёни дунявӣ хеле зиёд аст.

Маҳз арзишҳои динӣ- ахлоқӣ ва маънавии ҷомеаи мо навсозиҳои замони муосир дучор омадааст. Дар шароити кунунӣ муҳимтарин захираи ин муқобилият дин ба шумор меравад. Глобализм, ки аз рӯйи пайдоиши худ ғарбист, ба парадигмаи секулярии сохти иҷтимоӣ асос ёфтааст, вақте ки дин дар доираи манфиати шахсии инсон маҳдуд карда шудааст. Аммо дар ҷаҳон, бахусус дар ҷаҳони ислом фарҳангҳое арзи вуҷуд доранд, ки онҳо намегузоранд, таҷрибаи амалии динӣ дар алоҳидагӣ, новобаста аз доираи дин ҷудо бошанд.

Агар Ғарб дар кӯшишҳои глобаликунонии худ ба пешниҳоди арзишҳои пастсифатӣ фарҳанги умумӣ такя намояд, он гоҳ шиддатнокии муқобилиятҳо ва кӯшишҳои маҳдудиятпарастӣ (изоляционизм) дар ҷомеаи анъанавӣ ба осонӣ пешгӯӣ карда мешаванд. Ливои худшиносии динӣ ҳамчун аз шаклҳои нисбатан консервативии ҳувият дар байни дигар омилҳои этникӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ ҳукмрон хоҳад буд. Экстремизми зиддиглобализатсионӣ – яке аз далелҳои равшани чунин муқобилият ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, дар доираи муносибатҳои байналмилалӣ кӯшишҳо оид ба ташкили низоми ягонаи ҷаҳонӣ бо манфиатҳои умумии иҷтимоӣ ва ҷомеаи шаҳрвандии ҷаҳонӣ ва дар доираи динҳо бошад, ташкили фарҳанги ягонаи тамаддуни ҷаҳонӣ дар асоси ҳукмронии фарҳанги амрикоӣ ба кор бурда мешаванд. Дар шароити глобализатсия сиёсати вайрон кардани давлатҳои

миллӣ, баробарии миллӣ ва сохти нави худшиносии аҳолӣ гузаронида мешавад. Дар доираи иқтисодиёт экстремизми байнидавлатии либералӣ вобастагии ҳамаи тамаддунро аз Аврупои Ғарбӣ, тавассути аз худ кардани нахустин консепсияҳои фарсудаи навсозиҳои ҷомеа нигоҳ медорад. «Дар соҳаи сиёсӣ экстремизми байнидавлатӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки системаи давлатҳои мустақилро таҳти сарварии СММ тағзия намояд ва марказҳои миллии идоракунӣ таъсис диҳад, ки онҳо бо салоҳдиди худ бояд сиёсати «сулҳдӯстӣ», «дахолатнопазирӣ», омода намудани «инқилобҳои ранга» ва «ивазкунии реҷаи ҳукмрон»-ро гузаронанд.

Экстремизми зиддиглобалистӣ, ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ-фарҳангӣ самараи табиии глобализм ва инъикоси ба худ хоси ӯст. Аҷиб менамуд, агар зиддиглобализм ба вуҷуд меомад ва эктремизми зиддиглобалӣ пайдо намешуд. Охир, ҳар гуна амал аз рӯйи муайянкунӣ ҳамеша аксуламалро ба миён меорад. Амалҳое, ба монанди муттаҳидӣ, ба ҳамназдикшавӣ, рушди ҳамкориҳои кишварҳои мухталиф дар асоси эътирофи қоидаҳои умумии иқтисодӣ, технологӣ, молиявӣ ва ғ. норизогӣ, амалҳои мутақобилаи он ашхос, он кишварҳоеро ба амал меорад, ки онҳо дар натиҷаи ташаккули ҷаҳони глобалӣ истиқлолияти миллии худ ё имкониятҳои таъсиррасонӣ ба ин ё он ҳодисаи на фақат дар ҷаҳон, балки дар минтақаҳои худ рухдодаро аз даст медиҳанд.

Бар зидди ин раванд кишварҳои мусулмонӣ ва арбобони фарҳанги мусулмонӣ баромад мекунанд. Гурӯҳҳои нисбатан радикалии ҷаҳони исломӣ муборизаи экстремистиро алайҳи ҳамин проблема мавриди истифода қарор медиҳанд. Пай бурдан душвор нест, ки рӯҳияи зиддиғарбӣ дар ҷаҳони сеюм ҳамчунин ҳодисаи ҷузъии экстремизми зиддиглобалӣ ба шумор меравад, ки дар тамоми ҷаҳон паҳн гаштааст. Сухан дар хусуси эътирозҳо алайҳи монополикунонии ҳукумат ва таъсири неруҳои пуриқтидори трансмиллӣ меравад, ки асосҳои ба худ хоси анъанавии фарҳанги миллиро аз ҳам гусаста, бар души халқ арзишҳои якхелаи маънавӣ ва меъёрҳои рафторро бор карда ва

иқтисодиёти давлатҳои мустақилро ба нафъи корпоратсияҳои трансмиллӣ тобеъ мекунанд.

Дар хулоса бояд қайд кард, ки Ҷаҳонишавӣ ва якҷошавии доманадори иттиҳоди ҷаҳонии экстремистӣ ин далели раднашавандаест, ки имрӯз ҷаҳон дучори он гаштааст. Экстремизм ва зуҳуроти ниҳоии он- терроризм акнун фарогири доираи маҳдуд набуда, балки дар гардиши асрҳои XX ва XX1 ба худ хусусияти умумиҷаҳонӣ гирифтааст. Ин зуҳурот он воқеиятро ифода мекунад, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ, дар баробари бесобиқа баланд бардоштани имкониятҳои мудохила ба корҳои дохилии як қатор кишварҳои муайян ва дар маҷмӯъ, ба ҷомеаи байналмилалӣ аз ҷониби дигар объектҳои муносибатҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ташкилотҳои экстремистӣ, назорат аз ҷониби давлатҳо дар доираи ҳудудҳои худ коҳиш ёфтааст. Дар маҷмӯъ, экстремизм, аз он ҷумла зуҳуроти динӣ-сиёсии он, посухи табиист ба даъватҳои ҷаҳонишавӣ.

БОБИ 2. ХУСУСИЯТИ ХОСИ ЗОҲИРШАВӢ ВА ПЕШГИРИИ ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

§2.1. САБАБИЯТ ВА АСОСҲОИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ ЗУҲУРОТИ ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

> Дар ин иртибот, бори дигар таъкид месозам, ки пирӯзӣ бар терроризму ифротгароӣ танҳо бо роҳи низомӣ ғайриимкон мебошад. Дар ин раванд дар мадди назари доимӣ нигоҳ доштани ҷанбаҳои иҷтимоии афзоиши ин зуҳурот зарур дониста мешавад. Фақру камбизоатӣ, бекорӣ, сатҳи пасти саводнокӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки одамонро водор менамоянд, то дар ҷустуҷӯи адолати иҷтимоӣ ба ғояҳои зӯроварӣ рӯ оранд.
>
> **Эмомалӣ Раҳмон**

Проблемаҳои марбут ба таъсири омилҳои динӣ дар раванди рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ мавзӯи асосии тадқиқоти бисёр муҳаққиқон ба шумор

меравад. Ба ошкор намудани омилҳои амиқӣ, ҷаҳонбиние, ки ба рушди иқтисодиёт ва эътидоли иҷтимоӣ таъсири мусбӣ ё манфӣ мерасонанд, як қатор корҳои илмии муҳаққиқони тоҷик бахшида шудаанд. Агарчанде ин муаллифон бевосита ба мавзӯи тадқиқи мо дахл намекунанд, бо вуҷуди ин, онҳо барои муайян намудани таъсири омилҳои исломӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ - иқтисодии Тоҷикистон ва тавассути кушодани механизмҳои ин таъсирот, барои баҳогузории минбаъда маводи муҳими методологӣ пешниҳод менамоянд[96].

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар баробари таъсири бевосита ба ҳаёти иҷтимоӣ - иқтисодии ҷомеа, робитаи мутақобилаи зуҳуроти экстремистӣ вуҷуд дорад, дар мавриде, ки тағйиротҳои иҷтимоӣ ва ислоҳоти иқтисодӣ дар ҷомеа ба таҷдиди назари анъанаҳо ва таълимоти динӣ мусоидат менамояд. Дар зери мафҳуми таъсири ислом, ки дар мавзӯи тадқиқоти мо мавриди истифода қарор мегирад, ба ақидаи мо, мазмунҳои зерин ҷойгиранд: маҷмӯи фаъолияти субъектҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ, тавсифоти арзишҳо, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва намунаи муносибатҳои асосии ин фаъолиятро ташкилкунанда, ҳамчунин раванди таъсири мутақобила дар байни таркиботи номбурда, ки тавассути онҳо таъсири ҳамдигарии таълимоти исломӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа таъмин мегардад.

Омилҳои васеъ паҳн гаштани экстремизми диниро дар ҳудуди Тоҷикистон ошкор намудан хеле душвор аст. Дар даврони таърихи пасошуравии Тоҷикистон ба тағйироти куллии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дучор омад, ки онҳо ба дигаргуниҳои самтҳои шуури ҷамъиятӣ ва қувват гирифтани диндорӣ мусоидат намуданд. Сохтори сиёсӣ ва давлатӣ, ғояҳои расмӣ ва идоракунии мақомоти олии кишвар тағйир ёфтанд, моликияти умумиҷамъиятӣ хусусӣ гардонида шуданд, бойигарии миллӣ ба аққалияти ночизи аҳолӣ тақсим карда шуд. Гардиши куллӣ ба сӯйи муносибатҳои бозорӣ бо афзалиятҳои арзиши моддии он ба вуқӯъ пайваст. Барои ҳар як

[96]Олимов М. Олимова С. Политический ислам в современном Таджикистане // Ислам на постсоветском пространстве: взгляд изнутри, Московский Центр Карнеги, М: 2001-С.185-204.

сокини кишвар интихоби яке аз ин ду роҳ ба миён омад: агар ту бою бадавлат бошӣ, қадру қиммат дорӣ; в-агар не, арзише надорӣ. Аз даст додани нишонаҳои қаблии ҳокимият дар нишонаҳои фардӣ, яъне, дар мақоми хонаводагӣ ва муносибат ба насли калонсол низ инъикос ёфтанд. Чунин вазъияти ногузир ба тамоми муносибатҳои инсонӣ бетаъсир намонд. Фарқияти байни одамон аз рӯи даромадҳои пулӣ, дороию нодориашон муайян мегардад. Масъалаҳои меҳнат ва бекорӣ ҳамчун масъалаҳои соф иқтисодӣ, ба ягон асоси рӯзгори одамон дахлнопазир маънидод карда мешаванд. Дарвоқеъ, меҳнат ва дуршавӣ аз меҳнат - ин қабл аз ҳама, душвории экзистенсиалӣ ва фундаменталии рӯзгори муосир ба шумор меравад. Ин маънӣ он далелро собит месозад, ки дар тӯли тамоми таърихи мавҷудияти тамаддуни инсонӣ меҳнат ченаки муқаддас ба шумор мерафт, дар мавриде, ки мафҳуми самаранокии иқтисодӣ фақат бо пайдоиши иқтисоди бозорӣ дар даврони нав ба майдон омад.

Ба ақидаи мо, сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ва бо ин сабаб, пайдоиши экстремизми динӣ, барои қафомонии иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеаи тоҷик омилҳои асосӣ шуда наметавонанд. Экстремизми динӣ зуҳуроти таърихан ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ асоснокшуда дар Тоҷикистон ба шумор меравад. Пайдоиш ва аз нав ба вуҷуд омадани он ба маҷмӯи омилҳои объективӣ ва субъективии хусусиятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, миллӣ, ғоявӣ ва психологӣ марбут аст.

Дар робита ба ин, эътироф бояд кард, ки экстремизм дар Тоҷикистони муосир зуҳуроти чандон тасодуфӣ нест. Дар ин хусус сиёсати иқтисодии давраи ислоҳоти бардавом гувоҳӣ медиҳад. Бенавоӣ ва бе ҳимоя будан, ғайричашмдошт нобоваріро ба оянда ба миён оварда, боиси мушкилоти зиёд барои аксарияти одамон гардид. Солҳои охири мавҷудияти давлати шӯрави аз харҳашаи диндорӣ оғоз ёфт. Даҳҳо миллион фиребхӯрдагон ва ноумедшудагон бо умеди тасаллои дил ба сӯи масҷиду калисоҳо мешитофтанд. Аммо, аслан, онҳо ба сӯи қаъри ҷаҳолатпарастӣ, таназзул, канораҷӯӣ аз ин ё он фаъолнокии иҷтимоӣ – ба умқи итоати ғуломона роҳ мепаймуданд.

Экстремизми динӣ зуҳуроти иҷтимоӣ- иқтисодӣ буда, зимнан, дар шаклҳои мухталифи сохтори иҷтимоӣ заминаҳои махсуси пайдоиш ва шароитҳои хоси мавҷудиятро доро мебошад. Масъалаи мазкур аз дигар зуҳуроти ба он монанд фарқ мекунад, дорои заминаҳои бузурги методологӣ, зуҳуроти навъҳои иҷтимоӣ- ғоявӣ ва сиёсии ватандӯстӣ, миллатгароӣ ва миллатпарастист; майлу рағбат ба ҷаҳонбинии ифротӣ қабл аз ҳама, хоси он ҷавононе мебошад, ки онҳо мақоми устувори иҷтимоӣ ва иқтисодӣ надоранд.

Ноустувории сиёсӣ бо номуътадилии иқтисодии Тоҷикистон алоқаманд аст. Кишвари мо мавқеи камтарини иқтисодиро дар байни ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ соҳиб буд. Вазъи иқтисодии он, чун дар дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, аз сабаби таваллуди аз ҳама зиёд дар собиқ СССР (афзоиши солонаи аҳолӣ 5-7%) боз ҳам вазнинтар гашта буд. Пас аз қатъ гардидани маблағгузориҳои умумииттифоқӣ вазъи иқтисодии Тоҷикистон рӯ ба харобӣ ниҳод.

Дар робита ба ин мавзӯъ, муҳаққиқи рус О. Василева менависад, ки: «ҳолати иқтисодӣ аз рӯи рақамҳо ногувор аст. Ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ то 16%, истеҳсоли молҳои истеъмолии халқ – то 22%, ҳаҷми боркашонии нақлиёт то 48, 6% паст фуромад, гардиши мол 2, 7 баробар ихтисор гардид; воридоти захираҳои асосӣ ба ҷумҳурӣ шаш маротиба коҳиш ёфт, 80%-и ҳаҷми зарурии ин захираҳо барои мактабҳо, табобатхонаҳо, дармонгоҳҳо иҷро нашуданд. Муаллифи номбурда изҳор менамояд, ки дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта ва солҳои минбаъдаи он анъанаи тақсимоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ идома ёфт, ки ба он буҳрони иқтисодӣ мусоидат намуд. Ин буҳрон ба омилҳои зерин асос ёфтааст:

- кӯч бастани аҳолии русзабон ба аз фаъолият бозмондани истеҳсолоти азим сабаб шуд;

- аз сабаби камзаминӣ ва зичии баланди аҳолӣ гузариш ба шакли хоҷагидории деҳқонӣ боиси зиддиятҳои байни қавмҳои муқими Тоҷикистон хоҳад шуд[97].

1.Ин тамоюлот то имрӯз идома меёбад, ки боиси ҷунбишҳои эътирозӣ дар шакли экстремизми динӣ дар Тоҷикистон ва дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ мегарданд. Мутаассифона, қафомондагии иҷтимоӣ- иқтисодӣ дар Тоҷикистон масъалаи нав нест. Ин далелро барои корҳои минбаъдаи илмӣ-тадқиқотӣ бояд ба ҳисоб гирифт.

Ба ақидаи муҳаққиқи рус И. Д. Звягелская, сатҳи аз ҳама пасти маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ (бар асари ҷанги шаҳрвандӣ) ба Тоҷикистон (37-40 %) рост меомад. Коҳиши аз ҳама зиёд барои истеҳсолоти саноатӣ хос аст. Равандҳои дар нимаи аввали солҳои 90-уми асри гузашта дар Тоҷикистон рухдода аз ҷониби муаллифи номбурда ҳамчун пастравии иқтисодӣ, ғайриистеҳсолӣ шудани сохтори саноатӣ, ҳамчунин аз будаш зиёд нишон додани комплекси сузишворӣ - энергетикӣ муайян карда мешавад. Вай ақидаҳои хешро ҷамъбаст намуда, ба чунин хулоса меояд: дар он минтақаҳои кишвар, ки захираҳои нафту газ мавҷуд нестанд, ҳолати иҷтимоӣ- иқтисодӣ хеле шиддатнок аст[98]. Ба ақидаи муҳаққиқи тоҷик Ш. Шоисматуллоев, «Қафомонии иҷтимоӣ - иқтисодии Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба қисмати соҳаи агро –саноатӣ ва молҳои якхела асос ёфта буд, вақте ки пунбадона ба якказироатӣ табдил ёфта буд ва 90% нахи пахта берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ коркард мешуд[99].

Шуғли аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ афзуд, вале дар ин маврид барзиёдатии қувваи корӣ як қисми аҳолии деҳотро танг карда, ба шаҳрҳо оварда, ки дар шаҳрҳо низ кори муътадил барояшон пайдо кардан осон набуд. Ин равандҳо ба қашшоқӣ ва бенавоии аҳолӣ боис гашта, қабл аз ҳама, дар

---

[97]Васильева О. Средная Азия: год после путча/ О. Васильева. М., 1993.-77 с.

[98]Звягельская И.Д. Становление государства Центральной Азии: Политические процессы. М.: Аспект Пресс, 2009-С.41-42.

[99] Шоисматулоев Ш. Таджикистан в зеркале преемственности и смены поколений. Душанбе: Ирфон, 2008-С.127.

ҳаёти ҷавонон таъсири ногувор гузошт. Як қисми ҷавонони деҳот, бе донишу тачрибаи кофӣ, дар шаҳрҳо кор пайдо карда натавониста, сайди осони гурӯҳҳои динӣ-экстремистӣ мегаштанд. Фақат соли 1997, баъди баста шудани Созишномаи сулҳ ва истиқрори миллӣ дар шаҳри Москови Федератсияи Руссия, муяссар гардид, ки пеши роҳи таназзули иқтисодӣ гирифта шавад; ҳаҷми умумии маҳсулоти дохилӣ ва дигар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ рӯ ба афзоиш ниҳоданд ва то имрӯз зина ба зина боло мераванд. Бо вуҷуди ҳамаи ин, бо бисёр сабабҳои объективӣ ва субъективӣ то ҳанӯз баланд бардоштани сатҳи зисти аҳолии кишвар бо душвори муяссар гардида истодааст. Ин омил барои зуҳуроти гурӯҳҳои мухталифи динӣ-экстремистӣ замина мегузорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаи аз ҳама пасти ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар соли 2016 795 доллари Амрикоро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда аз кишварҳои дигари ИДМ камтар аст[100]. Аммо мувофиқи мушоҳидаҳои охир маълум шуда истодааст, ки сатҳи инкишофи иқтисодӣ – иҷтимоии Тоҷикитон хеле назарас пеш рафта истодааст. Ин сиёсати бомувафақияти иқтсиодӣ – иҷтимоии ҳукумати Тоҷикистон ва дастгириҳои бевоситаи Пешвои Миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Таҳлили омилҳои марбут ба пайдоиши экстремизми динӣ пешбинӣ менамояд, ки ҳолати имрӯзаи минтақавии Тоҷикистон, бахусус рушди иҷтимоӣ-иқтисодии онҳо, ба ҳайси яке далелҳои асосии минтақавӣ-этникӣ, бояд мавриди таҳлил қарор гирад, зеро ин омилҳо дар зуҳуроти экстремизми динӣ дар минтақаҳо нақши муҳим бозидаанд. Чунончи, С. Олимова сабабҳои пайдоиш ва фаъол гардидани экстремизмро дар муҳити буҳрони иқтисодии минтақаҳои ҷудогона шарҳ додааст[101]. Муҳаққиқи амрикоӣ А. Халид чунин мешуморад, ки «манбаи экстремизми диниро дар Тоҷикистон дар таърихи

[100]Содружество Независимых Государств в 2004 г.:Статистический справочник Межгоскомстат.М., 2005-С.25.

[101] Олимова С. и Олимов М. Местное самоуправление многоэтничным сообществами в странах СНГ. М., 2001-С.325-355.

муосир ва гузаштаи на он қадар дури он бояд ҷуст, агарчанде, решаҳои он боз ҳам амиқтар фурӯ рафтаанд»[102].

Ба ҳайси омилҳо ва шароитҳои иқтисодӣ чунин гурӯҳбандии омилҳоро номбар кардан мумкин аст: Ба гурӯҳи аввал омилҳои зеринро метавон мансуб донист: бекорӣ, даромади ночизи аҳолӣ, ба ҳар сари аҳолӣ коҳиш ёфтани маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ, коҳиш ёфтани дастрасӣ ба хонаҳои истиқоматӣ, баланд будани ҷиноятҳориҳои иқтисодӣ. Мавриди зикр аст, ки душвориҳои иқтисодӣ ба бисёр намудҳои ҷиноятҳориҳо ва шиддати иҷтимоӣ, аз ҷумла ба экстремизми динӣ ва терроризм бурда мерасонанд. Омили дувуми иқтисодиро, ки ба зуҳуроти экстремизми динӣ боис мегардад, аз рӯйи нишондиҳандаҳои тақсимоти минтақавӣ таҳлил намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Кишвари кӯҳистоне, ки дар самти охирини ҷанубӣ собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҷойгир буда, 93 фоизашро кӯҳҳо ташкил медиҳанд; масоҳати он 143,1 ҳазор километр, аҳолияш зиёда аз 9 миллион нафар (аз рӯи маълумоти 2018), ҳеҷ гоҳ, то оғози муқовиматҳои дохилӣ, дар маркази таваҷҷӯҳи тадқиқотҳои илмӣ, зиёдтар аз ин, дар маркази диққати воситаҳои ахбори оммаи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ қарор нагирифта буд. Ин ҳама, бо эҳтимолияти қавӣ, дар мавҷуд набудани нишонаҳои зоҳирии нооромӣ дар минтақа ифода меёфт. Чунин шуморида мешуд, ки аломатҳои асосии хислат ва хусусиятҳои миллии тоҷикон оромтабиатӣ, дурандешӣ ва сулҳдӯстӣ ба шумор мераванд. Кишваре бо номи Тоҷикистон дар харитаи сиёсӣ соли 1924 пайдо шуд: дар он сол дар доираи татбиқи сиёсати миллии Хукумати Шӯравӣ таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Тоҷикистон эълон карда шуд. Сипас, дар соли 1929 сохти Ҷумҳурии Сотсиалистии Тоҷикистон аз нав ташкил карда шуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати маъмурӣ иборат буд аз вилоятҳои Суғд, Кӯлоб, Қурғонтеппа, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва ноҳияҳои тобеи марказ. Ҳудуди мазкур аз рӯйи тақсимбандии Осиёи Марказӣ ба як давлат шомил карда шуд. Таҳлилҳои воқеӣ нишон медиҳанд, ки ҳангоми

[102] Халид А. Ислам после коммунизма: религия и политика в Центральной Азии. М., 2010-С.279-280.

таъсиси Ҷумҳурии сотсиалистии Тоҷикистон мутлақо омилҳои субъективӣ ва манфиатҳои сиёсӣ, назар ба зарурати муттаҳид гардонидани умумияти халқҳо дар як «миллати сотсиалистӣ», афзалият доштанд. Дар натиҷа, тоҷикон аз марказҳои таърихӣ ва динӣ - фарҳангии худ канда шуданд. Ҷумҳурии навтаъсиси Шӯравӣ дар натиҷаи муттаҳид гардонидани порчаҳои парокандаи ҳудудҳое таъсис ёфт, ки дар аксарашон тоҷикон зиндагӣ мекарданд, аммо бо минтақаҳои ҳамроҳкардашуда, ки аксари аҳолияшонро ӯзбекон ва дигар халқҳои туркзабон ташкил медоданд.

Барои Ҷумҳурии Сотсиалистии Тоҷикистон ҷудо кардани ҳудуди муайян ҳам аз рӯйи гурӯҳҳои этникӣ ва ҳам аз рӯйи сатҳи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда фарқ мекард. Чунончи, қисмати шимоли Тоҷикистон-вилояти имрӯзаи Суғд соли 1886, то барқарор гардидани Иттиҳоди Шӯравӣ, ба ҳайати империяи Руссия шомил буд ва мутаносибан, заминаҳои боэътимод барои рушди босуръати саноат, нақлиёт, тандурустӣ, кишоварзӣ дошт. Аз рӯи имкониятҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ вилояти Суғд қисмати нисбатан пешрафтаи Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Сатҳи зиндагӣ дар ин ҷо назар ба ҳисоби миёнаи ҷумҳурӣ баланд буд ва хоҳад монд. Дар вилоят металҳои нодир ва қиматбаҳо истихроҷ ва коркард мешаванд. Вилояти Суғд аз ҷиҳати фарогирии аҳолӣ баъди вилояти Хатлон дар мақоми дуюм қарор дорад. Тибқи бақайдгирии аҳолӣ дар ин Вилоят 2 508 500 нафар одамон кору зиндагӣ менамоянд. Шимоли кишвар аз қисматҳои дигари он бо қаторкӯҳҳои Зарафшон ҷудо гардида, бо пойтахт фақат тавассути роҳи калони мошингард, роҳи оҳан ва ҳавопаймо пайваст гаштааст.

Қисмати ҷанубии кишвар вилояти ҳозираи Хатлон аст. Минтақаҳои Қаротегин ва Ҳисор айни замон ноҳияҳои тобеи марказ ба шумор мераванд. Ин минтақаҳо дар ибтидо ба ҳайати аморати Бухоро шомил буданд, аз ин рӯ, бисёр тарҳҳои қавмӣ ва ҷамоавии ҳаётро дар худ маҳфуз доштаанд. Релефи мураккаби кӯҳистон, қаторкӯҳҳо, ағбаҳо ба тимсоли ҳаёти сарбаста мусоидат намуда, барои рушду такомули иқтисодиёт монеаҳо эҷод мекунанд.

Минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон (собиқ вилояти Кӯлоб) асосан ноҳияҳои кишоварзӣ ба шумор меравад. Кормандони соҳаи саноатро фақат 7,1 %-и шумораи умумии аҳолӣ, ки дар хоҷагии халқи кишвар фаъолият менамоянд, ташкил медиҳанд. Нақшаи дар солҳои 80-ум таҳиягардида оид ба рушди давлатии комплексии вилояти Кӯлоб саноатикунонии босуръати ин минтақаи ҷанубии кишварро пешбинӣ менамуд. Минтақаи Кӯлоб дар ҷумҳурӣ минтақаи нисбатан бо захираҳои сӯзишворӣ таъмингардида ба шумор меравад. Дар баробари ангишт, нафт, газ, ин минтақа аз маъданҳои тилло, намак, сангҳои сохтмонӣ бой аст.

Ҳамзамон ҳолати иҷтимоӣ- иқтисодӣ дар минтақа дар ибтидои солҳои 80-90-уми асри гузашта рӯ ба таназзул ниҳод. Минтақа аз ҷиҳати сатҳи зиндагӣ нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ нисбатан қафо мондааст. Нуфуси аҳолӣ бо суръати баланд рӯ ба афзоиш мениҳад. Дар ин ҷо нишондиҳандаи аз ҳама пасти захираҳои меҳнатӣ дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва фарогирӣ ба таълими берун аз истеҳсолот ба мушоҳида мерасад. Суръати баланди афзоиши аҳолии қобили меҳнат ҳамеша аз сатҳи таъминоти шуғли аҳолӣ пеш мегузарад. Бо сабабҳои ифлосшавии оби зулол аз оби ҷӯю заҳбурҳо, мақсаднок истифода набурдани заминҳои киштбоб, дар минтақа проблемаи ҷидии экологӣ ба миён омадааст. Вазъи иҷтимоии аҳолӣ дар минтақа дар марҳилаи кунунии инкишофи Тоҷикистон ру ба инкишоф аст.

Минтақаи Ҳисор ҳамшафати пойтахт буда, дар самти ғарбии он то марзи Ӯзбекистон доман густурдааст ва минтақаи дар соҳаи саноат нисбатан рушдёфтаи ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад. Ташаккули минтақа дар робита бо нақшаи рушди шаҳри Душанбе ва маҳаллҳои калони аҳолинишини ҳамшафати он сурат мегирад. Дар водии Ҳисор, шаҳри Турсунзода (собиқ Регар) корхонаи азими саноатӣ - заводи арзизи тоҷик қомат рост кардааст, ки манбаи асосии даромади асъор дар ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Водии Ҳисор ҷумҳуриро бо ашёи хоми пахта, маҳсулоти кишоварзӣ таъмин месозад.

Коплекси агросаноатии он манбаи таъминоти озуқа барои шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои шафати он ба ҳисоб меравад[103].

Ғарм ё минтақаи Рашт дар самти шарқии кишвар ҷойгир аст. Ба он ноҳияҳои Рашт, Файзобод, Оби гарм, Роғун, Тавилдара, Нуробод (собиқ Комсомолобод), Тоҷикобод, Лахш (собиқ Ҷиргатол) шомиланд. Минтақа аз канданиҳои фоиданок бенаво аст, дар ин ҷо пунбадона кишт карда намешавад. Ба шарофати намнокӣ ва иқлими муътадил аҳолии ин ҷо аз насл бар насл дар парвариши сабзавот, меваҷот, зироатҳои донакдор ва равғандиҳанда таҷрибаи бой ҳосил кардаанд. Дар чарогоҳҳои васеи минтақа на фақат чорвои маҳаллӣ, балки ҳамчунин подаву рамаҳои дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ чаронида мешаванд. Савдои чакана, қабл аз ҳама дар бозорҳои дохилии ин ҷо хеле рушд кардааст. То охирҳои солҳои 90-уми асри гузашта аҳолии минтақаи Ғарм зиёда аз 500 ҳазор нафарро ташкил медод. Нуфуси аҳолӣ дар ин ҷо нисбат ба дигар ноҳияҳои кишвар баланд буда, дар давоми солҳои 1979 то 1989 4,2% афзуд. Зиёда аз 95 %-и тоҷикони минтақаи Рашт сокиони деҳотанд. Дар ин ҷо муносибатҳои ҷамоавӣ ва суннатӣ реша давонидааст, урфу одати авлодӣ пояҳои устувор доранд. Сокинони маҳаллӣ бо диндории худ махсусан фарқ мекунанд. Онҳо ба таълимоти ислом арҷи баланд мегузоранд.

Нақшаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин минтақа, қабл аз ҳама, бо сохтмони иншооти азими Неругоҳи барқи обии Роғун робитаи қавӣ дорад. НБО –и Роғун яке аз сислсиланеругоҳҳои барқи обие маҳсуб меёбад, ки бунёди онҳо тибқи лоиҳаҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар қад-қади дарёи Вахш шурӯъ шуда ва идома меёбад. Соли 2019 агрегати якуми ин нерӯгоҳ ба даромада, ба рушди иқтисодӣ – иҷтимоӣ ин минтақа боис хоҳад шуд. Чунки нерӯи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза харидор дошта, аз рӯй нақшаҳои таҳрезидашуда бо хатти КАСА – 1000 ба Покистон ва дигар ҷумҳуриҳои ҳамсоя интиқол мешаванд.

[103]Рахматуллаев Э. Миротворчество ООН в Таджикистане и перспективы превентивной дипломатии в Центральной Азии. М., 2001-С.46.

Дар вазъи муътадили инкишоф вилояти дар самти ҷанубу шарқии ин минтақа ҷойгирбуда - Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон қарор дорад. Аз рӯйи нишондиҳандаҳои асосӣ дар ин ҷо сатҳи аз ҳама баланди бекорӣ ва сатҳи аз ҳама пасти зиндагӣ ба мушоҳида мерасад. То соли 1992 шумораи бекорон дар вилоят қариб 40 ҳазор нафарро ташкил медод, ки дар он сол нуфуси аҳолӣ ба 175 ҳазор нафар мерасид. Дар ноҳияҳои дигари ҷумҳури назар ба вилоят 180 ҳазор нафар зиёд иқомат мекунанд.

Аҳолии ВМКБ 3,1%-и ҳамаи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, аммо барои рушди вилоят ҳамагӣ 1,8% аз маблағгузории марказӣ ҷудо карда шудаасту бас. ВМКБ аз ибтидо наметавонист худро бо молу маҳсулоти зарурӣ таъмин созад, аз ин рӯ, ҳамеша таҳти сарпарастии давлат қарор дорад. ВМКБ ҳамчунин ба «Ҷануб»-и шартии Тоҷикистон мансуб аст (ҳанӯз дар охири асри Х1Х ба Россия ҳамроҳ карда шуда буд.). Аҳолии Бадахшон аз рӯйи муносибатҳои музофотӣ ба мазҳаби исмоилии шиа мансуб мебошад. Ин дар ҳолест, ки дар қисмати боқимондаи кишвар мазҳаби суннӣ ҳукмфармост.

Ва, ниҳоят, аз рӯйи тарҳи этникӣ ва субэтникӣ омехта - минтақаи собиқ Қурғонтеппаи вилояти Хатлон. Дар баробари тоҷикони таҳҷоӣ дар ин шумораи зиёди одамон аз дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва берун аз он, кӯч бастаанд, ки дар миёни онҳо ӯзбекон ва тоҷикон аз вилоятҳои Сурхондарё, Самарақанд ва Фарғонаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон омада кам нестанд. Дар ҳудуди минтақа тӯли асрҳо қабилаҳои турк – лақайҳо, қунғуротҳо, қатағанҳо, дурманҳо, юзҳо ва дигарон кору зиндагӣ мекарданд. Ҳамчунин дар ин ҷо уйғурҳо, туркманҳо, арабҳо, балуҷҳо, русҳо, немисҳо, тоторҳо, белорусҳо, украинҳо, осетинҳо ва дигар халқу миллатҳо маскан гирифтаанд.

Дар вилоят тахминан 1/6 ҳиссаи маҷмӯи маҳсулоти умумӣ ва даромади миллии кишвар, 14%-и маҳсулоти ҳамаи молҳои саноатии Тоҷикистон истеҳсол карда мешуд. Дар ин ҷо саноати кимиё, нафт, сохтмон, электроэнергетика бо сурати баланд рушд ёфтааст. Таваҷҷӯҳи асосӣ ба рушди соҳаҳои пахтакорӣ равона гардида буд: дар вилоят нисфи ашёи хоми

пахтаи ҷумҳурӣ, аз ҷумла навъи пахтаи аълосифати маҳиннах, яъне 40%-и нахи пахтаи тамоми ҷумҳурӣ истеҳсол ва ҷамъоварӣ карда мешуд.

Рушди бошитоб, баъзан бемулоҳизаи соҳаҳои комплексҳои индустриалӣ ва пахтакорӣ дар минтақаи Қурғонтеппа боиси тезу тунд шудани шиддати иҷтимоӣ гардид. Шароити зист дар аксар ноҳияҳои он хеле вазнин гашт. Дар заминаи таркиши демографӣ мувозинати экологӣ вайрон шуд. Заминҳои пурқимати кишоварзӣ рӯ ба таназзул ниҳоданд. Экологҳо меъёри аз ҳад зиёди вайроншавии ҳаворо мушоҳида намуданд. Бо баҳонаи ҳаёти вазнини иҷтимоӣ – иқтисодӣ ташкилотҳои динӣ- экстремистии «Ҳизб-ут-таҳрир» ва Салафия фаъолияти худро дар минтақа ҷоннок намуданд.

Ба ақидаи муҳаққиқи тоҷик Э.Раҳматуллоев чунин ҳолатҳо, яъне, рушди нобаробари иҷтимоӣ - иқтисодии минтақаҳои мухталиф ба он боис гаштанд, ки дар ибтидои «бозсозӣ», дар давраи суст шудани назорат аз ҷониби ҳокимияти Марказӣ, вазъият дар минтақа шиддат гирифт. Эътирози гурӯҳҳои норозӣ аз низоми онвақтаи Ҳизби ҳукмрони коммунистӣ, ки аксар роҳбаронаш намояндагони минтақаи шимоли кишвар буданд, ба худ шакли муташаккил гирифт: ҳизбҳо, ҳаракатҳо, ҷомеаҳо ташкил ёфтанд, ки аксари онҳо таҳти шиорҳои зидди коммунистӣ, миллатгароӣ ва панэронӣ баромад мекарданд[104].

Ин воқеиятро аз бисёр ҷиҳат гурӯҳҳои экстремистии исломӣ барои тарғиби ғояҳои худ дар байни аҳолии Тоҷикистон, бахусус дар байни ҷавонон, мавриди истифода қарор доданд. Фазои мусоидро барои амалӣ гаштани ин мақсадҳои ифротиён сатҳи пасти ҳаёти иҷтимоӣ- иқтисодӣ, қашшоқӣ ва мавҷуд набудани ғояҳои эътирофи умум ва муттаҳидсози миллӣ фароҳам оварда буд. Ба ғорат бурдани моликияти давлатӣ ва афзоиши босуръати фаъолнокии расмӣ дар заминаи қонуншиканиҳои рушдёбанда якбора боиси тағйир ёфтани муносибатҳои иҷтимоӣ гардиданд, ки ин амалҳои нангин нисбатан ошкоро ва аламнок маҳз дар маҳалҳои деҳот ба

[104]Рахматуллаев Э. Роль организации объединенных нации в урегулировании межтаджикского конфликта (операция ООН по подержанию мира в Таджикистане).Дис. канд. полит. наук. М., 2000-С.58-68.

вуқӯъ мепайвастанд. Сохтори иҷтимоии ҷамоатҳо ба тағйироти куллӣ дучор омад. Дар шаҳрҳо дар мадди аввал харобкориҳои иҷтимоӣ, қабл аз ҳама ҷиноятқориҳо меистоданд, раванди азнавтақсимкунии моликият бошад, аз бисёр ҷиҳат дар пинҳонӣ аз ҷомеа амалӣ мегашт ва ба сохти муносибатҳои иҷтимоӣ мустақиман таъсир намерасонид. Аммо дар деҳот якбора тағйир ёфтани вазъи моликият чашмрас буд ва ба рӯҳияи халқ таъсири бузург расонида, дигаргуниҳои муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҷомеаиро тезонид. Ҳамзамон ба ҷамоатҳо шомил намудани механизмҳои анъанавии худтаъсисдиҳӣ имкон дод, ки ба бесару сомониҳо роҳ дода нашавад, раванди вайронкориҳо хеле муваффақиятнок боздошта, дар онҳо низоми иҷтимоӣ нисбатан таъмин карда шавад.

Муҳаққиқи америкоӣ А. Халид собит месозад, ки омилҳои иқтисодӣ дар зуҳуроти исломи сиёсӣ ва ташкилоти динӣ-экстремистӣ дар Осиёи Марказӣ нақши барангезандагиро бозиданд. Ин муаллиф зикр менамояд, ки «сатҳи ҳаёт дар муқоиса бо даврони шӯравӣ, хеле коҳиш ёфт, инфрасохтори иҷтимоӣ хароб шуд, иқтисодиёт базӯр нафас мекашид. Индустриализатсия хароб гардид, бахши саноатӣ чигил шуд, савдои хурд ба воситаи ягонаи рӯзгузаронии онҳое табдил ёфт, ки аллакай дигар майли бозгашт ба деҳотро надоштанд. Тоҷикистони суст тараққикардаро дар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, бо хоҷагиҳои рақобатнопазири он ҳолати ҳузнангез фаро гирифт»[105]. Таҳлили А.Халид ниҳоят нишонрас буда ифодагарӣ пураи воқеъияти онрӯза мебошад. Ба ақидаи мо, дар тадқиқоти ин муҳақиқ ба омилҳои зуҳуроти экстремизми динӣ дар Тоҷикистон баҳои воқеӣ дода шудааст. Ба фикри мо омилҳои иқтисодӣ аз бисёр ҷиҳат рафтори одамон ва интихоби арзишҳои динии онҳоро муайян месозад. Ба ҳамин хотир сабабҳои зуҳуроти экстремистонро, ки ба ҳар ҳол, худро аз ислом ҷудо намедонанд, на дар ислом, балки шароити зисти мусулмонон бояд ҷуст.

Ҳамин гуна ақидаро муҳаққиқи рус А. В. Малашенко ҷонибдорӣ менамояд. Вай тасдиқ мекунад, ки дар вилоятҳои мухталифи Тоҷикистон

[105]Халид А. Ислам после коммунизма: религия и политика в Центральной Азии. М., 2010-С.279-280.

ташкилотҳои ғайрирасмии динӣ тавассути ба миён омадани вазъи мураккаби иҷтимоӣ- иқтисодӣ ҷонибдорони зиёд пайдо карданд». Ӯ ҳамчунин зикр менамояд, «таҷрибаи баъдиҷангии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар мавриди таназзули рушди иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва норозигии оммавӣ аз сиёсати ҳукумат, одамон рӯ ба ислом меоваранд. Яқин аст, то он вақте ки дар худи Тоҷикистон вазъи иқтисодӣ беҳтар нагардад, то он вақте ки ҷавонон бо кор таъмин карда нашаванд, омилҳои зуҳуроти экстремизми динӣ боқӣ мемонанд[106]. Аммо таҷриба нишон дода истодааст, ки новобаста аз беҳтаршавии вазъияти иҷтимоӣ – иқтисодӣ шиддати авҷгирии тафаккури ифротӣ ва ҳаракатҳои экстремистӣ паст нашуда истодааст. Барои ҳамин бояд хотирасон кард, ки омилҳои хориҷию берунии пайдоиши экстремизмро набояд аз занҷири сабабияти пайдоиши ин зуҳурот берун кард.

Муҳаққиқи рус А. Я. Гусков зикр мекунад, ки «дар байни омилҳои объективии манфӣ, ки ба заминаҳои иҷтимоии экстремизм мусоидат менамоянд, мушкилоти иқтисодӣ, тафриқаи идома ёфтаистодаи иҷтимоии шаҳрвандон, ба шумор мераванд. Ба ақидаи ӯ, муҳити таъминоти ғизоӣ барои зуҳуроти экстремистӣ эҳсосоти зиёни иҷтимоӣ ва залилӣ, дарки пухтанорасидаи ватандӯстӣ мебошанд[107].

Ба фикри мо раванди босуръати шаҳришавӣ, ташаккули бозорҳои миллӣ, ба системаи бозори байналмилалӣ пайвастани онҳо, тағйироти демографӣ ва статусӣ - стратификатсионӣ, ки на фақат ба афзоиши тамаддуни инсоният уфуқҳои нав кушод, балки ҳамчунин ба оқибатҳои пешгӯинашаванда, аз ҷумла оқибатҳои манфӣ дар муҳити иҷтимоӣ-иқтисодӣ оварда расониданд. Ин омилҳоро низ ба қатори сабабиятҳои дигари пайдоиши экстремизми динӣ дар Тоҷикистон дохил кардан мумкин аст. Инчунин бояд қайд кард, ки номувофиқатии натиҷаҳои ислоҳоти иқтисодӣ ба талаботи гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ фарқ мекунад. Таназзули иҷтимоии

[106]Этнические и региональные конфликты в Евразии: в 3 кн.: Кн.: 3 международный опыт разрешение этнических конфликтов. М.: Весь мир, 1997-С.222.
[107]Гусков А.Я. Совершенствование борьбы с организованной преступностью, коррупцией и экстремизмом. М., 2008-С.261.

ҷомеа, қашшоқӣ, паст будани сатҳи ҳаёт, бо сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ, ба пайдоиши чунин қуввaҳои таҳрибкор, ба монанди экстремизми динӣ дар байни гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон оварда расонид. Чи тавре, ки маълум аст бар асари хунрезиҳои ҷанги шаҳрвандӣ зиёда аз 100 ҳазор нафар шаҳрвандони Тоҷикистон қурбон шуданд ва зарари иқтисоди равонии ин ҳодисаи мудҳиш барои миллати тоҷик ҳисобнашаванда мебошад.

Мақулаи адолати иҷтимоӣ- иқтисодӣ дар афкори фалсафӣ, равияҳои гуногуни фалсафаи иҷтимоӣ, дар ислом, ва балки дар тамоми динҳои ҷаҳон мазмуни асосӣ ва арзишманд касб кардааст. Мақулаи адолат дар намунаи таҳрифшудаи он дар фаъолияти тарғиботии гурӯҳҳои динӣ- экстремистӣ дар байни аҳолӣ васеъ истифода бурда мешавад. Маълум аст, ки ҳамаи ташкилотҳои динӣ- экстремистӣ дар ҷаҳони Ислом категорияи адолатро бо мақсадҳои ғаразноки сиёсӣ-ғоявии худ мавриди истифода қарор медиҳанд.

Ба раванди мазкур муҳаққиқони рус В. В. Витюк ва С. А. Эфиров баҳои воқеӣ додаанд. Аз ҷумла, онҳо менависанд, ки «экстремизм аз ибтидо кӯшишҳо ба харҷ медиҳад, ки низоми адолатноки ҷомеаро тавассути тадбирҳои фаврӣ ва қатъӣ барқарор намояд»[108]. Тибқи нуқтаи назари ин олимон, консепсияи адолати иҷтимоӣ дар экстремизм аз таассуроти назариявии онҳо дар бораи ҷомеаи озод ва адолатҷӯй, баробарии одамон бармеояд. Дар бораи омилҳои зуҳуроти экстремизм дар Тоҷикистон сухан ронда, зикр кардан ба маврид аст, ки онҳо бо равандҳои манфии даврaи баъдиҷангӣ алоқаманд мебошанд. Чуноне ки маълум аст, яке аз оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ ба пастравии сатҳи ҳайёти иҷтимоӣ аҳолӣ тоҷик ва ба пайдоиши тафриқаи назараси сарватмандону бенавоён ҷудошавии аҳолӣ маҳсуб меёбад. Ин зуҳурот ба фундаменталистону, экстремистон ва равияҳои динӣ-экстремистӣ барои пешниҳоди талаботҳо оид ба адолати иҷтимоӣ ва ҳалли ихтилофоти иҷтимоӣ тавассути муборизаи экстремистӣ воситаи

[108]Витюк В.В. Левый экстремизм и идеал социальной справедливости., С.А. Эфиров. Социальная справедливость и пути ее реализации в социальной политике: сб.тр.: в 2кн. – М.: АН СССР, Ин - т социал. исследований, 1982. Кн. 2 -С.189.

ҳушдоркунанда гардид. Ғояи адолати иҷтимоӣ муносибати бевосита ба ин ақидаро дорост.

Ба ақидаи муҳаққиқи амрикоӣ Д. Берк «дар ҷаҳони ислом дарки амиқ решадавонидаи ноҳақӣ ва залилӣ ҷой дорад. Ноҳақӣ, аз нуқтаи назари Ислом, аҳамияти махсуси динӣ дошта, дар далеловарии экстремистон ҷойи хеле босазоро ишғол мекунад[109]. Гурӯҳҳои мухталифи динӣ-экстремистӣ дар Тоҷикистон, дар шароити дигаргуниҳои ҳаёти ҷомеа, аз рӯйи шарҳу эзоҳи адолат тафсироти сиёсиеро ташкил доданд, ки онҳо ба тафсироти адолати иҷтимоии Қуръон мухолиф буда, дар зери ин мафҳумҳо талаботи соф иҷтимоӣ- сиёсӣ ва тарғиботӣ ниҳон аст.

Дар робита ба ин мавзӯъ, муҳаққиқи ватанӣ А. А. Абдусамадов собит месозад, ки «Тайи солҳои охир, дар рафти дигаргунсозиҳо, нобаробариҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи тоҷик моҳиятан афзуд ва реша давонд. Тавсифи муҳими ҷомеаи тоҷик - мавқеи иҷтимоии он, ба бою камбағал ҷудо шудани аҳолӣ ба шумор меравад. Ӯ зикр менамояд, ки равандҳои беқурбшавӣ нобаробарии иҷтимоиро боз ҳам метезонад, тафриқаи шумора байни камбизоатон ва сарватмандон афзун мекунад, шароити зисти онҳоро бадтар мегардонад. Ғайр аз ин, шумораи зиёде нафарони «пароканда» ба доми гурӯҳҳои экстремистӣ афтида, ба асосҳои ҷомеаи демократӣ таҳдид менамоянд[110]. Ба ақидаи мо, омили паҳн гаштани экстремизми динӣ дар кишвари мо ҳамчунин ҳолати шуури ҷамъятӣ ба шумор меравад, ки он дар марҳилаи хеле вазнини таъғирёбиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ - сиёсӣ қарор дорад.

Бояд қайд кард, ки бенавоӣ ва тафриқаи иҷтимоӣ дар шароити тағйиротҳо ба бегонагии сиёсӣ оварда мерасонад, дар ҷомеа ҳолати ихтилофангезро ба миён меорад, одамонро водор месозад, ки робитаро бо ҳамақидаҳои худ баркананд. Фардҳо дар ин ҳолат сафҳои гурӯҳҳои динӣ-экстремистиро пурра мегардонад. Ба таъсири ғояҳои радикалӣ тез дода мешаванд. Дар чунин мавридҳо, назар ба ифодаи пурмаънои файласуфи

[109]Burke .J. Qaeda Todaiy and the Real Roots of Terrorism//Terrorism monitor. 2004. February 12. P.2.
[110]Абдусамадов А.А. Социальные конфликты в условиях трансформации общественной жизни Таджикистана. Дис…канд. филос. наук. Душанбе, 2007-С.76.

машҳури англис Ф. Бэкон, «аввалин доруи дармон он хоҳад буд, ки бо тамоми воситаҳои мавҷуда бояд сабабҳои моддии сар задани ошӯбҳо, яъне маҳз сабабҳои гушнагӣ ва қашшоқӣ дар кишвар бартараф карда шаванд»[111]. Ба ҳамагон маълум аст, ки агар талаботи қонеъ гардониданашудаи биологӣ ба мубориза баҳри зист бархезонад, талаботи қонеъ нагаштаи иҷтимоӣ ба фавқулмубориза баҳри фавқулзист такон медиҳад.

Муҳаққиқи чинӣ Ден Хао собит месозад, ки дар Тоҷикистон «Нақши мухолифини ғайриқонуниро экстремизми динӣ мебозад, ки гӯё барои адолати иҷтимоӣ, ҳақиқат, баробарӣ баромад мекунад; бо ин мақсад экстремистони динӣ ҳолатҳои зеринро истифода мебаранд: норизоиҳо аз тартиботи мавҷуда, бахусус аз вазъи иқтисодӣ, афзоиши бекорӣ ва бенавоӣ, бад шудани вазъи экологӣ, ришваситонӣ ва худписандии мансабдорон, тафриқаи иҷтимоии ҷомеа[112].

Боз як хусусияти фарқкунандаи вазъи имрӯзаи иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон: экстремистони динӣ дорои омили дигаре барои ташкили норозигиҳои иҷтимоӣ мебошанд, ки метавонад барои ҷалби ҷонибдорони хеле зиёди худ аз ҳисоби аҳолӣ мусоидат намояд. Дар шароити мавҷудият ва афзудани бекорӣ, дар заминаи маҷмӯи проблемаҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва тағйироти манфии сохти иҷтимоӣ дарки қаноатбахш набудан ва дилхунукии ҷавонон меафзояд ва муваффақ шудан ба ҷалби онҳо барои гурӯҳҳои экстремистӣ душвориҳои ҷиддӣ ба бор намеоварад. Суоле ба миён меояд, ки « Чӣ гуна ба таъсири таҳрибкориҳо ба насли ҷавони муосир муқовимат намудан зарур аст?». Муҳимтарин самти пешгирикунанда инҳо ба шумор мераванд: рушди фаъолнокии иҷтимоии насли ҷавон, ҷалби онҳо ба фаъолиятҳои самарабахш тавассути ташкилотҳои ҷомеаии кӯдакону наврасон, коҳиш додани заминаҳои таҳрибкорӣ дар байни ҷавонон ва ғ. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки гарави пешгирии тамоюли иҷтимоӣ аз ҷумла инҳо маҳсуб меёбанд: иҷтимоикунонии мусбии насли наврас ҳанӯз аз

[111] Ф Бэкон. Сочинения в двух томах т 2. М.: Мысль, 1978-С.383.
[112]Международный терроризм и исламский экстремизм в оценке китайских политологов. ин-т.Дальнего Востока .РАН. М:1999-С.33-37.

овони кӯдакии ӯ; мусоидат намудан ба ҳамкориҳои бемухолифати самарабахши байнифарҳангӣ; ҳамоҳангсозии муносибатҳои байналмиллӣ ва байниминтақавӣ; тарғиби маърифатнокӣ дар бораи моҳият, табиат ва хавфи экстремизм ва терроризм; пешгирии саривақтии фаъолияти ташкилотҳои экстремистӣ ва террористӣ; таъминоти муҳити бехатарии иттилоотӣ. Захираҳои муҳими муқовимат ба зуҳуроти таҳрибкорӣ дар дастгирии иҷтимоӣ- педагогии ҷавонон барои татбиқи дурнамои мусбии ҳаёти онҳо фароҳам омадаанд, ки муайянкуниҳои иҷтимоӣ ва шахсиро дар бар мегиранд: соҳиб шудан ба маълумотнокии босифат, майлу рағбат ба дастовардҳои касбӣ ва мақоми арзандаи иҷтимоӣ, саъю кӯшиш барои ташкили оилаҳои баркамол ва тарбияи намунавии фарзандон. Бешубҳа, ба кӯмаку дастгириҳои махсус кӯдакон, наврасон ва ҷавононе ниёзманданд, ки дар вазъиятҳои мушкили ҳаётӣ ва ҳолатҳои хавфноки иҷтимоӣ қарор доранд.

Ин равандҳо барои ҳамаи ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ- кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҳатто барои Руссия хос аст, ки онҳо пас аз солҳои 90-уми асри гузашта ба сарбастагиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ рӯ ба рӯ шуданд. Исботи равшани он пайдоиш ва фаъол гардидани экстремизми динӣ ва терроризм дар ҷумҳуриҳои Қафқози Шимолии Федератсияи Руссия ва водии Фарғонаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебошанд.

Бо вуҷуди ҳамаи гуногуншаклиии экстремизми динӣ, ҷозибанокии иҷтимоии ғояҳои исломӣ дар байни ҷавонони Тоҷикистон доманадор аст. Айни замон бисёр ҷавонони муосир, исломи асил чист, намедонанд, ва ҳатто дар бораи ислом, урфу одатҳои дар замони мо расмшуда тасаввурот надоранд. Аз ин рӯ, онҳо зудтар ба доми ғояҳои экстремистони динӣ меафтанд. Бекорон, ҷавонони ноболиғ, вайрокунандагони қонун ба ҳайати иҷтимоии гурӯҳҳои динӣ – экстремистӣ дар Тоҷикистон шомил мешаванд. Сатҳи иҷтимоӣ ва фарҳангии онҳо дар зинаҳои хеле паст қарор дорад. Агар давлат ва ҷомеа дар бораи некуаҳволии иҷтимоии онҳо тадбирҳои дахлдор наандешанд, онҳо метавонанд хафви ҷиддӣ барои амният ва ҳаёти осоиштаи ҷомеа пеш оранд. Сатҳи аз ҳама баланди бенавоӣ дар байни кӯдакон ва

ҷавонон, дар деҳот ба мушоҳида мерасад. Дар деҳот ҳамчунин нишондиҳандаҳои аз ҳама баланди бекорӣ ҷой доранд, ки дар баробари дигар омилҳо, наметавонанд ба афзоиш ва зуҳуроти экстремизми динӣ дар минтақаҳои мухталифи Тоҷикистон таъсири ногувор нарасонанд. Мураккабии дарки мафҳуми экстремизми динӣ дар Тоҷикистон дар он ифода меёбад, ки бисёре аз идеологияҳои радикалӣ ва ҳаракатҳои сиёсӣ дар ин самт дар нигоҳи ҷавонон аз ҷиҳати «зоҳирӣ» ҷолиб менамоянд.

Ҷавонон ҳамчун қисмати фаъоли ҷомеаи тоҷик ба дастгириҳои иҷтимоӣ-иқтисодии давлат ва ҷомеа эҳтиёҷ доранд. Агар барои насли ҷавон дурнамои таълим, касбомӯзӣ, бо кортаъмикунӣ фароҳам оварда нашавад, он гоҳ вай наметавонад талаботи заминавии худро дар амал татбиқ намояд. Барои дар ҷомеаи анъанавӣ тоҷик бунёд намудани оила бояд қалин дода шавад, барои гузаронидани тӯйи арӯсиву домодӣ урфу одатҳои куҳнаи аҷдодиро риоя намудан зарур аст. Аммо иҷрои ҳамаи ин талабот дар ҳоли бенавоие, ки дар Осиёи Марказӣ нисбат ба кишварҳои Аврупо ё Руссия дар сатҳи хеле паст қарор дорад, ғайриимкон аст.

Дар баробари ин, ҷойи шубҳа нест, ки одамони бенаво ва камбизоатро бо сатҳи мутаносиби дониш ва фарҳангияшон ба осонӣ бовар кунонидан мумкин аст, ки дар бенавоии онҳо на худи онҳо, балки онҳое гунаҳкоранд, ки ҳокимият ва молу сарват дар ихтиёр дошта, давлату ҷомеаро идора мекунанд. Чунин одамонро метавон ба осонӣ ба сафи ташкилотҳои динӣ-экстремистии ба монанди «Ҳизб-ут-таҳрир», «Салафия» ва ғ. ҷалб намуд.

Бархе аз муҳаққиқон, ба ақидаи мо, шарҳи нисбатан дурустро пешниҳод намудаанд. Дар шарҳу эзоҳи онҳо ишора ба он маънӣ меравад, ки экстремизм худ зодаи сатҳи пасти зиндагии аҳолӣ, афзоиши мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ҷомеа мебошад. Чунин ақида, бешак, нисбатан эътимодбахш аст. Мо дар тадқиқоти худ ақидаи мазкурро дастгирӣ намуда, онро низ дар мадди назар мегирем, ки муносибатҳои дигар низ оид ба тавзеҳоти зуҳуроти экстремизми динӣ мавҷуданд. Масалан, омилҳои сиёсӣ, психологӣ, ки онҳо дар пайдоиш ва мавҷудияти чунин намуди хавфноки экстремизм, ба мисли

экстремизми динии таҳдидкунанда ба яклухтии ҷомеаи тоҷик ва истиқлолияти Тоҷикистон, хатари бузург доранд.

Буҳрони иқтисодӣ, гузариш аз иқтисодиёти нақшавӣ ба муносибатҳои бозорӣ, коҳиш ёфтани сатҳи ҳаёти аҳолӣ дар Тоҷикистон пас аз пош хӯрдани Иттиҳодӣ Шӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ ба муҳити психологии ҷомеа низ таъсири амиқ гузоштанд. Муҳити умумии иҷтимоӣ - психологӣ дар Тоҷикистон бо он тавсиф карда мешавад, ки бо сабабҳои хароб шудани ғояҳои ҷомеаи шӯравӣ, васеъ паҳн гаштани амалҳои зӯроварӣ, бераҳмӣ, боварии аксар шаҳрвандон ба ҳаёти мавҷуда ва дурнамои зиндагӣ коҳиш ёфт. Дар заминаи ҳамин ақидаҳо экстремизми динӣ нашъунамо меёбад, ки он барои дар миқёси давлатӣ мақом ишғол намудан саъю талош меварзад.

Ба ақидаи профессор Ш. Шоисматуллоев, «оқибатҳои иҷтимоӣ - психологӣ ва иқтисодии ҷанги шаҳрвандӣ, гусастани робитаҳои фарҳангӣ ва зеҳнӣ осеби ҷиддӣ ба рӯҳияи аҳолии кишвар расонд. Ҳамаи ин ба дилхунукӣ, рӯҳафтодагӣ, коҳиш ёфтани фаъолнокии иҷтимоӣ, нобоварӣ ба оянда оварда расонид. Бойигарии иҷтимоӣ, маънавӣ ва иқтисодии Тоҷикистон бебозгашт аз даст рафтанд, ин арзишҳо, ки асоси рушди ҳама гуна миллатҳоро ташкил медиҳанд, то имрӯз номукаммал мондаанд[113].

Талафот дар соҳаҳои иқтисодиёт ва истеҳсолот, ки рушди муътадили ҷомеаро таъмин мекунанд, то ҳанӯз барқарор нагаштаанд. Чуноне ки маълум аст, маънавиёт, дар баробари иқтисодиёт, асоси рушди ҳар як миллатро ташкил медиҳад. Ба ақидаи мо, буҳрони маънавӣ, ҳамчун оқибатҳои қафомондагии иқтисодӣ, сабаби зуҳурот ва омили мавҷудияти экстремизми динӣ дар ҷомеаи муосир ба шумор меравад. Дар маҷмӯъ, Тоҷикистон тавонист, қисман оқибатҳои буҳрони солҳои 90-уми асри гузаштаро, ки дар соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ таъсири ногувор гузоштаанд, рафъ намояд. Сиёсати имрӯзаи иҷтимоӣ – сиёсӣ ҳукумати Тоҷикистон ва махсусан

[113]Шоисматулоев Ш. Таджикистан в зеркале преемственности и смены поколений. Душанбе: Ирфон, 2008-С.8.

пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон далели равшани гуфтаҳои болост.

Марҳилаи таърихи баъдишӯрави Тоҷикистон хеле пур печутоб ва шикастҳои бузургӣ иҷтимоӣ – иқтисодӣ буд. Чунин даврaҳоро сотсиологӣ машҳури поляк П. Штомпка давраи «дигаргуниҳои садамавӣ» номидааст[114]. Маҳз дар чунин даврaҳо экстремизми динӣ хавфи бештар ба миён меорад, зеро дигаргуниҳои пурталотуми умумӣ сироятнопазирии камтаринро барои муқовимат ба ин зуҳуроти нангини ҷомеа ба миён меорад. Дар баробари як қатор омилҳои зуҳуроти экстремизми динӣ дар Тоҷикистон, мавқеи асосиро мухолифатҳои иҷтимоӣ ишғол мекунанд, ки дар шароити муосир то ҳанӯз ҳалли мақсадноки худро наёфтаанд. Шиддат ёфтани ихтилофоти иҷтимоӣ, поймол кардани манфиатҳои гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ ба пайдо шудани воситаҳои зиддиқонунӣ, барои ҷомеа хатарноки ҳалли ин ихтилофот боис мегарданд. Ба ҳайси чунин воситаҳои ҳалли зиддиятҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон экстремизми динӣ ба майдон баромадааст. Маблағгӯзорон ва сарварони ғоявии экстремистони динӣ чунин ихтилофоти иҷтимоиро моҳирона истифода менамоянд.

Боз як омили зуҳуроти экстремизми динӣ дар Тоҷикистон: ришваситонӣ дар соҳаҳои мухталифи фаъолияти ҳаётии ҷомеа ба шумор меравад, дар мавриде, ки тайи солҳои охир сатҳи ришваситонӣ дар ин ҷо хеле афзудааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо дарки зиёни ҷиддие, ки коррупсия ба амнияти миллӣ мерасонад, дар Паёми ҳарсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои қатъӣ оид ба решакан намудани омилҳо дар сохторҳои давлатӣ ва ҷомеа ба миён мегузорад[115]. Коррупсия пояҳои сохторҳои давлатию ҷомеаиро хароб месозад, садди роҳи ислоҳоти иқтисодӣ мешавад. Бюрократия дар Тоҷикистон ва сатҳи баланди коррупсия дар он ба

[114]Штомпка П. Социология. Анализ современного общества. 2-е изд.-М.:Логос, 2010.
[115]Эмомали Рахмон. Ежегодное обращения в Маджлиси намояндагон и Маджлиси оли страны. Апрель 2011 г.

мушоҳида мерасад, монеаҳои ҷиддӣ дар байни давлат ва шахсиятҳо эҷод мекунад.

Нақши муҳимро дар ташкили заминаҳо барои экстремизми динӣ дар Тоҷикистон қочоқи маводи мухаддир мебозад. Манбаъҳои саноатии истеҳсоли маводи мухаддир дар Афғонистон, Покистон ва тавассути Тоҷикистон паҳн гаштани он ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, Русия ва Аврупо аз бисёр ҷиҳат, ба харобии маънавиёт оварда мерасонад. Дар минтақаҳои истеҳсоли саноатии маводи мухаддир омилҳои бисёрҷанбаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ пайдо мешавад, ки барои рушди равияҳои экстремистӣ, сиёсӣ ва динӣ сабаб мебошанд. Аз рӯйи баъзе маълумот нуқтаи охирини даромадҳо аз маводи мухаддир ба гурӯҳҳои экстремистӣ мерасанд. Барои Тоҷикистон, бо ҳукми тақдир, дар даҳсолаҳои охир дар роҳи доман густурдани ҳаракати экстремизм ва терроризм ба ҳайси давлати мобайнӣ (буферӣ) хизмат намудан насиб гаштааст. Тоҷикистон дар ҳамаи чорабиниҳо ва саъю талошҳо дар муқовимат бо ин зуҳуроти нангин фаъолона ширкат меварзад.

Дар хулоса бояд қайд кард, ки баъди пош хӯрдани давлати ягона, ба майдон омадани чунин омилҳои бардавом, ба мисли афзоиши беҷуброни нарх, зиёд шудани бекорӣ, маҳдуд гардидани бозори дохилӣ, гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва аз он танг карда баровардани маҳсулоти ватанӣ, мушкилоти ташкили соҳибкории тоҷик, баланд шудани ҷиноятқории иқтисодӣ ва ғ. заминаҳо барои зуҳуроти экстремизми динӣ гардиданд. Дар шароити маҳдуд гардидани имкониятҳои молиявӣ, моддӣ - техникӣ, захиравӣ ва ғ., ин ҳолатҳо ба оқибатҳои вазнини иҷтимоӣ оварда расонида, боиси норозигиҳо дар ҷомеа гаштаанд ва дар натиҷа, заминаҳои иҷтимоиро барои экстремизми динӣ ва ҳаракатҳои динӣ-экстремистӣ ташаккул доданд.

Омилҳои асосии экстремизм дар кишвари мо ба назар нисбатан возеҳ ва муайян менамоянд, зеро онҳо аз заминаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд. Бенавоӣ, қашшоқӣ, бекорӣ, ночорӣ, дар сохтори иҷтимоӣ мавқеи анъанавиро аз даст додани табақаҳо ва гурӯҳҳои муайян, тафриқаи ниҳоии

аҳолӣ аз рӯи сатҳи даромаднокӣ ва ғ. ба якбора тағйир ёфтани тарҳи иҷтимоии аҳолӣ оварда расонид. Оташи норозигиҳои бар асари ин дигаргуниҳо ба амаломада ногузир аланга хоҳад гирифт ва дар намудҳои мухталифи амалҳои зиддиҷомеаии дорои хусусиятҳои динӣ-экстремистӣ зуҳур меёбанд. Дар ин маврид, воситаҳои эътирози иҷтимоии барои ҷомеа хеле хавфнок хеле зиёд хоҳанд буд.

Экстремизми динӣ – ин маризиест, ки сараввал аз номувозинатӣ ва номувофиқатии рушд дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ тавлид меёбад. Шароитҳои пайдошавӣ ва хусусиятҳои рушди ҳаракатҳои динӣ- экстремистӣ дар Тоҷикистон имкон медиҳанд, ки чунин гурӯҳҳои омилҳои ба вуҷудоварандаи экстремизми диниро дар ин кишвар муайян намоем. Мо ба омилҳои иҷтимоӣ- иқтисодии пайдоиши экстремизми динӣ-исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил намудем: Якбора, хеле ногувор, дар сатҳи паст қарор гирифтани ҳаёти гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ, коҳиш ёфтани мақоми иҷтимоӣ ва дар робита бо он, коҳиш ёфтани ҳуқуқҳо ва озодиҳои воқеӣ дар сохтори мавҷудаи иҷтимоии шаҳрвандон. Ҳамчунин омили иқтисодӣ, ки экстремизмро ба вуҷуд меорад, оянда надоштани гурӯҳҳои номбурдаи иҷтимоӣ ба шумор меравад, ки маъниҳои зерин - мавҷуд набудани имкониятҳои воқеии иқтисодӣ дар байни аҳолӣ оид ба беҳдошти зиндагиро ифода менамояд. Омили иқтисодии экстремизм шиддат ёфтани ихтилофоти иҷтимоӣ –гурӯҳӣ дар заминаи аз нав тақсим кардани моликияти ҷамъиятӣ ва даромадҳои иҷтимоӣ ба шумор меравад, ки ба майлу рағбати яке аз гурӯҳҳои иҷтимоӣ барои истисмори дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ асос ёфтааст. Омилҳои иқтисодии экстремизм дар натиҷаи гузариши системаи муайяни иҷтимоӣ ё тамаддуни муайян ба ҳолати буҳрони иҷтимоӣ –иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд.

Буҳрони иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки Тоҷикистон онро ибтидои солҳои 90 – ум аз сар мегузаронид, заминаи иҷтимоӣ- иқтисодии экстремизми динӣ маҳсуб меёбад. Гуногуншаклии хоси буҳрони иқтисодӣ дар кишвари мо пас аз пош хӯрдани СССР ва аз ҳам гусастани робитаҳои иқтисодӣ, сар задани

ҷанги шаҳрвандӣ ба ҳисоб мераванд, ки бар асари онҳо пеш аз ҳама коргарон, зиёиён ва соҳибихтисосҳо ҷабр диданд. Ҳамчунин бекорӣ дар байни табақаҳои фаъоли аҳолӣ, қабл аз ҳама ҷавонон, гуногуншаклии буҳрони иқтисодиро тақассум месозад. Дар ҷавонон мавҷуд набудани боварӣ ба имкониятҳо оид ба беҳтар кардани аҳволи моддии худ ва дар ояндаи наздик баланд бардоштани мақоми иҷтимоӣ дар доираи муносибатҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ, ногузир онҳоро ба ҷустуҷӯи роҳҳои қатъӣ (радикалӣ) тела медиҳад, то ки худро аз сарбастагиҳои зиндагӣ раҳо созанд.

§2.2. ОМИЛҲОИ ИҶТИМОӢ - СИЁСИИ ЗУҲУРОТИ ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ ДАР ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОНӢ

Вусъатёбии фаъолияти чунин гурӯҳҳои террористиву тундгаро, аз қабили созмони ба ном “Давлати исломӣ”, “Ал-Қоида”, “Толибон” ва монанди инҳо илова ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар ин кишвар, аз ҷумла дар минтақаҳои бо Тоҷикистон ҳаммарзи он боиси нигаронии амиқи мо гардидааст.

Эмомалӣ Раҳмон

Тайи даҳсолаҳои охир хусусиятҳои экстремизм, шаклҳои зуҳурот ва таъминоти техникии он дучори хеле тағйирот гаштанд. Ҳаракатҳои исломӣ теъдоди зиёди адабиёти тарғиботии диниро ҳам дар мавзӯъҳои баҳснок ва ҳам мадҳу ситоишӣ таълиф, нашр ва паҳн намудаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зумраи он кишварҳои тамаддуни исломӣ маҳсуб меёбад. Ин нуктаро борҳо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудааст: «Халқи мо ҳамеша бо ҷаҳону тамаддуни ислом буд ва хоҳад монд»[116].

Мавриди зикр аст, ки ислом барои ҷомеаи тоҷик - ҷаҳонбинӣ, фарҳанг, тимсоли ҳаёт ва ахлоқ ба шумор меравад. Аз рӯйи дараҷаи хеле камтарин ба ислом вазифаи ҳуқуқӣ муносиб меояд. Ислом барои ягонагии фарҳанг ва урфу одати тоҷикон, бо нигоҳ доштани гуногуншаклии миллии онҳо заминаҳои устувор гузошт. Ин дини дорои хусусиятҳои мусалсал, ҳамаи ҷанбаъҳои ҳаёти инсонро дар ҷомеаи исломӣ, аз рӯзи нахустини ҳаёт то лаҳзаҳои охирини умр, аз рӯйи муқаррароти иҷтимоиашон, муайян менамояд.

[116] Таджикистан на пороге будущего. Сборник выступлений президента республики Таджикистан Эмомали Рахмона в СМИ России, 1997-С.17

Экстремизми динӣ дар ҳудуди Тоҷикистон дар солҳои 80-уми асри XX доман паҳн кард, нахустин тадқиқотҳои илмӣ дар бораи ин равияи динӣ-сиёсӣ бошад, хеле баъдтар таълиф ёфтанд. Аллакай дар соли 1989 ҷонибдорони бо ном исломи «холис» тавонистанд, ки муфтии Осиёи Марказӣ ва Қафқози Шимолиро аз мақоми ишғолнамудаашон барканор намоянд. Пас аз барқарор гардидани муносибатҳои дипломатӣ бо Арабистони Саудӣ дар соли 1991 ва дар ҳамон сол ба вуқӯъ пайвастани ҳодисаи аз ҳам пош хӯрдани ИҶШС мавқеи ваҳҳобиён дар ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ хусусияти тӯфонӣ ба худ гирифт.

Бешубҳа, экстремизми динӣ дар Тоҷикистон дар давраи бӯҳрони маънавӣ-ҷаҳонбиние пайдо шуд, ки кишвари мо баъди пош хӯрдани Иттиҳоди ягонаи Шӯравӣ аз сар гузаронид. Барҳам хӯрдани сохти коммунистӣ дар Тоҷикистон ба рушди тафаккури динӣ ба ҳаракатҳои исломӣ- сиёсӣ ва динӣ-экстремистӣ роҳи васеъ кушод, ки онро расман эҳёи ислом меноманд. Дар ҷомеаи муосири тоҷик тайи чанд даҳсолаи охир анъанаҳои умумифарҳангии бозгашт ба решаҳои таърихии маънавӣ қувват гирифт. Дар ин ҳаракати маънавӣ ҳамаи табақаҳои фаъоли иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ ба таври фаъолу ғайрифаъол иштирок менамоянд. Бегуфтугӯ, ин анъана фақат хоси миллати тоҷик набуда, хусусияти ҳамагониро доро мебошад; ба андозаи қувват гирифтани шаҳришавӣ ва эҳёшави худшиносии шаклҳои мухталифи фарҳангӣ, дар ҷомеа анъанаи бозгашти маънавӣ ба решаҳои таърихӣ тавлид меёбад, ки дар онҳо мутобиқати этникӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ инъикос меёбад.

Дар робита, зикр кардан ба маврид аст, ки дар замони муосир мавқеи дин, бахусус ислом дар ҷомеа, ҳамчун манбаи худшиносӣ торафт устувортар мешавад. Чуноне ки маълум аст, худшиносии миллатро манфиатҳои миллат муайян мекунанд. Зарурати муайян кардани манфиатҳои миллии Тоҷикистонро дар ибтидои асри XX1 коҳиш ёфтани аҳамияти худшиносии миллӣ дар муқоиса бо худшиносии динию трансмиллӣ ба миён овардааст. Баъзе давлатҳои ҷаҳон, бахусус давлатҳои Ғарб кӯшиш менамоянд, ки ғояҳои

либералӣ ва арзишҳои ба фарҳанги миллатҳо бегонаро бар души ин миллатҳо бор кунанд. Ин ҳолати ногувор дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ нисбат ба Тоҷикистон низ ба мушоҳида мерасид. Чуноне ки маълум аст, фарҳанги исломӣ қисми ҷудонашавандаи фарҳанги милии ҷомеаи тоҷик ба шумор меравад.

Мехоҳем сари таҳлили масъалаи худшиносӣ, худшиносии миллӣ ва фарҳангӣ зиёдтар истода, ҷанбаҳои фалсафӣ, равонӣ, фарҳангӣ ва сиёсии онро баррасӣ намоем. Чунки косташавии худшиносӣ низ ба пайдошавӣ ва инкишофи экстремизм ва терроризм мерасонад ва далелҳои илмӣ низ нисбати ин масъала зиёд мебошанд.

Қайд кардан зарур аст, ки ҷаҳони имрӯза дар давраи буҳрони худшиносӣ қарор дорад. Олими амрикоӣ С. Хантингон дар китоби худ «Мо кистем: душвориҳои худшиносии амрикоӣ» проблемаи худшиносиро ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар замони муосир этнология, фарҳангшиносӣ ва антропология барои тавсифи хусусиятҳои этникӣ - фарҳангии миллатҳо ё зуҳуроти миллатгароии, нажодпарастӣ ва миллатгароии ашаддӣ ва ғ. нуқтаҳои назари мухталифро иброз менамоянд. Ҳамчунин мебояд зикр намуд, ки дар соҳаи антропологияи фарҳангии замони муосир дар доираи ҷараёни функсионализм фарҳангҳо ҳамчун яклухтии баробараризиш баррасӣ мегарданд, ки дар онҳо ҷузъиёти «барзиёдатӣ» вуҷуд надоранд. Сухан дар хусуси ҳамаи зуҳуроти амалии фарҳангӣ меравад- сар карда аз тасвироти бадеӣ то анъанаҳои динӣ, намунаи рафтори дорои аҳамияти иҷтимоӣ – ин ҳама барои иҷрои вазифаҳои ба худ хос оид ба азхуд кардан ва мутобиқат намудани инсон ба муҳити ибтидоии «аввалиндараҷа»-и худ (табиат) ва «дуюмдараҷа» (иҷтимоиёт) пешбинӣ шудаанд. Муҳаққиқи шинохтаи рус С. М. Широкогоров зикр менамояд, «халқият воҳиде ба шумор меравад, ки аз он гуногунии фарҳангӣ ва ҷисмонии инсон рушд меёбад»[117].

[117]Широкогоров С.М. Этнос. Исследование основных принципов изменения этнических и тнографических явлений. Избранные работы материалы, Книга 1. - Владивосток: Издательство Дальневосточного университета, 2001.

Маълум аст, ки аз давраи мустамликадорӣ аксар кишварҳои Аврупо тайи солҳои тулонӣ сиёсати бо ҳам тавъам гардонидани халқиятҳо ва як кардани гуногунии забонҳоро пеш мебурданд. Аммо ин ҳадафҳои онҳо амалӣ нашуд, бар асари бо ҳам омезиш ёфтани гурӯҳҳои этникӣ маҳз дар Аврупо бори нахуст дар баҳсу мунозираҳои илмӣ ва сиёсӣ проблемаҳои буҳрони миллӣ ва этникӣ, ҳамчунин ихтилофоти байнихалқиятҳо, марбут ба худшиносии забони халқҳо ва урфу одатҳои онҳо пайдо шуданд.

Дар коркарди зуҳуроти худшиносӣ дар марҳилаи муосир олимон Ю. Хабермас, Э. Гидденс, А. Мартиннели ва бахусус С. Хангтинтон саҳми муносиб гузоштаанд. Барои онҳо худшиносӣ, дар мавриди тавсифи умумии он, аввалан, худэътирофкунии шахсият, гурӯҳҳоро ифода мекунад; дувум, натиҷаи ба ҳам тавъамгардонии онҳо маҳсуб меёбад, ки раванди эътирофи сифати махсуси «Ман» ва «Ман»-и фарқкунанда аз «Онҳо»-ро таҷассум менамояд; сеюм, яке аз омилҳои муайянкунандаи камолоти шахсият ба шумор меравад; чорум, рафтори гурӯҳӣ ва фардиро муайян менамояд.

Худшиносӣ дар анъанаи афгори фалсафии аврупоӣ қабл аз ҳама лаҳзаҳои умумияти рӯзғори фардӣ ва коллективиро дар худ инъикос менамояд. Чунончи, ба ақидаи Э. Фромм, худшиносӣ – ин «қобилияти инсон барои муайян кардани «Ман»-и худ буда, зимнан дар зери мафҳуми «Ман» маркази фаъоли ташкилёбандаеро фаҳмидан мумкин аст, ки ҳамаи фаъолияти ба амаловаранда ва захиравии шахсро фаро мегирад»[118].

Худшиносии миллӣ ҳамчунин воситаи муҳимтарин оид ба таҳия ва интиқоли таҷрибаи бойи нигаҳдории маънавиёт ва фарҳанг ба шумор меравад. Худшиносии миллӣ қодир аст, на танҳо анъанаҳоро дар шакли аввалия нигоҳ дорад, балки ба он тарҳи замонавӣ диҳад. Мутаносибан ин вазифаи худшиносии миллӣ аз як ҷониб, вазифаи муқоисавӣ маҳсуб меёбад, ки он имкон медиҳад, шахс худро тавассути қиёс бо дигарон ошкор ва халқияти худ: «Ман»- ро тасдиқ намояд; аз ҷониби дигар, худшиносии миллӣ вазифаи ҳамоҳангсозиро бозида, ба сарҷамъии халқ, муттаҳидии неруҳои он

[118]Фромм Э. революция надежды.-СПб., 1999.-С.131-132.

мусоидат менамояд. Ба шарофати ин, ба ҳам наздик гаштани шахсиятҳо дар ҷомеаи халқиятҳои ҳаётан устувор, тавъамгардонии инсон ва халқ ба амал меояд. Оғози худшиносӣ арзишҳое маҳсуб меёбанд, ки дар раванди таҷрибаи иҷтимоӣ, ҳамкориҳои иҷтимоӣ аз насл бар насл ғун мешаванд. Худшиносӣ дар худ раванди худшиносии фардӣ ва гурӯҳӣ, эътирофи тафриқаи худ аз дигаронро низ таҷассум мекунад. Ба ақидаи Д. Ю. Ямполская раванди худшиносӣ ва худогоҳӣ ин ташаккули як навъ худшиносии ва барқарорсозии ҳудуди ба худ хосе ба шумор меравад, ки «Мо»-ро аз «Онҳо» ҷудо мекунад[119].

Қавмият барои тавсифи муайяни фарҳангии шахсият хизмат мерасонад, ки мутобиқ ба он қолибҳои муайяни марбут ба фарҳанг, урфу одат, суннатҳо, услуби рафтор, миҷоз ва ғ. тарҳрезӣ гашта, ташаккул меёбанд. Фарҳанг – ин қобилияти ба худ хоси ҳаётии инсон аст, ки татбиқи чунин талаботи бунёдӣ, ба монанди худшиносӣ ва ҷаҳонфаҳмиро инъикос намуда, ҳадафмандии фаъолияти инсонро ба роҳ меандозад.

Фарҳанг аз он талаботи инсон бармеояд, ки ӯ таҷрибаи аз гузаштагон андӯхтаи зиндагиро ба ояндагон мерос мегузорад. Ин он маъноро ифода менамояд, ки фарҳанг танҳо дар доираи робитаҳои одамон арзи вуҷуд мекунад. Ва азбаски мо, ҳамагон, аз оғоз аъзои ин ё он қавмҳо ба шумор меравем, фарҳанги мо низ аз ибтидо қавмист. Миллатҳое метавонанд арзи вуҷуд намоянд, ки дар як кишвар умр ба сар бурда, захираи умумии ягонаи иқтисодӣ ва забони ягона доранд, аммо ду халқи бо фарҳанги ягона мавҷуд нест ва нахоҳад буд. Вақте, ки миллат хусусиятҳои фарҳангии худро аз даст медиҳад, вай ҳамчун миллати мустақили ҷудогона аз фаъолият бозхоҳад монд. Маҳз ҳамин ҳолат бо бисёр халқҳои ҷаҳон рух додааст, ки онҳо агарчанде ҷисман арзи ҳастӣ мекунанд, аммо бо сабаби дар муносибатҳои фарҳангӣ бо халқҳои ҳамсоя, халқҳои нисбатан неруманд омезиш ёфтанашон мавҷудияти худро ҳамчун халқ дар саҳнаи таърих аз даст додаанд. Бинобар

[119]Ямпольская Д.Ю. Глобализация и новые типы рациональности. Дисс на соискание ученной степени канд. Филос. наук. Пятигорск-2010.- С.102 – 165.

ин, хусусиятҳои фарҳангӣ ҳамчун нишонаи асосии ҳама гуна халқият, ки дар ҳамаи ҳолатҳо онро аз таъсири дигар халқиятҳо фарқ мекунонад, бояд мавриди баррасӣ қарор гирад.

Тадбирҳои аз ҳад беш радикалӣ на фақат ҳалли самараноки пролемаҳои мавҷударо таъмин намесозад, балки чунин тадбирҳо ба муқовимати доманадори гурӯҳҳои этникӣ мусоидат менамоянд. Маълум аст, ки на зӯрӣ ва на ҷангҳо, балки раванди тӯлонии таърих оид ба густариши меъёрҳои пешқадами иҷтимоӣ-фарҳангӣ, худшиносии устувори сиёсии халқиятҳои дорои сохти бузурги сиёсиро таъмин намудаанд.

Дар ҳолатҳои буҳронӣ аксаран ҳолатҳои муттаҳидсозӣ ва сафарбаркунии халқиятҳо, гурӯҳҳои этникӣ рух медиҳанд, ки ба ин амал ба фаъол шудани хотираи таърихӣ, тағйир додани баъзе ҷузъиёти онҳо боис мегарданд. Дар даврaҳои шикастҳои иҷтимоӣ - сиёсӣ одамон ба худшиносии коллективие муроҷиат менамоянд, ки ба онҳо дарки бехатарӣ, шароиту имкониятҳои иҷтимоиро таъмин месозанд. Ҳамзамон, ҳолатҳои гумроҳкунӣ, чунон ки ин ҳолатҳо дар даврaҳои буҳронӣ басо ба мушоҳида мерасанд, таъсири ногувори худро ба тафаккури халқиятҳо мерасонад, ки он ба тарсу бими ошкоро аз «дигарон», аз «бегонагон» асос ёфтааст.

Дар шароити муосир нақши халқиятҳо дар тамоми ҷаҳон дар равандҳои иҷтимоӣ меафзояд, мавҷи нави баланд гардидани таваҷҷуҳ ба худшиносии этникӣ, забон, фарҳанг, уруфу одат ва тарзи ҳаёти онҳо аз худ дарак медиҳад. Муносибати арзишӣ ба ҷомеаи анъанавӣ дар заминаи интернатсионаликунонии ҳаёти иқтисодӣ - иҷтимоӣ, ҷаҳонишавии фаъолияти инсонӣ дар сайёраамон, ҳамчунин наздикнамоии байналмилалии арзишҳои муосири тамаддун рӯ ба афзоиш ниҳодаанд. Чунин зуҳуротҳо ба ғояҳои экстремистӣ алоқаманд буда, ба баланд шудани нидои халқҳо барои худмуайянкуниҳо робитаи мустақим доранд.

Дар шароити нобаробарии иҷтимоӣ-таърихӣ вазъияти бисёр халқиятҳои замони муосир зарур аст, рӯ ба омӯзиши хусусиятҳои худогоҳии этникӣ,

худшиносии этникии намояндагони халқиятҳое оварда шавад, ки дар як фазои геотаърихӣ умр ба сар мебаранд.

Худшиносии этникӣ - проблемаи муҳими иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иҷтимоӣ- психологист, ки дарки ташвишу изтироб ва ғаму андуҳи шахсиятҳоро оид ба гурӯҳҳои этникӣ, ки дар амалҳои воқеии ҳамкориҳои мутақобила бо халқиятҳои худӣ ва дигар халқиятҳо ба вуқуъ мепайванданд, бо ҳам муттаҳид месозад. Муҳаққиқон собит месозанд, ки қавмият нисбатан пурра дар доираи шуури ҷомеаӣ зоҳир меёбад. Дар ҷомеаҳои индустриалӣ қавмият ҳам дар соҳаи фарҳанги маънавӣ ва ҳам дар доираи фарҳанги моддӣ, ки арзишҳои нави умумиҷаҳониро ба фарҳанги аҷдодӣ мепайвандад, зоҳир мешавад. Қавмият, дар ин маврид, дар шакли зуҳуроти худ тағйир меёбад.

Бахусус раванде, ки навсозиҳои капиталистиро гузашта, бо заволи меъёрҳои анъанавии рафтор ва буҳрони фарҳангӣ марбут буда, аксуламали эътирозҳоро ба миён меорад, бо ҳолатҳои пурхатар ва оқибатҳои ногувораш фарқ мекунад. Дар қаринаи мазкур коҳиш ёфтани муносибатҳои ҳамрайъӣ, шикастнопазирии муносибатҳои ҷомеаӣ ба вуқуъ мепайванданд. Шаклҳои нави муносибатҳои моливу молиявӣ ахлоқу одоби куҳнаро тавассути афзалиятнокии тиҷорат аз байн бурда, оммаи бузурги одамонро берун аз сарҳади муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ меафканад.

Фарҳанг бештар ҳамчун воситаи муқобилгузориҳои миллӣ, бо ҳам муттаҳидсозии «одамони «худӣ» ва дур кардани «бегонаҳо» истифода бурда мешавад. Тавассути фарҳанг, робитаҳои фарҳангӣ проблемаҳоеро ҳал кардан мумкин аст, ки барои рафъи онҳо воситаҳои дигар, бахусус неруҳои қудратиро истифода мебаранд.

Имрӯз минтақаҳои Тоҷикистон алоқаҳои байнихудиро таҳким мебахшанд, ки дар онҳо ҳам ақалиятҳои миллӣ низ хурд иштирок менамоянд. Чунин тамоюл, нисбат боиси рушду таҳкими робитаҳои дохили Тоҷикистон байни минтақаҳо гашта худшиносии миллиро пураву комил мегардонад. Дар натиҷаи зиндагии муштараки бардавом сохти маънавии ҳамкориҳои байниҳамдигарии фарҳангӣ пайдо мешаванд.

Умумияти минтақавӣ дар сатҳи ҳамкориҳои байниҳамдигарии фарҳанги этникӣ рух медиҳад Муносибатҳои этникӣ аз як ҷониб дар азхудкунии тарафайни ҷузъиёти фарҳанг зоҳир меёбад, ки ба раванди наздикнамоӣ, мубодилаи афкори тарафайн мусоидат менамояд; аз ҷониби дигар, ба тақвият ёфтани худогоҳии этникӣ, кӯшишҳои нигоҳ доштани хусусиятҳои этникӣ роҳ мекушояд.

Муҳаққиқи машҳури амрикоӣ дар соҳаи фарҳанг Б. Малиновский оид ба мақоми тамаддунфурӯшии мустамликадорон менависад: «Дар ҳама ҷо ҳамон як фарёдҳои аҷоибу ғароиб дар хусуси аз пой дарафкандан, аз бех барафкандан, ба коми оташ фикандани ҳамаи он чи, ки ба эҳсосоти нозуку озода ва ё ҳамин тавр, музофотии мо хиҷолатмандона таъсир мерасонад, дар ҳама ҷо ҳамон як аз рӯйи ҷаҳолату нодонӣ нафаҳмидани он чӣ, ки ҳар як тарҳи фарҳанг, ҳар урфу одат ва эътиқод ким-кадом арзишеро доро буда, вазифаи иҷтимоиро ба ҷо меоварад, ба аҳамияти мусбии биологӣ молик аст… Анъанаҳои аз нуқтаи назари биологӣ як шакли мутобиқати дастаҷамъонаи ҷомеа ба он муҳитест, ки фаро гирифтааст. Анъанаҳоро аз байн бурда, шумо организми иҷтимоиро аз қабати муҳофизаткунандааш маҳрум месозед ва ӯро ҳатман ба марги мутассил маҳкум менамоед»[120].

Чуноне ки С. В. Соколовский зикр мекунад, дар шароити аз андоза беш паҳн гаштани далелҳо, хабарҳо, овозаҳо оид ба муносибатҳои «дигарон» ба «мо» ва «мо» ба «дигарон», сафарбаркунии этникӣ, мазҳабӣ ва тундмиҷозӣ ҳамарӯза хоҳанд буд[121].

Ҳамзамон У. Алтерматт ба он ишора мекунад, ки рушди муосир беш аз пеш инсонро аз маркази қабули қарорҳои барои вай номаълум дур мекунад ва инсон дигар масъулияти муштаракро барои ҳалли ин қарорҳо эҳсос наменамояд. Аксар одамон инро ҳамчун талафоти умумишавӣ арзёбӣ мекунанд. Одамонро ҳар қадар бештар нуқтаҳои назари якхела ба ҳаёт ва мӯдҳо наздик гардонад, ҳамон қадар онҳо дар атрофи урфу одат ва анъанаҳои

[120]Малиновский Б. Избранное: Динамика культуры - М.: РОССПЭН, 2004.
[121]Соколовский С.В. Права меньшинств: антропологические, социологические и международно-правовые аспекты. - М.:Московский общественный научный фонд, 1997.

марбут ба аслу насаб ва тамоюлоти фарҳангии худ баҳсу ҷидолҳо мекунанд. Ҳангоми зуҳуроти буҳронӣ дар иқтисодиёт тафаккури фарҳангӣ ҳарчи бештар рӯ ба гузашта менамояд. У. Алтермат пешниҳод менамояд, ки умумияти рушдёбандаи халқҳо бояд дар доираи зуҳуроти ҷомеаӣ (бекорӣ, ихтилофи тақсимот, тарсу бим дар рақобатнокӣ) баррасӣ карда шавад. Аз рӯи андозаи он, ки ҷомеаи муосир нофаҳмо гаштааст, талаботи одамон ба муттаҳидӣ ва муносибатҳои байниҳамдигарӣ меафзояд. Ин талаботро дар мадди аввал миллати хусусияти ягонаи этнофарҳангӣ ё умумияти динӣ дошта, ки ба ягонагии эътиқод асос ёфтааст, мегузорад[122].

Афзоиши нақши қавмият дар шароити кунунӣ аксуламали табиист ба зуҳуроти номуайянӣ. Тоқатнопазирӣ ба номуайянӣ ифодаи хусусиятҳои психологии инсон ба шумор меравад. Самараи номуайянӣ ба хусусиятҳои такроршавандагӣ-такрорнашавандагии амалҳои мутақобилаи иҷтимоӣ - психологии салоса (сегона): шахсият-этнос- тамаддун таъсир мерасонад. Номуайянӣ хоки ҳосилхез барои мафкураи экстремистиест, ки воқеияти навинро бо ҳар гуна воситаҳо, бештар тариқи харобкориҳо талаб менамояд.

Худшиносӣ чун яке аз мақулаҳои муҳими мустақилият ва қавмияти инсонӣ дар маркази воқеияти иҷтимоӣ-фарҳангии зуд тағйирёбанда қарор дорад. Маҳз худшиносии сегонаи «шахсият- ҷомеа- фарҳанг»-ро байни ҳам мепайвандад. Дар баробари ин, ташаккулёбии худшиносӣ ҳамчун самти муайянкунандаи низоми иҷтимоӣ - фарҳангӣ баррасӣ намуда, қабл аз ҳама оид ба раванди мутассили худшиносӣ изҳори ақида бояд кард, ки дар ҷараёни он шахсияти иҷтимоӣ худро мешиносад ва маънии ҳаёташро, тавассути мутобиқ гардонидани он ба муҳити атроф, тағйир медиҳад. Масъалаи худшиносӣ ин пролемаи интихоб ва дарки он маънист, ки агар худшиносии аввала арзиши худро гум карда ё аз «тарҳи диққатҷалбкунандагияш» маҳрум гашта бошад, «сари вақт интихоби худро бояд дигар кард».

[122]Альтерматт У. Этнонационализм в Европе. - М.: РГГУ, 2000.

Раванди ташкил додани робитаҳои нави иҷтимоӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ – сиёсӣ ва фарҳангии Тоҷикистон фавқулодда душвор аст. Барои барпо кардани шабакаҳои нави иттилоотӣ- коммуникатсионӣ доимо зуҳур ёфтани зиддиятҳо ва ҳатто ихтилофоти тезутунд дар сатҳи таҷрибаҳои ҳамарӯза хос аст. Дар рафти татбиқи ҳалли ин мушкилот инсон аз нақши меросбарӣ ё нақши иҷтимоии ба вай фармудашуда озод мегардад, дастгирии худшиносӣ бошад, ба раванди доимии худмуайянкунӣ табдил меёбад.

Дигаргуниҳои тайи солҳои охир, ки дар ҷомеаи тоҷик рух доданд, боиси тағйироти амиқ дар ҳаёти одамон гардиданд. Тоҷикистон, чун давлати гуногунмиллат ва қавмиятҳои гуногун, бо бисёр мушкилоти замони муосир дар идоракунии давлатӣ дучор омад. Новобаста аз афзалиятнокии бебаҳси навсозиҳои демократӣ, эҳёи тафаккури динӣ дар Тоҷикистон ба ихтилофот ва зиддиятҳои сифатан нав бо моҷароҷӯёни мазҳабӣ ва экстремистӣ зуҳур ёфт.

Дар байни муҳаққиқон оид ба масъалаҳои марбут ба омилҳои экстремизми динӣ ақидаҳои мухталиф мавҷуданд, ки онҳо асосан дар ду муносибати ҳамдигарро истиснокунандаи дорои таъсироти берунӣ ва дохилӣ ифода меёбанд. Мавқеи сохторҳои ҳукуматӣ ва диндорони суннатӣ дар Тоҷикистон, аз бисёр ҷиҳат, моил ба нақши муайянкунандагии таъсироти берунӣ мебошад, ки онҳо - таҳсилоти динӣ дар хориҷа, фаъолияти таблиғотгарон, фаъолияти ташкилотҳои ғайридавлатии динӣ, манфиатҳои иқтисодии ширкатҳои трансмиллӣ, манфиатҳои геополитикии давлатҳои ҷудогона ва ғ. ба шумор мераванд. Гурӯҳи дигари муҳаққиқон собит менамоянд, ки омили зуҳуроти экстремизми динӣ дар Тоҷикистон аз таъсироти дохилӣ вобаста аст. Барои фаҳмидани моҳияти экстремизм, ба ақидаи мо, масъалаи асосӣ таҳлили шароитҳои амиқи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ- таърихӣ маҳсуб меёбад, ки дар онҳо аломатҳои экстремизм, ҳамчун идеология ва ҳамчун як навъи муносибат, ташаккул ва татбиқ мегарданд.

Дар байни ин аломатҳо, ки экстремизми диниро ба сифати комилан нав муаррифӣ менамояд, дар навбати аввал, метавон трансмарзӣ будани он, яъне, бо ҳадафҳои ғасби планетарӣ аз ҳудуди давлатҳо, минтақаҳои алоҳида ё

ҳатто қитъаҳо убур кардани онро метавон номбар кард. Дар ҷаҳони имрӯзаи ислом ихтилофоти минтақавӣ зиёд ба мушоҳида мерасанд. Дар китобҳо мутассил бо чунин таъбирот, ба монанди «минтақаҳои марзи нооромии исломӣ» дучор омадан мумкин аст, ки дар зери ин мафҳум қабл аз ҳама Шарқи Наздик, Эрон, Афғонистон, Озарбойҷон, Кашмир ва ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар назар дошта шудаанд.

Пӯшида нест, ки муколамаҳои мақсаднок бо ҷаҳони ислом гарави муҳими таъминоти бехатарии миллӣ ва минтақавӣ ба шумор меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин кӯшишҳое ба харҷ дода мешавад, ки ислом бо ҳадафҳои соф сиёсӣ истифода бурда шавад. Ислом чунин неруи ғоявист, ки аксари ҳаракатҳои мухталифи экстремистӣ пеши худ мақсадҳои дар Тоҷикистон таъсис додани давлати исломӣ ё пуштибонони аз онро гӯзоштаанд ва барои амали шудани ин мақсадҳояшон пайваста талош менамоянд. Ба ин ҳадафҳо фазои холии маънавӣ дар солҳои 90-уми асри гузашта мусоидат намуд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ин хусус зикр намудааст, ки «дар ҷомеаи тоҷик як навъ фазои холӣ дар натиҷаи аз ҳам пош хӯрдани давлати куҳна, ҳамчунин кӯшишҳо оид ба пур кардани ин фазои холӣ бо намудҳои мухталифи экстремизм дар ибтидои солҳои 90-ум ба вуҷуд омаданд»[123].

Ғояҳои мухталифи динӣ-экстремистӣ ва гурӯҳҳои сиёсии исломӣ аз мушкилоти дар солҳои 90-ум рухдода моҳирона истифода бурданд. Онҳо бо шиорҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба ҳайси мухолифини ҳукумати марказӣ ба майдон баромада, заминаи ҷанги шаҳрвандиро омода сохтанд. Гурӯҳҳои динӣ ва мухолифин дар зери ниқоби таълимоти дини мубини ислом бар зидди халқи худ ба ҷанг баромаданд, ё чуноне ки худи онҳо мегӯянд, «ҷиҳоди муқаддас» эълон карданд. Дар доираи илмии Тоҷикистон, балки дар доираи илмии тамоми ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ омилҳои иҷтимоӣ - сиёсии мавҷудияти экстремизми динӣ мавзӯи баҳсу мунозироти доманадор маҳсуб меёбад. Ба ақидаи Р. Абдулатипов, «зуҳуроти экстремизми

[123] Рахмонов Э.Ш. Тысячи лет и одну жизнь. Независимая газета.31.08.1999-С.8.

динӣ якчанд сабаб дорад. Аз ҳам пош хӯрдани СССР, оғози демократикунонии ҳаёти ҷомеаӣ ба таркиши тафаккури динӣ оварда расонид. Ин раванд, дар навбати худ, дар шароите ба амал омад, ки дар Руссия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дар заминаи қувват гирифтани эътирозҳои иҷтимоӣ дар минтақаҳои мусулмонӣ, мунтазам якҷояшавии равияҳои тундгарои ислом ва экстремизми миллатгароёна ба амал омад. Озодии мутлақи айни замон дар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҳукмфармо, сатҳи хеле пасти дониши рӯҳониёни исломӣ ин кишварҳо, ба таҳкими мавқеи радикализми динӣ мусоидат намуданд»[124]. Бар замми ин, баъди пош хӯрдани ИҶШС Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тамоюлоте, ки аз ҷаҳони ислом бармеоянд, худро нарму ноустувор нишон дод. Дар дараҷаи хеле рушдёбанда тамоюли дар зери таъсироти иқтисодӣ, сиёсӣ ва динии ҷаҳони ислом мондани Тоҷикистон баръало ба мушоҳида мерасад.

Дар Тоҷикистон дар шароити мавҷудияти ҷомеаи бисёрмиллию бисёрфарҳангӣ гурӯҳҳои динӣ- экстремистӣ кӯшиш менамоянд, ки таъсири худро ба идеологияи миллат ва фарҳанги мо гузаронанд. Мавриди зикр аст, ки комёбиҳои ҳаракатҳои ҷаҳонии исломӣ барои фаъолнокии ҳаракатҳои динӣ – ифротӣ мусоидат менамоянд. Ҷомеаи муосир дар гузаштаи на он қадар дур сироятнопазирии устуворро ба экстремизми динӣ молик буд, айни бошад, ин сироятнопазирӣ халалдор гаштааст. Ин аз он сабаб аст, ки экстремизми динӣ аз рӯйи моҳияти иҷтимоӣ- сиёсии худ ихтилофоти иҷтимоиеро фаро мегирад ва ин раванд дар навбати худ боиси сар задании таззодҳо дар ҷомеаи анъанавии муосир мерасонад.

Дар соли 1997-ум дар Тоҷикистон бо мақсади дар оянда мувофиқа ҳосил кунонидан, муколамаи байни давлат ва мухолифини ислом оид ба масъалаҳои сохти дунявӣ-динии ҷомеа оғоз ёфт. Натиҷаҳои муколама собит намуд, ки дар шароити муосир раванди сулҳ барои рушди Тоҷикистон дастоварди бузург ба шумор рафта, онро ҳифз намудан шарту зарур аст. Бо

[124]Абдулатипов Р. Радикальному исламу должен противостоять просвещенный: 1998-2010 www.abdulatipov.ru

вуҷуди ин, дар байни давлат ва дин масъалаҳое арзи вуҷуд мекунанд, ки то ҳанӯз ҳалли худро наёфтаанд. Аммо мувофиқаҳои тарафайн метавонанд ба ҳалли чунин масъалаҳо муосидат намоянд: 1). Масъалаҳои ҳуқуқии марбут ба қонунҳои такмилнаёфта «дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» ва тафсироти мухталиф ва татбиқи ин қонун. 2). Ба ҷанбаҳои динӣ ва дунявӣ тақсим кардани ҷомеа. Эҳёи анъанагароӣ дар тарҳи нав, ҳамчун як қисми исломӣ анъанавӣ дар ҷомеаи тоҷик. Давлат қадамҳои нахустини худро барои танзими сиёсати давлатӣ дар самти муносибатҳои динӣ- дунявӣ мегузорад. 3). Паст будани сатҳи маърифати динии аҳолӣ. Дар Тоҷикистон тамоюли хавфнок, қабл аз ҳама бо сабаби паст будани сатҳи маъулмоти динии донишҷӯён ба мушоҳида мерасад, ки ин ҳолат ба расмиятпарастӣ ва инкор кардани фарҳанги муосир бурда мерасонад. Аксар донишҷӯён дар макотиби динии кишварҳои хориҷӣ хатми таҳсил намудаанд ва дар бозгашт ба ватан ғояҳои барои ҷомеаи навин бегонаи хориҷӣ, бахусус идеологияи динӣ-экстремистиро тарғибу талқин менамоянд.

Шарҳи одии ин зуҳурот дар он ифода меёбад, ки солҳои қаблӣ, дар шароити мавҷудияти атеизми давлатӣ, аҳолӣ, бахусус ҷавонон, дар бораи ислом тасаввуроти кам доштанд. Аз байн рафтани назорати ғоявӣ ва фишор овардан ба дин ба он оварда расонид, ки одамон рӯ ба таълимоти ислом оварданд, ки дар шароити иҷтимоӣ- иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ҷуғрофии кишварҳои Шарқи исломӣ маъмул буда, барои ҷомеаи тоҷик бегона мебошанд. Гуфтан мумкин аст, ки ҳаракатҳои динӣ - ифротии ваҳҳобия, салафия, ДИИШ ва ғайраҳо аз он ҷумлаанд.

Дар баробари ин, идеологияи экстремизм дар Тоҷикистон ба арзишҳои анъанавии ахлоқӣ, урфу одатҳои ҷомеаӣ ва таъриху фарҳанги мо таъсири ногувор мерасонад. Ғояҳои экстремизми динӣ – ин идеологияи моҷароҷӯёна ва зӯроварӣ нисбат ба мафкураҳои ғайр маҳсуб меёбад. Маҳз ҳамин маҳак ба ҷомеаи муосир бегона будани онро ошкор месозад. Тарғибгарони ғоявии тундгароёни исломӣ дар шароити кунунӣ гузаштаи аҷдодии моро зери шубҳа мегузоранд.

Тавсифоти воқеиро ба зуҳуроти экстремизми динӣ дар Тоҷикистон, ба ақидаи мо, мӯҳаққиқони ватанӣ М. Олимов ва С. Олимова додаанд. Онҳо аз ҷумла изҳор медоранд, ки аз ибтидои солҳои 80-ум дар давраи оғози бозсозӣ дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ҷомеаи тоҷик, пас аз дигар ҷумҳуриҳои ИҶШС бошад ҳам, ба буҳрони ҷиддӣ ва мушкилоти зиёд дучор омад. Сабаби бад-ин ҳол афтодани Тоҷикистон қабл аз ҳама фундаментализми дини гардид. Барои пайдоиши экстремизм, таҳкими он маҳз оқибатҳои буҳрони маънавии дар ҷомеа ба амаломада замина гузоштанд[125]. Экстремизи динӣ бо ғояҳои фундаменталистӣ, ҳамчун неруи таҳрибкори сиёсӣ имрӯз дар Тоҷикистон оҷилан реша медавонад.

Дар робита ба ин, нуқтаи назари муҳаққиқи исроилӣ оид ба Осиёи Марказӣ В. Месамед ҷолиб аст. Вай чунин мешуморад, ки «дар ин минтақа экстремизм зимнан на дар зери таъсири омилҳои беруна, балки дар заминаи фундаментализми комилан тавлид ёфтаистода пайдо шуд, ки оқибат бо таълимоти исломизм омезиш ёфта, ба неруи сиёсӣ мубаддал гардид. Хукуматдорони маҳаллӣ бошанд, пинҳонӣ оташи тарғиботи дини исломро хомӯш карда истода, худ алангаи сиёсии равияи фундаментализмро барафрӯхтанд[126]. Бояд қайд кард, ки «радикализми динӣ дар Тоҷикистон якчанд омил дорад: Дар ибтидои солҳои 70-уми асри гузашта ғояҳои радикализми динӣ ба адабиёт роҳ ёфт. Фишор овардан ба ҳуқуқҳои динӣ ва озодиҳои мусулмонон дар баробари ҳодисаҳои дар кишварҳои Эрон ва Афғонистон рухдода барои пайдоиш ва рушди радикализми динӣ дар Тоҷикистон заминаҳои мусоид гузоштанд». Мо чунин мешуморем, ки омили дигари радикализми исломӣ дар Тоҷикистон номуайянии нақш ва мавқеи ислом дар ҳаёти ҷомеаӣ- сиёсии кишвар маҳсуб меёбад. То ҳанӯз муносибати дилхоҳи байниҳамдигарии давлат ва ислом шакл нагирифтааст.

Мавриди зикр аст, ки неруҳои манфиатдор барои фаъол гардидани зуҳуроти экстремистӣ ва террористӣ бо мақсадҳои сарватманд шудан дар

[125]Ислам на постсоветском пространстве: взгляд изнутри. Арт-Бизнес-Центр, 2001-С.187.
[126]Ислам на постсоветском пространстве: взгляд изнутри. Арт-Бизнес-Центр, 2001-С.187.

шароити имрӯзаи Тоҷикистон амал мекунанд. Се неруи ҷаҳонии «бадӣ» - терроризм, экстремизм ва сепаратизм, ки онҳо дар собиқ ИҶШС нисбатан решакан карда шуда буданд, имрӯз бо ҳадафҳои сиёсии худ дар ҷомеаи муосир ва ба шуури қуввaҳои сиёсии давлатҳои минтақа фаъол гардидаанд.

Муҳаққиқи тоҷик К. Ҷалилов решаи экстремизмро дар манфиатҳои ошкорои ширкатҳои калонтарине мебинад, ки онҳо дар натиҷаи тезутунд шудани вазъи сиёсии кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ боз ҳам бештар сарват ғун мекунанд. Ҳодисаҳои сиёсӣ дар Афғонистон, Эрон ва Тоҷикистон баҳонае барои мудохилаи пинҳонӣ ва ошкорои неруҳои манфиатдори сиёсӣ ба кишварҳои минтақа гаштанд. Дар вазъи геополитикии солҳои 90-уми асри гузашта дар Осиёи Марказӣ проблемаи асосиро муносибатҳои этникии ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба миён оварданд. Ин ҳолат ба тезутунд шудани вазъияти мавҷуда дар минтақа боис гардид ва дар натиҷа, бисёр хусусиятҳои ихтилофомези дохилӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ ба вуқӯъ пайвастанд[127]. Дар як муддати кӯтоҳ ғояҳои экстремизм ва сепаратизм дар минтақа ҷонибдорони худро пайдо карданд. Дар байни ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ бо се қувваи «бадӣ» ва се шакли терроризм (сиёсӣ, давлатӣ ва байналмилалӣ) нахустин шуда Ҷумҳурии Тоҷикистон дучор омад.

Тамоюлоти экстремистӣ ва фундаментализми динӣ дар Тоҷикистон дар ноҳияҳои дурдаст ва шарқии Тоҷикистон, бахусус дар минтақаи Рашт ва якчанд ноҳияи собиқ вилояти Қурғонтеппа (ҳоло вилояти Хатлон) бо сабаби мавҷудияти радикализми ихтилофангез афзалият пайдо кард ва дар натиҷа, дар ин маҳалҳо экстремистон ошкоро фаъол гардиданд. Дар ин минтақаҳо бахусус теъдоди донандагони Қуръон ва Суннат зиёданд. Ба қувват гирифтани тамоюлоти экстремизм, ҳам дар минтақаҳои номбурда ва ҳам дар дигар минтақаҳо, омили зерин мусоидат намуд: сарварони ташкилотҳои динӣ тайи солҳои охир аз ҳисоби ҷавононе афзуд, ки онҳо дар мактабҳои олии динӣ таълим гирифтаанд ва дар ин мактабҳо фундаментализми исломи,

[127] К. Джалилов. Терроризм не дремлет. http://news.tj/ru/news/terrorizm-ne-dremlet (дата обращение к сайту 3.06.14)

ҳамчун асоси назариявии фиқҳ дер боз ба ҳукми анъана даромадааст. Ба зуҳуроти экстремизми динӣ дар Тоҷикистон харачу марачи сиёсии ҷомеаи муосир ва буҳрони ҷаҳонбинии сотсиалистӣ, ки дар шуури ҷомеаии аҳолӣ фазои холиро ба вуҷуд оварданд, ҳамроҳӣ намуданд. Ҳамчунин ихтилофоти сиёсӣ ва қавмҳои гуногуни байни минтақаҳо ба пайдо шудани тамоюлоти экстремизм дар Тоҷикистон мусоидат намуданд.

Дар давраи муқовиматҳо дар Тоҷикистон муборизаи байни табақаҳо ва гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ қувват гирифт. Дар фазои бозсозиҳои демократӣ ва ғояҳои гуногун ташкилотҳо ва ҳизбҳои мухталиф аз рӯйи хусусиятҳои минтақаҳо ба вуҷуд омаданд. Раҳбарони ҳаракатҳо ва ҳизбҳои нав дар хусуси ягонагӣ ва мувофиқаи миллӣ дар ҷомеаи тоҷик на фақат ғамхорӣ накарданд, балки, баръакс, манфиатҳои маҳдуди сиёсии худро пайгирӣ намуда, ҳамаи нақшаҳояшонро дар асоси манфиатҳои шахсӣ ва худписандиҳо амалӣ мегардониданд. Дар саҳнаи сиёсат одамоне пайдо шуданд, ки дар ҷомеа мавқеи устувор надоштанд ва онҳоро ғайри хешу табору наздиконашон касе эътироф намекарданд. Чунин шахсон фаъолияти сиёсии худро бо сиёҳ кардани КПСС ва дастовардҳои иҷтимоӣ - сиёсӣ ва фарҳангии он дар ҷомеа, шурӯъ намуданд.

Дар робита ба ин, бархе аз муҳаққиқони ватанӣ зуҳуроти гурӯҳҳои динӣ-экстремистиро ба харачу марачи этникии ҷомеаи тоҷик алоқаманд медонанд. Муҳаққиқи ватанӣ К. К. Маликов чунин мешуморад, ки маҳз хусусиятҳои хосу фарқиятдоштаи минтақаҳо таърихан асосёфтаи Тоҷикистон дар охирҳои солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми асри XX аз ҷониби пешоҳангони сиёсӣ дар мубориза барои соҳиб шудан ба ҳокимияти марказии ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор гирифтанд. Дар Тоҷикистони муосир чор гурӯҳи минтақаҳои маҳаллӣ ташкил ёфтааст: бадахшонӣ, ғармӣ, кӯлобӣ ва суғдӣ. Дар ин маврид муайян кардан зарур буд, ки кадоме аз ин чор гурӯҳ дар доираи умумидавлатӣ мавқеи асосиро ишғол мекунад, робитаҳои тобеият дар байни онҳо чӣ гуна сурат мегирад? Ба ақидаи муаллиф, маҳз омили маҳаллӣ

дар раванди иҷтимоӣ- сиёсии Тоҷикистон нақши ҳалкунанда мебозид ва хоҳад бозид.[128]

Мутаассифона, ин омил ҳамчун қисми баргузидаи сиёсӣ ва илмии кишвар боқӣ монда, ҳамчунин моҳияти ғояҳо ва арзишҳои маҳаллиро ифода мекунад. Метавон тахмин кард, ки дар тафовути маҳалгароӣ мутобиқати ислом, бахусус дар маҳалҳои шарқии Тоҷикистон ва ноҳияҳои минтақаи Рашт, афзалият дорад.

Дар робита ба ин, нуқтаи назари муҳаққиқи тоҷик Б. Х. Алимов ҷолиб менамояд. Ӯ собит месозад, ки омили динӣ ва гурӯҳҳои динӣ -экстремистӣ дар зиддиятҳои байни тоҷикон нақши муҳим мебозад. Муаллиф зикр менамояд, ки «ин муборизаи ғоявии ҷонибдорони роҳи исломии рушд ва онҳоест, ки хусусиятҳои дунявии ҷомеаро мепазиранд. Ин саъю талошҳо барои сарнагун сохтани низоми конститутсионии коммунистӣ ва дар пораҳои он бунёд кардани давлати исломӣ мебошад»[129]. Экстремистон ва сохторҳои мафиозӣ, ки девонавор барои ҳокимият ҷаҳду талош менамуданд, гумон карданд, ки акнун вақту соати таркиши сохти мавҷуда фаро расидааст.

Ба ақидаи муҳаққиқ М. Эткин «он нукта ба воқеият наздик аст, ки ҷанги шаҳрвандӣ натиҷаи муборизаҳои байни неруҳои ҷонибдори сохти аз байнрафтистодаи шӯравӣ ва тарафдорони бозсозӣ буд. Аммо иштирокдорони асосии ихтилофот гурӯҳҳои минтақавӣ ба шумор мерафтанд, ки дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ ташкил ёфта, барои таъмини назорат оид ба захираҳо ва дастрасӣ ба ҳокимият мубориза мебурданд ва на аз рӯйи ғояҳо, на аз рӯйи амал, ба исломиёни ҷаҳони боқимондаи мусулмонӣ шабоҳат надоштанд[130].

Аммо дақиқ маълум аст, ки асли ин бархурдҳо ва ихтилофотҳоро соҳиб шудан ба ҳокимият ташкил медод. Як гурӯҳи ашадии ин ихтилофот мақсад доштанд, ки дар Тоҷикистон давлати исломӣ бунёд созанд. Ҳатто гурӯҳҳое

[128]Маликов К К. Субэтнический конфликт в современном Таджикистане. Дис…канд. полит. наук. М. 2001-С.77-78.
[129]Алимов Б.Х. Социально-экономические и политические процессы в республике Таджикистан: 1991-1997. Дис…канд. ист. наук. Хучанд., 2008-С.77.
[130] Ик. тав. А. Халид. Ислам после коммунизма: религия и политика в Центральной Азии. М., 2010-С.210-211.

вуҷуд доштанд, ки мехостанд Тоҷикистонро ба қисматҳо ва минтақаҳои нуфуз тақсим намоянд.

Ба ақидаи мо, экстремизми динӣ асоси ғоявӣ дошт. Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилияти давлатиро ба даст оварда, ҳанӯз барои ҷавоби муносиб додан ба даъватҳои ғоявии дохилӣ ва байналмилалӣ омода набуд. Ягона роҳи имконпазир амалан бар ихтиёри экстремизми динӣ вогузор буд. Воқеаҳои солҳои 90-уми асри гузашта нишон доданд, ки экстремизми сиёсӣ, миллӣ ва динӣ силоҳе бар дасти қувваҳои таҳрибкор ба шумор мерафтанд. Дар ин давра сиёсигардонии ислом фаъол шуд; ислом ба мавқеи худ таҳким бахшид; авҷи нуқтаи фаъолияти он воқеаҳои февралӣ дар шаҳри Душанбе дар мисоли намоишҳои ташкилотҳои ғайрирасмии ҷомеаӣ-сиёсӣ ба шумор мерафт. Бисёр ташкилотҳои ҷомеаӣ-сиёсӣ аз хориҷа бо маблағгузорӣ карда мешуданд. Чунин маълумотҳое мавҷуданд, ки ҳанӯз то оғози муқовимати ошкорои байни исломиён ва ҳукумати Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ ташкилотҳои пинҳонкор амал мекарданд, ки ҳадафи онҳо таъсиси ҷумҳурии исломӣ аз рӯйи намунаи Ҷумҳурии Исломии Эрон ва баъдан ташкили иттиҳоди исломӣ дар ҳудуди давлатҳои муайян буд.

Оид ба решаҳои хоси динии экстремизм сухан ронда, зикр кардан ба маврид аст, ки дар Тоҷикистон, ҳамчун дар дигар давлатҳои Осиёи Марказии даврони Иттиҳоди Шӯравӣ, намунаи шаклан дигаргуншудаи ислом – мувофиқ ба давлати авторитарӣ ва ғояи қонунии он ба вуҷуд омад. Тамоюли радикалишавӣ дар дин қувват гирифта, аз ҷумла, ба аксуламали ба заифии хоси исломи «расмӣ», заволи он, диндории замонасозӣ, мавҷуд набудани маърифати динӣ табдил ёфт.

Боз як хусусияти хоси зуҳуроти экстремизми динӣ дар Тоҷикистон – ин амалан бо ҳам мувофиқ набудани тамоюлоти бузурги фиқҳ, меъёрҳои ислом ва тамоюлоти хурди он, ислом дар зинаҳои поёнӣ, маишӣ ва халқӣ маҳсуб меёбад. Ин ҳолат мавриди истифодаи фирқаҳои гуногуни динӣ қарор гирифт. Экстремизми динӣ дар шакли ваҳҳобия дар Тоҷикистон дорои ҳамаи нишонаҳои фундаментализм ва экстремизм мебошад, аз он ҷумла: муқовимат

ба кӯҳнапарастии роҳбарони динии расмии даврони Иттиҳоди Шӯравӣ, кӯшиши дигаргун сохтани таълимоти дар ҷомеаи муосир барасмиятдаромадаи мазҳаби ҳанафӣ, ба он баргардонидани мафҳуми ибтидоӣ, муқобил баромадан ба баъзе идҳо ва урфу одатҳои миллӣ, ки ба қисми ҷудонашавандаи анъанаҳои ислом табдил ёфтаанд. Ва дар охир, тариқати ваҳҳобӣ неруи нисбатан тахрибкор дар раванди исломикунонии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Ба зуҳуроти экстремизми динӣ ҳамчунин таъсири тӯлонии ба шуури динӣ расонидани даврони Иттиҳоди Шӯравӣ муосидат намуд. Сухан, қабл аз ҳама дар хусуси Қуръон, ҳадисҳо, шариат, фиқҳ, таҷрибаи маросимҳо, асосҳои илоҳиёт ва ғ. меравад. Бо дарназардошти он, ки ислом дар Тоҷикистони даврони шӯравӣ як андоза ҳолати таъқиб ва дар муҳосира аз ҷаҳони беруна қарор дошт, аз ҳам пош хӯрдани ИҶШС як навъ дарҳоро барои муносибат бо давлатҳои ҳамсоя ба рӯйи вай кушод, ки дар ин давлатҳо таълимот дар хусуси умумияти дин, эътирофу эҳтироми фарҳанги анъанавӣ ва муқаддасоти динӣ амал мекард.

Дар робита ба ин, нуқтаи назари муҳаққиқи амрикоӣ А. Халид мавриди таваҷҷӯҳ аст. Вай собит месозад, ки «комилан дар муҳити оммавӣ барканор намудани ислом ба ташвишу изтиробҳо дар солҳои 20-30-юми асри гузашта оварда расонид. Дар собиқ ИҶШС тафаккури оммавӣ куллан дар доираи мафҳумот ташкил ёфта буд, ки ба таълимоти марксизм оид ба назарияи рушди ҳамаҷонибаи инсон, ғалаба бар дин ва хурофот асос меёфт. Дин дар он давра ҳамчун нуқси шуури инсон баррасӣ мегардид, таълимоти ғоявии «дин афюн аст» ҳамеша мавриди тарғибу ташвиқот қарор дошт»[131]. Қайд кардан зарур аст, ки дар Ҷумҳурии Сотсиалисти Тоҷикистон исломро аз ҳаёти ҷомеаӣ барканор карда буданд ва ба ҳамин сабаб, исломи дорои хусусияти радикалӣ дошта, реша давонида буд.

Ба ақидаи мо, дар пайдошавии экстремизми динӣ муносибатҳои қавмӣ, хешу табории ҷомеаи муосири тоҷик нақши муайян мебозад. Аз нуқтаи

[131]А. Халид. Ислам после коммунизма: Религия и политика в Центральной Азии. М., 2010-С.154.

назари муҳаққиқи тоҷик Д. Назиров «экстремизми динӣ дар Тоҷикистон дар натиҷаи муборизаи қавмӣ таҳти шиори динӣ пайдо гардида, рушд ёфтааст. Ташкил ёфтани гурӯҳҳои экстремистӣ ба соли 1992 рост меояд, терроризм бошад, ҳамчун яке аз воситаҳои минбаъдаи аз байн бурдани рақибони сиёсӣ дар заминаи ҷанги шаҳрвандӣ ба майдон баромад»[132].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қавмҳо ё ҳизбҳо аз рӯйи якчанд ҷанбаъ ҳамчун сохтори ғайрирасмии ҷомеаи анъанавӣ пайдо шудаанд. Таснифоти хоси маҳалгароиву хешу табориро муҳаққиқи тоҷик И. Асадуллоев додааст. Вай собит месозад, ки «қавму қабилаҳо - ин иттиҳодияҳои қонунии ҷомеаи анъанавӣ ба шумор мераванд, ки дар асоси маҳалгароӣ, хешу таборӣ, робитаҳои минтақавӣ, ғояҳои радикализми динӣ, ҳамчунин одамони дар гузашта дорои манфиатҳои умумии сиёсӣ, иқтисодӣ ва ё захираҳои ҳарбӣ-сиёсӣ ташкил ёфтаанд. Ба ақидаи З. И. Левин, маҳаки асосӣ суолест, ки дар миён мегузоранд: «Ту аз куҷоӣ?...»[133]. Тафаккури тоифагӣ ба неруҳои марказшитоби иттиҳоди динӣ-ҷамоавӣ муқобил меистад.

Шуури қавмӣ, ҳамчун тарҳи фарқкунандаи ҷомеаи муосири тоҷик, зӯровариро ҳамчун шакли ҳалли муноқишаҳои сиёсӣ барангехта, ба он хусусияти меъёрҳои фарҳангӣ медиҳад. Дар робита ба ин, ташаккули элитаи нави сиёсӣ дар Тоҷикистон дар шароити хоси марбут ба рушди раванди харобиҳои ғоявии ҷомеа, ба маҳалгароӣ ва қавмгароӣ асос ёфта буд. Дар чунин шароит сохтори арзишҳои иҷтимоӣ аз байн рафта, сохтори нави арзишҳо бошад, то кунун ба шакл дароварда нашудааст. Ҳолати мазкур ба ташаккули зиддиятҳои шадиди байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ, шахсиятҳо ва давлат оварда расонид. Дар натиҷа, тафаккури шахсиятҳо халалдор гашта, барои ташаккули рӯҳияи экстремистӣ заминаҳо фароҳам оварда мешавад.

Табиист, ки афзоиши рӯҳияи экстремистӣ ба пайдоиши зиддиятҳои муайян дар байни наслҳои ҷавон ва калонсоли диндорон, ки онҳо дар рӯҳияи анъанаҳои маҳаллии бо ном исломи маиши тарбия ёфтаанд, мусоидат намуд.

---

[132]Назиров Д. Религиозно-политический экстремизм и терроризм в Центральной Азии. Душанбе: Ирфон 2006-С.54.
[133]Левин З.И. Ислам в СНГ.–М.: Институт востоковедения РАН, 1998-С.48.

Мавриди зикр аст, ки ин ҳолат дар муносибатҳои табиии уламои насли калонсол ба расму русуми оилавӣ- маишӣ маънидод мегардад. Таҳаввулоти мафкураи ҷавонон зери таъсири салафиён монда он қадар ифротӣ шудааст, ки онҳо обрӯю нуфузи уламоҳои расмиро ба эътибор намегиранд. Аксар ҷавонони муосир, ки зери таъсири салафиҳо мондаанд муллоҳоро барои надоштани дониши кофӣ, сар фуровардан дар назди ҳукумат ва дур шудан аз муборизаҳои сиёсӣ таънаю маломат мекунанд. Дар робита ба ин, мактуби беимзои ба номи рӯҳонии машҳур М. Ҳиндустонӣ навиштаи ҳарифони ғоявии ӯ, ҳамчунин салафиёни муосирро ёдовар шудан ба маврид аст. Насли ҷавони диндор худро ислоҳотчиён маънидод мекунанд.

Насли ҷавони сарварони динӣ уламоҳои анъанавии диниро барои фармонбардории аз ҳад беш ба бесалоҳиятӣ гунаҳкор мешуморанд. Онҳо чунин меҳисобанд, ки диндорони расмӣ тамаллуққориро пеша намуда, бештар ба ҳифзи мавқеи худ машғул мебошанд ва ба боварии аҳолӣ сазовор нестанд. Бечуръатии омиёнаи ходимони дин, ки дар сатҳи пасти тарбияи динии аҳолӣ ва ба онҳо эътимоди қавӣ надоштани алоқамандони дин зоҳир мегардад, ҳамчунин ба рушди бемамониати рушду фаъол гардидани ташкилотҳои динӣ –экстремистӣ дар ҷомеаи муосир муосидат менамояд. Дар ин замина ғояҳои фиребанда ва шиорҳои исломиёни радикалӣ оид ба ҳифзи манфиатҳои диндорон асосан дар байни ҷавонон ҷолиби диққат аст. Зикр кардан ба маврид аст, ки ҷавонон- пайравони равияҳои фундаменталистӣ худро ҷонибдорони Қуръон ва Суннат эълон дошта, дар байни аҳолӣ «ислоҳотгарон» ё «эҳёгарон» арзёбӣ мешаванд, аммо тарафдорони исломи суннатиро «мӯйсафедон» ном мебаранд. Насли ҷавоне, ки дар мактабҳои динии хориҷа таълим гирифтаанд, дар муносибатҳои динӣ насли калонсолро эҳтиром ва эътироф намекунанд. Онҳо, одатан, ҳамзамон алайҳи тақсимоти мавҷудаи қавмӣ дар ҷомеаи муосир баромад мекунанд. Аз рӯйи таълимоти динӣ – ин ҳолат эътироз ба муқобили уламои расмии калонсол ва зумраи фирқаҳои тассавуф маҳсуб меёбад, ки онҳо насли ҷавонро ба сафҳои худ роҳ додан намехоҳанд.

Насли ҷавони уламои динӣ аз ҳисоби ҷонибдорони исломи радикалӣ дар охирҳои давраи пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар зери таъсири қувваҳои беруна ва идеологияи ташкилотҳои динӣ-сиёсии дар кишварҳои Шарқи Наздик амалкунанда, амсоли «Ихвон-ал-муслимин», ваҳҳобиён ва ғ. ташкил ёфтаанд. Намояндагони на он қадар зиёди ин ҳаракатҳои экстремистӣ дар Тоҷикистони Ҷанубӣ (собиқ вилояти Қурғонтеппа ва ноҳияҳои тобеи марказ) амал мекарданд. Қиёс намуди онҳо бо ҳаракати экстремистии ваҳҳобия шартӣ буд: ваҳҳобияи Арабистони Саудӣ ба гуфти пайравонаш намунаи мувофиқи ҷомеаи исломӣ ба шумор мерафт, ки дар асоси меъёрҳои исломи қаблӣ ба тозагӣ ба майдон баромаданд; тасаввурот дар бораи ваҳҳобия хеле норавшан ва сатҳӣ буд. Дар мадди аввал фаъолияти ваҳҳобия гӯё бо омӯзиши ислом ва аз рӯйи имкониятҳо, бо омӯзиши забони арабӣ маҳдуд мегардид. Қариб дар як вақт бо ваҳҳобия, ҳамчунин гурӯҳҳои ғайрирасмӣ ба фаъолият шурӯъ намуданд, ки онҳо истилоҳи «ваҳҳобия»-ро ба ҳайси худэътирофгарон ба забон намеоварданд, агарчанде аз рӯйи ақидаҳо бо ҳам хеле қарин буданд; бо сабаби пешниҳодҳо оид ба эҳёи меъёрҳо ва арзишҳои исломи қаблӣ бо роҳи «поксозиҳо» аз навовариҳои хеле дермондаи ба таъхирафтода ваҳҳобиёнро фунтаменталистон эълон карданд.

Назар ба ақидаи муҳаққиқи рус Г. В. Милославский «ғояҳо ва баъдан, баъзе ҷузъиёти ташкилиро онҳо аз адабиёти «Бародарони исломӣ» нусхабардорӣ намуданд[134]. Дар ибтидо ин китобҳои тозанашр, қабл аз ҳама, асари таҳти унвони «Адолати иҷтимоӣ дар ислом» таълифоти С. Қутб ба шумор мерафтанд, ки ба Осиёи Марказӣ тавассути раёсати динии мусулмонон дар шаҳри Тошканд дастрас гардида буданд. Баъдан, теъдоди зиёди адабиёти исломӣ аз Афғонистон, Эрон, китобчаҳои тарғиботӣ, таълифоти Хумайинӣ, А. Маудудӣ ворид шуданд, ки бо забонҳои дарӣ ва форсӣ нашр шуда буданд. Зиёдтар аз ин, азбаски дастаҳои муҷоҳиддини исломӣ дар Афғонистон ҳамчунин бо мусоидати ташкилотҳои динӣ-

[134]Милославский Г.В. Ваххабизм в идеологии и политике мусульманских стран//Ислам и политика. М.:Институт востоковедения РАН, «Крафт+», 2001-С.83.

экстремистиии байналмилалии бо ном «Ваҳҳобия», «Салафия» рушд ёфта буданд, ақидаҳои онҳо, бешак, ба муҳити динии Тоҷикистон низ бетаъсир намонданд. Дар ин маврид, сараввал, ҳолати ғайримуқаррарӣ ба амал омад: бо сабабҳои объективӣ сохторҳои дахлдор ба фаъолияти онҳо чашм пӯшиданд.

Роҳи махфии исломи сиёсӣ ва парвардаи он - экстремизми динӣ, ҳамчунин интиқоли он ба Тоҷикистон мухталиф буд. Аз соли 1975 ИМА, Англия ва як қатор давлатҳои исломӣ барномаи «Ислом алайҳи коммунизм»-ро тарҳрезӣ намуданд. Барои татбиқи амалии ин барнома сарпарастони баландпояи исломи радикалӣ ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳам дар Москва зарур буд. Чунин ашхос ёфт шуданд ва фаъолияти тӯлонии онҳо, дар ниҳояти кор, Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ошӯбҳо, дар солҳои 1991-1992 ба авҷи аълои нооромиҳо - ҷанги шаҳрвандӣ кашид.

Сиёсатмадорон-демократҳои Руссия А. А. Собчак, Е. П. Велихов, Г. Х. Попов фундменталистони исломӣ, аниқтараш, экстремистонро аз роҳи ғалат ҳамчун демократҳо ба ҷомеа муаррифӣ намуданд, ҷанги Тоҷикистонро бошад, ҳамчун муборизаи ҳаммаслаки худ –демократҳо алайҳи коммунистони душман маънидод карданд.

Хусусиятҳои фаъол гардидани ислом дар Тоҷикистони муосир радикалишавии он ба шумор меравад. Масалан, ба ақидаи И. Д. Звягелский, дар Тоҷикистон дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ нақши муҳими мухолифинро Ҳаракати ифротию террористии Назҳати Исломии Тоҷикистон бозид, ки моҳиятан ба маҳалгароӣ асос меёфт. Ва моҳиятан дар солҳои аввали ташкилшавияш ба гурӯҳҳои фундаменталӣ ва экстремистӣ шомил набуд[135].

Ҷонибдорони Ҳаракати ифротию террористии Назҳати Исломии Тоҷикистонро шартан метавон ба ду гурӯҳ тақсим намуд. Гурӯҳи аввал нисбатан мӯътақид, бо кайфияти шадид, ки мавқеи ғоявии он комилан радикалӣ буд. Ҷонибдорони ин гурӯҳ барои таъсиси ҷумҳурии исломӣ ва

[135]Звягельская И.Д. Становление государства Центральной Азии: политические процессы. М.: Аспект Пресс, 2009.

ҷорӣ кардани қонунҳои шариат ба ҷойи сохтори дунявӣ баромад мекарданд ва онҳо минбаъда иштирокдорони фаъоли ҷанги шаҳрвандӣ гаштанд. Ҷавҳарӣ дастаҳои мусаллаҳи ҷанговаронро мутаассибон-экстремистон ва гурӯҳҳои ҷинояткор ташкил медоданд. Назар ба ақидаи худи роҳбарони мухолифин, то ин давра онҳо 27 ҳазор нафар ҷанговарони мусаллаҳ доштанд. Кӯмакҳои асосӣ ба ин гурӯҳ аз ташкилотҳои тундгарои ғайриҳукуматии афғону араб ва Эрон дастрас мешуданд.

Гурӯҳи дуюм аксариятро ташкил медиҳанд. Ба ин гурӯҳ диндорони расмӣ ва аҳолии хайрхоҳи Ҳизби Назҳати Исломии Тоҷикистон шомил буданд. Онҳо дар ихтилофоти маҳаллӣ иштирок надоштанд. Пойгоҳи асоси иҷтимоии Ҳаракати ифротию террористии Назҳати Исломии Тоҷикистонро ноҳияҳои сераҳолии деҳот ва гурӯҳҳои бекори ҷавонони тоҷик дар шаҳрҳо ташкил медоданд, ки ба ин амалҳои онҳо мушкилоти иҷтимоӣ- иқтисодии ҷомеа дар ҷумҳурӣ ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ боис гашта буданд. Дар ҷалб кардани онҳо ба сафи ин ҳаракати экстремистию террористӣ роҳбарону идеологҳои онҳо бо ёрии Эрон маблағҳои калон сарф карда шуда буд, ки баъди балвои генерали хоин Ҳоҷи Ҳалим маълум гашт.

Бархе аз муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки Ҳаракати ифротию террористии Назҳати Исломии Тоҷикистонро метавон «ҷомеаи сиёсишуда» номид. Яъне, ҳаракати экстремистию террористии мазкур аз хусусияти фундаменталистӣ дида, дар фаъолияти сиёсии худ бештар хусусияти расмиятпарастӣ дошт. Ҷавҳари ҳарбикунонидашудаи ин ҳизб аз одамони таҳҷоӣ иборат буд, ки дар шароити муқаррарии ҳаёти деҳот якҷоя умр ба сар мебурданд. Ҳаракати ифротию террористии Назҳати Исломии Тоҷикистон 20-уми апрели соли 1973 ба таври махфӣ дар шаҳри Қурғонтеппа (ҳозира Бохтар), дар хонаи истиқоматии узви он К. Садриддинов ташкил ёфт. Фаъолияти ҳизб сараввал хусусияти маърифатӣ ва тарғиботӣ дошт. Дар ин давра талаботи сиёсӣ дар фаъолияти он истисно буд[136]. Раҳбари собиқи Ҳаракати ифротию террористии Назҳати Исломии Тоҷикистон Абдуллоҳи

[136]Рахнамо А. Хизби динӣ ва давлати дунявӣ. Душанбе: Дониш,2008-С.33.

Нурӣ изҳор намуда буд, ки сароғоз ҳизби онҳо назар ба ҷанбаи сиёсӣ, самтҳои ислоҳотхоҳӣ ва исломиро дар бар мегирифт. Роҳбарони ҳизб барои давлати исломӣ талош варзида, мақсадҳои якбора сарнагун кардани сохти дунявиро ба миён нагузоштанд, балки фақат мехостанд, ҳокимияти мавҷударо ба ҳокимияте иваз созанд, ки барояшон ҷиҳати дастрасӣ ба моликият ва назорат оид ба захираҳои иҷтимоӣ имкон фароҳам оварад[137]. Ҳаракати ифротию террористии Назҳати Исломии Тоҷикистон анҷумани нахустини таъсисии худро 27-уми октябри соли 1990 дар ноҳияи Ленин (ҳозира Рӯдакӣ) гузарониданд. 4-уми декабри соли 1991 Ҳаракати ифротию террористии Назҳати Исломии Тоҷикистон расман дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуд. Дар давраи муқовимати шаҳрвандӣ фаъолияти ҳизб аз ҷониби ҳукумати расмӣ қатъ гардонида шуд. Дар ҷараёни гуфтушунидҳои истиқрори сулҳ 28 –уми октябри соли 1999 Ҳизби Назҳати Исломии Тоҷикистон аз нав дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуд. Қисми асосии аъзои он тавассути соҳиб гаштан ба мартабаҳо – роҳбарии мақомоти маъмурӣ ва давлатӣ мутобиқ ба Созишномаи истиқрори сулҳ ва оштии миллӣ, ки соли 1997 дар шаҳри Москав ба имзо расида буд, комилан талаботи худро қонеъ гардониданд.

Собиқ қумондони саҳроии Иттиҳоди мухолифини тоҷик, омӯзгори Донишгоҳи исломии Тоҷикистон Раҳим Каримов, машҳур бо номи мулло Абдураҳим изҳор дошт, ки Ҳаракати ифротию террористии Назҳати Исломии Тоҷикистон дар муддати панҷ соли ҷанги шаҳрвандӣ барои халқи тоҷик «кулфатҳо»-и зиёде овард. «Теъдоди бешумори занон бева монданд, шумораи зиёди кӯдакон бошанд, ятим гаштанд», -зикр намуд Каримов. Дар робита ба ин, вай пешниҳод намуд, ки Ҳаракати ифротию террористии Назҳати Исломии Тоҷикистон «ҳизби террористӣ ва экстремистӣ» ва фаъолияти он ғайриқонунӣ эълон карда шавад[138]. Ин ташаббус дар миёни

[137]Бушков В.И.Анатомия Гражданской войны в Таджикистане: Ин-т этнологии и антропологии РАН, Ин-т практ.востоковедения М., 1996.
[138]Мулло Абдурахим: "ПИВТ, как террористическая организация должна быть закрыта" https://rus.ozodi.org/a/26934794.html (рузи мурочиат ба сайт 21.01.2019)

диндорони расмӣ ҷонибдорони худро пайдо кард ва онҳо дар намозҳои панҷвақтаи худ аз шаҳрвандон даъват ба амал оварданд, ки оид ба қатъ гардонидани фаъолияти ҳаракати экстремистӣ-террористии Ҳизби Назҳати Исломии Тоҷикистон фикру мулоҳизоти худро баён намоянд.

Оид ба қатъ гардонидани фаъолияти Ҳаракати ифротию террористии Назҳати Исломии Тоҷикистон аз ҷониби муҳаққиқон нуқтаҳои назари мухталиф пешниҳод карда шудаанд. Чунончи, муҳаққиқи рус оид ба Осиёи Марказӣ ва Шарқи Миёна А. Князев чунин мешуморад, ки оқибати қатъ гардонидани фаъолияти Ҳизби Назҳати Исломии Тоҷикистон метавонад на фақат ба ҳаёти дохилии Тоҷикистон таъсир расонад. «Фаъолияти Ҳаракати ифротию террористии Назҳати Исломии Тоҷикистон дар доираи раванди сиёсии конститутсионӣ – дар гумон аст, ки дар шароити воқеӣ аз боқимондагони раванди гуфтушунидҳои солҳои 90 –уми асри гузашта бошад, ки соли 1997-ум бо оштии байни тоҷикон анҷом ёфтанд. Аз байн қариб 18 сол сипарӣ шуд, ин он маъниро ифода намекунад, ки ихтилофоти ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 комилан хотима ёфтааст. Маҳрум гаштан аз имкониятҳои ба таври қонунӣ амалӣ гардонидани ҳуқуқҳояшон қисми зиёди ҷомеаи тоҷикро ба роҳи ғайриқонунӣ тела медиҳад»[139].

Аммо мо чунин мешуморем, ки ақидаи муҳаққиқи рус А. Князев нодуруст ва ғайри объективист, чунки фаъолияти ин ҳаракати экстремистӣ ва террористӣ ба он равона шуда буд, ки шуури ҷомеаро динӣ гардонида, ба ин восита сохтори давлатро таъғир дода, ба мақсадҳои сиёсиашон бо ёрии хоҷаҳои хориҷиашон ноил гарданд. Маълум шуд, ки сарварони ғоявии Ҳаракати ифротию террористии Назҳати Исломии Тоҷикистон мақсадҳои пардапӯшона дошта, баъди балвои генерал А. Назарзода нақшаҳои экстремистӣ ва террористии онҳо ошкор шуданд. Аз ин рӯ, мақомоти давлатӣ ба хулосае омаданд, ки фаъолияти Ҳаракати ифротию террористии Назҳати Исломии Тоҷикистон қатъ гардонида шавад.

---

[139] А.Князев. История Афганской войны 1990-х гг. и превращение Афганистана в источник угроз для Центральной Азии. Бишкек, 2002. 136 с.

Оқибатҳои фаъолияти таҳрибкоронаи ҳаракати экстремистӣ ва террористии наҳзати исломӣ ва дигар гурӯҳҳои экстремистӣ ва сиёсатмадорон бо тафаккури радикалию экстремистӣ сари вақт пешгирӣ карда шавад. Ин тадбир дар дараҷаи баланд аз дурандешӣ ва омодагии гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосир ба созишҳои байниҳамдигарӣ вобаста аст.

Аз нуқтаи назари мо радикализатсия – ин раванди муҷаррад нест. Ин раванд аз шахсиятҳои муайян, масалан, аз барканоршавии иштирок дар идоракунии давлатии сиёсӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ оғоз меёбад. Он гоҳ чунин шахсиятҳо сохтори имконпазирии динӣ-сиёсиро, ки барои ноил гаштан ба манфиатҳояшон имкон фароҳам меоварад, ҷустуҷӯ мекунанд.

Барои пешгирии омилҳои радикализатсияи ислом оид ба баланд бардоштани сатҳи иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва сиёсӣ, беҳдошти ҳаёти аҳолӣ, бахусус ҷавонон ва табақаҳои муайяни зиёиён тадбирҳо андешидан зарур аст. Он нуктаро бояд ба ҳисоб гирифт, ки экстремизм, аслан – ин аз вазъи дохилии худи ҷомеа бармеояд, яъне, радикализатсия ва экстремизмро ба Тоҷикистон на ҳама вақт аз берун- кишварҳои Шарқи Наздик ва Афғонистон ворид месозанд. Аммо мавҷудияти нооромии дини – сиёсӣ дар кишварҳои Шарқи Наздик ва Афғонистон метавонанд ба сифати омили муҳими ташаккули экстремизм ва терроризм дар ҷомеаи тоҷик баромад намоянд.

Дар робита ба ин маънӣ, нуқтаи назари ҷолибро, ба ақидаи мо, муҳаққиқ ва публисисти олмонӣ Кристоф Линкс пешниҳод менамояд. Ба ақидаи ӯ фақат ба воситаи неруҳои қудратӣ ҳал кардани радикализатсияи ҷомеа душвор аст… Ҷомеаи хуби иҷтимоӣ ташкил кардан зарур аст, ки дар он барои аҳолӣ шароити мусоиди зист фароҳам бошад. Дар ҳамаи кишварҳо гурӯҳҳои муайяни ифротгаро мавҷуданд, аммо онҳо оммаро танҳо дар он мавриде ба худ ҷалб карда метавонанд, ки дар он давлат ноадолатӣ ҳукмрон бошад. Решаҳои ифротгароиро на аз берун, балки аз худи дохили кишвар

ҷустан лозим аст[140]… Дар Тоҷикистон маҳз майлу рағбати адолатнокӣ ҷавононро водор месозад, ки ба равияҳои радикалӣ пайванданд. Аммо бояд қайд кард, ки экстремизм хосияти ҷаҳонӣ касб кардааст ва кишварҳои манфиатдор онро ҳамчун воситаи муҳими расидан ба мақсадҳои сиёсӣ ва геополитики истифода менамоянд. Таърихи пайдоиши ҳаракати экстремистӣ ва террористии «давлати исломӣ» аз он далолат медиҳад, ки ба пайдо шудану инкишофи ин ҳаракат экстремистӣ қудратҳои алоҳида ҷаҳони ва минтақавӣ манфиатдор буданд. Яъне дақиқ аст, экстремизм зуҳуроти иҷтимоист ва душвориҳои иҷтимоӣ аз қабили бенавоӣ, нобаробарии иҷтимоӣ омили муҳими инкишофи ин зуҳурот аст, аммо омили беруна ҳам дар пайдоиш ва инкишофи ин зуҳуроти иҷтимоӣ нақши муҳим ва ҳалкунанда доранд. Далелҳои исботи ин фикр хеле зиёд мебошанд.

Ба ақидаи мо, сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳои динӣ бояд якҷоя бар зидди ҳама гуна зуҳуроти экстремистӣ, бахусус алайҳи экстремизми динӣ мубориза баранд. Қабл аз ҳама, бо дарназардошти ҳолатҳои иҷтимоӣ- сиёсӣ ва фарҳангӣ-динии Тоҷикистони муосир бояд ба барномаҳои таълимии мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ таълими фанҳои таърихи дин ва диншиносӣ ворид карда шаванд. Ҳамчунин барномаи таълимии донишкадаҳои исломиро аз нав дида баромада, уламоҳои динӣ бо маҷмӯи донишҳои баланди муосир ва динӣ мусаллаҳ гардонида шаванд, то ки онҳо тавонанд амалан бар зидди ғояҳои экстремистӣ мубориза баранд. Зарур аст, ки сатҳи ахлоқӣ ва ҳуқуқии ҳар фарди ҷумҳурӣ дар ҷомеа баланд бардошта шавад, то ки онҳо ба таъсири ғояҳои экстремистӣ дучор нашаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷойи муассисаҳои фарҳангӣ- маърифатӣ, амсоли китобхонаҳо, клубҳо бештар масҷидҳо сохта мешаванд, ки дар як қатори онҳо ба таври пинҳонӣ таълимоти ҳаракати экстремистӣ салафия омӯзонида мешаванд. Гарчанде соҳаи таълимоти динӣ аз тарафи ҳукумат ва сохтори қудратӣ зери назорати катъӣ қарор доранд. Раванди динишавии

[140]Г. Фасхудинов. Корни таджикского радикализма лежат в социальной несправедливости. (*"Deustche Welle",24 июня 2013 года Перевод* - "Немецкая волна") http://inozpress.kg/news/view/id/39658 (дата обращение к сайту 16.02.2015)

шуури ҷомеа ва махсусан тафаккури ҷавонон метавонад, ки ба ваҳдати миллӣ таҳдид намояд. Мавриди зикр аст, ки дар ҷомеаи тоҷик тафаккури экстремистӣ рушд ёфта, қувват мегирад. Мо шоҳиди он ҳастем, ки чандин барномаҳои телевизионӣ тариқи моҳвораҳо бар зидди Ҳукумати Тоҷикистон равона мегардад. Мо бояд масъалаи мубориза бар зидди тафаккури экстремистӣ ва тундгароиро шадид кунем. Чунки ин яке аз хатарҳо ва таҳдидҳои хеле шиддатнок аст ва метавонад мафкураи ҷавонони моро хароб гардонад».

Вобаста ба ҳамин масъала қайд кардан зарур аст, ки клубҳо ва китобхонаҳои замони Шӯравӣ ба таври замонавӣ аз сари нав эҳё карда шаванд. Имрӯз бошад аллакай масҷидҳо ҷойи онҳоро гирифтаанд: мутаассифона клубҳо ва китобхонаҳое, ки дар замони Шӯравӣ вуҷуд доштанд, аз онҳо асаре боқӣ намондааст. Инҳоро бояд аз нав эҳё кард. Агар мо дар ноҳияҳо инфрасохтори маънавӣ маърифатиро эҳё карда натавонем, масҷидҳо ҷойи онҳоро ишғол мекунанд, ки ҳоло аллакай масҷидҳо ҷойи онҳоро гирифтаанд. Ҳама ҷо масоҷидҳои ғайриқонунӣ сохта шудаанд, ки дохили онро фаҳмидан душвор аст, ки афроди салафӣ аст ё каси дигар. Маълум шуд, ки дар вилояти Суғд чандин муфтиҳо ё имомхатибоне, дастгир шуданд, ки рӯирост бо салафиҳо муносибат доштанд. Ин амалҳо нишондоди он аст, ки ба ваҳдати мо хатари азим ва таҳдиди сахт хоҳад расид.

Бархе аз муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки ба зуҳуроти экстремизми динӣ дар Тоҷикистон федератсияи Руссия низ замоне мусоидат намуда буд. Чунончи, муҳаққиқи рус А. Умнов собит месозад, ки «баъди пош хӯрдани собиқ ИҶШС исломӣ оппозитсионӣ дар Осиёи Марказӣ ғайричашмдошт, мустақиман набошад ҳам, бевосита аз ҷониби Москва дастгирӣ ёфт, ки айни замон Москва оппозитсияи исломиро қариб ки ҳамчун иттифоқчии худ дар муқовимат ба меросхӯрони сохти коммунистӣ дар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мешуморид. Ин ҳолат бахусус дар Тоҷикистон ба мушоҳида расид, ки дар ин кишвар сарбозону афсарони мустақари Руссия хунсардона оғози ҷанги байни неруҳои ҳукуматӣ ва ҷонибдорони давлати

исломиро таҳти назорат гирифта, метавонистанд вазъиятро дар ҷумҳурӣ комилан тағйир диҳанд»[141]. Чунин ақидаро низ муҳаққиқи тоҷик К. Олимов ҷонибдорӣ менамояд. Ба ақидаи ӯ «ин қуввахо (мухолифин) ба ҳар навъ аз ҷониби роҳбарони сепаратист ва ҳаракатҳои ҷудоиандози Федератсияи Руссия, Эрон, Покистон ва як қатор дигар давлатҳо дастгирӣ меёфтанд»[142]. Дар марҳилаи аввал Руссия, ба экстремизми динӣ аҳамияти зарурӣ надода, ба зуҳуроти исломӣ дар Тоҷикистон хунукназарона муносибат намуд, баъдан дар марҳилаи дуюм хатари экстремизми диниро дарк карда, барои кӯмак расонидан ба Ҳукумати Тоҷикистон дар мубориза алайҳи экстремизм ва бастани муоҳида дар байни қуввахои ба ҳам муқобил дар муноқишаҳои тоҷикон шурӯъ намуд. Ба нақши духураи Руссия дар оғози буҳрони сиёсӣ ва зуҳуроти экстремизми динӣ дар Тоҷикистон нигоҳ накарда, метавон гуфт, ки Руссия, ба ҳар ҳол, бобати банизомдарории муқовимати шаҳрвандии байни тоҷикон нақши мусбӣ бозид.

Дар марҳилаи муосири таърихи муносибатҳои байниҳамдигарии Тоҷикистон ва Руссия лаҳзаҳои мусбат оид ба ҳифзи манфиатҳои худӣ аз ҷониби Руссия ба мушоҳида мерасанд. Федедратсияи Руссия дар муқовимат алайҳи экстремизми динӣ ва терроризм тачрибаи кофӣ дорад ва ин давлат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус Тоҷикистон, дар муқовимат ба ин зуҳуроти нангини ҷомеаи муосир ҳамаҷониба кӯмак мерасонад.

Дар вазъияти бамаломада пешгирӣ намудани таҷаддуди рақобати Руссия-Хитой дар Осиёи Марказӣ фақат тавассути барқарор намудани шакли нави ҳамкориҳо, гузашти ҳамдигарӣ, қисмати масъулиятшиносӣ ва доираи таъсиррасонӣ мумкин аст. Бояд гуфт, ки Руссия бо дарназарошти имконпазирии аз Афғонистон берун баровардани қуввахои НАТО ва минбаъда фаъол гардонидани «се неруи бадӣ» - терроризм, сепаратизм ва экстремизм бехатариро дар минтақа таъмин мекунад. Хитой бошад,

[141]Умнов А.Ю. Исламизм и экстремизм на ближнем востоке. Сб. статей. М.,2001-С.246.
[142]Олимов К. Диалектика светского и религиозного мировоззрения в условиях построения национального государства//Построение доверия между исламистами и секуляристами - таджикский эксперимент. Душанбе, 2004-С.66-78

маблағгузории якчанд барномаи ҳарбӣ, ҳамчунин лоиҳаҳои азими инфрасохторӣ ва аёши хомро бо дарназардошти манфиатҳои Россия, аз ҷумла дар Сибир ва Шарқи Дур, бар душ мегирад.

Ба ақидаи мо, дар шароити имрӯза аз ҷиҳати сиёсӣ фаъол гардидани ташкилотҳои динӣ-экстремистиро дар Тоҷикистон бе таҳлили вазъият дар Афғонистон баррасӣ намудан имконнопазир аст. Аз нуқтаи назари профессор А. В. Малашенко «аввалан, радикализми исломӣ дар минтақа дар тарҳи ҷаҳонӣ исломро ҷорӣ карданиянд; дувум, дар байни онҳо ва ҳаммаслаконашон робитаҳои мухталиф арзи вуҷуд карда, таҳким меёбад; сеюм, тартиботи ғоявии пойгоҳӣ, ки дар Тоҷикистон доман густурдааст, берун аз ҳудуди Тоҷикистон тарҳрезӣ карда шудааст. Ниҳоят, чорум, кайҳост, ки вазъи Тоҷикистонро бе дарназардошти вазъи Афғонистон, ки сараввал ҳамчун як қисмати минтақа мавриди баррасӣ қарор мегирад, ҳаллу фасл намудан имконнопазир аст[143].

Шояд дар ҷаҳон, дигар минтақае вуҷуд надорад, ки ба худ то ин дараҷа мустаҳкам номи асрорангез ва пурдаҳшатро касб карда бошад: кишвари ҷиҳод. Афғонистон ва қитъаи «мустақил»-и қабилаҳои паштуни Ҳиндустони Британиёи Кабир (ҳоло Покистон)-ро то ҳанӯз чунин ном мебаранд… Дар тӯли сад сол халқу қабилаҳои озодихоҳи ин минтақа алайҳи мустамликадорони англис муборизаи беамон бурда, замини аждодӣ ва ҳуқуқҳои худро ҳимоя намуданд. Дар ин муддат мушкилоти паштунҳо ба дарди нимасраи мустамликадории Англия мубаддал гашт, ки аз ин дард ин давлати пуриқтидор танҳо баъди аз ҳам пош хӯрдани мустамликадорияш раҳоӣ ёфт. Аммо вазъияти номбурда таърихи гузаштаи Афғонистон буд, таърихи нави ин кишвар бошад, тайи 30 соли охир некбинона нест. Вазъи сиёсӣ дар дохили Афғонистон бо сабабҳои ихтилофоте, ки дар байни халқҳо ва қабилаҳои сокини ин кишвар ҷой доранд, то ҳадди ниҳоӣ пуршиддат гаштааст.

[143] Этнические и региональные конфликты в Евразии: в 3 кн.: Кн.: 3 международный опыт разрешение этнических конфликтов. М.: Весь мир, 1997-С.222.

Имрӯз Афғонистон ба маркази майдони ҳарбу зарби геополитикии давлатҳои муқтадири ҷаҳон, амсоли ИМА, кишварҳои Аврупоӣ, Руссия ва Хитой табдил ёфтааст. Экстремизм ва терроризм дар вақтҳои охир ба қуввaҳои таҳрибкор дар Афғонистон мубаддал шудаанд. Амалиёти ҷангӣ дар ин кишвар бо пардапӯшиҳои таълимоти динӣ беист идома меёбад. Аз ин рӯ, нооромиҳои дохили Афғонистон ба бехатарии кишварҳои Осиёи Марказӣ – Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон, ки бо он ҳаммарз мебошанд, таҳдидҳои ҷиддӣ ба миён меорад. Баъд аз кӯшишҳои бардавом ҷиҳати ба роҳи мусолиҳатомез ҳал кардани проблемаҳои мавҷуда зарур аст, ки оид ба ташаббуси пешниҳоднамудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба расонидани кумакҳо ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон амиқ андешида, ба он такони тоза дода шавад. Тоҷикистон, ки бо Афғонистон марзи тӯлонӣ дошта, онҳоро ҳазорон риштаҳои таърихӣ, фарҳангӣ, динӣ ва этникӣ бо ҳам пайвастаанд, бештар аз ҳама дарк менамояд, ки бо ҷангу хунрезиҳо ҳал кардани проблемаҳои ин кишвар ба ҷое бурда намерасонад. Ташаббуси Президенти Тоҷикистон ба он нигаронида шудааст, ки кушодани гиреҳҳои печидаи проблемаҳои мардуми афғон танҳо тавассути рафъи камбудиҳои ҷиддитарини иҷтимоӣ- иқтисодӣ, ба эътибор гирифтани хусусиятҳои ҳам бисёрқавмӣ ва ҳам бисёрмазҳабӣ будани ин давлат, муваффақ гаштан мумкин аст[144].

Экстремизм ва терроризм тайи солҳои охир дар кишварҳои ҳаммарзи Афғонистон ҳамеша дар ҳолати омодабош қарор доранд. Ҳолати мазкур бахусус баъди қушунҳои худро аз Афғонистон қисман баровардани НАТО ва ИМА, соли 2014 тезу тунд гаштааст. Воқеият чунин аст, ки баъди қушунҳои худро баровардани НАТО ва ИМА, вазъият бадтар шуд. Сабаби чунин ранг гирифтани вазъият дар он аст, ки гурӯҳҳои парокандагаштаи «Толибон» аз нав фаъолияти худро ҷоннок ва ҳолати иҷтимоӣ- сиёсиро дар Афғонистон

[144]Маҳмадиев Н.Д. Влияние социально – политической ситуации в Афганистане на религиозную жизнь в Таджикистане / Н.Д. Маҳмадиев/ «Россия и государства Центральной Азии: политические, экономические и гуманитарные аспекты евразийской интеграции», Душанбе РТСУ., 2013.-С.102-108.

ноором менамоянд. Бешубҳа, ҷанги Афғонистон вазъи иҷтимоӣ – сиёсӣ ва диниро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан шиддатнок мегардонад. Хати марзи Тоҷикистон дар маҳалҳои душворгузар ва минтақаҳои кӯҳӣ тӯл кашидааст, ки ин ҳолат муҳофизати онро мураккаб мегардонад. Маълум аст, ки проблемаи асосӣ барои Тоҷикистон интиқоли ғариқонунии маводи мухаддир ба шумор меравад ва дар ин самт Тоҷикистон комёбиҳои муайянро соҳиб гаштааст. Аммо мушкилоти асосӣ - гирифтани пеши роҳи таъсири гурӯҳҳои экстремистӣ боқӣ мемонад. Масалан, дар арафаи интихоботи президентӣ пеши роҳи гурӯҳҳои экстремистӣ гирифта шуд, ки мехостанд марзи Афғонистону Тоҷикистонро убур карда, дар шаҳри Душанбе амалиёти террористӣ гузаронанд. Суоле ба миён меояд, ки бо умеди кадом қувва гурӯҳҳои мазкур ба ин амали нангин даст заданӣ буданд? Қабл аз ҳама, ба ақидаи мо, ин гурӯҳҳо бо кумаки ҳаракати «Толибон» ва ҳаракати исломии Туркистон омодагӣ гирифта, ҷониби Тоҷикистон роҳ пеш гирифта буданд. Ба ақидаи мо раванди мазкур ба назар он қадар воҳимаангез наменамояд, аммо ин амалиёт дар ҳадди муайян ба вазъи иҷтимоӣ- сиёсӣ ва динии Тоҷикистон таъсири ногувор мерасонад.

Афғонистон, тайи 30 соли охир дар ҳолати ҷангу ошӯбҳо қарор дошта, ба майдони ҳарбу зарб ва афзудани шумораи экстремизми динӣ табдил ёфтааст. Гурӯҳҳои динӣ-экстремистӣ, ки дар қароргоҳҳои (лагерҳои) Афғонистон омодагӣ мегиранд, фаъолияти ҷиҳод ва террористии худро дар тамоми ҷаҳон ба роҳ мемонанд. Аз хатҳои аввали марзи Афғонистон таҳдиди воридшавии гурӯҳҳои динӣ-экстремистӣ ба Тоҷикистон ба мушоҳида мерасад. Шаклҳо ва усулҳои зуҳуроти экстремизми динӣ дар намуди ваҳҳобия сершумор ва мухталиф аст.

Дар робита ба ин бояд зикр кард, ки «бесарусомонӣ дар Афғонистон, муштаракан бо дасисаҳои Арабистони Саудӣ ва Покистон, анқариб «Толибон»-ро тавлид намуд». Вазъият дар Афғонистон ҳамчунин иқлими умумии сиёсиро дар минтақа муайян мекунад, ки дар ин ҷо Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар роҳи истиқлолияти давлатӣ қадамҳои

аввалин мегузоранд. «Ба андозаи он, ки Афғонистон чӣ гуна ба ботлоқи ҷанги шаҳрвандӣ ғуттавар мешавад, оқибатҳои он ногузир дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақа низ инъикос меёбад»[145] - менависад муҳаққиқи амрикоӣ А. Рашид.

Бояд қайд кард, ки вазъияти динӣ – сиёсӣ дар Афғонистон бевосита ба равандҳои иҷтимоӣ- иқтисодии на танҳо Тоҷикистон, балки ба тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ таъсир мерасонад. Чунин ақидаро муҳаққиқи дигари тоҷик И. Асадуллоев низ ҷонибдорӣ менамояд. Вай собит месозад, ки «таъсири бузурги радикализатсияи ҷаҳонии исломро тавассути таъсиррасонии ташкилотҳои байналмилалии экстремистӣ ба исломи сиёсӣ дар Тоҷикистон набояд истисно кард. Дар ин бобат ҳамсоягии Афғонистон нақши ҷиддӣ мебозад, ки акнун хати марзи собиқ ИҶШС вуҷуд надорад. Робитаҳои байни исломи сиёсии байналмилалӣ ва исломи сиёсии Тоҷикистон бар асари барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуқӯъ пайваст»[146].

Ба ақидаи В. В. Дубовитский, аз Афғонистон берун баровардани қушунҳои шӯравӣ дар соли 1989 ва дере нагузашта дар доираи ҳукуматии Руссия ба амал омадани бетафовутии сиёсӣ нисбат ба ин кишвар боиси зуҳуроти самтҳои яклухт дар сиёсати «бозсозӣ»-и ИҶШС, баъдан дар Федератсияи Руссия гардид, ки ба дуршавии геополитикӣ аз мавқеи худ дар ҷануби қитъаи Авроосиё оварда расонид. Дар баробари ин, Осиёи Марказӣ дар солҳои Иттиҳоди Шӯравӣ на фақат мустақилияти фарҳангии худро дар доираи ИҶШС ҳифз карда тавонист, балки ҳамчунин дар дараҷаи муайян тавонист онро дар асоси раванди модернизатсионии аврупоии монанди Руссия инкишоф диҳад, ки ҳолати мазкур барои дар ин минтақа таъсис додани панҷ давлати ба қадри кофӣ замонавии аграрӣ-саноатӣ ва аграрии дорои имкониятҳои хуби пешрафт мусоидат намуд[147].

Вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ дар Афғонистон ва муътадил гардонидани он аз бисёр омилҳои дохилӣ ва берунӣ, бахусус аз вазъи ҳамсояи наздики он -

[145]Рашид А. Талибан, нефть и новая Большая игра в Центральной Азии. М., 2003-С.200-201.
[146]Асаддулаев И. Политический ислам в Таджикистане заметки и наблюдения. Душанбе 2009-С.14.
[147]В. В. Дубовицкий. Россия в Среднеазиатском регионе. История и современность №1/2009.-С.217-218.

Покистон вобаста аст. Ҷумҳурии Исломии Покистон яке аз давлатҳои бузурги минтақаи Осиёи Шарқӣ дар содирот ва паҳн кардани ҳаракатҳои экстремистию динӣ ва радикализми исломӣ ба шумор меравад. Покистон дар нисбати Афғонистон сиёсати дурӯяи номутассилро роҳандозӣ менамояд, ки сиёсати мазкур бо вазъияти Афғонистон дар минтақа марбут аст. Покистон бо иттифоқчии ягонаи худ-ИМА мехоҳад Афғонистонро таҳти назорати доимӣ қарор диҳад.

Мавриди зикр аст, ки Покистон бевосита дар пайдоиши экстремизми динӣ дар Тоҷикистон даст дорад. Барои исботи фикр изҳори ақидаи мутахассиси машҳури амрикоӣ оид ба Афғонистон С. Хариссонро мисол меоварем. С. Хариссон мегӯяд, ки «генерал Зиёулҳақ дар мусоҳиба бо вай нақшаҳои Покистонро ҷиҳати ба минтақаи назорати Покистон баъди Афғонистон шомил намудани Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ёдовар шуд»[148]. «Хотирнишон намудан зарур аст, ки раҳбарони ҳарбии Покистон бо сарварии Зиёулҳақ нақшаи васеъ намудани минтақаи назорати ҳарбӣ - стратегии худро аз ҳисоби кишварҳои Осиёи Марказӣ тартиб додаанд»[149]. Маълум аст, ки дар Исломобод дар соли 1990 гурӯҳи аъзои ҳаракати террористии наҳзати исломӣ» ҷойгир буданд, ки ҷанговарони он омодагии ҷангиро дар «Ҷамоати исломӣ» гузаштаанд.

Мавриди зикр аст, ки ба Осиёи Марказӣ ворид шудани тарғибгарони экстремизми исломӣ то барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, дар давраи ноустувориҳои иҷтимоӣ оғоз ёфта буд ва мақсадҳои худро тавассути шабакаҳои мухталиф, аз ҷумла тавассути иштироки бевосита ва таҳти роҳбарии разведкаи байниидоравии низомии Покистон амалӣ мегардониданд. Оид ба фиристодани пайравонӣ экстремизми динӣ ба ҳудудҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон муовини директори разведкаи мазкур оид ба Афғонистон, бригадири мустаъфӣ М. Юсуфӣ дар китоби худ, ки соли

[148]Тыссовский Ю.К. Крестоносцы против ислама: ислам между агрессией и смирением М.: Грифон, 2011-С.244-245.
[149] Ислам и экстремизм на Ближнем Востоке Сб. ст., М.;2001-С.40.

1992 дар ин мавзӯъ нашр намуда буд, маълумот додааст[150]. Ҳамчунин дигар маълумотҳо дар бораи идораҳои Покистон ва ташкилотҳои мухталифи исломии динӣ-экстремистӣ мавҷуданд, ки фаъолияти онҳо ба халадор намудани ҳаёти муътадили иҷтимоӣ-сиёсии Тоҷикистон ва дар байни аҳолии маҳаллӣ тарғиб намудани ифротгароии исломӣ равона карда шудааст. Муҳаққиқи тоҷик С. Олимова собит месозад, ки «пул ва боигарӣ, ҳамчунин китобҳои таҳрибкоронаю ифротгароёнадошта - ин ҳама аз он ташкилотҳои байналмилалии исломӣ дастрас мешаванд, ки дар Пешовар, Мултон ва ғ. шуъбаҳои худро кушода, дар мавридҳои хеле зиёд пушту паноҳи ташкилотҳои экстремистӣ мебошанд[151].

Барои сиёсатмадорони давлатҳои муқтадири ҷаҳон ва минтақа маҳалли ҳаётан муҳим «дили ҷаҳон»-и қитъаи Авроосиё ба шумор меравад ва ин минтақаҳо ба ҳар роҳе, ки набошад, бояд ба ҳайси неруҳои таҳрибкор барои давлатҳои мусулмонии Осиёи Марказӣ арзи вуҷуд намуда, дар мавридҳои зарурӣ бояд дар ин онҳо экстремистони динӣ ба сари ҳокимият оянд. Як қатор давлатҳои исломии Шарқи Наздик, давлатҳои муқтадир, фонди байналмилалии исломии давлатҳои исломӣ, хадамоти махсуси ин давлатҳо, ташкилотҳои ҷинояткор, албатта, ҳадафҳои геостратегии геополитикии худро дар Тоҷикистон пайгирӣ менамоянд. Бо дарназардошти манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодии худ, метавон гуфт, ки доираи фаъолияти ин қуввахо дар оянда умуман дар минтақаи Осиёи Марказӣ васеъ хоҳад шуд. Дар робита ба ин, суоле ба миён меояд, ки оё исломиёни Осиёи Марказӣ ва Тоҷикистонро давлатҳои беруна ва ташкилотҳои ҷомеаии исломӣ аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ менамоянд? Посух мусбат хоҳад буд.

Дар шароити мавҷудаи маблағгузорӣ ташкилотҳои динӣ-экстремистӣ ба таври ғайрирасмӣ, вале хеле фаъол амал мекунанд; як қатор марказҳои байналмилалии экстремистӣ, ҳамчунин давлатҳои Покистон, Афғонистон ва Арабистони Саудӣ пуштибони онҳоянд. Бахусус ИМА, ки дар сиёсати

---

[150] Н. Давлат. Амрико жандарми “роҳи нави абрешим” мешавад. Фараж №50 23.11.2011-С.4.
[151] Олимова С. Социальный контекст: отчуждение//Религиозный экстремизм в Центральной Азии: Душанбе, 2002-С.93-107.

мустамликадорӣ дар ин минтақа аз Британияи Кабир пеш гузашта, ҳамаи сарватҳои молиявӣ, нафт ва гази табий давлатҳои номбурдаро таҳти назорати худ гирифтааст, дар ин бобат худро ошкоро нишон медиҳад. «Ин ҳолат (яккаҳукмронии ИМА) боиси аксуламали Русия ва дигар кишварҳои ИДМ гаштааст, зеро онҳо кӯшиш менамоянд, ки ба халадор гаштани оромии минтақа ва бо зӯрӣ сарнагун кардани ҳукуматҳои қонунӣ роҳ надиҳанд»[152]. Дар робита ба ин, муҳаққиқи тоҷик Д. Назиров собит месозад, ки «гурӯҳҳои экстремистии мустақари Афғонистонро аз ҷумла раҳбарони зерини баландпоя аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ фаъолона дастгирӣ мекарданд: Г. Ҳикматёр, Б. Раббонӣ, А. Масъуд, ҳамчунин ташкилотҳои миллатгароёнаи Эрон, Покистон, Арабистони Саудӣ, Судон»[153]. Аммо ба ақидаи мо, Б. Раббонӣ ва А. Масъуд дар муқовимати ҷанги шаҳрвандӣ Тоҷикистон тавассути мусоидат намудан ба гуфтушунидҳои онҳо нақши мусбат бозиданд. Муҳаққиқи тоҷик дар он хусус ҳаққонӣ изҳори ақида менамояд, ки давлатҳои исломӣ ташкилотҳои динӣ-экстремистӣ дар Тоҷикистонро бо воситаҳои моддӣ ва молиявӣ дастгирӣ намуданд. Оид ба нақши Эрон дар таъминоти молиявии исломиёни тоҷик дар миёни муҳаққиқон фикрҳои гуногун, баъзан пурихтилоф мавҷуд аст. Аммо як чиз равшан аст, ки Эрон пас аз мустақилияти Тоҷикистон исломиёни тоҷик махсусан ҳаракати террористии наҳзати исломиро ҳамаҷониба ва фаъолона дастгирӣ намуд.

Дар робита ба ин, муҳаққиқони Русия ҳатто оид ба дурнамои дар ин ҷо таъсис додани як навъ давлати ба панисломӣ асосёфта изҳори ақида намудаанд. Ба гуфтаи онҳо ин давлати исломӣ дар мавриди бастани иттифоқи стратегӣ бо Эрон ва дигар кишварҳои мусулмони Шарқ дар оянда ба неруи бузурге табдил хоҳад ёфт, ки метавонад ба Русия муқовимат кунад. Ба ақидаи мо, чунин тарсу ҳарос нисбат ба нақши вайронкории Эрон ва аз ҷониби ин давлат истифода ва паҳн кардани инқилоби исломӣ дуруст аст,

---

[152] Искандаров А.И. Интеграционные процессы в государствах Центральной Азии: на примере республики Таджикистан и Туркменистан. Дис…канд. полит. наук. М.: 2002-С.79-80.
[153] Назиров Д. Религиозно-политический экстремизм и терроризм в Центральной Азии. Душанбе: Ирфон 2006-С.54.

зеро Эрон дар сиёсати имрӯзааш аз мақсадҳои содиротӯ паҳни инқилоби исломӣ дар саросари ҷаҳон даст накашидааст. Таҳримҳое иқтисодӣ – сиёсие, ки аз ҷониби Амрико ва як қатор кишварҳои Аврупоӣ ҷори карда шудаанд дуруст мебошад. Беҳуда нест, ки ИМА Эронро ба қатори кишварҳои маблағгӯзору паҳнкунандаи ифротгароию терроризм дохил кардааст. Тоҷикистону Эрон кишвари ҳамфарҳанг аст, аммо муайян карда шуд, ки маблағгузори Ҳизби мамнуъи наҳзати исломӣ маҳз Эрон буда бо ёри бо ном дусти дар нохунак пайравони ин Ҳизби ифротию террористӣ мехостанд дар кишвари мо табадуллот намоянд. Бояд эътироф намуд, ки Эрон дар Тоҷикистон манфиатҳои соф геополитикӣ ва иқтисодӣ дорад ва мехоҳад, ки кишвари моро ба фазои мазҳабию сиёсӣ худ дохил намуда истифода намояд.

Ба ақидаи мо, экстремизми динӣ комилан зуҳуроти хоси Тоҷикистон набуд, зеро тарҳи ихтилофоти байналмилалиро дар худ ниҳон дошт. Қуввахои байналмилалии исломи ифротию радикалӣ мухолифини тоҷикро истифода бурда, онҳоро бо маблағҳо ва силоҳҳо таъмин карда, аз рӯйи ҳадафҳои дурбинонаи худ кӯшиш намуданд, ки вазъиятро дар Тоҷикистон ноором созанд. Ба ақидаи муҳаққиқи тоҷик А. И. Искандаров дар муноқишаҳои байни тоҷикон қарорҳо оид ба ҳалли масъалаҳои Тоҷикистон, на дар худи Тоҷикистон, балки берун аз ҳудуди он қабул карда мешуданд[154].

Ба фикри мо ин фарзия ҷой дорад, яъне «Зуҳуроти экстремизми динӣ ин, қабл аз ҳама, дастгирии моддӣ аз хориҷа аст. Ин кумакҳо гӯё ҳамчун ба хешу табор, бо амри қазо, аз ҷониби Арабистони Саудӣ, АМА, Эрон, ҳамчунин фондҳои гуногуни хайрия, сохторҳои тиҷоратӣ расонида мешаванд. Ин раванди кумакҳои ба ном хайриявӣ то ҳол аз ҷонибӣ ин кишварҳо ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ мушоҳида мешавад. Оиди ин масъала байни худи кишварҳои мададрасони экстремизм ва терроризм ихтилофот бархост, ки қариб ба ҷанг хотима ёбад. Арабистони Саудӣ бо шариконаш аз кишварҳои Шарқи Наздик ва Амрико фаъолияти ёрирасониии аз андозаи

[154] Искандаров А.И. Интеграционные процессы в государствах Центральной Азии: на примере республики Таджикистан и Туркменистан. Дис… канд. полит. наук. М.: 2002-С.78.

зиёду бе маслиҳати кишвари Қатар таҳамул накарда, нисбати ин кишвар таҳримҳои иқтисодию сиёсӣ ҷорӣ намуданд. Дақиқан маълум шуд, ки ҳама ин кишварҳо дар минтақа манфиатҳои холиси худро ба назар гирифта сиёсати дугона ва ноодилонаро тарҳрезӣ менамоянд.

Чунончи, афзоиш ва паҳн гаштани ҳаракатҳои экстремистии хусусияти ваҳҳоби дошта, дар навбати аввал, ба воридоти маблағҳое асос ёфтааст, ки аз Арабистони Саудӣ, Қатар ва Қувайт фиристода мешаванд. Барои дастгирии экстремистон, ба мисли ваҳҳобия ва дар доираи ҷаҳонӣ фаъолият намудани онҳо, кишварҳои номбурда миллиардҳо пулро харҷ мекунанд. Онҳо дар солҳои 80-уми асри гузашта нақши муҳимеро дар ташкили ҳаракати муҷоҳидон дар Афғонистон бар душ доштанд, баъдан, ин ҳаракат бо ҳаракати «Толибон» робитаи қавӣ барқарор намуд. Арабистони Саудӣ мутассил ба ҳайси бозингари асосӣ дар ташкили содирот ва паҳн намудани ғояҳои ваҳҳобия, салафия ва ҷиҳод дар Тоҷикистон ёдовар мешавад.

Муҳаққиқи тоҷик С. Олимова зикр менамояд, ки «фаъолияти ташкилотҳои байналмилалии исломӣ дар шароити холигии фазои динӣ мутлақо муваффақиятнок маҳсуб меёфт, ки дар натиҷаи барҳам хӯрдани ғояҳои коммунистӣ ташкил ёфта буд»[155]. Зуҳуроти исломи сиёсӣ, аз ҷумла экстремизми исломӣ, ҳаракатҳои мусаллаҳи мухолифини исломӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ самараи таъсири кишварҳои хориҷӣ, маҳсули фаъолияти ҳаракати байналмилалии исломӣ мебошанд.

Кумакҳои техникӣ, моддӣ ва ҳарбӣ ба мухолифини исломӣ аз кишварҳои мухталифи мусулмонӣ дастрас мешаванд. Кумаки хеле зиёд тавассути роҳҳои ғайрирасмӣ аз Арабистони Саудӣ, Судон, Пакистон, аз ташкилотҳои байналмилалии исломии «Бародарони мусулмон», «Ҳамкориҳои мутақобила», «Шӯрои ҳамоҳангсозии исломӣ», «Иттифоқи умумиҷаҳонии мусулмонӣ» расонида мешаванд. Собиқадорону ҷиҳодиёни Афғонистон аксаран дар амалиёти ҷангӣ алайҳи собиқ ИҶШС иштироки

[155]Олимова С. и Олимов М. Местное самоуправление многоэтничным сообществами в странах СНГ. М., 2001-С.325-355.

фаъол доштанд бо гӯзаштани вақт дар хати марзи Тоҷикистон ва дар ҳудудҳои он дар ҷанги шаҳрвандӣ иштирок намудаанд. Бо дасти онҳо бисёр амалҳои зидиинсонӣ аз қабили қатлу куштори одамони бегуноҳ бо бераҳмии махсус, таҷовӯз ба шаъну шарафи занону духтарон амали карда мешуданд. Шоҳидони амалҳои нангину зиди инсонии онҳо то ҳол вуҷуд доранд.

Ҷанбаи ниҳоии таҳдид аз рӯйи таъсири пардапӯшона ба раванди исломи навин дар Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҷониби қуввахои муайяни дохили кишварҳои Ғарб (ИМА, кишварҳои Аврупову Осиё) муайян карда мешавад, ки дар саъю талоши зерини онҳо ифода меёбад: бо ҳар роҳе, ки набошад, ҳатто, бигузор, бо роҳи истифода ва ҷалби неруҳои гурӯҳҳои динӣ-экстремистӣ, манфиатҳои миллии худӣ муҳофизат карда шаванд. Пӯшида нест, ки дар арсаи байналмилалӣ зуҳур ёфтани толибон, муҷоҳидон, террористи рақами 1 Усома бини Лодан (ИМА, Покистон) дар асри XX, пайдоиши ваҳҳобия (Англия) ҳамчун ҷараёни экстремистӣ дар охирҳои асри XVIII дар кишварҳои араб, натиҷаи корҳои хадамоти махсуси кишварҳои Ғарб маҳсуб меёбад. Аксар вақт омили исломӣ аз ҷониби ин хадамот барои ҳалли проблемаҳои хусусияти байналмилалидошта, хеле моҳирона истифода бурда мешавад.

Аммо оид ба масъалаи таъсир ва таъминоти моддии давлатҳои дигар, бахусус Шарқи Наздик, шубҳае нест, ки ин номгӯйро метавон бе охир идома дод. Барои муҳаққиқон комилан маълум аст, ки давлатҳои дар боло номбурда, махсусан Арабистони Саудӣ, Қатар ва Эрон гурӯҳҳои радикалию экстремистии мазҳабҳои суннӣ ва шиаро маблағгузорӣ менамоянд. Вазъи иҷтимоӣ-сиёсии Сурия ва Ироқ мисоли равшани ин аст.

Тамоюлоти фалсафӣ сиёсии экстремизми динӣ баъзан аз ғояҳои ифротгароӣ манша мегиранд, ки дар талаботи зерин ифода меёбад: дар шароити буҳрони иҷтимоӣ - сиёсӣ ва иқтисодӣ нигоҳ доштани мавқеи «исломи бузурги ваҳҳобӣ», ки ба ҳадафҳои ноором кардани вазъи динӣ равона карда шудааст. Ҳашамат ва иқтидори ғояҳои ба худ хоси пуштибонӣ, муносибати «падарона» бо дигар ташкилоту равандҳои нави ифротгароӣ ва

экстремистӣ дар Тоҷикистон мавриди муболиғаҳо қарор доранд. Агар чунин нуқтаҳои назар ба асос гиирфта шаванд, он гоҳ ба ақидаи аксарияти муҳаққиқон розӣ шудан мумкин аст, ки онҳо чунин мешуморанд: эҳёи ислом дар солҳои 80-90-уми асри гузашта дар Осиёи Марказӣ бо дарназардошти босуръат паҳн гаштани экстремизми динӣ-сиёсӣ ва ҳаракатҳои сиёсии исломӣ самараи таъсири беруна, аз раванди бо ном навмазҳабон мебошад. Бисёр ҳаракатҳои динӣ-экстремистӣ ва ифротгароии муосир дар Тоҷикистон аслан намунаҳои «парастиш»-и шабоҳатнокӣ ва барангехтани айнияти зуҳуроти мухталифи динӣ-сиёсии гузаштаро таҷассум менамоянд. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки таҳдидҳои мазҳаби равияи дини ифротии ваҳҳобия, афзоиши хавфи террористӣ дар Тоҷикистон ба таври воқеӣ на фақат аз рӯйи омилҳои иҷтимоӣ-психологӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, этникии ҷуғрофӣ, таърихӣ – фарҳангӣ, балки ҳамчунин аз рӯйи аломатҳои фарҳангии буҳрони имрӯзаи ҷомеаи тоҷик муайян карда мешаванд. Моҳияти ин буҳрон дар он ифода меёбад, ки раванди ба шохаҳо ҷудошавии иҷтимоиёт ҳамчун мафҳуми марҳилавӣ ба вуқӯъ мепайвандад.

Аз ақидаҳои муҳаққиқон натиҷагирӣ намуда, *мо ба хулосае омадем*, ки омилҳои сиёсии зуҳуроти экстремизми динӣ дар Тоҷикистон харачу марачи сиёсӣ ва худогоҳии пасти сиёсии ҷомеи навин маҳсуб меёфтанд. Шароити иҷтимоӣ-сиёсӣ барои авҷ гирифтани экстремизми динии исломӣ заминаҳо фароҳам овард. Ба ақидаи мо, аз байни омилҳои мавҷуда қабл аз ҳама инҳоро мебояд зикр кард:

- ташвишу изтиробе, ки ҷомеаи тоҷик пас аз пош хӯрдани Иттифоқи Шӯравӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва оқибатҳои даҳшатноки онҳо аз сар гузаронид; аз даст додани ғояҳои умумимиллӣ ҳамчун меҳвари сиёсии ҷомеа, коҳиш ёфтани пояҳои давлатдорӣ ва институтҳои ҳокимият, рахна шудани сохтори ҷомеа, дигаргуншавии асосҳои ахлоқӣ, беҳокимиятӣ, беқонунӣ ва ришваситонӣ;

- якуякбора, ҳатто метавон гуфт, ҳолати садамавӣ, коҳиш ёфтани сатҳи маърифатнокии ҷавонон дар Тоҷикистон;

- дар солҳои гузаштаи баъди барҳам хӯрдани ИҶШС дар Тоҷикистон кулли насли доираи ҷаҳонбинияшон маҳдуди ҷавонписарон ва духтарон ба камол расиданд, ки онҳо ба осонӣ зери таъсири ғояҳои гурӯҳҳои экстремистӣ монданд;

-ҳамчунин маҳдуд гаштани дастрасӣ ба маълумотнокӣ, ки таҳсил дар ҳама ҷо ва мутассил пулакӣ мешавад.

- ҳамлаҳои шадид аз ҷониби марказҳо ва гурӯҳҳои экстремистӣ тавассути интишор ва паҳн кардани адабиёти экстремистӣ, таҳсили донишҷӯёни тоҷик дар кишварҳои Арабистони Саудӣ, Покистон ва ғ., бунёди масҷидҳо;

-Тоҷикистони кишварест, ки аксарияти аҳолиаш худро мусулмон мешуморанд. Маълум аст ибтидои солҳои 90- ум дар Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ сар зад, ки дар он омили дини низ фаровон истифода гардид, ҳадафи аввалини ҳуҷуми равияҳои ифротию террористӣ мусулмонони маҳаллӣ гаштанд. Бовар кардан душвор аст, Тоҷикистон дучори ҳолате гашт, ки ба муҳофизати мусулмонон исломи маҳаллӣ, исломи суннатӣ бархост. Дар шароити кунунӣ ба бехатарии Тоҷикистон асосан гурӯҳҳои хурди экстремизми сиёсии исломӣ таҳдид менамоянд; онҳо мехоҳанд, ки ҷонибдорон ва пайравонашонро аз ҳисоби аҳолии минтақаҳои мухталифи Тоҷикистон ҷалб намоянд. Экстремизми динӣ сарварони сиёсӣ ва диндорони суннатиро дар Тоҷикистон таҳдиди миқёси кайҳонӣ мешуморанд ва ба ҳоли онҳое хандахариш мекунанд, ки барои ҳалли масъалаҳо сабру таҳаммул ва муносибатҳои сулҳхоҳонаро пешниҳод менамоянд.

Фарқияти субминтақавии то аввалҳои солҳои 90-уми асри гузашта ҳизбҳо ва ҳаракатҳои мухолифин асоси қуввахоеро ташкил доданд, ки табақаҳои иҷтимоӣ ва гурӯҳҳои майдаи минтақаҳои алоҳидаро ифода мекарданд. Буҳрони сохторӣ, ки дар он ҷомеаи тоҷик қарор дошт, ба паҳн гаштани экстремизми динӣ дар кишвари мо такон медиҳаду бас. Равандҳои модернизатсионӣ ва шаҳрикунонӣ ба зуҳуроти экстремизми динӣ таъсири муайян мерасонанд.

Равандҳои модернизатсионӣ ва шаҳрикунонӣ ҳамчунин ба ҳолатҳои мазҳабӣ низ бетаъсир наемонанд. Ҳукмфармоии ғояҳо дар хусуси он, ки тағйироти куллии системаи мавҷуда танҳо барои доираи хурди муайяни иҷтимоӣ имконпазир буда, барои ташкили заминаҳои кофии муборизаи миқёсан васеи сиёсӣ имкон намедиҳад, ногузир дар дасти шахсиятҳои мазкури раванди сиёсӣ фақат усулҳои экстремистиию ғайриқонунии муборизаро боқӣ мегузорад. Аммо ин ақидаи бофтаи маҳз аст, чунки дар ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгӯзори барои ҳама шароити баробару адолатноки фаъолияти сиёсиро пешбинӣ кардааст. Танҳо душманони миллати тоҷик баҳона пеш меоранд, ки фаъолияти сиёсии мо маҳдуд шудааст, аммо дар онҳо бояд аз беҳунарию бемасъулиятии худ ранҷанд.

Эътирофи ғайриимконпазир будани иштироки воқеӣ ва самараноки табақаҳои маргиналию бебизоати аҳолӣ, дар он хусус, ки фарёди онҳо наметавонад ба раванди асосии сиёсӣ дар сатҳи давлатдорӣ таъсир расонад, тарғиботи мақсаднок ё ғайриихтиёрии бераҳмӣ ва зӯроварӣ аз ҷониби ВАО, самаранокии усулҳои ҳалли маҷбурии проблемаҳои шахсӣ, қавмӣ-гурӯҳӣ ё ҷомеаӣ раванди ифроти шудани тафаккуро боз ҳам метезонанд. Радикализм (максимализм) яке аз тарҳҳои афзалиятнок ва хусусияти хоси психологияи ҷавонон мебошад. Якҷояшавии се гурӯҳи омилҳо имкон медиҳад, ки рушди экстремизми намуди маъмулӣ ва самтҳои террористии он дар ҷомеа пешгӯӣ карда шавад.

§2.3. ВОҚЕИЯТИ ҲАЁТИ ДИНИИ ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИК ВА УСУЛҲОИ ПЕШГИРИИ ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ

Экстремизм ва терроризм аз ҷумлаи хатарҳои торафт вусъатёбандаи ҷаҳони муосир буда, мубориза бар зидди онҳо ҳамеша дар сархати вазифаҳои муҳимтарини мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ қарор дорад. Дар робита ба ин, таъкид менамоям, ки нақши мақомоти прокуратура дар ташаккули заминаҳои ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти

сохтору мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ доир ба муқовимат бо экстремизм ва терроризм бисёр муҳим мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Солҳои охир барои Тоҷикистон дар баробари давраи дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба шумор рафтан, ҳамчунин давраи тағйироти муҳим дар вазъияти динии ҷомеа тавсиф мешавад. Аз ҷумла, ҳаракатҳои нави динӣ, ки дар заминаи ҳам анъанаҳои қадимӣ ва ҳам тамоюлоти хеле дури ҷуғрофию фарҳангӣ пайдо шудаанд, имрӯз аз худ дарак додаанд. Баъди аз ҳам пош хӯрдани ИҶШС дар Руссия ва Тоҷикистон як қатор корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, диссертатсияҳо, монографияҳо пайдо шуданд, ки дар онҳо раванди эҳёи динӣ дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравии Осиёи Марказӣ мавриди тадқиқот қарор гирифтаанд. Аммо, мутаассифона, дар байни ин корҳои илмӣ ақидаи ягона оид ба раванди аз нав эҳёшавии динӣ дар ин ҷумҳуриҳо вуҷуд надорад.

Воқеаҳои ҷаҳон собит месозанд, ки дар шароити кунунӣ равияи нисбатан хавфнок барои Тоҷикистон равияи динӣ – мазҳабӣ ва ифротии ваҳҳобия маҳсуб меёбад. Ба фикри муҳаққиқон дар Тоҷикистон исломи анъанавӣ зери омилҳои дигар ҳар чи бештар тамоюли радикали касб карда истодааст. Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳо ва интишороти худ борҳо хатари радикализатсияи исломӣ ва оқибатҳои онро барои ҳаёти осоиштаи ҷомеаи тоҷик таъкид намудааст. Ба ақидаи ӯ фаъолияти сарварони хориҷии динӣ, ки ба ҷудоиандозии байни мазҳабҳо аз рӯйи омилҳои мухталифи иҷтимоӣ- сиёсӣ равона карда шудааст, вусъат мегирад ва ин зуҳурот барои вазъияти динии имрӯзаи Тоҷикистон хеле хавфнок аст[156].

Раванди ба Тоҷикистон роҳ ёфтани ташкилотҳои динӣ-экстремистиро, ба фикри мо, ба ду давра тақсим кардан мумкин аст: давраи аввал солҳои 1980- 2000- ум ва давраи дуюм аз соли 2000-ум то имрӯзро фаро мегирад. Ҳамчунин муҳаққиқон собит месозанд, ки дар кишварҳои ИДМ зиёда аз 10

[156] Эмомали Рахмон. Чумхурият. 21.04.2011 № 56.

ҳаракати динӣ-сиёсӣ амал мекунанд, ки фаъолияти худро дар зери шиори ислом ба роҳ мондаанд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Эҳёи миллӣ» нуқтаи психологии ба дастоварию мустаҳкамнамоии истиқлолияти миллӣ ба ҳисоб меравад. Эҳёи миллӣ ба давраи барҳам хурдани сохти шӯравӣ рост омада, боиси Эҳё гаштани арзишҳои миллӣ гашт, ҳамзамон раванди ба дастоварии Эҳёи миллӣ боиси сар задании оташи ихтилофот байни минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон гардид, ки дар он омили исломӣ аз тарафи гурӯҳҳои манфиатдор барои ғаразҳои сиёсӣ моҳирона истифода гардид. Дар натиҷа ба фарҳанг, иқтисодиёт ва ҳамзистии миллати тоҷик зарари ҷуброннашаванда расонида шуд. Мафҳуми «Эҳёи миллӣ» дар барномаҳои ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва гурӯҳҳои ғайрирасмӣ бо даҳҳо забон садо медиҳад. Дар доираи дини Ислом асоси фарҳангии бедории миллӣ ин пеш аз Эҳёи дини ислом маънидод карда мешавад.

Маҳз ба истиқлолияти миллӣ ноил гаштани Тоҷикистон, аз байн рафтани назорати давлатии дин таваҷҷуҳи хосаи оммаи халқро ба дини худ, ба таърихи гузаштаи исломӣ баланд бардошт. Аз ин рӯ, як қатор ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ давраи охири асри XX –ро ҳамчун давраи аз нав Эҳё гаштани дини Ислом ва арзишҳои дини комилан асоснок арзёбӣ менамоянд. Ба ақидаи олими маҳшури америкоӣ С. Хантингтон, «асри XX дар саросари ҷаҳон давраи эҳёи дин ба ҳисоб рафта, одамон ба дин ба хотири таскини дилҳо, шарики дарду ғами ҳамдигар шудан муроҷиат менамоянд»[157]. Ин ақидаро муҳаққиқи тоҷик профессор Ш. Шоисматуллоев ҷонибдорӣ мекунад. Ба фикри ӯ «сатҳи диндорӣ дар байни аҳолии кишвар дар солҳои истиқлолият афзуд. Тамоюли мазкур инъикоси дигаргуниҳои ба амаломада дар ҷомеа ба шумор меравад: аз яккаҳукмронии сиёсӣ ва маънавии як ҳизб мо ба демократия ва бисёрҳизбӣ гузаштем. Аз нав бавуҷудоии доманадори

[157] С .Хантингтон. Кто мы? Вызовы американской национальной идентичности: М.: «Транзиткниг», 2004-С.40.

марказҳои динӣ ба вуқӯъ пайваст»[158]. Чунин тамоюл ҳамчунин ба дигар кишварҳои пасошӯравӣ хос аст.

Масалан, маълумот оид ба омӯзиши афкори омма, ки аз ҷониби сотсиологҳои Руссия гузаронида шуд, нишон медиҳад, ки Эҳёи арзишҳои динӣ ба як қатор минтақаҳои мусулмоннишини Руссия низ хос аст. Дар палатаи ҷомеаии Федератсияи Руссия бозпурсӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои миллӣ дар ҳаёти ҷомеаӣ-сиёсии Руссия» доир гардид, ки дар он далелҳои мазкур ошкор карда шуданд. Дар асоси пурсиши сотсиологии аз ҷониби агентии технологияи иҷтимоии «Ролитех» гузаронидашуда зикр карда шудааст: «Дар аксар ҷумҳуриҳое, ки дар онҳо исломи суннатӣ паҳн гаштааст, ба ҷонибдории ҳизби исломӣ шояд қариб нисфи интихобкунандагон (аз 44% то 49%), дар Чеченистон ва Ингушистон бошад, шояд аксари сокинони ин ҷумҳуриҳо овоз медоданд. Дар ҷумҳуриҳои Поволже – дар Тотористон шояд ҳизби исломиро 44%, дар Бошқирдистон бошад, 49% намояндагони миллати соҳибзабон ҷонибдорӣ менамуданд. Дар маҷмӯъ, дар ҷумҳуриҳои Поволже, ки на ҳамаи онҳо мусулмонанд, ҳизби исломӣ 34%-и овозҳои миллатҳои соҳибзабони маҳаллиро соҳиб мешуд. Экспрети Маркази тадқиқоти исломии Қафқози Шимолӣ оид ба исломи динӣ- сиёсӣ Р. Гереев чунин натиҷагирӣ менамояд, «мониторинги доираи ҷавонони Доғистон нишон медиҳад, ки зиёда аз 42%-и пурсидашудагон мехоҳанд, қонунҳои шариат дар ҷумҳуриҳои алоҳида аз рӯйи намунаи кишварҳои пешрафтаи Шарқи Наздик ё Индонезия ҷорӣ карда шавад». Аз соли 2010 то соли 2011 шумораи ҷонибдорони расман ҷорӣ кардани шариат дар байни ҷавонони доғистонӣ аз 36 то 42%афзуд[159].

Чуноне ки пурсишҳои сотсиологӣ нишон медиҳанд, аз нав ба вуҷудоии Эҳёи арзишҳои динӣ, ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ- сиёсӣ, тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ, ва Қафқозро фаро мегирад.

---

[158] Шоисматуллоев Ш. Баъзе натиҷаҳои тахлили вазъи динӣ дар Тоҷикистон//Ахбори академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. №2. Душанбе, 2011-С.51-52.

[159] В. Мальцев. Российские мусульмане – за исламские партии Религиозный ренессанс в регионах обернулся ростом влияния шариата. Независимая Газета – Религия (дата обращение к сайту 14.06.2014)

Маълумотҳои сотсиологҳои амрикоӣ ва сотсиологҳои Руссия моҳиятан аз ҳам фарқ мекунанд. Пажуҳишгоҳи машҳур бо номи Pew Research Center дар сомонаи худ мақолаи ҳаҷман калони тадқиқотиро бахшида ба пайравони дини ислом дар ҷаҳон нашр намудааст. Яке аз бахшҳои ин мақола ба муносибатҳои мусулмонон дар кишварҳои мухталиф оид ба қабули муқаррароти шариат (ҳуқуқҳои динии ислом) ба ҳайси қонунҳои расмӣ бахшида шудааст. «Дастгирии қабули шариат баҳайси қонунгузориҳои расмӣ дар тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ хеле суст аст. Дар Озарбойҷон ин рақам 8%, Туркия 12%, Қазоқистон 10%, Тоҷикистон 27%, дар Қирғизистон 35%-ро ташкил медиҳад. Сотсиологҳои амрикоӣ зикр менамоянд, ки «дастгири шариат ба ҳайси қонуни кишвар аз ҳама бештар дар Руссия (42%), дар ҷумҳуриҳои аҳолиашон мусулмон ба мушоҳида мерасад[160].

Барои аз Эҳёи ислом дар бозори имрӯзаи динӣ ва ба он додани тобишҳои нав, аъзоёни Ҳаракати ифротию террористии Назҳати Исломии Тоҷикистон ва онҳое саҳми бузург гузоштанд, ки ба ин ҳизб ҳусни таваҷҷӯҳ доштанд, аммо ба узвияти он шомил нагаштаанд. Ин раванд баъди ба имзо расидани созишномаи Сулҳ байни собиқ мухолифин ва ҳукумати Тоҷикистон ва баъди ба қайдгирии ин Ҳизб хеле авҷ гирифт. Аммо воқеъаҳои солҳои наздик нишон дод, ки ин Ҳизби ифроти террористӣ мақсадҳои нопок дошта мехостааст, ки ба воситаи табаддулот ҳокимиятро дар Тоҷикистон иваз намуда ба он хусусияти дини бахшанд. Хурсандона тири онҳо хок хурда аксари идеологону саркардагони онҳо пушти панҷара нишастанд то, ки ба гуноҳояшон назди мардум ҷавоб гардонанд. Инчунин дар Эҳёи арзишҳои дини ва тафаккури динӣ нақши уламоҳҳои бонуфузи динӣ низ хеле назарас аст, чунки онҳо дар байни аҳолии Тоҷикистон обрӯю нуфузи баланд доранд ва ин обрӯю нуфузро барои ҳарчи зиёд кардани пайравонашон истифода намуданд. Ибтидои солҳои 2000 – ум вазъияти ба миён омад, ки уламоҳои динӣ тамоми фазои динии ҷумҳуриро забт карда гирифта байни ҳам

[160] В. Мальцев. Российские мусульмане – за исламские партии Религиозный ренессанс в регионах обернулся ростом влияния шариата. Независимая Газета – Религия (дата обращение к сайту 14.06.2014)

рақобатҳои шадид доштанд. Ҳатто кор то ҷое расида буд, ки мардум назар ба мақомотҳои расмии давлатии танзимкунандаи соҳаи дин ба монанди кумитаи дин, маркази исломшиносӣ ва муфтиёт ба уламоҳои дини зиёдтар пайрави карда, сиёсати динии ин мақомотҳоро сарфи назар менамуданд. Бо кушишҳои сохторҳои дахлдор ин соҳа ва иштиҳои бесарҳади уламоҳои анъанавӣ ба танзим дароварда шуд. Ба фикри мо агар ин соҳа ба танзим дароварда намешуд, вазъияти дини ҷумҳурӣ ба зиддиятҳои зиёд мувоҷеҳ мегашт.

Дар хусуси он, ки барои эҳёи ислом дар Тоҷикистон хизмати муайян ба ҳаракати ифротию террористии ҲНИ мансуб аст, муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ бисёр навиштаанд. Аммо чи тавре, ки дар боло зикр кардем ин ҳаракати ифротию террористӣ дар Эҳёи арзишҳои дини нақши дуруя дошта, мақсади асосиаш ба воситаи идеологияи ба дастовардани ҳокимият будааст. Бояд қайд намоем, ки Эҳёи ислом ва арзишҳои дини дар Тоҷикистон раванди аллакай ташаккулёфта ба шумор меравад.

Сатҳи диндорӣ дар Тоҷикистон хеле баланд аст. Ҳатто дар замони мавҷудияти ИҶШС сатҳи диндории аҳолии Ҷумҳурии Сотсиалистии Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ хеле баланд буд. Фаъолияти ифротию террористии ҲНИ боис гашт, ки аз тарафи Прократураи генерали ҳамчун ҳизби террористӣ эълон гашта фаъолияташ Тоҷикистон мамнуъ карда шавад. Дар баробари ин, агарчанде 99%-и аҳолӣ мусулмонанд, фақат теъдоди ками онҳо қоидаву талаботи Ҳизби ифротию террористии ҲНИ ва исломиёнро ва дар он хусус мепазиранд, ки эътиқод ҷузъи асосии худшиносии онҳо ва ислом барои ҳамаи ҷанбаъҳои ҳаёт, бо дарназардошти сиёсат, бояд воҷиб бошад.

Мавриди зикр аст, ки ҳамаи аҳолии сертабақаи тоҷикон дар маҷмӯъ аксарият худро мусулмон мешуморанд, агарчанде на ҳамагон ҳамарӯза намози панҷвақтаро адо мекунанд; ҳизбҳои исломиву ғайрисиломӣ, ҷараёнҳои рост ва чап, асосиатсияҳои мухталиф, аққалиятҳои динӣ бошанд, аз боварӣ ба ислом дида, қабл аз ҳама эътимоду эътиқоди миллияшонро

медоранд, эътирози исломиёнро ба сарварии динӣ ва афзалиятнокии ахлоқиашон онҳо на фақат намепазиранд, ҳатто инкор мекунанд, бар замми ин, сарварони ҳаракатҳои динӣ аз масъалаҳои сирф дини дида зиёдтар ба масъалаҳои сиёсӣ даст мезананд ва ба ин минвол обруй ва эътимоди миллату халқро аз даст доданд. Чи тавре, ки имрӯзҳо дар фаъолияти зидди давлати ва зидди инсонии ҳаракати ифротию террористии ҳизби наҳзат мушоҳида менамоем.

Муҳаққиқи рус Т. С. Саидбоев он ақидаро инкор мекунад, ки дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ аз нав эҳёшавии арзишҳои исломӣ сурат мегирад. Аз нуқтаи назари ӯ ягон хел таркиши динӣ ё Эҳёи дини ба вуқӯъ напайвастааст, балки он ҳаёти динӣ, ки пештар буд, ба ҳукми қонун дароварда шуд[161]. Муҳаққиқи америкоӣ А. Халид дар ин хусус ақидаи дигар дорад: «Вазъияти динӣ дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақа дучори мушкилоти зиёд аст ва раванди аз нав Эҳё шудани арзишҳои динию исломӣ худ аз худ ҷараён мегирад»[162].

Мо оид ба он масъала, ки дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақа раванди аз нав Эҳё шудани арзишҳои исломӣ ва шуури динӣ дар зери фишор ва маблағгузории як қатор давлатҳои исломӣ ва гурӯҳҳои динӣ-экстремистии исломӣ худ аз худ ҷараён мегирад, ҷонибдори гуфтаҳои А. Халид ҳастем. Аммо он воқеият боиси ташвишу изтироб аст, ки шуури динии бархе аз қисматҳои ҷомеа, махсусан, ҷавонон тамоюли радикалишавиро дорад, ки он дар навбати худ барои ҷомеа ва давлат хавфи ҷиддӣ пеш меорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ ягона давлатест, ки дар он ибтидои солҳои 90 – ум Ҳизби Назҳати Исломии Тоҷикистон тавонист, бо ҳукумати дунявии амалкунанда, албатта, бе мушкилот ва бе ҷангу низоъ, аҳду паймон намояд ва ба неруи қонунии сиёсӣ табдил ёбад. Аммо дар ин ҷо ба як масъала равшанӣ афкандан лозим аст: Дар Тоҷикистон мухолифини қонунии исломӣ амал мекарданд, ки дар парлумони кишвар намояндагони худро доштанд. Онҳо, аз

[161]Саидбаев Т.С. Государства Центральной Азии: поиск места в мировой политике. М: 1995-С.8-9.
[162]Халид А. Ислам после коммунизма: религия и политика в центральной Азии. М.: 2010-С.198.

рӯйи мушоҳидаҳои мо, дар байни аҳолӣ соҳиби эътимоду боварии баланд буданд, дар бораи чунин ташкилотҳои динӣ, ҳамчун ваҳҳобия, салафия ва ҳизб-ут-таҳрир бошад, ҷойи гап нест. Аммо вақт нишон дод, ки ҳаракати экстремистию террористии Ҳизби наҳзати исломӣ аз дигар ҳаракатҳои ифротию террористӣ ба монандӣ ваҳҳобия, салафия, ДИИШ ягон фарқе надоштаст. Ба ақидаи муҳаққиқи рус И. Д. Звягелскй, ҳаракати экстремистию террористии Ҳизби наҳзати исломӣ натавонист нуфузи худро комилан ҳифз намояд; насли нисбатан ҷавони бетаҳаммул, амалан даҳшати даврааи ҷанги шаҳрвандиро надида, ки омодаанд, барои ҳақиқат ба муборизаҳои нисбатан қатъӣ бархезанд, метавонанд захираҳои иловагии равияи экстремистиро пурра гардонанд. Ташкилотҳои ғайримаъмули динӣ-сиёсӣ ғояҳои ифротгароӣ- экстремистии худро ба ошкоро алайҳи роҳбарони ҳукумати Тоҷикистон нидо баланд карданд[163].

Пас аз ҳукмронии тӯлонии сиёсати динии шӯравӣ нисбати равияҳою мазҳабҳои динӣ, айни замон ислом даврааи рушди маънавии худро аз сар мегузаронад; сохтмон ва фаъолияти масҷидҳо, мадрасаҳо, муассисаҳои фарҳангӣ- иҷтимоии исломӣ хеле рӯ ба афзоиш ниҳоданд. Аммо ин раванди Эҳёи динӣ бо душворӣ раҳ паймуда, дар баъзе ҳолатҳо бо хусусиятҳои зуҳуроти сиёсӣ омезиш ёфтаву ҷигил мегардад. Ислом аз ҷониби ҳаракатҳои мухталиф барои тарғиботи ғояҳо ва меъёрҳои рафтор, ки на бо таълимоти аслии он ва на бо суннатҳои дар байни аҳолӣ мавҷуда робитае надоранд, ҳамчунин, баъзан, барои рупӯш гардонидани мақсадҳои ошкоро вайронкорӣ, миллатгароӣ ва сепарастияшон истифода бурда мешавад.

Ба ақидаи муҳаққиқи рус Г. А. Рудов, аз ҳам пош хӯрдани ИҶШС барои сар боло кардани ҳаракатҳои мухталифи исломӣ роҳи васеъ кушод, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди истиқлолият якбора бо як қатор проблемаҳои муҳим, на фақат дар соҳаҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ, балки ҳамчунин ғоявӣ низ рӯ ба рӯ гашт. Амалан кишвари мо якбора ба майдони ҷангу ошӯбҳо табдил

[163]Звягельская И.Д. Становление государства Центральной Азии: Политические процессы. М.:Аспект Пресс, 2009-С.85.

ёфт, ки дар онҳо ислом симои худро дар таълимоти хоси динӣ-ахлоқӣ дигаргун карда, бо тобишҳои сиёсӣ ҷилвагар шуд. Холигии фазои ғоявӣ, ки баъди барҳам хӯрдани ИҶШС дар Тоҷикистон ба амал омад, мутассил бо таълимоти ҳам мазҳабу равияҳои ифротӣ барои миллати мо ғайримаъмулӣ, ҳам равияҳои дини насронӣ- протестантӣ пур гардид. «Мутассил пур гаштани холигӣ ба ташкилотҳои мухталифи динӣ имкон дод, ки на фақат зери сояҳо (тавассути ба даст овардани маблағҳо аз ҳар ҷониб, қабл аз ҳама аз давлатҳои ҷаҳони араб) берун оянд, балки ҳамчунин онҳо тавонистанд, ба неруи муҳим дар арсаи иҷтимоӣ- сиёсии Тоҷикистон табдил ёбанд»[164]. Ақидаи муҳаққиқи рус И. Д. Звягелская чунин аст, ки «Дар ибтидои солҳои 1990-уми асри гузашта дар Осиёи Марказӣ ташкилотҳои сиёсии исломию равияҳои самти ифротгароёна дошта ба майдон омаданд, ки дар ташкили онҳо қуввахои беруна нақши бузург бозиданд»[165].

Тайи даҳсолаи охир фирқаҳои динии Ғарб дар Тоҷикистон мутассил фаъол гардиданд. Дар заминаи бад шудани вазъи иҷтимоӣ- иқтисодӣ онҳо ба татбиқи барномаҳои таблиғотии худ тавсеа бахшиданд. Бо ном динҳои нав аз Ғарб ворид шуда, аз ҷониби сарпарастони худ хеле хуб бо маблағҳо таъмин гашта, хеле хуб мавриди истифода қарор мегиранд. Гурӯҳе аз мазҳабҳои насронӣ корҳои таблиғотиро фаъолона пеш бурда, гурӯҳи дигар дар зери ниқоби ташкилотҳои хайрхоҳи ғайридавлатӣ амал менамоянд. Аксар тариқатҳои амрикоӣ, масалан, худро ҳамчун татбиқгарони тимсоли ҳаёти амрикоӣ тарғиб мекунанд. Онҳо тавассути корҳои маърифатию таблиғоти ба аҳолӣ кумакҳои моддӣ мерасонанд ва ҳамин тариқ, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ба ҷонибдории худ ҷавонони Тоҷикистонро ҷалб намоянд. Урфу одатҳои маҳаллиро напазируфтани мазҳабҳои насронӣ аз як ҷиҳат ҳаракатҳои нави исломиро ба хотир меоранд. Агарчанде мазҳабҳои насронӣ дорои захираҳои дигари фарҳангиянд, бо вуҷуди ин, онҳо дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои

[164]Россия–Центральная Азия радикальный ислам.-М.: Восток-Запад, 2009-С.41.
[165]Звягельская И.Д. Становление государства Центральной Азии: политические процессы. М.: Аспект Пресс, 2009-С.80.

Осиёи Марказӣ муваффақиятҳои муайян ба даст овардаанд. Насрониён тимсоли ҳаёти ғарбиро пешниҳод менамоянд, ғасби фарҳангӣ мегузаронанд, ки ҳолатҳои мазкур, ба ақидаи мо, ба оқибатҳои ногувор расонида, ба худшиносии фарҳангӣ ва мазҳабӣ дар миёни аҳолии Тоҷикистон рахна ворид месозад.

Аз гуфтаҳои боло хулоса бароварда, гуфтан мумкин аст, ки ташкилотҳои динии насронии Ғарб вазъи диндориро дар ҷомеаи мо тезу тунд мегардонанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми асосии аҳолӣ исломро парастиш ва пайравӣ мекунанд, аз ин рӯ, дар назди мо проблемаи ошкор ва нишон додани ҷанбаъҳои таҳрибкории равияҳои динӣ - экстремистӣ, ки дар ҷаҳони ислом густариш ёфтаанд, кундаланг меистад. «Бо сабаби тағйироти вазъи геополитикӣ ва иҷтимоӣ - сиёсӣ ин тамоюлот дар Тоҷикистон солҳои 80-уми асри гузашта ба амал омад, ки сукути муайян дар Раёсати динии мусулмононро ифода менамоянд. Дар Осиёи Марказӣ ва Қафқози Шимолӣ гурӯҳҳои ифротии ғайрианъанавии динӣ фаъол гардиданд, ки онҳо дар таҳаввулоти Ислом дар ин минтақа нақши муайян мебозанд.

Ба гурӯҳҳои калонтарин ва фаъолона амалкунандаи экстремистии исломӣ ташкилотҳои «Ҳизб-ут-таҳрир», «Салафия», «Таблиғи ҷамоат», «Ансоруллоҳ», «Ал-байт» мансубанд. Сарварон ва идеологҳои ин ташкилоту гурӯҳҳои экстремистӣ ба ҳайси ҷонибдорони усулҳои зӯран ҳал намудани проблемаҳои сиёсӣ баромад мекунанд. Онҳо, дар муқоиса бо назариётчиёни қаноти «муътадил»-и исломиҳо, мутлақо роҳи мусаллаҳонаи бунёди «давлати исломӣ»-ро эътироф менамоянд. Ғояҳои онҳо хусусияти таҳрибкорӣ дошта, барояшон танҳо идеология ва эътиқоде вуҷуд доранд, ки ба нуқтаи назари қисми асосии аҳолии Тоҷикистон муқобил меистад. Яъне, роҳи интихобнамудаи аксари аҳолии кишвари мо роҳи мутамаддини рушд ба шумор меравад, ки дар шароити имрӯза ин роҳро исломии анъанавии мазҳаби ҳанафӣ интихоб кардааст.

Ба Тоҷикистон роҳ ёфтани ташкилотҳои мухталифи динӣ-экстремистӣ таърихи куҳан дорад. Муҳаққиқи тоҷик Д. Назиров собит месозад, ки «дар

Осиёи Марказӣ умуман ягон ҳаракати калони ғоявӣ, ба расмият шинохташудаи динӣ ва динӣ-сиёсӣ, ҳамчун «Ваҳҳобия» дар Арабистони Саудӣ, «Бобиён» ва «Баҳоиён» дар Эрон, «Аҳмадия» ва «Қодирия» дар Ҳиндустон, «Маҳдиён» дар Судон мавҷуд набуд»[166]. Бо дарназардошти ҳамин, муҳаққиқ ба чунин хулоса меояд, ки экстремизми динӣ- исломӣ бо идеологияи исломизм дар Тоҷикистон дар ниммаи солҳои 80-уми асри гузашта ба вуҷуд омад.

Дар ин хусус мо нуқтаи назари дигаре дорем. Мо чунин мешуморем, ки ба Осиёи Марказӣ ваҳҳобия дар оғози асрҳои XIX-XX тавассути Ҳиндустон ворид гаштанд. Онҳо дар Ҳиндустон аз ҷониби англисҳо, ки мехостанд дар байни мусулмонони ҳинду ҷудоӣ андозанд, тарбия ва маблағгӯзорӣ карда мешуданд. Муҳаққиқон ва олимон дар асоси омӯзиши ҳамаҷонибаи асосҳои ақидаҳои ваҳҳобия ба хулосае омаданд, ки ин равия ба ягонагии Ҳиндустон ва ҳамаи давлатҳои бо он ҳамсоя хавфи ҷиддӣ пеш меорад. Дар бораи тариқати мазкур ҳамчунин китобҳои зиёди танқидӣ ва раддияи танқидҳо нисбат ба унвони онҳо ба табъ расидаанд, ки дар онҳо ҳамаи иштибоҳҳо ва таҳрифоти ваҳҳобия ошкор карда шудаанд.

Абдулло ал-Бухорӣ, раиси ҷомеаи уламои аҳл ас-суна ва-л ҷамоат дар мусоҳибаи худ барои рӯзномаи «Манор-ал-ҳуда» изҳор дошт, ки «дар кишварҳои мусулмонӣ мазҳаби ғайритабиӣ пайдо шудааст, ки пайравони он худро «салафиён» ном мебаранд, дар асл бошад, онҳо аз салафӣ фарсахҳо дуранд, вагарна худро бо мусулмонон муқобил намегузоштанд. Ин одамон изҳор медоранд, ки омадаанд, то ки ислом ва мусулмононро аз бидъат, таъзим кардан ба қабристонҳо раҳо карда, ба роҳи Аллоҳ ҳидоят намоянд. Аммо гап дар сари он аст, ки худи онҳо дар дилҳои мусулмонон исён меандозанд… Мо ӯҳдадорем, ки бар зидди ин низоъандозӣ бархоста, нагузорем, ки доман паҳн кунад»[167].

---

[166] Назиров Д. Религиозно-политический экстремизм и терроризм в Центральной Азии. Душанбе, 2007-С.39.

[167]Манар аль-худа. Август. 1997.№ 57.

Олимон ва ходимони бонуфузи дин дар Тоҷикистон зикр менамоянд, ки гурӯҳи динӣ-экстремистии «Салафия» ба сафи пайравони се насли ҷомеаи исломӣ шомил нестанд. Яъне инҳо ҳеҷгуна пайрави «Салафи Солеҳ» ва аҳли Салаф нестанд. Ин гӯруҳи маккор ингуна сухан ва даъворо дар байни мардум матраҳ месозанд, ки мо пайрави «Салафи Солеҳ» ва аҳли салаф ва бузургони гузашта ҳастем, то ин ки мардум, ба хусус ҷавонон ба онҳо бовар карда, пайравии онҳоро кунанд. Ҳақиқатан назар кунем пайравони ин гуруҳи «Салафӣ» бештар ҷавонон ҳастанд. Чунки ҷавонон аз дин ва мазҳаб бобёну падарони худ ҳақиқатан бехабар мондаанд. Зеро эшон аз дин ва мазҳаб ва таърихи ислом огоҳии пурра надоранд ва дар ин замина намедонанд, ки Салафи солеҳ киҳо ҳастанд ва дар кадом аср онҳо зиндагӣ намуданд ва кадом асрҳоро ҳазрати Муҳаммад (с.а.с.) Салафи солеҳ номида буд. Аз ҳамин сабаб фиребхурдатарин ашхоси ҷомеа ҷавонон ҳастанд. Рафтор ва кирдорҳои нопоки салафиҳо дар ягон китобҳои бузургон дида намешавад. Хулосаи сухан ин, ки бузургони гузашта хайрхоҳ буданд ва мусулмононро ба ибодату парҳезкорӣ, ба сулҳ ва муттаҳидӣ, бародарию дустӣ ва хидмат ба як дигар даъват менамуданд. Ва худ бузургоне гузашта номус ва обруи мусулмонӣ ва мусулмононро муҳофизат мекарданд.

Ҳаракати ифротию террористии «Давлатӣ исломӣ» мусалаҳ бо идеология ифротию ваҳҳобия ва салафия яке вайронкунандагонии асосии кишварҳои якваҳтҳо обод ва аз нигоҳи иҷтимоӣ – иқтисодӣ инкишофёфтаи Сурия ва Ироқ мебошанд. Асосгузори он Аз-Заркавӣ яке аз исломиёни ифротӣ буда, ғояҳои салафия ва ваҳҳобияро дар тамоми минтақаҳои исломӣ ва як қатор давлатҳои ғайрисиломии Осиё ва Аврупо паҳн мекунанд. Дар масҷиди Ал-Ҳусайни Уммон Аз –Заркавӣ бори нахуст барои худ салафизмро кашф намуд –таълимоте, ки дар шакли муосири худ покии Исломи ноб ва суннатҳои пайомбар Муҳаммадро тарғиб менамояд. Ваҳҳобиён чунин мешуморанд, ки демократияи Ғарб ва хусусиятҳои имрӯзаи ҷомеа на фақат муътақидан бо ислом мувофиқ нестанд, балки тамаддуни арабро, ки баъди ҷанги Якуми Ҷаҳон дар зери таъсири тартиботи ғайриқонунӣ ва «хоинона»-и

ҳукуматдорони Миср, Урдун ва Сурия ба ҳолати рукут афтода буд, заҳрогин мекунанд.

Ваҳҳобиён ва салафиёни нисбатан ифротӣ худро муътақидони ҷиҳод эълон доштаанд, ки мафҳуми ҷангу муборизаро ифода карда, тобишҳои зиёди маънавӣ дорад. Аммо баъди он, ки дар соли 1979 СССР вориди Афғонистон шуд, маънои асосии ҷиҳоди салафиён муборизаи мусаллаҳонаро дар бар гирифт. Салафиён асосан аз ҷониби хадамоти махсуси Ғарб, бахусус раёсати ҷосусии ИМА, ки онҳоро дар қароргоҳҳо (лагерҳо) таълим дода, бо силоҳ таъмин менамуданд, дастгирӣ меёфтанд.

Қариб 3000 «арабҳои афғон» аз имтиҳоноти ҳамин маркази таълимӣ гузаштаанд, ки дар он ҷо барояшон таом, пул ва хун медоданд, ҳамчунин ба онҳо кӯмак мерасониданд, ки ба минтақаҳои сарҳадии кишварҳои Шимолу Ғарб гузаранд. Тавассути «Мактаби ал-ҳадамот» ҳамчунин миллионҳо доллари амрикоӣ дастрас гардонида шудаанд ва миқдори зиёди ин маблағҳоро Бини Лодан ва Аззам, як қисми дигарро ҳукумати Арабистони Саудӣ, ки бо вай Бини Лодан робитаи зич дошт, таъмин мекарданд. Ва маҳз дар ҳамин ҷо шумораи зиёди террористони машҳури байналмилалӣ бо ҳам алоқаҳои барояшон судманд барқарор намудаанд.

Дар шароити кунунӣ ҳаракатҳои динӣ-экстремистӣ қабл аз ҳама дар ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон паҳн гаштаанд. Роҳи дигаре, ки тавассути он пайравони ҳаракати ифротии ваҳҳобия ба Осиёи Марказӣ ворид мешуданд, ин зиёрати ҳаҷ ва ҷойҳои муқаддаси дини ислом аз қабили Макка ва Мадина мебошад. Дар давраи шӯравӣ ваҳҳобия бори нахуст ба ҳудуди Тоҷикистон дар охирҳои солҳои 70-уми асри гузашта роҳ ёфтанд. Аммо дар он давра онҳо аз ҷониби аҳолӣ дастгирии комил наёфтанд, мақомоти давлатӣ бошанд, тавонистанд, ки фаъолияти тарғибгарони ин равияро пешгирӣ намоянд. Дар ин хусус муҳаққиқ А. Рашид ақидаи дигар дорад. Вай собит месозад, ки «бори аввал ваҳҳобия дар Осиёи Марказӣ дар соли 1912, вақте ки зодаи шаҳри Мадина Сайёд Шари Муҳаммад аввалин ташкилоти хурди (ячейкаи) ваҳҳобияро дар шаҳрҳои Тошканд ва Фарғонаи Ҷумҳурии

Ӯзбекистон ташкил намуд, пайдо шуданд. Аз ҳамин ҷойҳо ва аз Ҳиндустон таълимоти мазкур ба Тоҷикистон роҳ ёфт, ки пеш аз ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон теъдоди пайравони ин равия хеле кам буд»[168]. Аммо дар шароити имрӯза ваҳҳобия бо сабабҳои мухталиф – омилҳои иҷтимоию геополитикӣ хеле фаъол гардида, ҷонибдорони худро зиёд намудаанд. Ин аст ҳақиқати воқеӣ оид ба равияи экстремистии ваҳҳобия.

Дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар бораи ваҳҳобия дар оғози бозсозиҳо, вақте иттилоъ дарёфтанд, ки таблиғгарон аз кишварҳои араб ба Тоҷикистон роҳ ёфта, барои ҷавонони Тоҷикистон имкон пайдо шуд, ки дар муассисаҳои таълимии давлатҳои исломии хориҷа сабақ омӯзанд.

Ваҳҳобия бахусус дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта, дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ошкоро аз худ дарак доданд. Дар он давра онҳо фаъолияти худро дар тамоми ҷумҳуриҳои Осиёи Марказии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ фаъол гардониданд. Назар ба маълумоти Абдулло ал-Кахтонӣ «… маҳз ваҳҳобиён ба бесарусомониҳо, сар задани ҷангҳои шаҳрвандӣ дар ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС боис гаштанд»[169].

Ваҳҳобия – ин ҳаракати динии исломист, ки барои паҳн кардани ғояҳои худ дар саросари ҷаҳони исломӣ даъво мекунанд. Ваҳҳобия равияи аз ҳама ифротгарои мазҳаби суннӣ-ҳанбалӣ ба шумор меравад. Ин равия дар асри 18 дар нимҷазираи Араб бо кумаки мустамликадорони англис пайдо шуд. Арабистони Саудӣ маркази асосии таълимоти ваҳҳобия мебошад; ваҳҳобия равияи экстремистӣ ва бидъат аст, ки саромади экстремизми муосири динӣ маҳсуб меёбад. Ваҳҳобия даъво мекунанд, ки шакли мавҷудаи ислом дар Тоҷикистон дурӯғ буда, фақат таълимоти онҳо, ҳамчун гарави иҷрои бечунучарои амру супоришҳои сарваронашон, дар дараҷаи охирин ҳақ аст.

Аммо муҳаққиқ М. Воҳидов дар мақолаи худ, ки ба таҳлили ғояҳои экстремистии ваҳҳобия бахшида шудааст, зикр мекунад, ки: «ваҳҳобия аз

[168]Рашид А. Талибан, Ислам нефть и новая Большая игра в Центральной Азии. М.; Библион- русская книга, 2003-С.121.
[169]Абдулла Аль-Кахтани. Кто они неохариджиты ваххабиты – «салафиты»? 2-е издание.– Казань: 2009. – С.430.

охирҳои асри XVIII кӯшиш менамоянд, мавқеи исломи анъанавӣ ва таҳамулпазиро танг карда, ҷойи ӯро ишғол намоянд. Аммо содалавҳӣ ва бетақвогии ваҳҳобия амалан фақат ба таъсиси «шоҳигарӣ»-и қабилавии рукут, ки ба маҳдуд гардонидани озодии инсон ва ба эътибор нагирифтани порсоӣ асос ёфтааст, бурда мерасонад. Чунин ақидаҳо ба коҳиш ёфтани ахлоқ боис мегарданд. Аз чӣ бошад, ки ваҳҳобия ақидаҳои барғалати худро «яккахудоии холис» маънидод мекунанд[170].

Ба ақидаи муҳаққиқони соҳаи дин ҳаракати ваҳҳобияро, дар асл, афсарони англис маблағгузорӣ ва идора мекарданд. Чуноне ки маълум аст, вазифаи асосии геополитикии мустамликадорони англис дар он ифода меёфт, ки ба мустамликадории Усмонӣ зиёни қатъии моддӣ ва пулӣ расонида, ин империяро ба якчанд қисмат ҷудо намоянд ва дар ҷойи он якчанд давлати хурди ноустувор барпо созанд. Империяи Британияи Кабир ба мақсадаш ноил гашта, дар ҳудудҳои аз таҳти назорати империя Усмонӣ бароварда шуда якчанд давлати хурди Шарқи Наздикро ташкил намуд, ки аз нигоҳи иқтисодӣ – сиёсӣ то ҳол ноустувор мебошанд. Маълум аст, ки ҳар онҷое, ки англисҳо манфиат доштанд дар онҷо заминаҳои сар задании моҷароҳои гуногуни сиёсиро гузоштаанд.

Муҳаққиқи машҳури араб оид ба ҳаракати ваҳҳобия Абдулло ал-Кахтонӣ собит месозад, ки Муҳаммад Абдулваҳҳоб сарватманд набуд, сармояи зиёде надошт, ки сарбозони зиёди худро бо пулу таом таъмин намояд. Бо супориши ӯ сафарбаркунии иҷбории бедуинҳо гузаронида мешуд. Бо ҳозир шудани наваскарон дар лагерҳои ҳарбӣ мӯйи сари онҳоро топ-тоза тарошида, машқу тармимӣ мегузарониданд, ки ин амалҳо барои ҷомеаи арабҳои он давра ҳодисаи нав маҳсуб меёфтанд. Муҳаммад Абдулваҳҳоб, ба ақидаи муосиронаш, то ба ин дараҷа ранг гирифтани корҳояшро тасаввур намекард. Таҳлили далелҳо собит месозанд, ки ба ҳамаи ин амалҳо афсарони англис роҳбарӣ мекарданд. Якчанд нафари онҳо, ба мисли капитан Шекспир,

[170]М. Вахитов. Ваххабитский “Таухид” – это троица. https://pandia.ru/text/77/378/28634.php (рӯзи муроҷиат ба сайт 21.01.2019)

ҳатто дар вақти амалиёти ҳарбӣ кушта шуданд. Дигарон низ, ба мисли Ҷ. Филиппи ва Диксон ба ҳайси сарлашкарони моҳир шинохта мешуданд[171].

Дар нимҷазираи Араб теъдоди зиёди намояндагони (агентҳои) анлис ҷойгир буданд. Англисҳо ба ваҳҳобиёни навтавлид эътибори баланд медоданд, онҳоро бо ғамхориҳо фаро мегирифтанд, зеро медонистанд, ҳаракати мазкур барояшон имконият медиҳад, ки на танҳо ба ислом ғолиб бароянд ва онро заиф гардонанд, балки мусулмононро ба ҷангҳои байниҳамдигарӣ машғул дошта, мақсадҳо ва манфиатҳои геополитикии худро дар нимҷазираи Араб амалӣ гардонанд. Ҳадс задан мумкин аст, ки ин равияи экстремистӣ ва террористӣ то ҳол аз тарафи хадамотҳои дахлдори кашшофии ин кишвар дастгири шуда, ба воситаи он мақсадҳои сиёсӣ ва геополитикии як қатор кишварҳои манфиатдор амали карда мешаванд. Яъне пайдоиши онҳо дар фазои динии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои пасошӯравӣ тарҳи пешаки пешбини шуда буда, ба минвол мехоҳанд, ки муҳити дини – сиёсии ҷомеаи мо ва минтақаро вайрон созанд. Аммо ин тарҳои сиёсӣ вайронкунандаи ҷомеаи мо кайҳо боз дарк карда шудааст ва ҳукумати ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми қувва ва захираҳоро баҳри он равона карда истодааст, ки бехатарии сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва динии кишвари мо аз хатари паҳншавии ҳаракати экстремистӣ ва террористии ваҳҳобия ҳимоя карда шавад.

Аммо новобаста аз ин дар ибтидоии ба истиқлолият расидани Тоҷикистон ҳодисаи то ҳанӯз бо он вонахӯрдаи зуҳурот ва паҳн гаштани равияи динӣ –экстремистии ваҳҳобия ба вуқӯъ пайваст. Ин равияи дини ифротӣ расман ташкилнамудаи Арабистони Саудӣ, ки дар заминаи таъсиси давлати исломӣ, яъне давлати тундмиҷоз, омода аст, бо зӯрии силоҳҳои оташфишон идеологияи худро дар кишварҳои ҳамсоя густариш диҳад. Тоҷикистон зарари паҳн гаштани ин ҳаракати дини ифротиро дарк карда, бо он дар тамоми зинаҳо мубориза бурда истодааст.

[171]Абдулла Аль-Кахтани. Кто они неохариджиты ваххабиты – «салафиты»? 2-е издание.– Казань: 2009. – С.94.

Гуфтан мумкин аст, ки шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар ду самти ғоявӣ қудрати хешро ошкор намудааст: Аввалин баргузидаҳои арсаи сиёсии ин давлат мехоҳанд дар минтақа аввалинҳо бошанд ва дувумини онҳо ғояҳои динӣ –экстремистии ваҳҳобиён ва салафиёнро дар минтақаҳои исломии ҷаҳон паҳн менамоянд. Кишварҳои нисбатан сарватманди ин минтақа миллиардҳо доллари амрикоиро барои таъминот, омӯзиш ва тарбияи ғоявии равияҳои динӣ-экстремистӣ дар кишварҳои Шарқи Миёна ва Шарқи Наздик харҷ мекунанд. Ҳамин тавр, таҳлилгарон чунин ақида доранд, ки Арабистони Саудӣ ҳамчунон аз таъминкунандагон ва илҳомбахшони амалҳои террористӣ ва инфиҷоркунандагони Толиб дар Афғонистон аст. Вагарна чаро ба гуфтаи ин таҳлилгарон "аз ҳалқуми муллоҳои Саудӣ шунида намешавад, ки террор ва куштани зану кӯдак дар Афғонистон ҳаром аст?

Раҳбарони ин равия чунин даъвоҳо ба миён гузоштанд, ки гӯё мусулмонони кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар давлатҳои куфр-зиддиисломӣ ҳаёт ба сар мебаранд ва риояи қонунҳои ин давлатҳо гуноҳ аст. Тарғибгарони ашадии ин ҳаракати ифротӣ ба қонунҳо итоаткунандаро ба мушрикон баробар медонистанд ва даъват ба амал меоварданд, ки чунин шахсон дар навбати аввал несту нобуд карда шаванд. Онҳоро ақидае ором намегузошт, ки бояд муслимин бегуфтугӯ ба пешвои худ - амири мулк итоат намоянд.

Ваҳҳобиён таваҷҷӯҳи асосиро ба барномаҳои маърифатӣ - динӣ равона мекарданд, ки мақсади ин барномаҳо даъват ва тарбияи имомҳои ашаддӣ - радикали ва аз миёни онҳо ба майдон овардани пешвоёни диниро фаро мегирифт. Дар соли 1989 – ум садҳо нафар мусулмонони ҷавон аз Осиёи Марказӣ, Қафқози Шимолӣ ва минтақаҳои Руссия, дар доираи татбиқи барномаҳои таълимии кишварҳои арабӣ ва туркӣ оид ба эҳёи арзишҳои ислом, бо таҳсил дар мадрасаҳо фаро гирифта шуданд. Дар миёнаҳои солҳои 90-ум садҳо нафар диндорони ашаддии соҳибмаълумот ва тундгаро ба ҳайси ҷавҳари ҳаракати ваҳҳобия хатми таҳсил намуда, ба ҷойҳои зисти худ баргаштанд. Дар вақти омодагиҳо кадрҳои нави ваҳҳобиён аллакай дар

ҳудуди Тоҷикистон тайёр карда мешуданд. Таваҷҷӯҳи бештар ба ҷалби навмазҳабон аз миёни ҷавонон равона карда шуд, ки онҳо нақши нисбатан боэътимод ва ҷанговаронаи гурӯҳҳои ибтидоӣ – ҷамоатҳоро мебозиданд.

Фаъолияти экстремистии ваҳҳобиён дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта, вақте ки онҳо ҳамлаҳои террористиро барои расидан ба мақсадҳои худ мавриди истифода қарор медоданд, ба авҷи аълояш расид. Нашъунамои фаъолияти онҳо ба солҳои 1992-1997 рост меояд. Дар ин давра як қатор нуқтаҳои аҳолинишини Тоҷикистонро саркардагони гуруҳҳои экстремистӣ таҳти назорати худ гирифтанд. Аз ҳисоби амалдорон ва муҳофизони ҳифзи ҳуқуқи сатҳи миёна забон як кардани сохторҳои ваҳҳобӣ, ба муассисаҳои таълимии ҳамаи сатҳҳо ва доираи варзишгарон роҳ ёфтани онҳо ба ҳамин давра рост меояд.

Дар шароити кунунӣ ваҳҳобиён шакли фаъолияти худро дигаргун сохтаанд ва акнун худро салафиён муаррифӣ намуда, дар зери шиорҳои аз тартиботи ҷадид ва бидъат тоза кардани дин амал намуда, бо истифодаи моҳиронаи камбудию норасоиҳои сохторҳои давлатӣ ва исломи суннатӣ, бартараф намудани пайравону муҳофизони исломи анъанавии Ҳанафиасос, аз ҷумла тавассути ҷисман аз байн бурдани саркардагони онҳо дар байни омма фаъолона кор мебаранд. Яке аз вазифаҳои асосии ваҳҳобиён дар марҳилаи кунунӣ муваффақ гаштан ба он аст, ки онҳо аз ҷониби мусулмонони суннатӣ ҳамчун як шохаи бонуфуз ва боэътимоди ислом эътироф карда шаванд. Баъдан, онҳо мақсад доранд, ки дар сохторҳои ҳукуматӣ мавқеъ ишғол намоянд.

Чуноне ки муаллифи китоби «Таҳлили мактабҳои динӣ-ҳуқуқӣ дар ислом» Муҳаммад Ҳусейн Иброҳимӣ зикр менамояд, «дарвоқеъ, ваҳҳобиён – ин тариқати сиёсист, ки дар зери ниқоби динӣ ва худро мазҳаби суннӣ муаррифӣ намудан, кӯшиш менамоянд, ки садди роҳи муттаҳидии мазҳабҳои динӣ-ҳуқуқӣ гарданд, дар байни мусулмонҳо тафриқа андозанд, аз он ҷумла, ба ихтилофоти ақидавӣ дар байни мазҳабҳои асосии ислом - сунниҳо ва

шиаҳо қувват бахшида, ҳамин тариқ, ҳокимияти мустамликадориро бар миллатҳои мусулмон абадӣ гардонанд»[172].

Мо чунин мешуморем, ки сиёсати стандартҳои дугона, ки аз ҷониби баъзе давлатҳои Ғарб ва баъзе давлатҳои Шарқи Наздик гузаронида мешавад, омили фаъол гардидани равияҳои динӣ- экстремистӣ, аз ҷумла, ҳаракати аз ҳама хавфнок – ваҳҳобия дар байни ҷараёнҳои динӣ-экстремистӣ мегардад. Экстремизми динӣ дар ҳамаи шаклҳои зуҳуроти он барои тамоми инсоният, новобаста аз дину эътиқоди ӯ, хатари ҷиддист.

Муҳаққиқи рус Г. В. Милославский собит месозад, ки «дар ин давра дар ин ҷо на танҳо тақобули байни ваҳҳобиёни навбаромад ва ҷонибдорони тариқатҳо ба вуқӯъ пайваст, балки ҳамчунин баръакс, баъзан ҳаракати ваҳҳобия тавассути иштироки бевоситаи шайхони нақшбандия ташаккул меёфт. Устухонбандии асосии роҳбарияти ҳаракати экстремистӣ ва террористии ҲНИ- ро намояндагони машҳури нақшбандия ташкил медоданд»[173]. Ба ақидаи мо, чунин нуқтаи назар иштибоҳ аст, зеро намояндагони тариқати нақшбандия бо равияҳои экстремистӣ, ҳамчун ваҳҳобия ва салафия дар кишвари мо фаъолона мубориза мебурданд ва мубориза мебаранд. Инчунин маълум, ки якқатор пайравони тариқатҳо барои пулу мол шуда, идеологияи ваҳҳобия ва салафияро қабул карда, барои манфиатҳо ва ғаразҳои динию сиёсии онҳо бар зидди мазҳаби падару бобоёни мо Ҳанафия мубориза бурда истодаанд. Раванди фаъол гардидани ин равия дар Тоҷикистон хеле пурихтилоф буд. Муҳаққиқон дар ин хусус нуқтаҳои назари мухталиф ва бо ҳам муқобил доранд.

Дар давраи солҳои 1975-80 - ум пайравони ҳаракати ваҳҳобия ба васеъ паҳн кардани адабиёти дорои мазмунҳои экстремистӣ шурӯъ намуданд, ғайриқонунӣ дарсхонаҳои динӣ, мактабҳо оид ба таълими кӯдакону наврасон кушоданд, ки дар онҳо пинҳонӣ ғояҳои худро талқин мекарданд. Онҳо мақсадҳои худро оид ба ташкили ҳаракати пинҳонӣ пайгирӣ карда,

[172]Мухаммад Хусейн Ибрахими. Анализ религиозно – правовых школ в исламе. М: 2007.-С.8.
[173]Милославский Г.В.Ваххабизм в идеологии и политике мусульманских стран//Ислам и политика. М.:Институт востоковедения РАН, Крафт., 2001-С.70-85.

ҷонибдоронашонро ба сохторҳои давлатӣ омода ва пешбарӣ менамуданд, аз имкониятҳои мусоид ва номусоид истифода мебурданд, то ки мусулмонони сидқан тарафдори ҳукумати қонуниро беобрӯ созанд. «Гузариш аз амалҳои тайёрӣ ба пурра таҳти назорат гирифтани ҳадафи ҳамлаҳо, яъне ба ҳукумат оғоз ёфт. Анҷоми ин даврараро, дар дараҷаи муайян, метавон ба аввалҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон нисбат дод[174].

Вазифаи дигар аз он иборат буд, ки ҳаракати ифротии ваҳҳобия исломи суннатиро иваз ва мавқеи онро дар Тоҷикистон танг намудан мехоҳад. Пайравони ваҳҳобия вазифаҳои худро ҷиҳати ба ҷараёни калони исломӣ табдил додан тамоюли маҳдуди ваҳҳобӣ ба ҷо меоварданд, ки ин ҳаракати ифротиро бисёр мусулмонон ҳамчун амали бидъат ва барои ислом бегона мешуморанд. Давлатҳои ИДМ, ки дар онҳо ислом васеъ густариш ёфтааст, ба ҳудуде табдил ёфт, ки дар он ҷанги динӣ сар зад ва ҳадафи аввалини ҳамлаҳо мусулмонони маҳаллии пайравони мактаби динӣ – ҳуқуқии ҳанафиён гаштанд. Муҳаққиқи рус А. Игнатенко собит месозад, ки «ба таври ғайриодӣ тартиботи дунявӣ дар як қатор кишварҳои пасошӯравӣ дар ҳолате қарор гирифт, ки бояд исломи маҳаллӣ, суннатӣ ҳифз карда мешуд»[175].

Таърихи муносибатҳои байниҳамдигарии фирқаҳои гуногуни исломӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки онҳо дар минтақаҳои мухталиф, бахусус дар кишварҳои араб ҳамеша дар шароити сулҳу ваҳдат кору зиндагӣ мекарданд. Ноиттифоқии онҳо, масалан дар байни зоҳидиён ва шофеиёни Яман ба мушоҳида мерасад, ки асрҳои аср инҷониб паҳлӯи ҳам умр ба сар бурда, ҳеҷ гоҳ корро ба хунрезӣ нарасонида буданд. Ҳамзистии осоишта бартарии онҳо мебошад, ки метавонанд якдигаро таҳамул намоянд.

Ваҳҳобия ҳамчун ташкилоти динӣ-экстремистӣ ҳамаи корҳоро бад-он хотир менамоянд, ки дар байни мусулмонони на фақат Тоҷикистон, балки ҳамчунин мусулмонони тамоми ҷаҳон, тавассути онҳоро ба мусулмонони содиқ ва душманони ислом ҷудо кардан, тухми фитна афкананд.

---

[174]Малашенко А.В. Ислам и исламоведение в СНГ в 90-е годы. М.:Институт востоковедение РАН,1998-С.11.

[175]Игантенко А.А. Эндогенный радикализм в исламе // Центральная Азия и Кавказ. 2000.№2 (8)-С.166.

Намояндагони ин ҳаракати экстремистӣ намояндагони ин ё он равияи исломиро ба бидъат айбдор мекунанд, бар замми ин, барои онҳо ҳамаи мусулмонон пайрави дигар мазҳабҳо раҳгумзада ва будпараст ба шумор мераванд. Рафту ягон ҷониб алайҳи ҳаракати экстремистии ваҳҳобия баромад кунад, онҳо нуқтаи назари он гурӯҳро зери танқид гирифта, онҳоро номусулмон эълон мекунанд. Ваҳҳобиён эълон доштанд, ки чор мазҳаби исломӣ ба суннӣ мансуб нестанд, зеро ақидаи ашӯриро пайравӣ карда, гӯё ҳукми Худоро инкор менамоянд. Онҳо умуман мафҳуми сунниро эътироф наменамоянд ва мафҳуми нав- салафиро пешниҳод мекунанд.

Маълум аст, ки таълимоти ваҳҳобия хеле ҷаҳолатпарастона буда, муҳокимарониҳои онҳо сатҳист. Ин ақидаро, ҳамаи онҳое, ки каме ҳам бошад, агар бо намояндагони ин равия суҳбат оростаанд, пай мебаранд. Масалан, шайх Иброҳим - ал-Мансур мегӯяд, ки Муҳаммад Абдулваҳҳоб «ба пайравони худ мутолиаи китобҳои фиқҳ, тафсир ва ҳадисро манъ кардааст, ба ҷойи онҳо амр кардааст, ки ояҳои Қуръонро аз рӯйи хоҳиш ва фаҳмиши худ маънидод намоянд. Ҳар як ваҳҳобӣ Қуръонро ба таври худ, ҳатто дар ҳолатҳое, ки ба маънои ояҳо сарфаҳм наравад ҳам, тафсир мекунад[176].

Дар мазҳаби ҳанафии ислом салавот ба пайомбар Муҳаммад ва аҳли хонадони ӯ мавқеи муҳимро ишғол мекунад ва ҳамаи пайравони мазҳаби ҳанафӣ ин талаботро дар сатҳи зарурӣ ба ҷо меоваранд. Шарҳ додан зарур аст, ки дар таълимоти ҳаракати экстремистии ваҳҳобия барои ҳамду санои пайомбар ва аҳли байти ӯ ҷазо, то ба қатл расонидан, пешбинӣ шудааст. Донишманди араб Аҳмад Зайнӣ Дахлан собит месозад, ки яке аз асосгузорони мазҳаби динӣ –экстремистии ваҳҳобия Муҳаммад Абдулваҳҳоб салавот фиристодан ба пайомбар Муҳаммадро, бахусус барои шаби арафаи рӯзи ҷумъа ва дар вақти азон додан қатъиян мамнӯъ эълон доштааст. Метавон гуфт, ки салавот фиристодан ба Муҳаммад ҳатто барои Муҳаммад

[176]Абдулла Аль-Кахтани. Кто они неохариджиты ваххабиты – «салафиты»? 2-е издание.– Казань: 2009. – С.27.

Абдулваҳҳоб хеле гӯшхарош менамуд. Вай ҳамаи онҳоеро, ки гуфтаҳои болоро ба ҷо меоранд, қатъияан, то ба қатл расонидан ҷазо медод[177].

Ваҳҳобия барои ҷалб намудани таваҷҷӯҳи аҳолӣ технологияи иҷтимоӣ-сиёсиро бо ҳавасмандгардони иқтисодӣ, ки ба он бештар ҷавонони мавқеяшонро дар ҷомеа ва ҳаёт аз дастдода майл доранд, фаъолона ба кор мебаранд. Амалиёти фаъоли тарғиботӣ аз ҷониби ваҳҳобия самараҳои худро дар намуди ихтилофоти иҷтимоӣ дар он давлатҳое ба бор меоваранд, ки дар онҳо вазъи иҷтимоии аҳолӣ бад буда, заминаҳои зиддиятҳо мавҷуданд. Ин ҳолат бештар ба давлатҳои ҷаҳони сеюм дахл дорад, ки ҷомеаи онҳоро метавон ба қишри ҷомеаи анъанавӣ мансуб донист. Пайравони ҳаракати экстремистӣ ва террористии ваҳҳобия барои расидан ба ҳадафҳояшон маблағҳои зиёде сарф мекунанд, китобҳо нашр менамоянд, мақолаҳо ба табъ мерасонанд, пайваста аз худ ёдовар мешаванд. Чи тавре, ки Абдулло ал – Кахтони иброз менамояд ваҳҳобиён то ҳадде дар ин самт талош меварзанд, ки ҷавонони ба таъсирашон афтода назар ба номи пайомбар Муҳаммад, бештар ба забон овардани номҳои ибни Таймия ва ибн ал-Кайимаро ба худ муносиб мебинанд»[178]. Ин ҳолат, қабл аз ҳама, марбут ба он аст, ки ваҳҳобиён барои тарғиби нуқтаи назари худ маблағҳои хеле зиёд харҷ мекунанд.

Дар ҳама ҷое, ки саркардагони ваҳҳобиён рӯйи кор меоянд, дар он ҷо ба зудӣ ихтилофоти динӣ ва нифоқ сар мезанад. Амалиёти террористӣ ва куштори ходимони дини мазҳабҳои дигаре, ки бо ваҳҳобиён мувофиқ нестанд, воситаҳои асосии ба ҳадафҳо расидани онҳо ба шумор мераванд. Ин амалҳои ҳаракати ваҳҳобия бисёр кишварҳои исломӣ дучори азобу шиканҷаҳо гаштаанд. Аз лаҳзаҳои нахустини пайдоишаш ин равияи қабеҳу разил ба мусулмонон хеле зиён овардаанд, онҳоро ба қатл расонида, ғорат намудаанд. Дар ҳама ҷо, дар он ҷойҳое, ки қадами ваҳҳобиён расидааст, онҳо тухми террорро кошта, муқобилони нуқтаи назари хешро ба қатл

[177]Ахмад бин Зайни ад-Дахлян. «Ад-Дурар ас-сунния фи ар-радд галя аль-ваххабия». С.142.
[178]Абдулло Аль-Кахтани. Кто они неохариджиты ваххабиты – «салафиты»? 2-е издание.– Казань: 2009. – С.75.

расонидаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта аз амалҳои ваҳҳобиён дучори уқубатҳо гашт. Ин равия мусулмононро ба ваҳҳобиён ва кофирон ҷудо карда, дувумиҳоро бераҳмона мекуштанд. Саркардагон ва пайравони ҳаракати экстремистии ваҳҳобия дар водии Вахши вилояти Хатлон «тозакунии динӣ» гузаронида, бисёр одамони бегуноҳ, кӯдакон ва занонро ба қатл расониданд. Ин кирдорҳои зишт на ҳамаи амалҳои нангини динӣ-террористии онҳост. Террори ваҳҳобиён натиҷаи ақидаҳои сохта, эътимоди бардурӯғи онҳост, охир, чуноне ки маълум аст, тибқи таълимоти ваҳҳобиён ҳамаи мусулмононе, ки ба ақидаи онҳо розӣ нестанд, бутпараст номида мешаванд, аз ин рӯ, гӯё чунин касонро ба қатл расонидан, қасд кардан ба молу мулк ва занонашон кори савоб аст. Онҳо ҳамчунин мусулмононро ба куфр айбдор мекунанд. Манбаъҳои илмӣ дар он хусус маълумот медиҳанд, ки ваҳҳобиён дар муқоиса бо дигар мазҳабҳои динӣ- ҳуқуқӣ ба амалҳои даҳшатҳои гӯшношунид даст задаанд. Таҳлили манбаъҳои таърихӣ оид ба таърихи ваҳҳобия собит месозанд, ки ваҳҳобия ҳаракати ифротие маҳсуб меёбад, ки бо кумаки ҷосусони британӣ ташкил ёфтааст, аз ин рӯ, онҳо муштаракан амал карда, дар ҳолатҳои зарурат ба ҳамдигар ёрӣ мерасонанд.

Фарқияти асосии ҳаракати экстремистии ваҳҳобия аз дигар мазҳабҳои динӣ- ҳуқуқӣ дар маънидоди мухталифи ақидаҳо ва ҳидоятҳои ислом ифода меёбад. Ақидаҳои ваҳҳобиён моҳиятан ақидаҳои тағйирдодашудаи ҳашавитон мебошад, ки тибқи онҳо Худо дорои ҷисм буда, гӯё мисли инсонҳо роҳ мегардад, механдад ва ба монанди одамон дигар амалҳоро ба ҷо меоварад. Имом ал-Ҳафиз ал- Қуртубӣ дар китоби худ «Ат-тизкар» собит месозад: «мулоҳизаҳои нисбатан дуруст он аст, ки ин ашхос кофиронанд, зеро эътиқоди ваҳҳобиён аз эътиқоди онҳое ҳеҷ фарқ надорад, ки ба бутҳо ва суратҳо саҷда меоранд»[179].

[179]Абдулла Аль-Кахтани. Кто они неохариджиты ваххабиты – «салафиты»? 2-е издание.– Казань: 2009. – С.140.

Файласуф ва маорифпарварӣ Мисрӣ Муҳаммад Абдо дар бораи ваҳҳобиён менависад: «Ин мазҳаб ҳатто нисбат ба муқаллидони одӣ ҷаҳонбинии танг доранд. Ин ашхос чунин мешуморанд, қатъи назар аз он, ки асосҳои дин чиро илқо мекунанд, ба маънои таҳтуллафзии матн сарфаҳм рафтан кофист»[180].

Ваҳҳобиён равияи хеле гуногунтаркиба ба шумор меравад. Гурӯҳҳои асосии онро метавон ба тариқи зайл муайян намуд:

1). Ваҳҳобиёни «намунавӣ (классикӣ», ки худро салафӣ (муътақидони «исломи холис» ё «исломи пок») мешуморанд;

2). Ихвонҳо ё «Бародарони мусулмон»;

3). Ҳизбиён (ҷонибдорони ҳизби террористии «Ҳизб-ут-таҳрир»);

4). Таблиғгарон (ҳаммаслакони мазҳаби экстремистии Покистон – Таблиғи ҷамоат»).

Ваҳҳобиёнро аз ҷумла чунин хислатҳо фарқ мекунонад: муносибатҳои ғайритаҳамулӣ нисбат ба ақидаҳо ва андешаҳои ғайр, кӯшишу ғайрат барои дар ин ё он шакл таъсис додани давлати «шариатӣ» (одатан, хилофати умумиҷаҳонӣ), боварӣ ба он, ки бар зидди ҳукуматҳои куфр ҷиҳод эълон намудаанд, майлу рағбат ба усулҳои зӯроварӣ дар иҷрои корҳои таблиғотӣ. Аксар гурӯҳҳои ваҳҳобӣ терроризмро ҳамчун воситаи аз ҳама самараноки расидан ба мақсадҳояшон эътироф намудаанд.

Ба дигар хусусиятҳои ҳаракати ифротии ваҳҳобия муносибати хунукназаронаи онҳоро ба одатҳо (суннатҳои тоисломӣ) ва қонунгузориҳои дунявӣ метавон мансуб донист. Ваҳҳобия ҷудо шудан аз ислом (такфир кардан)- ро дар тавассути тарки намози панҷвақтаи ҳамарӯза ё иштирок накардан дар ҷиҳод имконпазир мешуморанд. Ваҳҳобия аксаран, дар маҷмӯъ, ҳамаи мусулмонҳоеро, ки ба ақидаи онҳо розӣ нестанд, «душманони ислом» мешуморанд. Аммо маълум аст, ки душмани мусулмонони тамоми дунё худи онҳо ҳастанд, чунки тамоми амалҳояшон ба он равона шудааст, ки дар

[180]Мухаммад Абдо. «Аль-Ислам ва ан-насрания». – С. 97.

ҷомеаҳои исломӣ низоъу нифоқ андохта мақсадҳои ғаразноки худро амалӣ намоянд.

Ваҳҳобия бахусус ба аҳли тассавуф ва шиаҳо назари душманона доранд, зимнан, дувумиро аксар вақт мазҳаби шайтонӣ ном мебаранд. Ваҳҳобиён бутпарастиро анъанаи мурда меҳисобанд ва алайҳи он муборизаи беамон мебаранд. Онҳо ҳамчунин бар зидди ақидаҳое баромад мекунанд, ки дар ислом навоварӣ маҳсуб меёбад ва дар ин асос як қатор идҳои мусулмонӣ, (масалан, мавлуд) -ро эътироф намекунанд.

Ходими машҳури дини дар Тоҷикистон М. Ҳиндустонӣ шахсияти маъруф маҳсуб меёфт. Вай дар давраи мушкили ҳукмронии ғояҳои коммунистӣ бисёр шогирдонро бо мақсади рушди исломи суннатии мазҳаби ҳанафӣ ба воя расонидааст. М. Ҳиндустонӣ дар охирҳои ҳаёти худ аз амалҳои ваҳҳобиён бо гуноҳи он, ки гӯё асосҳои исломро намедонад, ранҷу азоби зиёд кашид.

Муҳаммадҷон Рустамов ё домулло Ҳиндустонӣ (1892-1989) ба хотири ҳимояи таълимоти мазҳаби ҳанафӣ даъвоҳои сиёсии рақибони худро рад намуд. Пайравон ва шогирдони ӯ дар доираи ду тамоюл ё ҳаракати асосӣ дар Осиёи Марказӣ гирд омаданд. Якум, ҷараёни «муҷаддадия» (навсозӣ ва ислоҳот). Ҳадафу вазифаи асосии ин ҷараён чунин аст: Ворид намудани баъзе тағйирот ба урфу одатҳои куҳна ва ҳатто масъалаҳои раднопазир дар байни ҳанафиёни маҳаллӣ. Аз «навовариҳо»-и дерин ба маҷрои «навсозӣ ва поксозӣ»-и исломи аввалия ворид намудани исломи муосир. Ин тамоюли нисбатан инқилобӣ даъвати якчанд нафар уламо оид ба инкори баъзе одатҳои маҳаллии марбут ба ислом, аз ҷумла, динро аз давлат ҷудо донистан, ба шумор меравад. Ҷонибдорони чунин ақида пешниҳод менамоянд, ки ба тартиботи салафиён, ки одатан, ба тимсоли ҳаёти ҷомеаи исломи қадим нигаронида шудаст, такя карда шавад. Уламои дигар алайҳи ғояҳои навсозиҳои ислом, аз ҷумла расмиятпарастии он баромад мекунанд. Қорӣ Муҳаммадҷон дар охирҳои умри худ бештар ба ин гурӯҳ майл кард. Чунончи, вай бар зидди кӯшишҳои «муҷаддадия» дар бораи «ғайрисиломӣ», «бидъат»

шуморидани баъзе урфу одатҳо, аз ҷумла қироати ояҳои муайяни Қуръон ва дуоҳо, барои таскини дил ва видоъ бо майит изҳори ақида намуд[181]. Вай мегуфт, ки чунин кӯшишҳо дар зери таъсири ваҳҳобиёни хориҷӣ пайдо шудаст. Қорӣ Муҳаммадҷон дар охирҳои умраш рақиби ашадии ваҳҳобиён ба шумор мерафт. Ба ақидаи ӯ каломи муллоёни ваҳҳобӣ ба таълимоти ислом мутобиқат намекунад. Дар баробари ин, Қорӣ Муҳаммадҷон, ба гуфтаи шогирдонаш, ба ҳизбҳои сиёсии исломӣ муносибати хуб дошт ва чунин мешуморид, ки фаъолияти онҳоро бояд дастгирӣ намуд. Аммо вақт нишон дод, ки мавҷудияти ҳизби самти дини дошта дар Тоҷикистон боиси ноором гаштани вазъияти динӣ ва сиёсии ҷомеа гардиданд[182].

Мавриди таваҷҷӯҳи баланд барои тадқиқот равияи таблиғи ҷамоат (ё ҷамоат таблиғии) Ҳинду Покистон ба шумор меравад, ки он тайи солҳои охир фаъолияти худро дар Тоҷикистон фаъол намуд. Ин ҳаракати динӣ – эътирозӣ ҳанӯз дар солҳои 80-уми асри 19 дар Ҳиндустони Шимолӣ ташкил ёфта, дар солҳои 40-уми асри ХХ ба худ шакли замонавӣ гирифт. Маркази таблиғи ҷамоат дар Деҳлӣ ҷойгир буда, аммо теъдоди зиёди пайравонаш дар Покистон қарор доранд.

Вазифаи аввалиндараҷаи ҳаракати мазкур тағйироти ботинии мусулмонон, рӯҳан пок сохтани онҳо ба хотири беҳтар аз бар намудани таълимоти ислом ба шумор меравад. Ин ҳаракат таваҷҷуҳи асосиро дар солҳои 90-уми асри гузашта ба тарғиби ғояҳои эҳёи исломӣ дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон равона намуд ва фаъолияти худро то имрӯз идома медиҳад. Аз рӯйи маълумотҳо шабакаи «Таблиғӣ» барои ҷалби мусулмонҳои ҷавон аз кишварҳои арабу афғон ва дар солҳои 1992- 1997 ба Тоҷикистон фиристодани онҳо мавриди истифода қарор гирифта буд. Пӯшида нест, ки ба ҷойи, ё дар зери ниқоби сарварони ин ташкилот ба Осиёи Марказӣ ва Тоҷикистон ҳамчунин гурӯҳҳои экстремистони динӣ ворид мешуданд.

[181]Мусульманские лидеры: социальная роль и авторитет. Душанбе, 2003-С.100.
[182]Мусульманские лидеры: социальная роль и авторитет. Душанбе, 2003-С.101

Ҳамзамон муҳаққиқи амрикоӣ А. Халид чунин мешуморад, ки ин ҷараёни динӣ «ба пешрафти маънавии мусулмонон тавассути айнан риоя намудани ахлоқи пайомбари ислом, ки дар китобҳои ҳадисҳо оварда шудаанд, такя мекунад. Ҷонибдорони ин ҷараён мусулмононро бо роҳи таблиғот ба ахлоқи дуруст даъват менамояд. «Таблиғи ҷамоат» на ислоҳоти тартиботи сиёсӣ, балки кумак расонидан ба такмили маънавиёти мусулмононро вазифаи худ меҳисобад[183]. Аммо мо чунин мешуморем тарғиботи динӣ – сиёсӣ, ки ин ҳаракат онро истифода менамояд, ба фазои динии ҷомеа мо рост намеояд ва ин метавонад боиси сар задании ихтилофоти дини гашта вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоии давлати моро халалдор гардонад. Аз ин рӯ гирифтани пеши роҳи паҳншавии ин ҳаракати динӣ дар фазои имрӯзаи иҷтимоӣ – сиёсии ҷомеаи мо шарт ва зарур мебошад.

Дар Осиёи Марказӣ ба саҳнаи сиёсат ва дин баромадани Ҳаракати Исломии Ӯзбекистон ба соли 1996 рост меояд. Ҳаракати Исломии Ӯзбекистон ба радикаликунонии вазъияти динӣ дар Тоҷикистон муносибати бевосита дорад. «Сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ва ба ҳам омадани равияҳои экстремистии исломӣ, ки ба фаъолияти аксар гурезагони аъзои ҲИӮ марбут аст, барои иштироки онҳо дар ин ҷанг ба ҷонибдории мухолифини тоҷик мусоидат намуд»[184]. Аъзои ҲИӮ таҳти роҳбарии сарварони худ Т. Юлдошев ва Д. Намангонӣ дар рафти ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон ва амалҳои мусаллаҳона дар Афғонистону Чеченистон оид ба истифодаи силоҳҳои оташфишон ва қатлу ғорат таҷриба андӯхтаанд. Дар натиҷа, қанотҳои ҷангии исломиёни ӯзбек –салафиён мунтазам сар бардоштанд. Дар ин замина, ба ақидаи мо, исломиёни Фарғонаро на фақат ба ҳайси салафиён, балки ҳамчунин ба сифати муҷоҳидон тасниф кардан мумкин аст.

Бисёр муҳаққиқон собит месозанд, ки ҲИӮ нақшаву ғояи муайяни амалиёт надорад. Аммо ба фикри муҳаққиқи тоҷик Э. Раҳматуллоев то ба майдон омадани ҲИӮ ҳаракатҳои дар водии Фарғона амалкунандаи

[183]Халид А. Ислам после коммунизма: религия и политика в центральной Азии. М.: 2010-С.176-177.
[184]Рахматуллаев Э. Превентивная дипломатия: панацея или мираж? М.:КДУ, 2007-С.271.

«Адолат», «Тавба» ва «Ислом лашкарӣ» (Лашкари ислом) барномаи амалиёти ӯро ташкил медоданд. Маҳз бо ҳамин сабаб бисёр муҳаққиқон ба хулосае омаданд, ки аъзои ин ҳаракатҳо, чуноне ки дар боло зикр намудем, муътақидони салафиён ва қисман муҷоҳидон буданд. Ба тасдиқи ин гуфтаҳо, дар баробари суханони боло, метавон дар варақаҳо, китобчаҳо, сабтҳои овозӣ ва видеоӣ, ки бархе аз муҳаққиқони ӯзбек, аз ҷумла Б. Бобоҷонов, пайдо кардаанд, гувоҳӣ медиҳанд[185].

Дар соли 2004 дар Тоҷикистон гурӯҳи дигари динӣ-экстремистӣ – «Ал-байъат» пайдо шуд. Ин гурӯҳи динӣ – экстремистӣ асосан дар ноҳияи Исфараи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он ҷо нуфузи ислом ва сатҳи шуури динӣ баланд аст, фаъолият менамояд. «Ал-байъат» ғояҳои ҷангҷӯёнаи экстремистиро тарғиб намуда, хусумати динӣ ва нажодиро дар байни аҳолӣ паҳн мекунад. Маҳз дар Исфара сарвари ҷомеаи баптистон С. Бесарабова ба қатл расонида шуд. Хадамоти махсуси Тоҷикистон гумонбар мешаванд, ки ташкилоти мазкур аз хориҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад ва робитаи ҷонибдорони онро бо ташкилотҳои арабии «Ал-байъат» (Лубнон) ва «Ҳаракати исломии Туркистон» истисно намекунад[186].

Ҳамчунин фаъолияти ҳизби динӣ-экстремистии «Ҳизб-ут-таҳрир ал-Исломӣ» (Ҳизби наҷоти исломӣ») мавриди омӯзиши муҳаққиқон қарор дорад, ки мақоми асосии роҳбарияти (аморати) он, аз рӯйи баъзе ақидаҳо, дар Аврупои Ғарбӣ ҷойгир аст. Бархе дигар мегӯянд, ки ташкилоти мазкур дар Фаластин, Урдун ва дигар кишварҳои араб мавқеъ ишғол кардааст. Асосгузори он Такуаддин Набахонӣ ал -Фаластинӣ (1909 – 1979) ба шумор меравад. Тайи солҳои охир чунин аморатҳо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ пайдо шуданд. Асоси ақидаҳои «Ҳизб-ут-таҳрир»-ро ғояҳои аз навбавуҷудоварии сохтори динӣ-сиёсӣ – хилофати даврони пайомбар Муҳаммад ва саҳобагони аввали ӯ ташкил медиҳад. Ба ақидаи пайравони «Ҳизб-ут-таҳрир», вақте ки бори нахуст дар таърихи ислом барои таъсис

[185]Рахматуллаев Э. Превентивная дипломатия: панацея или мираж? М.:КДУ, 2007-С.271.
[186]Энциклопедия спецслужб. М.:Яуза, Эксмо, 2008-С.212-213.

додани сохти адолатноки давлатии ба тақсимоти баробари неъматҳои ҷомеаӣ асосёфта имкон фароҳам омад, интихоби халифаҳо аз миёни арзандатаринҳо сурат мегирифт. Чуноне ки Э. Раҳматуллоев зикр менамояд, «дар ин замина тадбирҳои раҳоӣ аз буҳрон, ки «Ҳизб-ут-таҳрир» ва ҳизбҳои ба он монанд пешниҳод намудаанд, комилан ғайричашмдошт ва диққатҷалбкунанда буд: онҳо тамоми бадбахтиҳои рушди иқтисодии дар кишварҳои Ғарб ва дигар давлатҳои ғайриисломӣ мавҷударо тафсир намуда, аз миёни онҳо тадбири ягонаи раҳоӣ аз буҳрони давлатҳо - таъсиси хилофатро пешниҳод намуданд»[187]. Табиист, ки «Ҳизб-ут-таҳрир» ва ҳаммаслаконаш худро дар қабои динӣ печонида, пайваста аз Қуръон ва Суннат далелҳо меоранд, ки таъбироти онҳо ба назар хеле ғалатӣ менамоянд. Экстремистони динӣ дар симои ҳаракати экстремистии «Ҳизб-ут-таҳрир» фаъолияти худро, аз бисёр ҷиҳат, самараи се ҳадафи асосӣ арзёбӣ мекунанд:

1. Дар ҷомеа тоҷик таъсис додани давлати теократии (дини) исломӣ;
2. Дар таҷрибаи ҷомеаӣ ҷорӣ кардани меъёрҳои шариат ва сохтори ҳолати меъёрӣ, ки аз таълимоти Қуръон ва мазҳаби суннӣ бармеоянд;
3. Таҳти роҳбарии халифа, ки ҳамчун вориси пайомбари мусулмонон ба шумор меравад, аз нав таъсис додани давлати ягонаи хилофати тамоми мусулмонони олам.

Барои татбиқи ин ғоя қабл аз ҳама пайравони гурӯҳҳои динӣ-экстремистии «Ҳизб-ут-таҳрир» ба мубориза бархостаанд, аммо ин ҳама ба ҷуз хаёлпарастӣ чизи дигаре нахоҳад буд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешгирии фаъолияти экстремистии «Ҳизб-ут-таҳрир» тадбирҳои амали андешида мешаванд. Аъзои «Ҳизб-ут-таҳрир» тарҳи нақшаву мақсадҳои ғоявии худро ба муҳоҷирони меҳнатӣ, ки ба таври мавсимӣ дар Руссия кору зиндагӣ мекунанд, ирсол медорад. Чунончи, назар ба гуфтаҳои директори Хадамоти Махсуси Бехатарии

[187]Рахматуллаев Э. Превентивная дипломатия: панацея или мираж? М.:КДУ, 2007-С.287.

Федедратсияи Руссия А. Бортников, «муҳоҷирати ғайриқонунии барои аз хориҷа ба ҳудуди Руссия ворид гаштани назару ғояҳои динӣ – радикалӣ, аз ҷумла, сарварони ташклотҳои байналмилали экстремистӣ ва дигар ташкилотҳои таҳрибкор шароитҳои мусоид фароҳам меорад[188]… шаҳрвандони Тоҷикистон дар минтақаҳои гуногуни Руссия коркунанда ба сафи ҷараёни экстремистии «Ҳизб-ут-таҳрир» ҷалб шуда, ба таври ғайримуташаккил масҷидҳои ғайриқонуниро ташкил кардаанд ва ба ин воситаҳо пайравони ҷараёнҳои экстремистӣ ва террористиро тайёр кардаанд». Маблағҳои зиёди пулӣ аз даромадҳои фаъолияти тиҷоратии бархе аз шаҳрвандони Тоҷикистон дар суратҳисоби «Ҳизб-ут-таҳрир» ҷаъм шудаанд. Далелҳо оид ба истифодаи ин маблағҳо аз ҷониби ташкилоти мазкури байналмилалии террористӣ ба қайд гирифта шудаанд. Дар худи Руссия соли 2003-юм бо қарори Суди Олӣ «Ҳизб-ут-таҳрир» ташкилоти экстремистӣ эътироф гардид. Метавон гуфт, ки муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон дар калонтарин шаҳрҳои Руссия, ҳам аз рӯйи сатҳи баланди диндориашон ва ҳам бо сабаби фаъолияташон дар иқтисодиёти пинҳонии берун аз назорати давлатӣ, ба муҳити ғизодиҳанда барои рушди робитаҳои экстремистӣ табдил ёфтаанд. Онҳо дар бозгашт ба Ватан корҳои тарғиботиро аз рӯйи фармоишоти идеологони ҳаракати ифротии «Ҳизб – ут таҳрир» идома медиҳанд. Ба ақидаи аксарияти мутахассисони соҳаи ислом, «Ҳизб-ут-таҳрир» ин ташкилотест, ки дини мубини исломро бо тобишҳои экстремистӣ маънидод мекунад. Ташкилоти мазкур, агарчанде расман барои усулҳои муолиматомез оид ба таъсиси давлати исломӣ баромад мекунад, дар асл, фаъолияти он ба таври ғайримустақим ба ифротгароии дини ва тарбияи муҷоҳидон равона карда шудааст.

Ғаффор Ҳусайн - намояндаи бахши муқовимат ба экстремизми исломии Маркази таҳлилии Британияи Кабир - Quilliam чунин мешуморад, ки ин ҳаракат экстремистонро тарбия мекунад, зеро вақте ки аъзои он –

[188]Активизация исламистов в России. http://www.ng.ru/religion/2013-12-30/11_islamisti.html (дата обращение к сайту 10.04.2014)

муътақидони ақидаҳо оид ба хилофати ислом аз мавҷудияти имкониятҳои муваффақиятҳо бо усулҳои зӯроварӣ ноумед мешаванд, ба сафи гурӯҳҳои террористӣ мегузаранд: «Хавфи аз ҳама бузург дар он ифода меёбад, ки сарварону пайравони «Ҳизб-ут-таҳрир» дар ҷомеа ҷудоӣ андохта, ба раванди пешрафти ҷомеа монеъ мешаванд. Ғайр аз ин, онҳо мудҳиштарин хатар - терроризмро ташаккул медиҳанд[189].

Таърихнигор, мутахассис оид ба ислом аз мактаби олии Седерторн Давид Турфел ҳаракати экстремистӣ ва террористии «Ҳизб-ут-таҳрир» - ро чунин тавсиф намудааст: «Ин ташкилоти исломӣ, суннист, ки ҳанӯз дар солҳои 50-уми асри гузашта таъсис ёфта, дар миқёси байналмилалӣ васеъ паҳн гаштааст. Бо аҳолии қариб тамоми кишварҳои ҷаҳон робита дорад. Ҳамчунин дар бисёр кишварҳои Ғарб амал мекунад. «Ҳизб-ут-таҳрир» бо стратегияи моҳиронаи худ машҳур буда, айни замон аз шабакаҳои иҷтимоӣ ва Интернет васеъ истифода мебарад»[190]. Инчунин мақсаду вазифаи асосии ин ташкилот таъсиси давлати хилофат маҳсуб меёбад. «Бо таъсиси хилофат ҷомеаро дар назар доранд, ки тавассути «ваҳй»-и ислом, Қуръон ва пайомбар Муҳаммад, ки роҳи наҷотро барои ҳамаи мусулмонон нишон додааст, идора карда мешавад. Он гоҳ ҷомеаи муддаои дил сохтан мумкин аст, ки он комилан адолатнок буда, мутобиқ ба нақшаҳои Парвардигор бунёд мегардад».

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳаракати ифротии «Ҳизб-ут-таҳрир» дар ҷумҳури мо фаъолияти тахрибкорона дорад ва мехоҳад, ки ҷомеаи моро бо тарҳи динии бунёди хилофати исломӣ ноором созад. Дар ҳар маврид ҷомеа дар робита бо сохторҳои давлатию қудратӣ бояд бо ҳаракати динию ифротии «Ҳизб-ут-таҳрир» мубориза баранд.

Вақтҳои охир дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон гурӯҳи нави динӣ-экстремистии «Лашкари ислом» аз худ дарак дод, ки мавқеи ҷойгиршавии он

[189]Хизб ут-Тахрир расширяет присутствие в Швеции. http://inosmi.ru/world/20141015/223684694.html (дата обращение 1.10.14)
[190]Хизб ут-Тахрир расширяет присутствие в Швеции. http://inosmi.ru/world/20141015/223684694.html (дата обращение 1.10.14)

дар Покистон ба қайд гирифта шудааст. Тибқи маълумоти Хадамоти махсуси Тоҷикистон ин ташкилоти экстремистӣ дар шаҳри Хуҷанд пайдо шуд; аъзои ин ташкилот бо гумонбарӣ дар як қатор амалҳои хусусияти ҷиноӣ дошта дастгир карда шуданд. Вобаста аз ҳамин хусусияташ ташкилоти мазкур худро «Лашкари ислом» муаррифӣ менамояд. «Роҳбарони аз ҷониби кормандони амнияти Тоҷикистон дастгиршудаи ташкилоти «Лашкари ислом» ва нафаре аз аъзои он, ки муддате дар ин ҷо иқомат кардаанд, дар кофтукови ҷиноятӣ қарор доштанд; онҳо бо гумонбарӣ дар як қатор ҷиноятҳо дар ҳамдастӣ бо ҳукуматдорони Аморати Муттаҳидаи Араб айбдор дониста шудаанд»[191]. Тибқи маълумоти хадамоти махсус аъзои ин гурӯҳ ба Ватан баргашта, таҳти шиорҳои экстремистӣ ва динӣ бо тамаъҷӯӣ аз соҳибкорони маҳаллӣ машғул шуданд. Онҳо ҳамчунин барои содир кардани якчанд амалҳои авбошӣ ва сӯйиқасд ба ҷони одамон гунаҳкор дониста шудаанд. «Лашкари ислом» гурӯҳи динии экстремистист, ки бо ин хусусияташ ба ҷомеаи мо хатари калон дорад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар Тоҷикистон дар ҳолати ташаккулёбист бояд бо сохторҳои дахлдори давлати бо идеологияи ин гуруҳи ифротию террористӣ мубориза баранд.

Дар ҷомеаи ҷаҳонӣ нуқтаи назари ягона оид ба мубориза алайҳи гурӯҳҳои динӣ-экстремистӣ вуҷуд надорад. Чунончи, бо сар шудани буҳрони Сурия ИМА ва иттифоқчиён он дар НАТО барои мубориза бар зидди низоми қонунии Б. Асад ташкилоти экстремистии бо ном «Давлати Исломӣ»-ро таъсис доданд. Дар муддати кӯтоҳ ин ташкилоти динӣ-экстремистӣ аз таҳти назорати ИМА баромада, қисмати зиёди Ироқро ишғол намуд ва пайравони дигар мазҳабҳои исломро бераҳмона ба қатл расониданд. Маълум аст, роҳбарони «Давлати Исломӣ» вазифа ба миён гузоштанд, ки доираи таъсири худро васеъ гардонанд ва дар кишварҳои Осиёи Марказӣ хилофати исломро таъсис диҳанд. Гурӯҳбандии динӣ-экстремистии «Давлати исломӣ», ки марзи худро торафт васеъ мегардонад, ба душмани №1-и тамоми инсонияти рӯйи

[191]В Таджикистане задержаны пятеро членов группировки «Армия ислама». http://www.ng.ru/cis/2014-01-31/7_tajikistan.html (дата обращение к сайту 5.04.2014)

Замин мубаддал гашт. Муҳаққиқи канадагӣ Р. Рогозинский, ки бо таҳқиқи масъалаҳои бехатарии иттилоотӣ дар доираи муносибатҳои байналмилалӣ сари кор мегирад, изҳор дошт, ки дар сафҳои «Давлати исломӣ» 4000 нафар ҷанговарони аслашон аз минтақаҳои Осиёи Марказӣ меҷанганд. «Мушкилот дар он аст, ки ин ҷавонписарон ба Ватан хоҳанд баргашт ва дар зери шиорҳои «Давлати исломӣ»метавонанд ҷомеаи моро ба монанди Сурия ва Ироқ ноором созанд. Дар нақшаи онҳо таъсиси хилофат кашида шудааст, ки Осиёи Марказӣ ва Қазоқистонро низ фаро мегирад[192]. Давлатҳои ҷудогона, албатта, шояд аз манфиатҳои худ дифоъ намоянд, аммо барои муборизаи самаранок ҳамбастагии байналмилалӣ зарур аст». Ҳамчунин маълум аст, ки Ташкилоти террористии «Давлати исломӣ» ба ҳаракати нави терроризми муосир табдил ёфтааст. Ҳаракати ифротию террористии «Давлати исломӣ» мехоҳад миллионҳо нафар мусулмононро бе истифодаи далелҳои қассос барои сиёсати ноҳақонаи кишварҳои Ғарб, нобуд созад. Бар замми ин, тибқи пурсишҳои яке аз марказҳои тадқиқотӣ танҳо дар 11 кишвар, ба андозаи камтари 63 миллион мусулмон асосан кишварҳои Шарқи Наздик фаъолияти «Давлати исломӣ»-ро ҷонибдорӣ менамоянд[193]. Ба сафҳои «Давлати исломӣ» шаҳрвандони тоҷик, асосан ҷавонон ҷалб шудаанд. Дар дохили кишвар низ пайравони онҳо мавҷуданд, ки ба «Давлати исломӣ» ҳусни таваҷҷӯҳ дошта, асосан дар байни ҷавонон корҳои тарғиботии экстремистӣ мебаранд.

Назар ба як қатор маълумотҳо дар сафҳои «Давлати исломӣ» 1900 нафар шаҳрвандони фақат Тоҷикистон меҷанганд. Аз байни онҳо қариб нисфи зиёдашон ба ҳалокат расидаанд. Аммо аниқ муайян кардани шумораи размандагон – шаҳрвандони Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ин саф душвор аст. Чунончи, профессор А. Малашенко собит месозад, дар сафҳои «Давлати исломӣ» хеле зиёд одамон – то 30000 нафар, зимнан аз 80 кишвари дунё меҷанганд. Ҳатто иштироки як нафар аз давлати Мексика низ

[192]Экстремисты могут взорвать Среднюю Азию. http://www.ng.ru/cis/2014-10-21/1_asia.html (дата обращение 21.10.2014)
[193]Rayne S. Pew poll: Between 63 million and 287 million ISIS supporters in just 11 countries // American Thinker.URL:http://www.americanthinker.com/blog/2015/11/pew_poll_between_63_million_and_287_million_isis_supporters_in_just_11_countries.html (дата обращение к сайту 1.03.2018)

дар ин ҷангҳо ба қайд гирифта шудааст. Агар пеши роҳи ин ҳама хунрезиҳо гирифта нашавад, оқибатҳои боз ҳам ногувор ба бор хоҳад овард. Ин ҷангу хунрезиҳоро боздоштан ҳам осон нест, зеро «Давлати исломӣ» авҷи кӯҳи яхини исломиёни ифротгарост, ки беист шино мекунад. Акси садои ин кӯҳи яхин дар тамоми олам – Ҳиндустон, Покистон, Нигерия ва ғ. паҳн гаштааст. Муқовимат ба чунин хавфу хатар ногузир ва ҳатмист»[194].

Мавриди зикр аст, ки «Давлати исломӣ» хавфи дурагакунии навъи навро ба хотир меорад, ки дар худ ҳам ҷузъиёти қувваҳои мусаллаҳи маъмулӣ, ҳам тарҳи партизанӣ, террористӣ, ҳамчунин амалҳои ҷинояткориро омезиш додааст, ки бад-ин тариқ нидои даъватҳоро барои таъмини бехатарӣ дар доираи умумибашарӣ ташаккул медиҳад. Кӯшишҳо барои пешгирии доман густурдани ин ташкилоти террористӣ натиҷаҳои дилхоҳ надода истодаанд. Ташкилоти мазкур дорои маблағҳои хеле зиёди пулӣ буда, қодир аст, аз аъзои зердасти андоз ситонад. Зарбаҳои ҳавоии иттифоқчиёни Ғарб дар моҳҳои охир зиёда аз 20000 нафар ҷанговарони ин ташкилотро несту нобуд кард, аммо сафҳои нави ҷанговарон бе мушкилот ҷойи ин талафотро пурра мегардонанд. Яқинан, мубориза бо чунин зуҳуроти террористӣ, ҳамчун «Давлати исломӣ» стратегияи маҷмӯиро барои муқовимати мушобеҳ бо ҳамаи ҷанбаъҳои наву таҳдиди он талаб мекунад. Фаъолияти сифатноки ҷосусӣ (кашшофӣ) асоси ҷудоинопазири мубориза алайҳи таҳдидҳои террористии шаклҳои мухталиф ба шумор меравад. Хадамоти ҷосусиро зарур аст, ки тамоми имкониятҳои дастрасии технологиро барои боздоштан ва баргардонидани одамони ба «Давлати исломӣ» шомилшуда истифода намоянд. Дар навбати худ неруҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва заминии таъиноти махсус бояд иштироки худро ҷиҳати суст гардонидани фаъолият ва мантиқи муқовиматҳои «Давлати исломӣ», бо дарназардошти тиҷорати хеле даромадноки қочоқи нафтӣ идома бахшад.

Табиист, ки асосан мардон ба сафҳои равияҳои динӣ-экстремистӣ, бахусус ба сафҳои «Давлати исломӣ» мепайванданд. Аммо вақт нишон дод,

[194]Малашенко А.В. Исламские ориентиры Северного Кавказа. М.: Гедальф., 2001-С.19.

ки занон низ бо сабабҳои иҷтимоӣ - бенавоӣ, бекорӣ ба сафҳои равияҳои динӣ-экстремистӣ ҷалб мешаванд. Масалан, тибқи маълумоти охирин, ба сафҳои «Давлати исломӣ» бисёр занон аз Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон пайвастаанд. Шахсони расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳанд, ки аз соли 2012 то миёнаҳои соли 2016 зиёда аз 1000 нафар тарки Ватан кардаанд, то ки ба ҷанговарони «Давлати исломӣ» ҳамроҳ шаванд. Аз байни онҳо 125-200 нафари онро занон ташкил медиҳанд[195].

СММ натиҷаи тадқиқотро оид ба иштироки занон дар экстремизми зӯроварона ва пешгирии оқибатҳои он нашр намудааст. Иштироки занон дар миқёси ҷаҳонӣ ба экстремизми зӯроварона дар кишварҳои алоҳида 15-20% то 30%-ро ташкил медиҳад. Тадқиқоти СММ хулоса мебарорад, ки аксар вақт занон ҳамчун «пайравони одӣ» - и шавҳаронашон ба экстремизми зӯроварона ва хеле камтар ҳамчун ҷонибдорон ё дар амалиёти одамҷалбнамоӣ ба сафҳои экстремистон ҷалб мешаванд. Аммо сабабҳои аниқ, ки занонро ба гурӯҳҳои силоҳбадасти экстремистӣ тела медиҳанд ё ҷалб мекунанд ба хубӣ омухта нашудааст. Дар натиҷаи таҳия ё татбиқи сиёсату барномаҳои профилактикӣ дар самти пешгирии ҷалбнамоии занон ба сафи гурӯҳҳои экстремистӣ корҳои назарас ба анҷом расонида шуданд. Таъсири экстремизми зӯроварона ба муҳофизати занон ҳамчунин дар маҳаллҳо ба қадри кофӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Дар баробари ин, таваҷҷӯҳ ба саҳми занон дар пешгирии терроризм ва экстремизми таҷовӯзи, мусоидат ба робитаҳои собиқ ҷанговарон бо аҳли хонаводаи онҳо меафзояд. Агарчанде корҳои тадқиқотӣ асосан ба «Давлати исломӣ» ва гурӯҳҳои муҷоҳидон бахшида шудаанд, тадқиқотҳо равандҳои монанд ба гурӯҳҳои дигари экстремизми таҷовузкорона, бахусус шабеҳи миллатгароӣ ва ксенофобия дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ истисно намекунанд.

Тадқиқотҳо далолат медиҳанд, ки сабабҳои мавҷударо, ки барои ҷалби занон ба экстремизми зӯроварӣ, нақши занон дар пешгирии ин зуҳурот ва

[195]Женщины и экстремизм. Сколько таджичек уехали в Сирию? https://ru.redtram.com/news/politics/396679868/ (дата обращения к сайту 22.01.2019)

мавқеи онҳо дар сиёсат мусоидат менамоянд, беҳтар донистан зарур аст. Барои ноил гаштан ба ин мақсадҳо зарур аст, ки доираи имкониятҳоро оид ба ҷалби занон дар татбиқи барномаҳои давлатӣ васеъ намуда, омилҳои ҷалби занон ба ғояҳои экстремистӣ ба тафсил омӯхта шаванд. Дар маҷмӯъ, муносибатҳои нисбатан комплексӣ ба мушкилоти мавҷударо нигоҳ бояд дошт.

Дар шароити кунунӣ дар Тоҷикистон шумораи зиёди ҷонибдорони ташкилоти динӣ-экстремистии салафия пайдо шудаанд. Салафия равияи дини ифротӣ дар ислом маҳсуб ёфта, пайравони он бар зидди ба ислом шомил намудани ҷузъиёти динҳои дигар ва ҷараёнҳои фалсафӣ баромад мекунанд. Онҳо идҳои меросии тоҷикон, ба мисли Наврӯз, Меҳргонро инкор карда, чунин ақидаҳо пешниҳод менамоянд, ки гӯё ин идҳо тоисломӣ, ҷашнҳои дини зардуштӣ маҳсуб меёбанд. Дар минтақаи Уротеппаи Тоҷикистон (ҳозира Истаравшан) то асри XIII маъбадҳои зардуштӣ, дар ноҳияҳои Мастчоҳ ва Ғончӣ чунин маъбадҳо дар намуди аловхонаҳо андаруни масҷидҳо мавҷуд будаанд. Ин анъанаҳо як ҷузъи фарҳанги милли тоҷикон маҳсуб меёбад, ки онҳоро гузаштагони мо то даврои ислом ҳифз намудаанд. Салафиён ҳамчунин ба муқобили мазҳаби ҳанафӣ ва фиқҳи он баромад мекунанд.

Дар Тоҷикистон, тибқи баъзе маълумотҳо, то ибтидои соли 2008-ум якчанд ҳазор нафар салафиён ба қайд гирифта шудаанд. назарияҳои вуҷуд доранд, ки тибқи онҳо ҳаракате бо номи «салафия» вуҷуд надорад. «салафия»-и Тоҷикистон, ин ҳамон ваҳҳобиёнанд, ки дар кишвар дар охирҳои солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта пайдо шуданд. Онҳо нуқтаи назари ҷудоиандози хешро дар байни аҳолӣ, бахусус ҷавонон, фаъолона тарғиб менамоянд. Ва мубориза бар зидди шиаҳо низ тавассути сиёҳ кардани онҳо, онҳоро кофир эълон кардан, мақсаду мароми онҳост. Салафиён дар Тоҷикистон хеле хуб аз хориҷа маблағгузорӣ карда мешаванд; онҳо аудио ва видеокассетаҳо паҳн мекунанд, адабиёти дорои мазмуни динӣ-экстремистӣ ба табъ мерасонанд.

Ҳамин тариқ, экстремизми муосири мазҳаби салафӣ ба маънои рӯҳӣ-динӣ дурӯғмазҳабон ва худпарастон, худписандон ва балвогарони зидди тақдири Илоҳӣ ба шумор мераванд. Салафиён, ҳамчун ҳаракати дини ислом, аз бисёр ҷиҳат, ба яклухтӣ ва сулҳу субот барои рушди ҷомеаи тоҷик хавфи ҷиддӣ пеш меоранд.

Салафия тахминан дар асри чоруми солшумории ҳичрӣ арзи вуҷуд намуд. Аз нахустин лаҳзаҳои пайдоишаш равияи салафия бо даъватҳои бозгашт ба покизагии аввалияи Ислом, ки дар даврaи пайомбар ва насли нахусти мусулмонон вуҷуд дошт, баромад карда, роҳи «гузаштагони зоҳид» (ас-салаф ас-солиҳин») - ро ихтиёр намудаанд. Фақат бо як даъвати бозгашт ба мероси «гузаштагони зоҳид» (салафҳо), рӯ овардан ба Қуръон ва ҳадисҳо, муқовимат намудан ба мактабҳои дини фалсафӣ, ки дар ҷомеаи исломӣ ташаккул ёфтаанд, ҳамчунин муқобил истодан ба воридшавии иқтибосҳо аз дигар таълимоти динӣ-фалсафӣ – насронӣ, яҳудӣ, бутпарастӣ ва ғ. ба таълимоти ислом, имконннопазир хоҳад буд[196].

Дар байни донишмандон ва фақеҳони ислом оид ба тафсири Қуръон ва мазҳаби суннӣ нуқтаи назари ягона мавҷуд нест, бинобар ин, барои онҳо мазҳаб ва мактаби ягона вуҷуд надорад. Пас, маълум мешавад, ки дар ин ҷо зикри салафия аз миён берун аст ва он чӣ, ки ба «тафсир, яъне ба қобилияти фаҳмиши мусулмонон» дахл дорад, бояд ҳамаи мусулмонон, дар ҳар куҷое, ки бошанд ва дар ҳар куҷое умр ба сар бубаранд, бояд ба қадри донишу фаҳмиши худ Қуръонро мутолиа намоянд. Агар ягон нафар қобилияти тафсири ояҳои китоби муқаддасро дошта бошад, он гоҳ ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ки ӯро барои пайравӣ кардан ба ақидаи ким-кадом донишманд ё мазҳаби муайян маҷбур созад. Мо чунин мешуморем, ки шахсони барои пайравӣ ба ақидаҳои салафия даъваткунанда сахт дар иштибоҳ афтодаанд, аз ин рӯ, зеро вазифҳои ғоявии онҳо дигар аст. Дақиқ аст, ки онҳо аз одамон мутаасибони дини меофаранд.

[196]Исламский энциклопедический словарь. А. Али - заде, Ансар, 2007 г. http://dic.academic.ru (рузи муроҷиат ба сайт 12.10.2018)

Ҳолате боиси ташвиш аст, ки ташкилотҳои динӣ-экстремистии салафия ҷонибдорони худро дар сохторҳои давлатӣ, бахусус ВКД ва Кумитаи амният ҷойгир менамоянд, хавфи ин амал равшан аст. Мантиқи салафӣ қабл аз ҳам дар фаҳмиши махсуси ҳақиқати динӣ ифода меёбад ва ба ҳар навъ ба ғояи «барқарорсозии покизагии ибтидоии эътиқод» бурда мерасонад. Дар ҳаракатҳои исломии динӣ-ислоҳотии замони нав салафиён ба ҳайси намунаи тақлиди исломи расмӣ баромад карда, онро дар таҳрифи ҳақиқати дин айбдор мекунад, ки ҳолати мазкур ҷомеаи исломиро ба роҳи сарбастаи рӯҳӣ ва иҷтимоӣ тела медиҳад.

Хусусиятҳои дигари фарқкунандаи ин мантиқ тамоюли монополиякунонии ҳақиқат ба шумор меравад. Дар равияҳои муосири фундаменталистӣ чунин лаҳзаҳо нисбатан ошкоро дар ғояи гунаҳкор кардан дар куфр ва тарки олам кардан (ат-такфир вал-ҳиҷра) зоҳир мегардад. Моҳиятан, ҷонибдорони ин нуқтаи назар амиқан муайянкунии «воқеияти нави мифологӣ»-ро ба шакли муайян медароранд, ки асоси онро то ба ҳадди мантиқӣ расонидани мафҳуми «мо-онҳо» ташкил медиҳад. Дар муқобили ҷаҳони муосир, ки ба таҳдидҳои ҷоҳилият дучор омадааст, гурӯҳи наҷотёфта» (фирқаи наҷия) қарор дорад, ки бо тафсироти айнани шариат вазифаи паҳн намудани низоми ҳақиқати илоҳиро дар байни тамоми инсоният ба зимма дорад[197].

Густохии салафиён ҳадду канор надошта, онҳо худро ҳамчун даъваткунандагон муарифӣ менамоянд; онҳо ришҳои дароз доранд, калташими танг мепӯшанд, дар масҷидҳо, баръакси ҳанафиён ба таври худ ибодат мекунанд. Салафиён дидаю дониста, ки рафтори онҳо дар байни аксари намозхонҳо аксуламалро ба вуҷуд меорад, намозро дигар хел мехонанд. Бо рафтору гуфторҳои худ онҳо дар ҷомеа тухми нифоқ мекоранд. Салафиён рӯйрост ақидаҳои асосии мазҳаби ҳанафӣ дар Тоҷикистонро танқид мекунанд.

[197]Игнатенко А.А. Халифы без Халифата: исламские неправительственные религиозно-политические организации на Ближнем Востоке: история, идеология, деятельность. М., Наука 1988.

Дар робита ба ин, муҳаққиқи тоҷик Ш. Абдуллоев собит месозад, ки «мо ба ҳеҷ ваҷҳ набояд роҳ диҳем, ки муҳити динии кишвар ба саҳнаи муқовиматҳо ва низоъҳои байни гурӯҳҳои мухталиф дар заминаҳои динӣ ва мазҳабӣ табдил ёбад»[198]. Вай чунин мешуморад, ки бояд фаъолияти як қатор ҳаракатҳои нави динӣ, аз ҷумла салафиён, ҳамчун кӯшишҳои ҳушдордиҳандаи гурӯҳҳои алоҳидаи «мунофиқони динӣ» оид ба таъсир расонидан ба ҳаёти ҷомеаӣ ва сиёсии ҷумҳурӣ баҳо дода шавад. Тахминан чунин мавқеъро дар ин раванд намояндагони исломи анъанавӣ дар Тоҷикистон ишғол мекунанд.

Ба ақидаи Г.Д. Мирзоев, зуҳуроти чунин равияҳо, ба мисли салафиён, «гурӯҳи таблиғ» ва дигарон, ҳамчунин дар як муддати хеле кӯтоҳ дар байни ҷавонон фаъол гардидани онҳо нишон медиҳанд, ки муҳити динӣ дар ҷомеаи муосир чӣ қадар таъсирпазир боқӣ мемонад. Муаллифи мазкур собит месозад, ки «ҷавонон талош меварзанд, ба маълумоти динӣ дар хориҷа соҳиб шаванд ва баъди бозгашт аз таҳсил, онҳо ба тарғиботи динӣ ва паҳн кардани донишҳои дар хориҷа андӯхтаашон оғоз менамоянд, ки ин донишҳо на ҳамеша ба таълимоти мазҳаби эътирофнамудаи мо-ҳанафӣ мувофиқ меояд. Ин фарқият, ҳатто хуртарин бошад ҳам, гурӯҳҳо ва равияҳои мухталифи динӣ, ташкилотҳои ҷудоиандоз метавонанд бо мақсадҳои ғаразноки худ - ноором сохтани ҷомеа истифода баранд[199].

Бо дарназардошти чунин ҳолатҳо намояндагони уламои дини ҷумҳурӣ, аз ҷумла собиқ раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон А. Неъматзода тавассути матбуоти даврӣ мавқеи равияҳои навбаромадро мавриди муҳокима қарор дода, аз диндорон, бахусус ҷавонон даъват ба амал оварда, ки ба тарғиботи ин ашхос дода нашаванд ва ҳар гуна равияҳои ифротӣ худро дар канор гиранд[200].

---

[198]Абдуллоев Ш. Назари мо ба шинохти дин, мазхаб ва суннат бояд вокеъбинона бошад//Минбари халк.-8.01.2009. (№1)

[199]Мирзоев Г.Д. Ислам в контексте общественного сознания таджиков. Дис…канд.филос.наук. Душанбе 2009-С.68-69.

[200]Миллат. 23.10.2008. (№143).

Мавриди зикр аст, ки дар чунин баҳсу мунозираҳо намояндагони исломи суннатӣ ва зиёиёни илмию эҷодкор муттаҳидии худро дар муқовимат алайҳи равияҳои динии бегона нишон дода, бо далелҳои эътимодбахш собит месозанд, ки мазҳаби ҳанафӣ, ки аз имтиҳони вақт гузаштааст, талаботи маънавии халқи тоҷик ва мутаносибан фарҳанги миллии моро комилан қонеъ мегардонад.

Равияи салафия дар Тоҷикистон дар байни ҷавонон ба комёбиҳои муайян ноил гаштааст. Аъзои ин равияи экстремистӣ маблағҳои зиёдеро аз хориҷа ба даст меоваранд. Ҳамчунин диққатро ба он равона кардан зарур аст, ки салафия ҳамчун як навъ системаи тасаввуршаванда вуҷуд надорад, балки дар фаъолияти ташкилотҳои марбута татбиқ мегардад. Гурӯҳҳои салафӣ аз дигар гурӯҳҳои бо он фарқ мекунад, ки дар таълимоти онҳо, ки худ ҳамчун тафсири ягона дурусти ислом баҳо медиҳанд, ду ҳолати оштинопазир, системасоз, дар доираи маҳдуд хоси салафия – такфир ва ҷиҳод арзи вуҷуд мекунанд.

Салафия мусулмонони тоҷикро ба он айбдор мекунанд, ки гӯё онҳо ба исломи холис сачда намекунанд. Гап дар он аст, ки ислом дар Тоҷикистон яклухтии худро ҳамеша ҳифз мекард ва ҳифз хоҳад кард, ислом дар Тоҷикистон ҷузъиёти анъанаҳои динии то исломиро, ки тайи садсолаҳо ҷараён дошт, аз байн набурд». Бар зидди ин яклухтии ислом ҳамеша салафиён, ки ғояҳои онҳо аз бисёр ҷиҳат, ҳатто ба нуқтаи назари монанди фундаменталистон наздик аст, муқобил мебарояд.

Такфир – ин гунаҳкор донистан, ба бединӣ мансуб донистани ҳамаи онҳоест, ки бо салафиён ҳамақида нестанд. Аз ин рӯ, зикр кардан муҳим аст, ки объекти такфир ғайримусулмонон ба шумор мераванд, зеро бе ин ҳам онҳо бединанд. Ҳадафи такфир мусулмононанд. Ба ибораи дигар, салафиён ҳамаи он мусулмононеро кофир эълон мекунад, ки ба ақидаҳои онҳо мухолифанд, яъне исломро на ба он тарзе шарҳу эзоҳ медиҳанд, ки салафиён ҳақиқати бебаҳс мешуморанд.

Дар муҳити ғоявии салафиён гуногунақидагии ҷиддӣ бо дигар чор мазҳаби суннӣ, бахусус бо мактаби фиқҳи ҳанафиён ҷой дорад. Бо ин мақсад онҳо китобҳо интишор намуда, дар онҳо менависанд, ки ягонагии шиаҳо ва сунниён имконнопазир аст. Дар баробари ин, салафиён собит месозанд, ҳеҷ гоҳ бо онҳое ҳамфикр нахоҳанд буд, ки ояҳои Қуръонро ба манфиати худ тафсир менамоянд ва ду халифаи аввалинро мазаммат мекунанд. Талаботи асосии салафиён дар он ифода меёбад, ки онҳо мехоҳанд, мусулмонони пайрави дигар мазҳабҳои динӣ-ҳуқуқӣ аз мазҳабҳои худ даст бикашанд ва фақат ғояҳои онҳоро бипазиранд.

Муҳаққиқи ин соҳа Ал – Хатиб Иброҳим Ясин собит месозад, ки «вақте ки шумо гуфтори ваҳҳобиёнро дар бораи салаф мешунавед, саҳобагони Пайомбарро тасаввур менамоед, аммо мутаассифона, онҳо дар зери ин истилоҳ Ибни Таймӣ ва ҳаммсалакони ӯро дар назар доранд. Онҳо худро суннӣ мешуморанд, дигарон бошанд- ҳанафиён, шофеиён, моликиҳо ва ҳанбалиён – ба қавли онҳо, ба ин ном ифтихорӣ муносиб нестанд[201].

Чуноне ки Муҳаммад Абу Зуҳро зикр менамояд: «Ҳама гуна низову нифоқ ва ихтилофоти байни онҳое, ки дар давраи мо худро ҳақ мешуморад, аз тачрибаи Абу Ҳанифа сарчашма мегирад, ки ба ақидаи ӯ халқи мусулмон аз мағриб то даштҳои Туркистон ва Покистон дар кишварҳои мусулмонӣ қарор доранд, зеро сокинони ин кишварҳо амалан меъёрҳои исломро риоя менамоянд.[202] Имом Абул-Ҳасан ал-ашарӣ ба ақидаи ибодиҳо иснод оварда, мегӯяд, ки онҳо чунин мешуморанд, гӯё кишвари ҳокимони онҳо ҳамон як кишвари куфр маҳсуб меёбад.

Дар ҳақиқат, салафия – ин ҳаракати экстремистию сиёсист, ки дар зери шиори динӣ ва худро ба мазҳаби суннӣ мансуб донистанаш кушиш менамояд, ки ба муттаҳидии мактабҳои исломии динӣ-ҳуқуқӣ монеъ шавад; яке аз ҳадафҳои он ҷудоӣ афкандан дар миёни мусулмонҳо, аз ҷумла,

[201]Аль-хатиб Ибрагим Ясин. Салафитский радикализм и трансформация идейных доктрин в суннитском исламе. Дис…канд.филос.наук. Махачкала, 2003-С.16-17.
[202]Ал – Ашари, Али ибн Исмаил, Макалат ал-исламийин ва ихтилаф ал мусаллийн. Дар ихиа турас ал-араби, Бейрут.{Б.г.}, 104 с.

тақвияти гуногунақидавии равияҳои асосии исломӣ – сунниҳо ва шиаҳо ва бад-ин восита абадӣ гардонидани ҳокимияти мустамликадорон бар болои табақаҳои мусулмон маҳсуб меёбад.

Дар шароити кунунӣ равияи динӣ-ифротии салафия, ки сарватҳои бузурги нафтии Арабистони Саудиро дар ихтиёр доранд, тавассути истифодаи ин боигарӣ ба ҳаракати хеле пурқувват табдил ёфтаанд ва дар ҳама ҷо дар рӯйи олам марказҳои тарғиботии ақидаҳои худро ташкил додаанд. Барои расидан ба ин мақсадҳояшон онҳо маблағҳои зиёдеро барои гузаронидани семинарҳо дар ҳудуди Покистон харҷ мекунанд, ки дар ин кишвар донишҷӯён аз Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ таҳсил мекунанд ва аҳолии камбизоати суннӣ умр ба сар мебаранд. Ба воситаи маблағгузориҳо дар ташкили семинарҳо ва дигар талаботи донишҷӯёну аҳолӣ салафиён онҳоро ба ҷонибдории худ ҷалб менамоянд. Аксар донишҷӯён - бародарон, аз ҷумла тоҷикистониҳо аз ҳисоби онҳо умр ба сар мебаранд, аз ин рӯ, ба осонӣ дар зери таъсири тарғиботи моҷароҷӯёнаи салафиён меафтанд.

Фақеҳи араб Аш-Шатибӣ собит месозад, ки ҳамаи ташкилотҳо ва мазҳабҳои динӣ-экстремистӣ дар асоси надонистани асосҳои асли шариат пайдо мешаванд. «Сабаби аслии раҳгум задани онҳо дар надонистани ҳадафҳои шариат, хатоҳои маънавӣ бо сабаби пайравӣ кардан ба фарзу тахминҳои тасдиқношуда ва ё иҷрои амалҳо аз рӯйи нахустин фарзияҳои муайян ба шумор мераванд. Чунин ашхос наметавонанд ба умқи донишҳо фурӯ раванд»[203].

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосаи зерин омадан мумкин аст: Як қатор муҳаққиқон собит месозанд, ки ташкилотҳои нави ғайрианъанавии динӣ – экстремистӣ дар Тоҷикистон ва тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамчун мухолифини сиёсӣ зуҳур ёфтаанд. Гӯё ки ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ташкилотҳои ифротиро барои мустаҳкам кардани мавқеи худ дар ҳукмронӣ

[203]Дискуссия ибн Аббаса с Хариджитами. Выводы и назидания. Рус.перевод Муин-Абд аль-Кадир. Islamhouse. 2010-1431.-С.6.

ва роҳ надодани ташкилотҳои мазкур ба ҳукумат фикр карда баровардааст. Ба ақидаи мо, ин нуқтаи назар асоси воқеӣ надорад ва қобили қабул нест. Аммо дар кадом асос ташкилотҳои мазкур ба номгӯйи ташкилотҳои экстремистӣ шомил шудаанд? Метавон ба он таърифе розӣ шуд, ки муҳаққиқи рус Л. С. Перепёлкин пешниҳод намудааст: «экстремистӣ он равияҳои динӣ ва ба ҳамин монанд ташкилотҳоеро ҳисобидан мумкин аст, ки барои густариши талабот ва ғояҳои худ дар давлат ва ҷомеа кӯшиш менамоянд ва барои расидан ба ҳадафҳояшон усулҳои зӯровариро ба кор мебаранд»[204]. Л. С. Перепёлкин аз ҷумла, зикр менамояд, ки таҷрибаи даврони шӯравӣ мантиқи муайяни рушди экстремизми сиёсиро дар заминаҳои динӣ собит кард, ки онҳо, одатан, ба табақаҳои қашшоқ ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ озурдаҳоли аҳолӣ такя менамоянд. Экстремизм дар шароити буҳрони иҷтимоӣ- сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ рушд меёбад. Вазъияти динӣ дар Тоҷикистонро метавон ҳамчун вазъияти ошкоро ва босуръат рушдёбанда арзёбӣ намуд. Бо вуҷуди ин, ташкилотҳои мухталифи динӣ-экстремистӣ, ки аз хориҷа маблағгузорӣ мешаванд, ин ҳама ошкорбаёниро барои манфиатҳои ғаразноки худ истифода менамоянд. Онҳо мехоҳанд, ҷомеа исломии адолатнок дар асоси таълимоти Қуръони карим, суннатҳо ва шариат барпо карда, ҳамчунин давлати исломии дорои чунин имкониятҳое таъсис диҳанд, ки дар он ҳамаи аъзои ҷомеа аз ҷиҳати иҷтимоӣ баробар буда, ин сохти давлатдорӣ ба ҳамраъйӣ ва ҳақиқатнигорӣ асос ёфта бошад. Аммо таҷрибаи давлатҳои исломӣ дар ҷаҳон собит намудааст, ки чунин нахоҳад буд.

Ҳамин тариқ, барои пешгирии самараноки ҳаракатҳои динӣ - экстремистӣ, ба ақидаи мо, тадбирҳои зеринро амалӣ намудан зарур аст:

1. Зарур аст, ки қабл аз ҳама имкониятҳо ва заминаҳои худи дин мавриди истифода қарор гиранд. Ҳамкориро бо он доираҳои муътадили динӣ, ки манфиатҳои давлатӣ ва миллиро бо арзишҳои динӣ тавъам медонанд, ба роҳ мондан ва таҳким бахшидан лозим.

[204]Международный терроризм: борьба за геополитическое господство. М.: Эксмо, 2007-С.280.

2. Қонунҳое қабул бояд кард, ки роҳҳои сарварони ғоявии равияҳои динӣ-экстремистиро дар фазои динии Тоҷикистон баста гардонанд.

3. Уламои динӣ бо дастгирии ҳукумат бояд ба барномаҳои маърифатӣ оид ба омӯзиши исломи суннатии мазҳаби ҳанафӣ тақвият бахшад, то ки ба фаъолияти ошкорои ташкилотҳои ифротӣ террористӣ дар байни аҳолӣ роҳ дода нашавад. Дар баробари ин, тадбирҳои мазкур бояд таъсирнокии зуҳуротҳои динӣ – ифротиро дар Тоҷикистон коҳиш диҳад.

4. Сатҳи зиндагии аҳолиро тавассути барномаҳои махсуси иқтисодӣ баланд бардошта, ба коҳиш додани сафҳои табақаҳои камбизоати ҷомеа бояд мусоидат намуд.

5. Тоҷикистон иштирокчии фаъоли раванди глобалии муқовимат ба экстремизми динӣ ва терроризм ба шумор меравад. Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо давлатҳои ИДМ, қабл аз ҳама бо аъзои СММ оид ба бехатарии дастаҷамъӣ ва Созмони Ҳамкориҳои Шанхай бояд сиёсати нави таҳким сулҳу суботро дар кишвари мо ҳамчунин дар ҳамаи кишварҳои пасошӯравӣ татбиқ намояд.

6. Ғайр аз ин, мо давлати миллӣ бунёд мекунем. Дар робита ба ин, вазъияти дини дар кишварҳои ҳамсоя ва фаъолияти таҷовузкоронаи эҳтимолии гурӯҳҳои динии экстремистиро аз ин кишварҳо ба ҳисоб гирифтан зарур аст.

7.Вазифаи аввалиндараҷаи давлат ва дигар институтҳои ҷомеаӣ аз он иборат аст, ки ба қабули барномаҳо оид ба ташкили муҳити ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа тақвият бахшанд.

§2.4 ТАЪЛИМОТИ ДИНӢ ДАР ХОРИҶА: МАСЪАЛА, ДУРНАМО ВА ТАМОЮЛҲО

Таъкид менамоям, ки ба анҷом расидани задухӯрдҳои мусаллаҳона дар ҳудуди Ироқ ва Сурия маънии пурра барҳам хӯрдани ташкилоти террористии ба ном “Давлати исломӣ” ва дигар созмонҳои террористиро

надорад ва набояд боиси хотирҷамъиву ғафлати сохтору мақомоти дахлдор гардад.

Эмомалӣ Раҳмон

Тағйироти тайи солҳои дар Тоҷикистон рухдода боиси дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти одамон гардиданд. Новобаста аз афзалиятнокии бебаҳси навсозиҳои демократӣ ва инкишофи тафаккури динӣ, дар Тоҷикистон ихтилофоти сифатан нав, зиддиятҳо бо тундгароёни мазҳабӣ ва экстремистӣ зуҳур ёфтанд. Ҷавонон рӯ ба пайравӣ ба равияҳои исломии ифротӣ, ки дар вақтҳои охир дар Тоҷикистон мавқеи устувор ишғол менамоянд, рӯ меоваранд. Тайи 25 соли охири таърихи муосири Тоҷикистон хоҳишмандон аз ҳисоби ҷавононе, ки мехоҳанд маълумоти диниро дар кишварҳои исломии Шарқи Наздик соҳиб шаванд, кам нестанд. Таълими динӣ, ки дар марказҳои динии кишварҳои Шарқи Наздик таълим дода мешаванд, ошкоро хусусиятҳои радикалӣ-экстремистӣ дорад. Барои дар хориҷа ба маълумоти динӣ соҳиб гаштани ҷавонони хоҳишманд шахсони муайян ёрӣ мерасонанд, ки онҳо дар бадали ин фаъолияташон аз фонди бо ном Фонди исломии кишварҳои араб маблағҳо мерӯёнанд.

Чуноне ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо уламоҳои кишвар зикр намуд, экстремизм ва таассубгароӣ дар Тоҷикистон қувват мегиранд ва ба омилҳои нооромкунандаи ҷомеа табдил ёфтаанд. «… Экстремизм, таассуб, хурофот, коштани тухми хусуматҳои динӣ ва мазҳабӣ, дар роҳи дин қурбон шудани одамон, суйистифода намудан аз ислом бо мақсадҳои сиёсии шахсӣ, гурӯҳӣ ва дигар амалҳои манфии барои ҷомеаи муосир хавфнок, моро водор месозанд, ки дар ин самт тадбирҳои қатъӣ андешем. Аз рӯйи маълумотҳои мавҷуда имрӯз беш аз 80 хонавода аз ҳисоби шаҳрвандони Тоҷикистон дар музофоти Вазиристони ҷумҳурии исломии Покистон ва мактабҳои динии Ҷумҳурии Исломии Эрон ҷойгиранд».[205]

Ин тамоюли манфӣ, пеш аз ҳама, ба мавқеи сиёсии Тоҷикистон дар миқёси ҷаҳон зиён меоварад. Чанде қабл дар ВАО изҳороте нашр гардид, ки

[205]Полный текст выступления Э. Рахмона на встрече с духовенством. http://news.tj/ru/news/polnyi-tekst-vystupleniya-e-rakhmona-na-vstreche-s-dukhovenstvom (дата обращение 11.03.2014)

тибқи он дар ҷанги шаҳрвандии Сурия шаҳрвандони Тоҷикистон низ иштирок менамоянд; онҳоро аъзоёни фаъоли ҳаракати динию ифротии «Ансоруллоҳ» дар худи Тоҷикистон, дар Истаравшан ба сафҳои худ ҷалб намудаанд. Дар шаҳри Кӯлоб бо гумонбарӣ барои ҷалби қариб 30 нафар ҷавонон дар ҷанги Сурия шаҳрванд Давлат Чол – собиқ қумондони Фронти халқӣ дастгир шуд, ки вай дар байни ҷавонони Кӯлоб тарғиботи динӣ-экстремистӣ ва салафӣ мебурд. Ҷиҳодиён ба сафҳои худ ҷанговаронро аз тамоми ҷаҳони мусулмонӣ, ҳамчунин Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Канада, Британияи Кабир, Фаронса, Белгия, Ирландия, Германия ҷалб менамоянд. Директори Маркази исроилӣ оид ба омӯзиши террор Реувен Эрлих чунин мепиндорад, ки қабл аз ҳама «онро бояд фаҳмид, ки «Ал-Қоида» ҷиҳодиёнро, масалан, ба Париж сафарбар мекунанд». «Ҷавонони мусулмон, -мегӯяд Эрлих, - аз Аврупо ба осонӣ сарҳадҳои Туркия ва Эронро гузашта, ба ташкилотҳои террористӣ шомил мешаванд»[206]. Идеологон ва ҷалбкунандагонро ошкор кардан лозим, онҳоро дарёфтан зарур аст, ки сарчашмаи таъминоти маблағҳои пулӣ аз куҷост, киҳо миёнравӣ мекунанд?». Тибқи маълумоти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон маҳз дар муассисаҳои шубҳаовари таълимии исломӣ ҷалби ҷавонон ба сафҳои ташкилотҳои ифротгароӣ сурат мегирад.

Мувофиқи иттилооти мавҷуда дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб 47 мактаби махфии динӣ мавҷуданд, ки дар онҳо 400 нафар писарон ва духтарон бо таҳсил фаро гирифта шудаанд. Дар ин мактабҳо асосҳои исломи ифротӣ - радикалӣ омӯзонида мешавад. Ҷавононро муллоҳои оид ба асосҳои ислом ва мазҳаби ҳанафӣ дониши пастдошта таълим медиҳанд. Тафсирҳои ғайримаъмулии онҳо ба ҳаракатҳои экстремистӣ имконият медиҳад, ки фаъолияти худро дар ҳудуди давлати мо густариш диҳанд. Ин имомхатибҳо аз байни шогирдони худ қобилиятнокҳоро интихоб карда, ба таври ғайриқонунӣ ба мактабҳои динии

[206]Как изменится ИГ после битвы за Мосул. https://www.lragir.am/ru/2016/10/19/51664/ (санаи мурочиат ба сайт 23.09.2017)

хориҷӣ мефиристонанд. Назар ба маълумотҳои мавҷуда дар деҳаи Ҳосилоти ноҳияи Вахш Илҳом Норқулов ғайриқонунӣ дар хонаи худ ба 50 нафар ҷавонон сабақ омӯхта, аз байни онҳо шогирдони аз ҳама фаъолро интихоб карда, ба назди шиноси худ дар ноҳияи Рӯдакӣ фиристодааст. Ин ҷавонон дар ноҳияи Рӯдакӣ сабақомӯзиро идома дода, сипас, онҳоро ба хориҷа, ба мактабҳои динӣ фиристодаанд. Аслан ба таври ғайриқонунӣ барои таҳсил дар хориҷа собиқ тарбиятгирандагони мактабҳои динии ғайриқонунӣ дар Тоҷикистон амалкунанда равон карда мешаванд.

Мушкилоти асосӣ барои мутобиқати муҳассилини мактабҳои динии хориҷа, ки ба Тоҷикистон баргаштаанд, он аст, ки онҳоро сари вақт бо шуғлҳои муносиб ва барои гирифтани маълумот шароиту имкониятҳои зарурӣ таъмин наменамоянд. Ҳолатҳои мазкур боиси афзудани норизоӣ ва дувумбора тарки Тоҷикистон намуданашон мегарданд.

Муҳаққиқон дар ақидае ҳамфирканд, ки омилҳои мазкур гувоҳи фаъолияти сусти мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла Кумитаи оид ба корҳои дин ва Агентии оид ба муҳофизати иҷтимоӣ ва меҳнат ба шумор мераванд, ки онҳо барои фароҳам овардани шароитҳои мусоиди корӣ ва соҳибмаълумот шудани донишҷӯёни ба Ватан бозгашта тадбирҳои зарурӣ намеандешанд.

Мавриди зикр аст, ки ҷалби ҷавонон сараввал тавассути Интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ сурат мегирад, сипас, ба онҳо пешниҳод менамоянд, ки омӯзиши диниро дар кишварҳои араб гузаранд. Писарбачагони нисбатан боҷуръат ва рӯҳияи ҷангидоштаро ба қароргоҳҳо барои омодагии ҷанговарони ҷавон мефиристонанд». Аз онҳо қумондонҳо (амирҳо)-ро тайёр карда, ба гурӯҳҳои ҷиҳодиён барои иҷрои амалиёти ҷангӣ алайҳи ҳокимияти расмии Сурия равон мекунанд. Бояд тамоми ҷаҳон хабар дошта бошад, ки «Ал-Қоида» дар ҳама ҷо сирояти терроризмро паҳн мекунад. Ҳар нафаре, ки дар қароргоҳҳои машқгузаронии онҳо таълим гирифтааст, ба хона ҳамчун ҷиҳодиёни асил бармегарданд. Ин хатарноктарин сирояти вирусист. Ин одамон ба кишвари худ ҷиҳоди ҷаҳонӣ меоваранд.

Сурия, дар таърихи муосири худ, ба саҳнаи муборизаҳои шадиди давлатҳои ҷаҳон барои афзалиятҳои геополитикӣ дар ин кишвар фаро гирифта шудааст. Ҷангу муборизаҳои экстремистӣ қабл аз ҳам бо кӯмаки ташкилотҳои динӣ - экстремистии «Ан-Нусра», «Ал-Қоида» ва «ДИИШ» сурат мегиранд. Кӯмакҳои молиявиро сарпарастони маъмулии экстремизми динӣ ба мисли ИМА, Арабистони Саудӣ ва Қатар таъмин менамоянд. Ба ақидаи муҳаққиқон, ин кишварҳо варами ҷурмаҳоеро пайдо кунонидаанд, ки аз онҳо сар баровардани ҷангҳои геополитикӣ аз эҳтимол дур нест.

Директори Маркази исроилӣ оид ба омӯзиши террор доктор Реувен Эрлих, собиқ корманди шуъбаи таҳлилии Разведкаи ҳарбии Исроил чунин мешуморад, ки аъзои «Ал-Қоида» - на танҳо мутаассибони беақл, бо камарбандҳои ба қатл маҳкумшуда, балки дар навбти аввал дурнамои ҷиҳоди ҷаҳонӣ барои таҳти назорат гирифтани чорсӯи тиҷорат ва майдонҳои нафт ба шумор мераванд. Маҳз чунин аст нақшаҳои «Ал-Қоида» ва ташкилотҳои ҳаммасалаки он: зарба задан ба манфиати на танҳо Исроил, ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Руссия, балки ба тамоми ҷаҳон. Бо неруҳои манфиатхоҳ торафт бад шудани вазъият дар Сурия дарвоқеъ боиси нигаронист: агар «Ал-Қоида» мавқеи худро дар Сурия устувор намояд, ҳамаи системаи сабру таҳаммул ва мувозинате, ки амрикоиҳо мехоҳанд ташкил намоянд, салоҳияти худро гум мекунад, худи «Аль-Қоида» бошад, ҳама гуна имкониятҳои таъсиррасонӣ ба минтақаро аз даст медиҳад[207].

Ҷиҳодиён ба дастаҳои худ ҷанговаронро аз тамоми ҷаҳони ислом, ҳамчунин аз ИМА, Канада, Британияи Кабир, Франсия, Белгия, Ирландия, Германия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷалб менамоянд. Ба ақидаи мо, қабл аз ҳама онро бояд донист, ки ҳаракатҳои динӣ- экстремистӣ ҷавонони ҷалбшударо чӣ гуна сафарбар менамоянд. Масалан, ҷавонони ҷалбшуда аз Тоҷикистон ба осонӣ сарҳади Туркияро гузашта, ба ташкилотҳои террористӣ

[207]Р. Эрлих Для израиля Америка сегодня – это сила, которая будет защищать лишь свои интересы. http://maof.rjews.net/actual/13-2009-07-21-16-52-07/28990-2015-02-22-15-31-39

шомил мешаванд». «Ал-Қоида» ҷиҳодиёнро, масалан, ба Париж сафарбар мекунанд. Вазифаи аввалдиндараҷа - ҳайати иҷтимоии ҷавононеро, ки ба ҷиҳод фиристода мешаванд, муайян кардан лозим аст. Ҳамчунин зарур аст, ки ҷалбкунандагон ба сафи ҳаракатҳои экстремистӣ, манбаъҳои маблағгузорӣ, миёнаравҳо ошкор карда шаванд.

Муҳаққиқон собит месозанд, ки ҳамаи ин ҷавононро мураббиёнашон, ки донишҳои динӣ доранд, аз ҷиҳати ғоявӣ ба гап медароранд. Ҷалбшудагон дар мадрасаҳо ё ва лагерҳои таълимӣ асосҳои идеологияи ҳаракатҳои экстремистиро меомӯзанд, сипас, онҳо ба ватан баргашта, дар байни ҳамсолон ё шиносҳояшон корҳои таблиғотӣ мебаранд».

Бо баҳонаи аз бар намудани маълумоти васеи динӣ ба сафҳои ташкилотҳои экстремистӣ шомил шудани ҷавонони тоҷик вазъияти диниро дар ҷомеа боз ҳам тезу тунд мегардонад. Аксар аҳолии Тоҷикистон мазҳаби ҳанафиро пайравӣ менамоянд, аз ин рӯ ҷаҳони ислом мустақиман ба ҳолати умумии вазъияти динии ҷомеа таъсир мерасонад. Тайи солҳои охир дар муҳити ҷомеаӣ норозигӣ на фақат аз дигар динҳо, балки ҳамчунин аз дигар равия ва ҳаракатҳои исломӣ, ки характери ифротию террористӣ доранд меафзояд. Ин ҳаракатҳои экстремистӣ ва террористӣ исломӣ муътадилро олуда карда, аз хориҷи кишвар мафҳумҳои исломии ба исломи суннатӣ бегонаро ворид месозанд. Хусусияти вазъияти динӣ дар кишвар аз он далолат мекунад, ки исломи анъанавӣ дар Тоҷикистон метавонад, ки мавқеъашро аз даст диҳад.

Бо афзудани теъдоди субъектҳо ва ташкилотҳою ҳаракатҳои ифротию террористӣ қаблан диданашудаи динӣ ва таҳдидҳои пайдо шудани ихтилофот дар заминаҳои динӣ зиёд мешаванд. Аъзои ҳаракатҳо ва мазҳабҳои динӣ самти экстремистию террористӣ дошта маълумоти диниро дар хориҷа, ба мисли Покистон, Бангладеш ва як қатор кишварҳои арабӣ соҳиб мешаванд. Таълимгирифтагони беназоратмонда, ки бо теъдоди зиёд дар мадрасаҳо ва муассисаҳои таълимии ин кишварҳо таълим мегиранд, асосан, дар қароргоҳҳои ҳарбиии ташкилотҳои террористии Афғонистон ҷойгир карда

мешаванд. Пас аз хатми таҳсил онҳо на фақат ба ҳайси тарғибгарони дин (аксаран – тарғибгарони динӣ- экстремистӣ) баромад мекунанд, балки бар замми ин, бо гуфтору рафтор ба урфу одатҳои ба миллати мо бегона тақлид намуда, ифтихори миллии аҳолиро ба шӯр меоваранд ва барои ихтилофоти гуногун заминаҳо фароҳам меоранд. Баъди бозгашт ба ватан ҳини кӯшишҳои тарғиб намудани ғояҳои экстремистӣ онҳо дучори таънаву маломат, қаҳру ғазаб ва нафрати аҳли ҷомеа мегарданд, ки ин ҳолатҳо боиси тақвияти душвориҳои бо кортаъминкунӣ мегарданд. Ин аст натиҷаи сиёсигардонии ислом, ки ба густариши экстремизми динӣ, рӯҳияи ифротгароӣ дар ҷомеаи исломӣ, халалдор намудани пояҳои тӯли асрҳо ғуншудаи сабру тааммул ва ҳамзистии осоишта бо дигар гурӯҳҳои динӣ мусоидат менамояд.

Дар соли 2011-ум қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба ватан баргардонидани донишҷӯёни дар мактабҳои динии давлатҳои исломӣ таҳсилкунанда қабул карда шуд. Аз рӯйи маълумоти ВАО дар як қатор марказҳои динии Шарқи Наздик ба муҳассилин ғояҳои радикалию-экстремистиро таълим медоданд, хулласи гап, аз писарбачагон ҷаҳонбинии торики ифротӣ, мутаассибон ва экстремистонро тайёр мекарданд. Дар кишварҳои исломӣ 2413 нафар ҷавонони Тоҷикистон бо таҳсил фаро гирифта шуда буданд. Ҷавонони тоҷик асосан дар Арабистони Саудӣ, Лубнон, Миср, Эрон, Покистон ва Яман таълим мегирифтанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт, ки «шумо гумон мекунед, ки онҳо мулло мешаванд? Онҳо террорист ва экстремист мешаванд!»[208]. Чунин изҳороти қатъии Сарвари давлати Тоҷикистон баъди оне садо дод, ки дар кишвар якчанд амалиёти террористӣ ба вуқӯъ пайваста буд.

Муовини раиси Кумитаи оид ба дини Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Мухторов вобаста ба ин масъала қайд кард, ки «Марбут ба ин, то ки обрую нуфузи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ коҳиш наёбад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул кард, ки шаҳрвандони худро аз муассисаҳои

[208] В Таджикистан возвращены 1 тыс. 950 таджикистанцев, изучавшие каноны ислама за рубежом. http://news.tj/ru/news/v-tadzhikistan-vozvrashcheny-1-tys-950-tadzhikistantsev-izuchavshie-kanony-islama-za-rubezhom (дата обращение 12.03.14)

таълимоти динии хориҷӣ ба ватан баргардонанд. Мо якчанд гурӯҳ таъсис додем, ки онҳо таълимоти шаҳрвандони тоҷикро дар кишварҳои исломӣ мавриди таҳлил қарор диҳанд ва мо ошкор намудем, ки бисёрии онҳо аз мазҳаби ҳанафӣ – мазҳаби анъанавии Тоҷикистон хеле дуранд. Ҳамчунин мо шоҳиди он шудем, ки донишҷӯёни баватанбаргашта побанди мазҳабҳои ба мо бегона гаштаанд. Дар ин замина дар байни бозгаштагон ихтилофот пайдо шудааст»[209]. Дар воқеъ, вақтҳои охир дар масҷидҳо ва дигар ибодатгоҳҳо дар байни бозгаштагон дар заминаи тафсироти думаъногии аҳкоми Қуръон ва суннат бисёр ҷанҷолҳо сар мезананд. Ғалат тафсир кардани Қуръон, ҳадисҳо ва суннат аз он шахсоне сар мезанад, ки таълимоти диниро дар хориҷа гирифтаанд, аъзо ё ҷонибдорони равияҳои динӣ-экстремистӣ мебошанд. Пӯшида нест, ки майлу рағбати табиӣ ба решаҳои аждодӣ, худшиносии қавмӣ ва динӣ баъзан тобишҳои ғалат ва манфӣ ба худ гирифта, боиси қаҳру ғазаб намояндагони дигар халқиятҳо, эътиқодмандони нуқтаи назари дигари динӣ, соҳибони фарҳанги дигар мешавад.Дар марҳилаи кунунӣ раванди худшиносии мазҳабӣ дар асоси маърифати динӣ аз он вақҳ мушкил аст, ки муҳити динии ҷомеа аз доираи васеи равияҳои динӣ-экстремистӣ пур гаштааст. Ин вазифаи хеле душвор барои аҳолӣ, бахусус ҷавонон хоҳад буд.

Далелҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки бесаводии динии ҷавонони муосир омили асосие ба шумор меравад, ки сарварони равияҳои радикалӣ- экстремистӣ барои пешбурд, амалӣ гардонидани мақсадҳои динӣ- сиёсӣ ва ғаразноки худ аз он истифода мебаранд. Дар баробари ин, онҳо ба ягонагии иттиҳоди ҷавонон зиёни ҷиддӣ расонида, вазъи иҷтимоӣ сиёсии ҷомеаро ноором месозанд. Муҳаққиқи тоҷик М. Абдуллозода чунин мешуморад, ки сарварон ва аъзои равияҳои экстремистӣ қонунҳо ва аҳкоми дини исломро бо шиорҳои сиёсии худ, ки ба меъёрҳо ва аҳкоми ин дини пок муқобиланд, махлут мегардонанд. Онҳо бо донишҳои ночизи динии худ дар тарғиботашон аҳкоми

[209]Религиозное образование в Таджикистане: проблемы и пути их решения. http://www.news.tj/ru/news/v-dushanbe-obsuzhdayut-problemy-religioznogo-obrazovaniya-v-tadzhikistane (дата обращение 5.03.2014

исломро ғалат маънидод карда, бад-ин восита ҷавонони бесаводро ба доми фиреб мекашанд[210].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон зикр намуд, ки «дар ҳолати мавҷуд будани 4000 масҷид, 6 мадраса, як гимназия ва як донишкадаи исломӣ зиёда аз 7000 хатмкунандагони муассисаҳои таълимоти динӣ дар ҷумҳурӣ ва хориҷа, 200 000 ҳоҷиён, дар ҷомеа таассуб, экстремизм ва ифротгароӣ ва ҳатто зуҳуроти хавфноки терроризм ба қайд гирифта шудаанд»[211]. Ин тамоюл аз он шаҳодат медиҳад, ки дар муҳити динии Тоҷикистон равияҳои мухталифи ифротгароии исломӣ амал мекунанд ва ҳар як ҷонибдори ин равияҳо асосҳои исломро аз рӯйи меъёрҳои гуногун таълим мегиранд.

Ходими машҳури дин ва собиқ қумондони саҳроии мухолифин аз шаҳри Кӯлоб Мулло Ҳайдар баргардонидани ҷавонони бо ҳар роҳу восита барои таҳсил ба хориҷи кишвар рафтаро иқдоми дурандешона арзёбӣ мекунад. «Дар кишварҳои мухталиф, донишкадаҳои исломӣ, масҷидҳо равияҳо ва анъанаҳои мухталифи исломиро меомӯзанд. Ва ҳамаи ин таълимот дар зери шиори Ислом сурат мегиранд ва ҳатто нозуктарин қоидаҳо ва расму русуми ислом шарҳу эзоҳ дода мешаванд. Агар ин аҳвол идома ёбад, мо худ барои худ заминаҳои низову нифоқро дар асосҳои динӣ омода месозем»[212].

Як қисми муҳаққиқон ва ходимони динӣ-сиёсӣ алайҳи баргардонидани донишҷӯён дар мактабҳои динии хориҷӣ таҳсилкунанда баромад мекунанд. Чунончи, назар ба ақидаи собиқ муовини раиси ҳаракати ифротию террористии ҲНИ Маҳмадалӣ Ҳаит «дар давоми соли равон 2 ҳазор донишҷӯёни дар мадраса ва донишкадаҳои исломии хориҷа таҳсилкунанда маҷбуран ба ватан баргардонида шуданд. Фақат қисми ночизи донишҷӯён – каме зиёдтар аз 22 нафар имкон дарёфтанд, ки таҳсилашонро дар ватан идома

[210]М.Абдуллозода. Ифрот зодаи ҷаҳолат аст. http://millat.tj/millatvaislom/2287-ifrot-zodai-jaholat-ast.html (дата обращение 10.03.2014)
[211]Полный текст выступления Э. Рахмона на встрече с духовенством. http://news.tj/ru/news/polnyi-tekst-vystupleniya-e-rakhmona-na-vstreche-s-dukhovenstvom (дата обращение 11.03.2014)
[212]Религиозное образование за рубежом – вызов для безопасности Таджикистана. http://eurazvitiye.org/publication/20141114 (дата обращение 11.03.14)

диҳанд, боқимондагон бошанд, аз нав ба ғарибӣ рафтанд, зеро дар ҷумҳурии мо ҳолати таълими динӣ ба талабот ҷавобгӯ нест. Иҷборан ба ватан баргардонидани донишҷӯён ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Декларатсияи ҳуқуқ инсон (моддаи 28) ва ҳатто Қонун «Дар бораи маълумот» мутобиқат намекунад, зеро аз рӯйи ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳуқуқҳо барои донишандӯзӣ ва интихоби муассисаи таълимӣ тибқи майлу хоҳиши шаҳрвандон ва падару модарон сурат мегирад»[213]. Ин ақида қобили қабул набуда, М.Ҳайт аз мақомаш ҳамчун намояндаи Ҳизб истифода намуда бо ғаразҳои сиёсӣ ибрози назар кардааст. Мо шоҳидем, ки дар марказҳои донишгоҳҳои динии якқатор давлатҳои исломӣ ба ҷой донишманди соҳаи дини ифротгарою террорист тайёр карда истодаанд. Як қисми онҳо ба Тоҷикистон баргашта бо тарғиботи дини бегона вазъи динию сиёсии ҷомеаи моро халалдор месозанд. Мавриди зикр аст, ки на ҳамаи донишҷӯён маҷбуран ба ватан баргардонида шуданд, баъзеи онҳо ихтиёран ба ватан баргаштанд ва таҳсили худро дар донишкадаи исломӣ ва дигар мактабҳои олии Тоҷикистон идома медиҳанд. Мо бовар дорем, ки бозгашти донишҷӯён аз донишкадаҳо ва мактабҳои динии хориҷӣ метавонад ифротгароиро дар тафаккури ҷавонон пешгирӣ намояд.

Муҳаққиқи тоҷик А. Раҳнамо он нуқтаи назарро ҷонибдорӣ менамояд, ки тибқи он раванди ҷаҳонишавӣ доираи ҳамкориҳои мутақобилаи донишкадаҳоро дар ҷаҳон ва байни кишварҳо васеъ мегардонад. «Дар марказҳои динии исломӣ таълим гирифтани ҷавонон таърихи дерина дорад ва зуҳуроти фарҳангӣ-таърихӣ барои халқи тоҷик маҳсуб ёфта, худ аз худ зуҳуроти манфӣ маҳсуб намеёбад. Зиндагии гузаштагони мо собит месозад, ки таълими динӣ дар хориҷа ҳамчун як қисми муносибатҳои илмӣ-фарҳангӣ арзёбӣ мешавад ва ин ҳолат минбаъд низ идома хоҳад ёфт»[214]. Ҳуқуқҳои ҳар шахсро ба таълими динӣ ҳеҷ кас инкор намекунад, аммо давлат бояд

[213]Религиозное образование за рубежом – вызов для безопасности Таджикистана. http://eurazvitiye.org/publication/20141114 (дата обращение 11.03.14)

[214]Религия в споре с государством или наоборот. http://news.tj/ru/news/religiya-v-spore-s-gosudarstvom-ili-naoborot (дата обращение 17.03.2014)

системаи таълимоти диниро дар хориҷа ба танзим дарорад, то ки дар оянда амнияти худро аз чунин зуҳуроти хавфнок, ба мисли экстремизми динӣ, таассуб ва терроризм таъмин намояд. Вазъи имрӯзаи динӣ дар Тоҷикистон мисоли равшани зиддиятҳои ақидавии ҷавононе дар заминаҳои динӣ ба шумор меравад, ки онҳо дар марказҳои динии кишварҳои хориҷӣ таҳсил намуда ғояҳо ва аҳкоми дигар мазҳабҳои исломӣ ва равияҳои нисбатан ифротгаро ва мутаассибро омӯхтаанд.

Чун ба маълумоти хадамоти махсуси Тоҷикистон такя намоем, дармеёбем, ки дар донишгоҳҳои исломии хориҷӣ дар заминаи ғояҳои динӣ-экстремистии «Салафиён» ва «Ҷиҳод» аз рӯйи ҳадафҳои муайян экстремистон ва террористонро тайёр мекунанд.

Дақиқан маълум аст, ки роҳбарон ва ҷонибдорони ин ҳаракатҳо барои амалӣ гардонидани ҳадафҳояшон кумакҳои баъзе ташкилотҳои экстремистӣ ва террористӣ, махсусан кумакҳои он шаҳрвандонеро васеъ истифода мебаранд, ки дар вақташ аз ватан берун рафта, таълимоти диниро дар кишварҳои хориҷӣ соҳиб гаштаанд ва айни замон дар хориҷа умр ба сар мебаранд[215]. Хатмкардагон ва муҳассилини марказҳои исломӣ, мадрасаҳо, донишкадаҳо, донишгоҳҳо, ки ғайриқонунӣ фаъолият менамоянд, объектҳои асосии ҷузъиёти бегонаи дохилӣ барои истифодабарӣ дар ташкил ва татбиқи амалиёти террористӣ ва экстремистӣ алайҳи сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мераванд.

Сол то сол теъдоди донишҷӯёни ғайриқонунӣ аз ҳисоби шаҳрвандони мо дар мактабҳои динии давлатҳои исломӣ таҳсилкарда ва таҳсилкунанда меафзояд; аксарияти онҳо ғайриқонунӣ, худро тоҷир, сайёҳ ва ғ. муаррифӣ намуда, ба хориҷа рафтаанд. Дар баробари ин, донишҷӯён қоидаву низоми исломӣ, забонҳои хориҷӣ, омодагиҳои ҷисмонӣ ва ҳарбиро меомӯзанд. Чуноне ки маълум аст, омодагии ҳарбӣ қисми ҳатмии таълими динӣ ба шумор намеравад. Аз ин рӯ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар марказҳои

[215]Ё боз Абӯҳанифа ва ал - Бухорӣ аз ин хок бармехезад? http://millat.tj/millatvaislom/2355-muloi-tojick-va-amniyati-milli.html (дата обращение к сайту 17.03.2014)

номбурда на ходимони ояндаи динӣ, балки террористони потенсиалиро барои татбиқи ҳадафҳои ғаразноки равияҳои динӣ-экстремистӣ оид ба ноором сохтани вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва динӣ дар Тоҷикистон тайёр мекунанд.

Он шаҳрвандони Тоҷикистон, ки донишҳои диниро дар кишварҳои исломӣ омӯхтаанд ва меомӯзанд, дар оянда метавонанд, ба омилҳои хавфу таҳдид ва ноором сохтани ҷомеа табдил ёбанд. Зеро дар он кишварҳо равияҳои мухталифе мавҷуданд, ки метавонанд ба ҷавонон ғояҳои худро тарғиб намоянд. Аксари ҷавонон баъди бозгашт ба ватан тимсоли ҳаёти исломиро интихоб менамоянд, ба ин роҳ ҳамсоягон, дӯстон, хешу табор ва наздиконашонро андохта, ҳамчунин мутассил сохти давлати исломиро тарғиб менамоянд. Чунин касон бо истифода аз кумакҳои молиявӣ, ки аз хориҷа барояшон дастрас мешаванд, ғайриқонунӣ масҷидҳои ҷомеаи намози панҷвақта сохтаанд ва наврасону ҷавонон ҷалб менамоянд, то ки сафи ҷонибдорони худро афзоиш диҳанд. Воқеаҳои дар водии Рашт рухдода гувоҳӣ медиҳанд, ки маҳз намояндагони чунин мактабу марказҳо аз ҳисоби ҷавонон ба амалиёти террористӣ ҷалб карда шудаанд. Он далелҳо низ маълум аст, ки ҷавонон баъди бозгашт ба ватан дар байни аҳолӣ китобҳои динии равияҳои мухталифро паҳн мекунанд.

Вақти он расидааст, номгӯйи донишкадаҳо ва марказҳои диние, ки мутаассибон, экстремистони динӣ ва террористонро тайёр мекунанд, тартиб дода шавад. Дар асоси ин номгӯй донишҷӯёни худро ба марказҳои диние фиристодан лозим аст, ки ходимони аслӣ ва соҳибистеъдоди диниро омода месозанд. Дар ин масъала таҷрибаи Федедратсияи Россияро мавриди омӯзиш ва дастгирӣ қарор додан зарур аст. Масалан, вакилони мардумии Думаи давлатӣ пешниҳод намуданд, «рӯйхати сиёҳ»-и донишкадаҳои кишварҳои исломиро, ки «дар онҳо ғояҳои экстремизми динӣ таълим дода мешаванд», тартиб дода, тибқи қонун таҳсили ҷавононро дар марказҳо ва донишкадаҳои динии дорои хусусиятҳои экстремистӣ маҳдуд гардонидан зарур аст.

Муовини сардори дастгоҳи Президенти Руссия М. Магомедов собит месозад, ки зарур аст, системаи таҳсилот ва аз нав тайёр кардани уламоҳои дини ислом дар Руссия ташаккул дода шавад: «Исломи суннатии Россия низ гуногунтаркиб аст, аммо он ҳеҷ гоҳ таҷовузкор ва экстремист набуд. Аз бисёр ҷиҳат ин зуҳурот аз хориҷи кишвар ворид мешавад. Дар кишварҳои Шарқи Наздик, Миср, Покистон, Арабистони Саудӣ мактабҳои олие мавҷуданд, ки исломи анъанавиро паст зада пайгирӣ менамоянд, яъне, онҳо бо ин тарз, на уламои динӣ, балки террористонро омода месозанд. Мо бояд ин равандро таҳти назорат гирем. Дар кишвари худ таълимоти диниро ривоҷ хоҳем дод. Дар мо мактабҳои худии фиқҳ, исломӣ арзи вуҷуд мекунанд ва мо комилан ба он муҳтоҷ нестем, ки аксарият дар хориҷа таҳсил намоянд»[216]. Ин фикр дар асл дуруст аст. Месазад, ки мо соҳаи таълимоти диниро дар кишвар ба танзим дарорем ва барои хоҳишмандони таълимоти динӣ беҳтарин шароитҳоро ба вуҷуд оварем то, ки онҳо ба дигар кишварҳои исломӣ барои гирифтани таълимоти динӣ сафар нанамоянд. Танҳо ба ҳамин минвол мо метавонем пеши роҳи таълими динии ғайриқонуниро бигирем ва сади роҳи тамоюлоти радикалию экстремистишавии тафаккури ҷавонон гардем. Дар ин кор ҳамбастагии тамоми сохторҳои дахлдор ва ҷомеа зарур мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ қонун дар дигар самт - маҳдуд гардонидани таҳсилоти динӣ дар мактабҳои динии кишварҳои хориҷӣ қабул карда шудааст. Вакилони мардумии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба ворид намудани тағйиротро ба Қонун «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» пазируфтанд. Моҳияти Қонуни мазкур дар он ифода меёбад, ки минбаъд шаҳрвандони Тоҷикистон фақат баъди гирифтани маълумоти ибтидоӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ ва дар асоси ризоияти Вазорати маориф ва илм, Кумитаи оид ба корҳои динии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд, берун аз ҷумҳурӣ дар мактабҳои динӣ таҳсил намоянд.

[216]Руководить мусульманской общиной в РФ должен тот, кто прошел здесь соответствующую подготовку. http://www.ng.ru/news/449871.html (дата обращение к сайту 13.06.14)

Ба ақидаи Д. Давлатов моҳияти ин қонун аз он иборат аст, ки муҳити динии Тоҷикистон аз навсозиҳою таъсири бегонаи дигар равияҳою ҳаракатҳои ифротию террористӣ бехатар гардонида шавад. «Дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта дар ҷомеаи мо нахустин нишонаҳои ҷудоиандозии ҷомеа аз рӯйи аломатҳои динӣ пайдо шуданд. Он навовариҳое, ки шаҳрвандони алоҳида кӯшиш намуданд, ба ҳаёти динии ҷомеаи мо ворид созанд, ҳамин ҷудоиро ифода мекарданд. Онҳо шахсоне буданд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти динии кишварҳои хориҷӣ таълим гирифтаанд. Ин шахсон, шояд худ то охир дарк накарданд, ки дониши дар хориҷа андӯхтаашон то кадом андоза ба мазҳаби мо мувофиқат мекунад»[217]. Мо дар боло зикр намудем, ки бисёр ходимони машҳури динӣ ва аъзоёни фаъоли ҳаракати ифроию террористии ҲНИ ба ин қонун муқобил баромаданд. Ба ақидаи онҳо, гӯё қонуни мазкур ҳуқуқи инсонро ба гирифтани маълумоти динӣ маҳдуд мегардонад.

Аз нуқтаи назари мо ин қонун дар хориҷа маълумоти динӣ гирифтани ҷавононро манъ намекунад. Моҳияти қонуни мазкур дар он ифода меёбад, ки барои соҳибмаърифати динӣ гаштани ҷавонон шароитҳои мусоид фароҳам оварда шаванд ва бояд сафарбаркунии расмии ҷавонон барои таҳсил дар мактабҳои динӣ кишварҳои хориҷӣ зери назорат гирифта шавад. Ҳамчунин ҳадаф аз қабули ин қонун таъмини ҳуқуқу озодиҳои шахсият нисбат ба дин ба шумор меравад. Зеро аз назорат берун мондани ҷалби ҷавонон ба ҳар гуна мактабҳои ғайриқонунии динӣ ба ноором сохтани фазои динӣ дар ҷумҳурӣ оварда расонидааст. Бархе аз хатмкардагони ин мактабҳо то ҳаде рӯҳияи экстремистӣ доранд, ки на фақат талаботи ҷомеаи демократии дунявии Тоҷикистонро халадор месозанд, балки ҳамчунин ҷониби намояндагони мазҳаби маъмулии ҳанафӣ санги маломат меафкананд. Баҳсу мунозираҳо баъзан ба ихтилофот ва задухӯрдҳо оварда мерасонанд, ки дар натиҷа

[217]Демократия тоже имеет свои пределы. http://news.tj/ru/news/d-davlatzoda-demokratiya-tozhe-imeet-svoi-predely (дата обращение к сайту 18.03.14)

шаҳрвандон зарар дида, ба арзишҳои демократӣ ва қонуният зиёни ҷиддӣ мерасад.

Чи тавре зикр кардем омили дигари мушкилиҳои марбут ба таҳсилоти ҷавонон дар мактабҳои динии хориҷӣ ба рақобат тоб наовардани низоми таълимоти динӣ дар шароити кунунӣ ба шумор меравад ва ин душвории муҳим то ҳанӯз ҳалли худро наёфтааст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки сатҳи таълимотии динии аҳолӣ дар дохили кишвар баланд бардошта шавад, то ки ба ҳамаи ҷанбаъҳои тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи дин ҷавобгӯ бошад. Зеро суботи давлат ва амнияти аҳолӣ аз ҳамин вобаста аст.

Вобаста ба ҳамин масъала муфтии Тоҷикистон Саидмукаррам Абдуқодир омили асосии қафомонии таълимоти диниро дар норасоии кадрҳои баландихтисос мебинад. «Норасоии ҷидии кадрҳои баландихтисоси исломӣ душвории асосии ин соҳа ба шумор меравад. Ҳолати мазкур вобаста аз он аст, ки дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ имкониятҳо барои омода намудани мутахассисон дар соҳаи дин вуҷуд надоштанд. Аммо баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон донишгоҳи исломӣ таъсис ёфт. Вале, мутаассифона, душвориҳои тайёр кардани мутахассисон тайи ин солҳо ҳалли худро наёфтанд. Бо дарназардошти ҳамин мо қуввату ғайрати заруриро ба он равона менамоем, ки мутахассисони баландихтисоси худро дошта бошем. Дар донишгоҳи мо машғулиятҳои илмӣ-маърифатнокиро чор нафар омӯзгорон аз «Ал-Азҳар» мегузаронанд»[218]. Тайёр кардани имомхатибҳо душвории муҳим дар ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҳатто Федератсияи Руссия маҳсуб меёбад. Дақиқ аст, ки бояд имомхатибон дар мактабҳои динии кишварамон бо дарназардошти мазҳаби ҳанафӣ тайёр намоем, то ки муҳити динии ҷомеа ором нигоҳ дошта шавад.

Дар шароити кунунӣ сатҳи маърифати динии имомхатибони мо хеле паст аст, зеро аксари ин имомохатибон худомӯзанд ё маълумоти динии пинҳонӣ гирифтаанд ва ба талаботи имрӯзаи системаи таълимоти динӣ

[218]Муфтий Таджикистана: Мы ставим проблему подготовки высококвалифицированных кадров в области ислама на первое место. http://www.islamsng.com/tjk/interviews/2877 (дата обращение 7.03.2014)

ҷавобгӯ нестанд. С. Шарифов чунин мешуморад, ки «… аксари имомхатибони мо вазифаи худро дар ҷомеа намедонанд. Шумораи зиёди онҳо маълумоти олӣ надоранд. Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ онҳо дар мактабҳои пинҳонии динӣ таълим гирифтаанд, аз ин рӯ, андешаҳои тангу маҳдуд доранд… Ин «баргузидаҳо» оид ба масъалаҳои геополитикӣ, таърих, сиёсати дохилӣ ва ихтилофот дорои ақидаҳои мустақил нестанд»[219].

Муҳаққиқи рус В. В. Попов чунин мешуморад, ки проблемаи кадрҳои динӣ «… ба ноомодагии ба истилоҳ инфрасохторӣ ва қабл аз ҳама мавҷуд набудани системаи муосири дурандешонаи маълумоти динӣ, маърифатнокӣ, тарбияи исломӣ марбут аст. Корҳои марбут ба нашри Қуръон, манбаъҳои ҳуқуқҳои мусулмонон, адабиёт дар мавзӯъҳои назария ва амалияи исломӣ ба андозаи комил ба роҳ монда нашудаанд. Аз ҳама асосӣ - амалан дар ҳамаи марказҳои динӣ норасоии ҷидии имомони соҳибихтисос, устодон, фақеҳон ба мушоҳида мерасад[220]. Дар натиҷа, фазои холигиро тарғибгарони хориҷии ғояҳои ифротию террористӣ пур мекунанд, ки даъвои муҳофизони исломи ягонаи ҳақ мекунанд, аммо дар амал онҳо тарғибгаронӣ консепсияҳои дини иртиҷоӣ, дур аз равияҳои муътадил ва ба меъёрҳои ислом куллан бегона маҳсуб меёбанд.

Ба мо зарур аст, ки мо заминаҳо барои соҳиб шудан ба маълумоти динӣ ва рушди он мавҷуданд, мо метавонем таълим диҳем, аммо барои ин дастгирии ҷиддӣ зарур аст. Мо мазҳаби бароямон ибтидоии ҳанафиро меомӯзонем ва ин ба он кафолат медиҳад, ки донишҳои азбарнамудаи донишҷӯёнамон ба анъанаҳо ва суннатҳои бунёдии халқи мо мухолиф нахоҳад буд ва боиси низову нифоқ нахоҳад шуд.

Барои ҳалли ин проблема ҳамчунин посухи динӣ додан, яъне, дар дохили кишвар барои соҳиб шудан ба маълумоти муосири динӣ шароити

[219]Исламизация является естественным состоянием таджикского общества - глава Центра стратегических исследований при президенте Таджикистана. http://islamnews.tj (дата обращение к сайту 18.03.2014)
[220]В.В. Попов. Карт – бланш. Ислам требует большого внимания. http://www.ng.ru/faith/2013-11-11/3_kartblansh.html (дата обращение к сайту 15.04.2014)

қонунӣ фароҳам овардан зарур аст. Ана ҳамон вақт душворӣ мутассил ҳалли худро меёбад. Дар ҳолати имрӯза бошад, ба ҳар ҳол, нигоҳ доштани онҳое, ки барои дар хориҷа соҳиб шудан ба маълумоти динӣ кӯшиш менамоянд, мушкил аст. Онҳо ҳамин тавр, бо ҳар роҳу воситаҳо аз кишвар берун мераванд ва ин равандро зери назорат гирифтан ғайриимкон аст.

Мавриди зикр аст, ки моро қабл аз ҳама тақдири ояндаи давлатамон ва ҷавонон дар изтироб меоварад. Аз ин рӯ, бояд неруи худро ба он равона намоем, ки ҷавонони тиллоии мо дар зери таъсири ғоявии равияҳои динӣ – экстремистӣ наафтанд. Барои ин зарур аст, ки чунин корҳо анҷом дода шаванд.

1. Мо бояд дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ба наврасон ва ҷавонон асосҳои исломи суннатӣ ва фанни диншиносиро омӯзонем. Дар мактабҳои олӣ корҳои фаҳмондадиҳиро оид ба исломи анъанавӣ ва роҳҳои ҳамкориҳои мутақобила бо дигар равияҳои исломро ҷоннок намоем. Зеро бархе аз ҷавонон аз асосҳои таълимоти мазҳаби худ бехабаранд ва аз ин рӯ, ба осонӣ зери таъсири тарғиботи дигар равияҳои динӣ-экстремистӣ мемонанд.

2.Дар тарбияи ҷавонон фақеҳон ва хидматгузорони динӣ нақши босазо мебозанд. Онҳо бояд дар маъвизаҳо ва суҳбатҳои худ ҷавононро ба роҳи дуруст ҳидоят намуда, барояшон дар бораи исломи суннатӣ ва адолати дини маълумот диҳанд. Марказҳои исломӣ бояд дар масҷидҳо барои гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ - динӣ ва бахшҳои таълимӣ барои хоҳишмандон оид ба таълимоти мазҳаби ҳанафӣ шароитҳои мусоид фароҳам оварда, ҳамчунин лексияҳо оид ба омӯзиши асосҳои Қуръон ва ҳадисҳо ташкил намоянд.

ВАО низ бояд дар раванди тарғиботи таълимотӣ динӣ дар Тоҷикистон фаъолона саҳм гузоранд. Тавассути намоишҳои телевизионӣ, тариқи пурсишу посух моҳияти таълимот, аҳкоми дини ислом ва мазҳаби ҳанафӣ фаҳмонида шаванд. ВАО метавонанд дар байни ҷавонон ҳақиқати дини исломро ҳамаҷониба тарғиб намоянд.

- консепсияи шарикии иҷтимоии давлат ва ташкилотҳои динӣ таҳия карда шавад, ки барои ташкили заминаҳои қонунҳои дахлдор дар самти

ҳамгироии давлатию дини имконият фароҳам меоварад, ки мутобиқи онҳо мақомоти идоракунии давлатӣ тавонанд фаъолияти худро бо ташкилотҳои муттамаркази исломӣ самаранок ба роҳ монанд;

- ҳокимияти давлатӣ бояд ба интихоби уламоҳои динӣ аз ҳисоби муллоёне, ки ба ҳамкориҳои судманд майлу рағбат дошта, исломи суннатиро тарғибу ташвиқ менамоянд, нозукбинона муносибат намояд;

- таҳия ва рушди барномаҳои давлатӣ оид ба дастгирии илми фиқҳ ва таълими динӣ бо мақсадҳои омода намудани мутахассисони расмии исломӣ, олимон – фақеҳон, омӯзгорони мадрасаҳо ва рӯзноманигорони соҳа зарур аст;

- зарур аст, ки оид ба баланд бардоштани обрӯю нуфузи эмомхатибони содиқ муътадили ҳимоятгарони мазҳабӣ ҳанафӣ тадбирҳо андешида, қадамҳои некбинона оид ба муҳофизати сарварони исломи анъанавӣ гузошта шаванд.

ХУЛОСА

1.Ифротгароии динӣ -сиёсӣ зуҳуроти иҷтимоист, ки дар ҷомеа аз давраҳои қадим инҷониб арзи вуҷуд мекунад. Ифротгароии динӣ-сиёсӣ бо зӯроварӣ алоқаманд буда, кӯшиш менамояд, ки бо воситаи зӯрӣ идеологияи вайронкоронаи худро ба дигарон бор намояд ва ба ин минвол ҷомеаро ба самти хости худ равона созад. Чунончи, дар раванди таҳқиқ маълум гашт, ки ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар шуури омма ҳамчун зуҳуроти яклухти оммавӣ пазируфта нашудааст ва ба ин хотир ба тафсилоту таснифоти дақиқ эҳтиёҷ дорад, зеро ҳамаи шаклҳои пайдошавии он хусусияти ягонаи таҳрибкориро дорост.

Таҳқиқи истилоҳи ифротгароии динӣ-сиёсӣ яке аз масъалаҳои мураккабу печидаи илми ҷаҳонӣ мебошад. Маълум аст, ки зиёда аз дусад таърифи ифротгароӣ вуҷуд дорад, аммо ҳеҷ яке аз ин таърифҳо умумиэътирофшуда нест. Ин аз он дарак медиҳад, ки зуҳуроти ифротгароии динӣ-сиёсӣ гуногунҷабҳа, мураккаб ва бисёрчеҳра мебошад. Аз нуқтаи

назари равиши методологӣ сухан сари он меравад, ки оё низомҳои иҷтимоӣ, қобилияти худинкишофёбӣ ва ҳамоҳангшавиро доранд ё не? Чи тавре, ки пешвои миллат, Президенти кишвар дар маърӯзаашон дар конфронси сатҳи олӣ дар мавзӯи «Муқовимат бо терроризм ва экстремизми хушунатомез» қайд намуданд: «… боиси таассуф аст, ки то ба ҳол аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеъгирии ягона нисбат ба мафҳумҳои терроризм ва экстремизм ба назар намерасад»[221]. Дар ҳақиқат дар илмҳои иҷтимоӣ–фалсафӣ таърифи ягонаи мафҳуми ифротгароӣ вуҷуд надорад. Зиёда аз ин, ҳар як муҳақиқ мувофиқи ҷаҳонбинӣ ва мавқеъи сиёсӣ ба истилоҳи ифротгароӣ терроризм таърифҳои гуногуни зиддиятдошта медиҳанд. Мутаасифона ин ҳолат пешгирӣ ва мубориза бо ифротгароии динӣ – сиёсӣ ва терроризмро душвор мегардонад[43-М].

2.Масъалаи таълиму тарбия, соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат маҳсуб меёбад. Таълимоти динии кишвар ба ислоҳотҳо ниёз доранд. Чунки имкониятҳои таълимот ва таҳсилоти диниро бояд дар доираи қонуну қоидаҳои амалкунанда дар ҷомеа инкишоф диҳем. Маълум аст, ки барои амалишавии ин тарҳ дастгирии давлат ва ҷомеа вуҷуд дорад[6-М]. Мактаб, мадраса ва донишгоҳҳои динии кишвар таълими диниро дар асоси мазҳаби бароямон шиносу фаҳмои ҳанафӣ амали намоянд ва ин кафолат медиҳад, ки донишҳои азбарнамудаи донишҷӯён ба анъанаҳо ва суннатҳои бунёдии фарҳанги миллати тоҷик мухолиф нахоҳад буд[29-М].

3.Дар раванди пажӯҳиш маълум гашт, ки барои ба зинаи нави инкишоф баровардани таълимоти динӣ дар кишвар зарур аст, ки дар дохили кишвар барои соҳиб шудан ба маълумоти муосири динӣ–мазҳабӣ шароити мусоид фароҳам овардан зарур аст. Ана ҳамон вақт ин душворӣ мутассил ҳалли худро меёбад. Чунончи, имрӯзҳо низ мушоҳида мешавад, ки донишҷӯёни алоҳида пинҳонӣ барои дар хориҷа таҳсили динӣ гирифтан сафар намуда, бо

[221] Муқовимат бо терроризм ва экстремизми хушунатомез http://www.prezident.tj/node/17568 (санаи мурочиат ба сайт 4.03.2020)

ин амалашон қонунро вайрон месозанд. Мавриди зикр аст, ки моро, қабл аз ҳама, тақдири ояндаи давлатамон ва ҷавонон ба изтироб меоварад. Аз ин рӯ, бояд неруи худро ба он равона созем, ки ҷавонони мо зери таъсири ғоявии равияҳои динӣ –ифротӣ наафтанд[2-М].

4. Таҳқиқот маълум кард, ки дар пайдоиш ва инкишофи ифротгароии динӣ-сиёсӣ омилҳои беруна, геосиёсӣ ва таъсири кишварҳои алоҳида назаррас мебошад. Як гурӯҳ кишварҳои алоҳида бо мақсади амалинамоии мақсадҳои геополитикию ғасбкории худ ифротгароии динӣ–сиёсиро ба сифати воситаи сиёсӣ истифода менамоянд. Кишварҳои алоҳида фишангҳои идеологӣ-сиёсӣ, фарҳангӣ, динӣ-мазҳабӣ ва иқтисодиро истифода бурда, ба ин минвол гурӯҳҳои муайяни динӣ–ифротиро ҳамаҷониба дастгирӣ ва маблағгузорӣ намуда, ба манфиати мақсади нопокашон истифода бурда, ба самти барои онҳо лозима равона месозанд.

5. Тадқиқотҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки омилҳои пайдоиши ифротгароии динӣ-сиёсӣ зуд бартараф карда намешаванд, балки онҳо хосияти дуру дароз дорад, чунки асоси ифротгароии динӣ–сиёсиро зиддияту моҷароҳои гуногун ташкил медиҳанд. Барои бартараф кардани омилҳои пайдоиши ифротгароии динӣ-сиёсӣ барномаҳои махсуси давлатӣ зарур аст, ки ба пешгирии ин зуҳурот нигаронида шуда бошад. Аммо дар маҷмӯъ, ҷомеа ва давлати мо барои пешгирӣ ва мубориза бо ин вабои аср муаззаф буда, баҳри рафъи ин зуҳурот тамоми чораҳоро андешида истодаанд. Дар мубориза бо ин падида Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор дастовардҳои назарас ноил гаштааст.

6. Гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ дар баробари истифодаи воситаҳои муосири технологӣ ба монанди Интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, инчунин восита ва роҳҳои анъанавии таъсирасонӣ ба монанди кӯча, муассисаҳои динӣ, махсусан масҷидҳои ҷомеъро ба мақсади ҷалб кардани ҷавонон ба сафи гурӯҳҳои ифротӣ истифода менамоянд. Манбаи муҳимми идеологии гурӯҳҳои динӣ-ифротиро ҷалбу ташвиқи шаҳрвандони Тоҷикистон ба лагерҳои таълимӣ ва муассисаҳою мадрасаҳои динии кишварҳои хориҷӣ ташкил медиҳанд.

Ҷавҳарии асосии таълимгирандагони ин муассисаҳои диниро ҷавонони сину соли аз 20 то 30 ташкил медиҳанд, ки аксари онҳо ғайриқонунӣ ба ин донишкадаву мадрасаҳои динӣ дохил шудаанд[15-М].

7.Гуфтан мумкин аст, ки зоҳиршавии шаклҳои гуногуни ифротгароии динӣ-сиёсӣ ба хусусияти хоси инкишофи ҷомеаи Тоҷикистонӣ вобастагӣ дорад. Ин равандро бо якчанд далел метавон шарҳ дод. Камбизоатӣ, ки мо онро то ҳозир баратараф накардаем ва ҳалли ин масъала вазифаи аввалиндараҷаи ҷомеа ва ҳукумат мебошад. Вақте ки низоми судӣ ва сохторҳои давлатӣ амали назаррас надоранд дар ҷомеа гурӯҳҳои марказгурез сар боло менамоянд. Гурӯҳҳои ифротию террористӣ барои ноил шудан ба мақсадҳои вайронкоронаи худ ин ҳолатро ба нафъи худ истифода менамоянд. Муайян шудааст, ки гурӯҳҳои ифротӣ ва террористӣ барои пур кардани сафҳои худ ва бурдани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ бар зидди давлату ҷомеа аз қишри камбизоату қашшоқи ҷомеа истифода менамояд. Гуфтан мумкин аст, ки мубориза бо камбизоатӣ ин пешгирии сабабҳои паҳншавии ифротгароии динӣ-сиёсӣ мебошад[13-М].

8. Фарҳанг ҳамчун ҳастии миллат дар мубориза ва пешгирии ифротгароии динӣ-сиёсӣ нақши муҳим мебозад. Фарҳанг воситаи ҳимояткунандаи дилхоҳ миллат буда, косташавии фарҳанги миллӣ хатари азим барои парокандашавии миллат аст. Бегонашавии фарҳангӣ боиси он мегардад, ки инсон эҳсосот, рӯҳия ва амалҳои худро риоя накарда, ҳатто метавонад ба таҷовуз даст занад. Маҳз ҳамин таъсири идоранашаванда ва харобкунандаи фарҳанги Ғарб зиёиёну равшанфикрон ва нухбагони сиёсии фарҳангҳои ғайр, махсусан фарҳангӣ исломиро нигарон кардааст. Онҳо аз натиҷаҳои харобиовари инкишофи ин ҳодисаҳо дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ маълумот дода, қайд мекунанд, ки раванди тарғиб ва паҳннамоии фарҳанги оммавӣ ба кишварҳои ғарбӣ ҳам таъсири манфӣ мерасонад[12-М].

9. Дар шароити ҳозира зиддиятҳои байниқавми, паҳншавии милатгароӣ ва сепаратизм метавонад, ки зуҳуротҳои ифротгароӣ ва террористиро инкишоф диҳанд. Маълум аст ки ифротгароии динӣ-сиёсӣ хосияти динию

қавмӣ дошта, дар мавҷи эҳёи миллии Тоҷикистон фаъол гашта истодааст. Ифротгароиро як қатор гурӯҳҳои радикалию қуввахои ифротӣ дар асоси бедор кардани ранҷишу озурдахотирии бардӯруғ нисбати қавмҳою миллатҳои алоҳида инкишоф дода, байни онҳо ихтилоф андохтанд. Ин равандҳо ибтидои солҳои 90 – ум хатари парокандашавии Тоҷикистонро ба миён оварда, дар як қатор минтақаҳои ҷумҳурӣ вазъияти динию сиёсиро хеле моҷаропазир намуд. Этномиллатгароӣ ва этноҷудойхоҳӣ дар шароити бад шудани вазъияти иҷтимоӣ – иқтисодӣ афзоиш ёфта, заминаҳои рушд кардани ифротгароии динӣ-сиёсиро боз ҳам зиёдтар менамоянд[17-М].

10. Дар раванди глобализатсия ками дар камҳо бурд карда, аксарият бохтанд. Глобализатсия вазъияти сиёсии ҷаҳонро ноустувор мегардонад. Одамон боварӣ ба ояндаро гум карда, тарзи ҳаёт ва фарҳанги худро дар хатар мебинанд. Оё глобализатсия бо ифротгароии динӣ-сиёсӣ ягон алоқаманди дорад ё не? Ё ин ки глобализатсия ба ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар ягон шакл таъсир мерасонад? Албатта, ин таъсирасонӣ ғайримустақим буда, ба воситаи омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ амалӣ карда мешавад. Глобализатсия ба фарҳангҳои миллӣ унсурҳои бегонаро ворид намуда, асосу заминаи онҳоро вайрон месозад. Зери таъсири глобализатсия арзишҳо, меъёрҳо, урфу одат, хислат ва тарзи анъанавии ҳаётгӯзаронии одамоне, ки намояндаи дигар фарҳангҳо ҳастанд, вайрон мегардад ва ин раванд аксуламалро дар шакли ифротгароии динӣ-сиёсӣ ва терроризм ба миён меорад. Раванди глобализатсия барои як қатор одамон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ хатари бузург буда, эҳсоси ташвишу нотинҷӣ, тарс ва эътирозу мубориза зидди фарҳанги бегонаро тавлид менамояд.

11.Дар раванди таҳқиқот муайян шуд, ки ифротгароии динӣ-сиёсӣ ва терроризми муосир сарҳад надошта, ба як зуҳуроти глобалӣ табдил ёфтааст. Он аз сарҳадҳои анъанавияш берун баромада, дар тамоми минтақаҳои ҷаҳон ва кишварҳои алоҳида амалҳои террористӣ гузаронида, боиси марги зиёди одамон, харобии иншоотҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ гашта, ба давлат ва ҷомеа зарари калони моддӣ-маънавӣ мерасонад. Паҳншавии яроқи атомӣ,

кимиёвӣ ва бактериологӣ дастёбии гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ва террористиро ба ин навъи яроқҳои ниҳоят хатарнок васеъ менамояд. Барои ҳамин зарур аст, ки давлатҳои дорои яроқи кимиёиву бактериологӣ ҳифзи онро мустаҳкам намоянд ва нагузоранд, ки он ба дасти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ва террористӣ расад. Хатарафканӣ ва бесарҳадии ифротгароии динӣ-сиёсӣ ва терроризм хусусияти фарқкунандаи терроризми муосир мебошад[34-М].

12.Идеологияи ифротгароӣ динӣ-сиёсӣ ба воситаи модели умумии таносуби идеология аз ифротгароии динӣ-сиёсӣ муайян карда мешавад, ки дар ин модел идеология шарти зарурии мавҷудияти ифротгароии динӣ-сиёсӣ мебошад. Ифротгароӣ динӣ-сиёсии муосир бе идеология ва бе барандаи ин идеология, яъне тӯда вуҷуд дошта наметавонад. Ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар асоси мақсадҳои доштааш дақиқ карда мешавад: таъсири вайронкунанда ба институтҳои демократии ҷомеа ва шуури таҳамулпазирии аҳолӣ; таъсири идеологӣ расонидан ва аз нигоҳи идеологӣ тайёр кардани аҳолӣ барои анҷом додани амалҳои ифротӣ ва террористӣ; ташаккули муҳити иҷтимоию сиёсии лозима барои фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ва террористӣ, эълони худ ҳамчун қисми комилҳуқуқӣ сиёсии ҷомеа ва ҳимоятгари манфиатҳои сиёсӣ, миллӣ ва динии як гурӯҳи аҳолӣ; сохтан ва нигоҳ доштани пойгоҳи ёрирасон барои гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ва террористӣ дар муҳити иҷтимоии ҷомеа ва ҳудудҳои муайяни ҷуғрофӣ; таъмини гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ва террористӣ бо пайравону аъзоёни нав; пуштибонии гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ва террористӣ аз тарафи қуввахои сиёсии кишварҳои алоҳида, барои пиёда кардани манфиатҳои сиёсии худ[16-М].

13.Муҳоҷирати беназорат барои паҳншавии ифротгароии динӣ-сиёсӣ заминаи муайянеро фароҳам овард. Чунин омилҳо аз қабили сиёсати нодурусти иҷтимоӣ – иқтисодӣ, сиёсӣ ва миллии як қатор кишварҳои аврупоӣ боиси инкишоф ёфтани ифротгароии динӣ-сиёсӣ, мазҳабӣ ва динӣ гашта истодаанд. Масалан, амали террористӣ нисбати газетаи мазҳакавии «Шарли Ебдо», ҳуҷуми мусалаҳона ба клуби фарҳангии «Батаклан» аз қабили амалҳои террористие мебошанд, ки бо дасти муҳоҷирон анҷом дода

шудаанд ва вазъияти сиёсии Фаронсаро хеле халалдор кардааст. Роҳи асосии пешгири инкишофи ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар он аст, ки муносибати иҷтимоӣ–иқтисодӣ, сиёсӣ ва миллии давлатҳои Аврупоӣ нисбати муҳоҷирон тағйир дода шавад. Инчунин, барномаҳои таълимию фарҳангие коркард шаванд, ки воридшавии муҳоҷиронро ба ҷомеаи аврупоӣ осон гардонанд[7-М].

Ҳимояи фазои итилоотии ҷомеа аз паҳншавии идеологияи ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар марҳилаи кунунии инкишофи ҷомеаи ҷаҳон ва Тоҷикистон масъалаи хеле муҳимму зарурӣ мебошад. Ҳар яки мо дар баробари мақомотҳои давлатӣ вазифадор ҳастем, ки дар масъалаи ҳимояи фазои итилоотӣ ва вазъияти динии ҷомеа нақши худро гузорем. Шабакаҳои итилоотии давлатӣ, вилоятӣ ва мақомотҳои ноҳиявӣ, барои пешгирии ифротгароии динӣ-сиёсӣ самаранок ва мақсаднок истифода карда шаванд ва ба ин восита муҳити итилоотии ҷомеа солим гардонида шавад. Ба ин минвол шароите фароҳам оварда шавад, ки соҳаи фарҳанг, маориф ва маънавиёти аҳолӣ рушд намояд[18-М].

14. Дақиқ карда шуд, ки идеология ҷавҳари аслии дилхоҳ таълимоти фалсафӣ – иҷтимоӣ, сиёсӣ ва мазҳабӣ мебошад. Маҷмӯи арзишҳо, мазмунҳо ва ғояҳои эътирофшуда, ки асоси худшиносии гурӯҳӣ ва шахсиро ташкил медиҳад, идеология номида мешавад. Идеологияи зӯроварӣ хосият ва табиати гуногуни зоҳиршавӣ дошта, бо шаклҳои мухталифи ифротгароии динӣ-сиёсӣ алоқаманд аст. Идеологияи зӯроварие, ки хислати динӣ дорад, асосан бо ифротгароии динӣ-сиёсӣ, терроризм ва таасубгароӣ алоқамандии зич дорад. Ин зуҳуроти иҷтимоӣ байни дигар шаклҳои фаъолияти тахрибкорона хатарноктар буда, боиси қурбониҳою марги зиёди аҳолии осоишта мегардад. Ба ҳамин хотир зарур аст, ки бо тамоми воситаҳою сарчашмаҳо зидди идеологияи зӯроварӣ мубориза барем. Ин тақозои замон аст, агар хоҳем, ки ҷомеаи тоҷик муътадил рушду инкишоф ёбад.

15. Дар раванди пажӯҳиш муайян карда шуд, ки гурӯҳи ифротӣ ва террористии давлати исломӣ ба ҷавонони тоҷик низ таъсири манфӣ расонида

истодааст. Тарғиботи густурдаю пинҳонии ин гурӯҳи ифротӣ ба воситаҳои гуногун, махсусан тавасути Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ боиси он гардид, ки як қатор шаҳрвандони мо ба фаъолияти ифротӣ ва террористӣ ҷалб карда шуда, ба сафи ин гурӯҳи динӣ – ифротии “Давлати исломӣ” пайваста, дар ҳудуҳои Сурия ва Ироқ дар ҷангу хунрезӣ иштирок карда истодаанд.

16. Дақиқ аст, ки масъалаи инкишофи коррупсия яке аз омилҳои муҳимми пайдоиши ифротгароии динӣ-сиёсӣ ва терроризм буда, ба заиф шудани идоракунии давлатию маҳаллӣ дар ҷомеа алоқамандии зич дорад. Мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ дар мубориза бо ифротгароии динӣ-сиёсӣ ва терроризм нақши муҳим мебозанд, аммо ҳолатҳое ҷой доранд, ки хизматчиёни давлатӣ нисбати пешгирии ин хатар ба саҳлангорию бепарвоӣ роҳ медиҳанд, ки нобахшиданист. Масъалаи асосӣ дар он аст, ки бояд, пеш аз ҳама, мақомотҳои идоракунии давлатӣ дар минтақаҳо ва маҳаллҳо мустаҳкам бошанд ва дар он хизматчиёни давлатии дорои худшиносии миллӣ, донишу савияи тахассусии баланд фаъолият намоянд ва тавонанд, ки зуҳуроти ифротгароии динӣ-сиёсиро дар ҳолати ташаккулёбиаш дарк ва мушоҳида карда, бо он мубориза баранд. Мутаасифона, ҳолатҳое ҷой доранд, ки саркардагони гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ва террористӣ ба воситаи ришва хизматчиёни давлатиро муттаҳам карда, ба ин тарз яроқу лавизимоти ҳарбиро озодона ба кишвар дохил менамоянд, байни аҳолӣ тарғиботи ифротӣ бурда, ҷавонони гумроҳро ба фаъолияти ифротию террористӣ ҳамроҳ менамоянд[2-М].

17. Гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ бар зиддӣ давлати мо кор карда, мутаассил кӯшиш менамоянд, ки озодии мутлақ ба даст оранд, то ки ба ҳокимияти сиёсӣ ва сарчашмаҳои иқтисодӣ роҳ ёбанд. Масалан, дақиқ маълум аст, ки яке аз мақсадҳои асосии ҳаракати экстремистию террористии ҲНИ ин даст ёфтан ба сарчашмаҳои сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон мебошад. Бояд қайд кард, ки Тоҷикистон аз нигоҳи ҷуғрофӣ дар бунбасти камуникатсионӣ қарор дошта, дар минтақаи ҷойгир аст, ки 93% онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд ва ин

омил имкониятҳои иқтисодии аҳолӣ ва кишвари моро каме маҳдуд месозад. Ин омилҳоро ба назар гирифта, идеологоҳои ҳаракатҳои ифротгароӣ ва террористӣ бар зидди ҷомеа ва кишвари мо фаъолияти густурда бурда, шаҳрвандони моро ба ҳаракатҳои ифротӣ ва фаъолияти террористӣ ҷалб менамоянд. Аммо, новобаста аз вуҷуд доштани душвориҳо ба шарофати кӯшишҳои Президенти кишвар, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон мо зина ба зина аз бунбасти комуникатсионӣ раҳоӣ ёфта, аз пайи инкишофи соҳаи иқтисодиёт ҳастем, то ки бо ин роҳ вазъияти иҷтимоӣ – иқтисодии давлатро беҳтар созем.

18. Исбот шудааст, ки омили динӣ–мазҳабӣ яке аз заминаҳои муайяни пайдоиши ифротгароии динӣ-сиёсӣ мебошад. Дар ҷаҳони муосир тамоюлоти тақвиятёбии ифротгароии динӣ-сиёсӣ баръало мушоҳида мешавад, ки қурбониҳои зиёди инсонӣ ва зарари калони моддӣ ба миён оварда истодааст. Дар дохили дини Ислом ҳаракатҳои зиёди таассубгаро ва ифротгаро вуҷуд доранд, ки мақсади асосиашон мубориза бо кофирон, пайравони дигар динҳои ҷаҳонӣ буда, дар саргаҳи идеология ва таълимоти ифротии онҳо бунёди хилофати исломӣ қарор дорад. Аммо идеяи бунёди хилофати исломӣ утопия буда, дар марҳилаи муосири инкишофи ҷаҳон амалинашаванда аст, чунки ҷаҳони ислом ва миллатҳое дар ин ҳудуди бузург зиндагӣ мекунанд, зиндагии зери ҳукмронии хилофати исломиро қабул надоранд. Илова бар ин тарҳи сиёсии утопиявӣ бо номи хилофати исломӣ ба ҳувият, худшиносӣ ва фарҳанги ин миллатҳо хатари бузург эҷод мекунад.

19. Бо истифода аз сарчашмаҳои равонию иҷтимоӣ мо бояд ҷавононро дар рӯҳияи худшиносию ватанпарварӣ тарбия намоем, то ки онҳо тавонанд дар ҳама ҳолати зиндагӣ худро аз хатари таассубгароӣ, ифротгароӣ ва терроризм ҳифз намоянд. Муҳоҷирони меҳнатӣ ба гурӯҳи демографии осебпазир дохил мешаванд, чунки онҳо ҳар дақиқа ва ҳар сония метавонанд, ки ба объекти ҳуҷумҳои ҷисмонию равонӣ қарор гиранд, ки хоҳ нохоҳ ба эҳсоси инсонӣ ва равонии онҳо бе таъсир наmemонад. Аз ин ҳолат, пеш аз ҳама, идеологҳои ҳаракатҳои ифротӣ истифода карда, муҳоҷирони ҷавонро

коркард карда, ҳолати равонии онҳоро тағйир дода, ҷаҳонбинии онҳоро ифротӣ мегардонанд ва ба фаъолияти террористӣ ҳамроҳ менамоянд. Яъне ҳисси миллию қавмии муҳоҷиронро бо мақсадҳои ғаразнок бедор менамоянд ва истифода мебаранд. Ҳамин тавр, муносибати халқу миллати таҳҷоӣ нисбати эҳсоси қавмию миллии муҳоҷирони ҷавон ва намояндагони дигар халқу миллатҳо яке аз заминаҳои асосии ривоҷ ёфтани ифротгароӣ ва терроризм мегарданд[18-М.

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Мавриди зикр аст, ки моро, қабл аз ҳама, тақдири ояндаи давлатамон ва ҷавонон дар изтироб меоварад. Аз ин рӯ, бояд неруи худро ба он равона намоем, ки ҷавонони мо дар зери таъсири ғоявии равияҳои динӣ – ифротӣ наафтанд. Барои ин зарур аст, ки чунин корҳо анҷом дода шаванд.

1.Мо бояд дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ, донишкадаҳо, донишгоҳҳо ба наврасон ва ҷавонон асосҳои исломи анъанавӣ, дину мазҳабҳои ҷаҳониро тавасути ҷорӣ кардани фанни диншиносӣ омӯзонем. Дар мактабҳои олӣ корҳои фаҳмондадиҳиро оид ба исломи анъанавии ҳанафиасос ва фарқияти онро аз дигар равияҳои динӣ ислом шарҳ дода, механизми ҳамкории мутақобиларо ба роҳ монем. Зеро бархе аз ҷавонон аз асосҳои таълимоти мазҳаби худ бехабаранд ва аз ин рӯ, ба осонӣ зери таъсири тарғиботу таъсиррасонии дигар равияҳои динӣ-ифротӣ қарор мегиранд.

2.Дар тарбияи ҷавонон фақеҳон ва хидматгузорони динӣ нақши босазо мебозанд. Онҳо бояд дар маъвизаҳо ва суҳбатҳои худ ҷавононро ба роҳи дуруст ҳидоят намуда, барояшон дар бораи исломи анъанавӣ ва адолати динӣ маълумот диҳанд. Зарур аст, ки кумитаи оид ба корҳои дин, маркази исломшиносӣ дар масҷидҳо барои гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ - динӣ ва бахшҳои таълимӣ барои хоҳишмандон оид ба таълимоти мазҳаби ҳанафӣ шароитҳои мусоид фароҳам оварда, ҳамчунин лексияҳо оид ба омӯзиши асосҳои Қуръон ва ҳадисҳо ташкил намоянд.

3. Пешгирии ҳамроҳшавии ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ террористӣ масъалаи муҳимтарини давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба

ҳисоб меравад. Ба ақидаи мо, қабл аз ҳама, се ниҳоди асосӣ – оила, мактаб (маориф) ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд дар ҳамкорӣ фаъолияти босамар ва натиҷабахшро роҳандозӣ кунанд. Ҷавонон бояд аз хурдӣ дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ тарбия карда шаванд, дар тарбияи насли наврас рӯҳониён низ иштирок кунанд. Ба воситаи ВАО, телевизон, инернет ва матбуот корҳои зишти гурӯҳҳои ифротгаро бо далелҳои асоснок намоиш дода шуда, ҷавононе, ки аз Сурияву Ироқ баргаштаанд, ба семинару маҷлисҳо ва намоишҳои телевизионӣ даъват карда шаванд ва аз таҷрибаи талхи худ нақл кунанд. Семинару маҷлисҳое, ки барои пешгирии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ гузаронида мешавад, бояд характери расмӣ надошта бошанд, барои ҳисобот гузаронида нашаванд, воқеӣ ва маърифатӣ бошанд. Баъдан, оид ба омӯхтан ва таҳлили илмии ин масъала бояд тадқиқотҳои сотсиологӣ гузаронида шаванд, олимони тавоно ба ин тадқиқотҳо ҷалб гарданд.

